**Diagram 1. Number of permanent population at the end of the year, thousand people**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Натиҷаи рушдёбии шумораи аҳолии доимиро аз диаграммаи сохташуда муқоиса кардан мумкин аст, ки ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда низ рушд менамояд [4,с.38-44].

Барои баҳо додан ба он даромадҳои пулии аҳолӣ ва истифодаи онҳо, инчунин, ҷанбаҳои молиявиро тавсиф кардан лозим аст. Ба даромади пулии аҳолӣ музди меҳнати кормандон (ҳисобшуда, бо назардошти тағйирёбии қарзи ба таъхир гузошташуда), даромади шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул, нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва дигар самтҳои иҷтимоӣ, даромад аз амвол дар шакли фоизҳо аз рӯи пасандозҳо, қоғазҳои қиматнок, дивидендҳо ва дигар даромадҳо дохил мешаванд. Даромади пулӣ, ба истисноӣ пардохтҳои ҳатмӣ ва саҳмҳо, даромади пулии ихтиёрии аҳолӣ мебошад.

Камбизоатӣ вазъи иҷтимоию иқтисодии як қисми аҳолӣ ва хонаводаҳое мебошад, ки дар сатҳи нисбатан пасти таъминот бо захираҳои пулӣ, молу мулкӣ ва дигар захираҳо аз ин рӯ, дар сатҳи пасти қаноатмандии табиӣ, физиологӣ, моддӣ ва ниёзҳои маънавӣ қарор доранд. Нишондиҳандаи дигар, ки даромади пулии аҳолӣ мебошад, онро низ дар намуди графикӣ тасвир менамоем.

**Диаграммаи 2. Даромади пулии аҳолӣ, млн., сомонӣ**
**Diagram 2. Monetary income of the population, millions, somoni**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дурнамои даромади пулии аҳолӣ дар солҳои минбада афзоиш меёбанд. Барои рушди иқтисодиёти мамлакат ва ё сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ натиҷаи хуб меорад.

Ҷузъи муҳимми иқтидори иқтисодӣ сарватҳои миллӣ мебошад, ки маҷмуи захираҳои моддӣ, маҳсулоти ҷамъшудаи меҳнат ва захираҳои табииест, ки онро ҷамъият ба ҳисоб гирифта, ба муомилоти иқтисодӣ ҷалб кардааст. Сатҳу сифати зиндагонии аҳолиро ҳамчун категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ муайян кардан мумкин аст, ки дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи аҳолиро ба неъматҳои моддӣ ва хизматрасонии ғайримоддӣ, инчунин, шароити ҷамъиятро барои инкишоф ва қонеъ гардонидани ин ниёзҳо амалӣ менамояд. Мафҳуми «сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ» ба маънои васеъ шароити зиндагӣ, меҳнат ва шуғл, зиндагӣ ва фароғат, таҳсилотро дар бар мегирад, инчунин, вазъи саломатӣ, муҳити зист ва ғайраро тавсиф мекунад. Мафҳумҳои «сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ» мавзуи омӯзишии бисёр фанҳо мебошанд. Дар адабиёти илмии муосир ин мафҳумҳо вобаста ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқ ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд.

Мафҳуми сатҳу сифати зиндагонии аҳолиро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ пайваста қайд менамоянд: Тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад [10,с.1-17]. Нишондиҳандаи дигар, ки хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ мебошад, онро низ дар намуди графикӣ таҳлил менамоем.

Ҳангоми таҳлил намудан, муайян гардид, ки нишондиҳандаи хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ низ дар сатҳи рушдёбӣ қарор дорад.

Хароҷоти пулии аҳолӣ, хароҷоти воқеии ба даст овардани сарватҳои моддӣ ва маънавӣ, аз ҷумла хароҷоти истеъмолӣ ва хароҷоте, ки бевосита бо истеъмол алоқаманд нестанд. Хароҷоти пулӣ дар такрористеҳсолии қувваи корӣ нақши муҳим бозида, ташаккул ва рушди бозори мол ва хизматрасонӣ, бозори фондиро таъмин мекунад. Аҳолӣ истеъмолкунандаи асосии соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Пасандоз қисми даромади пулӣ мебошад, ки дар муддати муайян ба мақсади истеъмоли шахсӣ истифода нашудааст. Дар баробари ин, пасандозҳо ҳамчун арзиши афзоянда, барқароршаванда ва пайваста ба натиҷаҳои ҷамъшудаи солҳои гузашта илова карда мешаванд, дороиҳои молиявии оиларо ҳамчун як қисми даромади умумии он ташкил медиҳанд. Ба хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ хароҷот барои хариди молу хизмат, пардохтҳои ҳатмӣ ва хиссаҷудокунии гуногун (андозу хироҷҳо, пардохтҳои суғуртавӣ, ҳиссаҷудокунӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳо, фоизи қарз ва ғайра), зиёд дохил мешаванд.

**Диаграммаи 3. Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ, млн. сомонӣ**
**Diagram 3. Money expenses and savings of the population, mln. Somoni**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Дар робита доир ба беҳтаргардонии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ ҳукумати мамлакат кӯшиш намуда истодааст. Масъалан дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста қайд менамоянд: Ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат таъмин намудани рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дарёфти манбаҳои нави рушд, тараққи додани соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, инкишофи неруи инсонӣ ва бо ҳамин роҳ мунтазам беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад [14,с.1-19].

Даромади аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ маҷмуи даромадҳои пулӣ ва ҳақиқӣ мебошад, ки барои муддати муайян аз тарафи шахсони алоҳида бо мақсади истеъмол ва ҷамъ кардан истифода мешаванд. Даромади пулии аҳолиро пулҳое, ки дар шакли музди меҳнат, трансфертҳои иҷтимоӣ, даромад аз молу мулк, фаъолияти соҳибкорӣ, фурӯши маҳсулот аз хоҷагиҳои шахсии ёрирасон гирифтаанд, алимент, кумаки хайрия ва ғайра ташкил медиҳад. Ба даромади ҳақиқӣ, маҳсулоти хонагие, ки барои истеъмоли шахсӣ истифода мешавад, дохил мегарданд.

**Ҷадвали 3. Моделсозии иқтисодӣ ва математикии сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси маълумотҳои нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [5,с.56-58]**
**Table 3. Economic and mathematical modeling of the quality of life of the population based on the data of the main socio-economic indicators of the Republic of Tajikistan**

| № | Модели регрессияи хаттӣ | Омилҳо |
|---|---|---|
| 1. | $y = 236,11x – 467310$<br>$R^2 = 0,9818$ | Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол |
| 2. | $y = 9625,1x - 2E+07$<br>$R^2 = 0,9226$ | Даромади пулии аҳолӣ |
| 3. | $y = 106,97x – 214646$<br>$R^2 = 0,9775$ | Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Доир ба масъалаи таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимони тоҷик мақолаҳо навиштаанд ва дар мақола чунин мафҳумҳоро дарҷ гардонидаанд: дар шароити кунунӣ омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ҳангоми батанзимдарорӣ ва банақшагирии оила аҳаммияти муҳим пайдо менамояд ва яке аз фишангҳои асосии инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад [16].

**Ҷадвали 4. Сатҳи зиндагии аҳолӣ доир ба ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна**

**Table 4. The standard of living of the population based on the total income of each population on average**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021-2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 374,12 | 409,78 | 475,72 | 518,19 | 684,17 | 1,8 |
| Даромадҳои меҳнатӣ | 177,63 | 196,98 | 217,93 | 213,37 | 277,60 | 1,6 |
| Даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул | 0,39 | 0,33 | 0,44 | 1,71 | 3,85 | 9,9 |
| Даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 19,90 | 22,43 | 23,02 | 36,75 | 42,18 | 2,1 |
| Дигар даромадҳои пулӣ | 150,77 | 162,85 | 202,68 | 200,94 | 300,57 | 2,0 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Дар ҷадвали 4 оид ба ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна маълумотҳо оварда шудаанд. Ғайр аз он оид ба нишондиҳандаҳои даромадҳои меҳнатӣ, даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва дигар даромадҳои пулӣ, маълумотҳо аз омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда шудаанд.

Аз маълумотҳои ҷадвали 4 истифода намуда, нишондиҳандаҳои интихобкардаро нисбати солҳои 2021-2017 дар ҷадвали электронии MS Excel ҳисоб ва муқоиса намудем. Аз ҷадвали 4 бар меояд, ки нишондиҳандаҳо ҷамъи даромадҳо (ҳамагӣ) 1,8, даромадҳои меҳнатӣ 1,6, даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул 9,9, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ 2,1 ва дигар даромадҳои пулӣ 2,0 маротиба афзоиш ёфтанд. Натиҷаи чунин афзоишёбӣ барои беҳтаргардонии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ хело хуб мебошад. Ҳамаи маълумоти нишондиҳандаҳои овардашударо дар ҷадвали электронии MS Excel таҳлил намуда, барои солҳои оянда пешгӯӣ менамоем, ки натиҷаи он чунин аст:

Дар мақолаҳои олимони тоҷик мафҳуми сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ, баҳо дода шудааст, ки олимон дар мақолаи худ чунин мафҳумҳоро овардаанд: тадқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи тамоюлҳои рушди иқтисодӣ ин рафтори меҳнатии инсон мебошад [7,с.27-33].

**Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои воқеӣ ва дурнамои сатҳи зиндагии аҳолӣ доир ба ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна (сомонӣ) [6,с.56-61]**

**Table 5. Real indicators and prospects of the standard of living of the population regarding the sum of the income of each person on average (Somoni)**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Даромадҳои меҳнатӣ | Даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул | Даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | Дигар даромадҳои пулӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2017 | 374,12 | 177,63 | 0,39 | 19,9 | 150,77 |
| 2018 | 409,78 | 196,98 | 0,33 | 22,43 | 162,85 |
| 2019 | 475,72 | 217,93 | 0,44 | 23,02 | 202,68 |
| 2020 | 518,19 | 213,37 | 1,71 | 36,75 | 200,94 |
| 2021 | 684,17 | 277,6 | 3,85 | 42,18 | 300,57 |
| 2022 | 710,949 | 281,601 | 3,834 | 46,52 | 304,869 |
| 2023 | 783,8 | 303,234 | 4,664 | 52,408 | 338,638 |
| 2024 | 856,651 | 324,867 | 5,494 | 58,296 | 372,407 |
| 2025 | 929,502 | 346,5 | 6,324 | 64,184 | 406,176 |
| 2026 | 1002,353 | 368,133 | 7,154 | 70,072 | 439,945 |
| 2027 | 1075,204 | 389,766 | 7,984 | 75,96 | 473,714 |
| 2028 | 1148,055 | 411,399 | 8,814 | 81,848 | 507,483 |
| 2029 | 1220,906 | 433,032 | 9,644 | 87,736 | 541,252 |
| 2030 | 1293,757 | 454,665 | 10,474 | 93,624 | 575,021 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон дод, ки нишондиҳандаҳои дар ҷадвал

овардашуда, оянда барои болоравии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ натиҷаи хуб меорад. Натиҷаҳои пешгӯӣ аз соли 2022 то соли 2030 дар ҷадвал оварда шудааст.

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали пешгӯикардашуда, диаргаммаи нуқтавиро омода месозем, натиҷаи он чунин аст:

**Диаграммаи 4. Сатҳи зиндагии аҳолӣ доир ба ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна**

**Diagram 4. The standard of living of the population based on the total income of each population on average**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Аз диаграмма дида мешавад, ки ҳамаи нишондиҳандаҳо дар солҳои минбаъда рушд менамоянд. Нисбат ба соли 2021 дида нишондиҳандаҳои таҳлилшуда то соли 2030 рушдёбииашон зиёдтар ба назар мерасад.

Барои дақиқтар гардидани мафҳуми мақола, нисбат ба ин нишондиҳандаҳо, таҳлили регрессионӣ ва коррелятсионӣ гузаронида, пешгӯӣ менамоем. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои демографӣ ва рафтори демографии аҳолӣ дар маҷмуъ хусусияти тағйирёбии доимиро доранд, ки бо омилҳои зиёде алоқаманд аст [12].

**Диаграммаи 5. Моделҳои таносуби ҷуфтии вобастагии даромадҳои меҳнатӣ аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо**

**Diagram 5. Correlation models of pairwise dependence of labor income based on the data of the sample survey of households**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Аз дигараммаи 5 дида мешавад, ки ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда рушд меёбад. Аз модели ҳосилкарда ҳам маълум аст, ки қимати коэффитсиенти детерминатсия ба 1 наздик аст. Масалан: $R^2$=0,83. Ин маънои онро дорад, ки агар ҳар чи қадар ин нишондиҳанда ба 1 наздик бошад, ҳамон қадар алоқамандӣ дар нишондиҳандаи даромадҳои меҳнатӣ дида мешавад.

**Диаграммаи 6. Моделҳои таносуби ҷуфти вобастагии даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул**

**Diagram 6. Pair correlation models of income dependence from the sale of real estate**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифогн.

Аз модели таносуби ҷуфти вобастагии даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул маълум мегардад, ки ин нишондиҳанда ҳам дар солҳои минбаъда рӯ ба афзоиш аст. Қимати коэффитсиети детерминатсия низ ба 1 наздик мебошад, масалан $R^2$=0,75. Агар ин коэффитсиент ба як наздик амал намояд, маънои онро дорад, ки нишондиҳанда пайваста дар иқтисодиёт алоқаманд мебошад.

**Диаграммаи 7. Моделҳои таносуби ҷуфти вобастагии даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

**Diagram 7. Pair correlation models of income dependence from a personal auxiliary farm**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Дар диагррами 7, модели таносуби ҷуфти вобастагии даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ сохта шудааст. Мадели сохташуда натиҷаи хуберо нишон медиҳад,

масалан қимати коэффитсиенти детерминатсия ба 1 наздик мебошад. Ин маънои онро дорад, ки агар ин коэффитсиент ҳар чи қадар ба 1 наздид бошад, ҳамон қадар алоқамандӣ зиёдтар дида мешавад. Қобили қайд аст, ки дар диаграмма натиҷаи афзоишёбӣ дида мешавад. Аз диаграмма бар меояд, ки нишондиҳандаи даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз соли 2015 то соли 2021 гуногун рушд кардаанд. Таҳлили дурнамо нишон дод, ки нишондиҳандаи даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ, пайваста дар ҳолати рушдёбӣ қарор мегирад.

**Диаграммаи 8. Моделҳои таносуби ҷуфти вобастагии дигар даромадҳои пулӣ**
**Diagram 8. Correlation models of other monetary incomes**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Аз моделҳои таносуби ҷуфти вобастагии дигар даромадҳои пулӣ бармеояд, ки натиҷаи қимати ин коэффитсиент ҳам ба 1 наздик мебошад. Қайд намудан ба маврид аст, ки ин нишондиҳанда низ дар солҳои минбаъда рушд менамояд. Албатта ин гуна натиҷа барои рушдёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолии кишвар самара мегузоранд.

Модели иқтисодӣ тавсифи расмии падидаҳо ва равандҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад [9,с.60-63]. Моделҳои иқтисодӣ ҳамчун инъикоси мафҳуми воқеият амал мекунанд ва бинобар ин, ҳамаҷониба буда наметавонанд. Моделҳо дар иқтисодиёт ба мо кумак мерасонанд, ки унсурҳои асосии барои омӯзиш муҳимбударо ба мо нишон медиҳанд. Одатан, моделҳо тасаввуроти абстрактии расмишудаи воқеият мебошанд, ки ҳамаи ҷанбаҳо ва омилҳоро фаро гирифта наметавонанд.

Дар мақолаҳои олимони тоҷик, мафҳуми сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолии кишвар мавриди таҳлил қарор дода шудааст [17,с.30-36].

Бисёр моделҳои маъмул вуҷуд доранд, ки дар илм ва амалия барои муайян кардани роҳҳои намунавӣ, барои банақшагирӣ ва пешгӯӣ истифода мешаванд. Сохтани модел аз рӯи принсипҳои муайян амалӣ карда мешавад. Аввалан, барои он нишондиҳандаҳое интихоб карда мешаванд, ки метавонанд омилҳои берунӣ ва дохилиро тавсиф кунанд.

## АДАБИЁТ

1. Алиева Г.Ш. Проблемы формирования качества жизни населения региона / Г.Ш. Алиева, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе: Сино, 2013. -№2/4(114). -С.154-163.
2. Алимардонов Т.А. Социально-экономическое направление повышения качества жизни населения региона / Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия Социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2015. -№2/2(161). -С.193-101.
3. Алимардонов Т.А. Влияние развитие экономической системы региона на качество жизни населения / Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе, 2014. -№2/6(144). -С.78-88.
4. Алимардонов Т.А. Анализ средней месячной заработной платы / Т.А. Алимардонов, О.С. Табаров // Вестник

Вестник Таджикского национального университета. Серия Социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№5. -С.38-44.
5. Алимардонов Т.А. Понятие, виды и приёмы построения динамического ряда на конкретном примере экономики Республики Таджикистан (на тадж. яз.) / Т.А. Алимардонов // Вестник Вестник Таджикского национального университета. Серия Социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/6(210). -С.56-58. (0,43 пл.).
6. Алимардонов Т.А. Уровень жизни населения и их совокупный средний доход в Республике Таджикистан (на тадж. яз). / Т.А. Алимардонов // Вестник Вестник Таджикского национального университета. Серия Социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. - №6. –С.56-61. (0,37 пл.).
7. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р.М. Бобоева, М.А Одинаев, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№6. -С.27-33.
8. Комилов С.Дж. Проблемы функционирования рынка труда в условиях перехода к инновационной экономике. Проблемы современной экономики / С.Дж. Комилов. –Душанбе, 2018. -С.356-359.
9. Комилов С.Дж. К вопросу о теории качества жизни населения / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Сборник материалов шестой международной научно-практической конференции: под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. -Душанбе, 2018. -С.60-63.
10. Мирзоалиев А.А. Доходы трудовых мигрантов и их роль в повышении уровня жизни населения в Республике Таджикистан / А.А. Мирзоалиев, Г.М. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2018. -№4(25). -С.28-36.
11. Набиев Б.А. Моделсозии раванди сармоягузорӣ ба энергетика ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ / Б.А. Набиев, О.С. Табаров, С.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№5. -С.30-39.
12. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. –№6. -Қ. 2. – 0,4 ҷ.ч.
13. Одинаев М.А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов Республики Таджикистан / М.А Одинаев, О.С. Табарзода// Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. – 2021. –№3. – 0,6 љ.ч
14. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022, шаҳри Душанбе, 2022.
15. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ш.Душанбе соли 2020.
16. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. –№2. – 0,5 ҷ.ч.
17. Ходиев Д.А. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона / Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№6. -С.30-36.

## БАЛАНДБАРДОРИИ САТҲ ВА СИФАТИ ЗИНДАГОНИИ АҲОЛӢ

Дар мақола маълумотҳо аз сарчашмаҳои муътамад оид ба баландбардории сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, таҳлил ва баррасӣ карда шудааст. Сатҳи зиндагии аҳолӣ категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ буда, сатҳи рушд ва дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоиро инъикос менамояд, ки ин мафҳум низ дар мақола дарҷ гардонида шудааст. Мақолаи илмӣ доир ба муаммоҳои баландбардории сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам бахшида шудааст. Инчунин дар мақола чунин масъалаҳо ба монанди вобаста ба сатҳи иерархӣ, хусусияти ҳисоб, гурӯҳҳои ниёзманд, системаи нишондиҳандаҳои омории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва индекси рушди инсонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд кардан бо маврид аст, ки дар мақола оид ба сохтори гурӯҳбандии сифати зиндагии аҳолӣ, тавсиф ва омилҳои сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он доир ба паҳлуҳои сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, омилҳои ба шумораи аҳолии доимӣ таъсиррасон, даромади пулии аҳолӣ, хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ, таҳлилҳои иқтисодӣ-риёзӣ гузаронида шудааст. Ғайр аз ин, дар мақола воситаҳои иқтисодӣ- риёзии моделсозии равандҳои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ самаранок истифода шудааст, Дар асоси маълумотҳои нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили сатҳи зиндагии аҳолӣ, ки аз омилҳои зерин иборатанд: ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ, дурнамои сатҳи зиндагии аҳолӣ доир ба ҷамъи даромади ҳар нафари аҳолӣ ба ҳисоби миёна, сатҳи зиндагии аҳолӣ доир ба ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ва ғайраҳо модели регрессиявии вобастагии даромадҳои меҳнатӣ тавсифҳои иқтисодии хонаводаҳо, модели вобастагии даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул, моделҳои таносуби регрессиявии вобастагии даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ, модели регрессиявии вобастагии дигар даромадҳои пулӣ тартиб дода шуда, параметрҳои онҳо баҳо дода шудаст. Дар асоси моделҳои таҳияшуда сифати зиндагии аҳолӣ таҳлил ва пешгӯӣ карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** нишондиҳандаҳои омории сатҳи зиндагӣ аҳолӣ, индекси рушди инсон, сохтори гурӯҳбанди сифати зиндагии аҳолӣ, омилҳои сатҳу сифати зисти аҳолӣ, нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи аҳолии доимӣ, даромади пулии аҳолӣ, хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ, моделсозии иқтисодӣ ва математикии сифати зиндагии аҳолӣ, даромадҳои меҳнатӣ, даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ, дурнамои сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ.

## ПОВЫШЕНИЕ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

В статье представлены достоверные данные о повышении уровня и качества жизни населения Республики Таджикистан, а также их анализ. Уровень жизни населения является сложной социально-экономической категорией, он отражает уровень развития и степень удовлетворенности физических, духовных и социальных потребностей, которые рассмотрены в статье. Научная статья посвящена проблемам повышения уровня и качества жизни населения как одной из актуальных проблем. Также в статье рассматриваются вопросы, связанные с иерархическим уровнем, характером учета, малообеспеченными группами, системой статистических показателей уровня жизни населения, индексом человеческого развития. Следует отметить, что в статье рассмотрена группировка структуры качества жизни населения приведено описание факторов уровня и качества жизни населения, даны основные социально-экономические показатели Республики Таджикистан и ее перспективы по аспектам уровня и качества жизни населения, рассмотрены факторы, влияющие на численность постоянного населения, денежные доходы населения, денежные расходы и сбережения населения, проведен экономико-математический анализ. Кроме того, в статье эффективно использованы экономико-математические методы моделирования процессов оценки показателей уровня и качества жизни населения на основе совокупного дохода населения, средний уровень жизни населения, исходя из совокупного дохода населения и др., построена регрессионная модель зависимости трудовых доходов, экономические характеристики домохозяйств, модель зависимости доходов от продажи недвижимости, построена регрессионной модель зависимости доходов от личного вспомогательного хозяйства, построена регрессионная модель зависимости прочих денежных доходов и оценены их параметры. На основе разработанных моделей проведен анализ и прогноз качества жизни населения.

**Ключевые слова:** система статистических показателей уровня жизни населения, индекс человеческого развития, классификационная структура, качества жизни населения, факторы уровня и качества жизни населения, основные социальные и экономические показатели Республики Таджикистан, постоянное население, денежные доходы населения, денежные расходы и сбережения населения, экономико-математическое моделирование, качество жизни населения, трудовые доходы, доходы от продажи недвижимого имущества, доходы от личного хозяйства, перспективы уровня жизни населения, совокупный доход каждого человека.

## INCREASING THE LEVEL AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION

The article presents reliable data on improving the level and quality of life of the population of the Republic of Tajikistan, as well as its analysis. The standard of living of the population is a complex socio-economic category, it reflects the level of development and the degree of satisfaction of physical, spiritual and social needs, which are discussed in the article. The scientific article is devoted to the problems of improving the level and quality of life of the population as one of the urgent problems. The article also discusses such issues as those related to the hierarchical level, the nature of accounting, low-income groups, the system of statistical indicators of the standard of living of the population, the human development index. It should be noted that the article considers the grouping of the structure of the quality of life of the population, the description and factors of the level and quality of life of the population, the main socio-economic indicators of the Republic of Tajikistan and its prospects in terms of the level and quality of life of the population, factors affecting the number of resident population, cash income population, monetary expenses and savings of the population, economic and mathematical analysis was carried out. In addition, the article effectively uses economic and mathematical methods for modeling the processes of assessing indicators of the level and quality of life of the population based on the total income of each population, the average standard of living of the population based on the total income of each population, etc. a regression model of the dependence of labor incomes, economic characteristics households, a model of the dependence of income from the sale of real estate, a regression model of the dependence of income on a personal auxiliary household was built, a regression model of the dependence of other cash income was built and their parameters were estimated. Based on the developed models, an analysis and forecast of the quality of life of the population was carried out.

**Keywords**: system of statistical indicators of the standard of living of the population, human development index, classification structure, quality of life of the population, factors of the level and quality of life of the population, main social and economic indicators of the Republic of Tajikistan, resident population, monetary income of the population, cash expenditures and savings of the population, economic -mathematical modeling, quality of life of the population, labor income, income from the sale of real estate, income from private households, prospects for the standard of living of the population, the total income of each person in the population.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Собирзода Нуралӣ Миралӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлил. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902-44-80-80**

***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

**Сведения об авторах:** ***Собирзода Нурали Мирали*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и анализа. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902-44-80-80**
***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru**. Телефон: **207-56-56-44**

**Information about authors:** ***Sobirzoda Nurali Mirali*** - Tajik National University, doktor of economic sciences, Associate Professor Department of Accounting and Analysis. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 902-44-80-80**
***Alimardonov Tokhirdzhon Ashuralievich*** - Tajik National University, senior Lecturers of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **207-56-56-44.**

ТДУ: 567.6.

# АУДИТИ ДОХИЛӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ: МУАЙЯНКУНИИ РОБИТА ВА МУНОСИБАТ

*Ҳукматов Д.Ҷ.*
**Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон**

**Аҳаммияти омӯзиши мавзуи аудити дохилӣ.** Як қатор бартариҳои аудити дохилӣ водор мекунад, ки намояндагони ҳам соҳибкории ватанӣ ва ҳам кормандони бахши давлатӣ таваҷҷуҳи худро ба ин намуди фаъолият ҷалб намоянд. Таваҷҷуҳҳо афзоиш меёбанд, зеро ин намуди аудит як манбаи дастрас ва муассир аст, ки самаранокии корхонаро бо хатарҳои камтарин афзоиш медиҳад. Барои Тоҷикистон ташаккули хадамоти аудити дохилӣ нав аст, аксари мутахассисони мактаби кӯҳна фарқи байни мафҳумҳои «назорати дохилӣ», «аудити дохилӣ» ва «аудит»-ро дарк намекунанд. Ва дар натиҷа, онҳо ба ин намуди аудит муносибати манфӣ доранд, зеро онҳо дар симои мутахассисони ин хадамот шахсонеро мебинанд, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият аз таҳлил, ошкоркунии камбудиҳо, тағйирдиҳии мусбии равандҳои бизнес дурӣ ҷуста, мушкилоти мавҷударо бо роҳи муҷозот ва назорати иҷрокунандагон, инчунин, хабардор намудани мақомоти дахлдор оид ба хатогиҳои содиршуда ҳалу фасл менамоянд.

Аммо шароити муосири иқтисодӣ имкон медиҳад, ки аудити дохилӣ фаъолона инкишоф ёбад ва бори дигар таъкид менамояд, ки ин намуди аудит зарурати замони муосир мебошад. Ширкатҳои ватанӣ ба бозор ва равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ҳамроҳ шуда, робитаҳои нави байналмилалиро пойдор месозанд. Бинобар ин, фаъолияти ташкилотҳое, ки ба ҳамгироӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд, бояд ба талабот ва стандартҳои муайян мутобиқат кунанд, ки дар онҳо ба аудити дохилӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Аудити дохилӣ дар ташкилотҳое, ки фаъолиятҳои гуногунро анҷом медиҳанд, дар ҳама ҷо ҷой дорад, аммо на дар Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи Иттиҳоди Шуравӣ ва на дар хориҷи кишвар то охири асри XX барои он талаботи мушаххаси қонунгузорӣ вуҷуд надошт. Аудити дохилӣ бо назорати дохилӣ хеле зич алоқаманд аст. Ва дар аввал, назорати дохилӣ дар кишварҳои Амрикои Шимолӣ ва Аврупо таваллуд шудааст. Аудити дохилӣ ва назорати дохилӣ ба рушди босуръат ва паҳншавии он дар ҷаҳон аз кори бевиҷдононаи мутахассисони аудити беруна вобаста аст. Дар бораи додани ҳисоботҳои бардурӯғи аудит, ё хариди шубҳанок барои пешниҳоди хизматҳои аудиторӣ ҷанҷолҳо маълуманд. Масалан, вазъи ширкати «Энрон» ва дигар ширкатҳои марбут ба онҳо, далелҳои сершумори шаҳодати бардурӯғ аз ҷониби аудиторҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон нисбати бонкҳои маъруф [18]. Дар ин маврид метавон хулоса кард, ки хизматрасонии аудиторӣ дар сатҳи паст пешниҳод шудааст, зеро нархгузории возеҳ вуҷуд дошт. Ҳадафҳои чунин аудит аз нуқтаи назари объективӣ ва самаранокӣ комилан равшан нестанд, зеро он ба манфиати субъекти тафтишшаванда ба таври возеҳ амалӣ карда мешавад. Аён аст, ки хулоса бо дараҷаи баланди хавфи эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ дода мешавад.

Тасдиқи дигари фаъолияти бевиҷдононаи аудити беруна метавонад маълумоти як таҳқиқоти таҳлилии оҷонсии Bloomberg бошад: «аз соли 1996 дар Ғарб 673 муфлисии асосӣ ба вуқуъ пайваст ва дар 54% ҳолатҳо аудиторҳо оид ба корҳои ҷамъиятҳои муфлисшуда то лаҳзаи муфлисшавӣ хулосаҳои мусбат доданд» [1].

Инчунин, тадқиқот маълумотеро пешниҳод мекунад, ки ҳатто ширкатҳои аудитории байналмилалии чаҳоргона ҳангоми аудити ширкатҳои бузург ба ғаразнокӣ дучор мешаванд, ки объективиятро ба фоидаи пардохти калон қурбонӣ мекунанд. Бешубҳа, сабаби асосии рушди назорати дохилӣ ва аудит аз даст додани дороиҳои соҳибкорон мебошад. Аз ин рӯ, онҳо барои он заруранд, то ҷузъи объективӣ ва мустақил дар арзёбии вазъи молиявии субъекти хоҷагидор, махсусан намояндагони тиҷорати калон бошанд. Аммо бояд қайд кард, ки мафҳумҳои назорати дохилӣ ва

аудити дохилӣ синоним нестанд. Ташкили онҳо дар корхона равандҳои гуногунро дар бар мегиранд.

**Дараҷаи омӯзиш ва коркарди муносибати байни аудити дохилӣ ва низоми назорати дохилӣ (ННД).** Аксари ҷанбаҳои ташкили аудити дохилӣ ва амалии самараноки ННД аз ҷониби олимон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: Черненко А.Ф., Сумкин А.С., Аганина Р.Н., Жминко С.И., Швирева О.И., Сафонова М.Ф., Кеворкова Ж.А., Агеев А.И., Раизберг Б.А., Лозовский Е.Б.Ш. , Бичкова С.М., Ковалева О.В., Константинов Ю.П., Андреев В.Д., Мелник М.В., Пантелеев А.С., Звездин А.Л., Подолский В.И., Савина А.А., Сотникова Л.В., Адамс Р., Аренс А.А. ва диг.

Ҳангоми таҳқиқ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои мақомоти давлатӣ истифода бурда шуд. Инчунин, ба таҳлили қонуни Сарбейнс-Оксли ва модели кунунии COSO диққат дода шуд.

**Усул ва равишҳои пешниҳодшуда, асолати онҳо (навоварӣ).** Рушди фаъолонаи назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ дар Иёлоти Муттаҳида ва Аврупои Ғарбӣ ба туфайли танзими ин намудҳои фаъолият дар сатҳи қонунгузорӣ имконпазир гардид.

Пеш аз ҳама, ба қонуни Сарбейнс-Оксли диққат додан лозим аст. Ин қонун дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 30 июли соли 2002 қабул шудааст ва ба ҷамъиятҳои саҳҳомии шакли кушод дахл дорад. Ин санади ҳуқуқӣ барои Амрико сару садои зиёде овард, зеро бори аввал дар 60 сол қонунгузории федералӣ соҳаи коғазҳои қиматнокро ба таври назаррас тағйир дод ва қатъитар намуд.

Аввалин нуктае, ки бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад, ворид намудани мафҳуми Кумитаи аудит мебошад, ки «кумита (ё мақоми муодили он) аз ҷониби шурои директорони эмитент таъсис дода шуда, аз ҷумлаи аъзои он барои назорати тартиби муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии эмитент, инчунин, барои аудити ҳисоботи молиявии эмитент ё дар ҳаҷми пурраи шурои директорони эмитент, агар дар сохтори эмитент чунин кумита мавҷуд набошад, ташкил карда мешавад» [10].

Ҳадафҳои асосии кори кумита ба назорат аз болои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, санҷиши риояи принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва равандҳои назорати дохилӣ вобастаанд. Инчунин, назорат аз болои раванди интихоби ширкати аудиторӣ ва кори онҳо низ вазифаи кумита аст. Фаъолияти кумита бевосита ба воҳиди аудити дохилӣ алоқаманд аст, зеро барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузоштешуда як қисми ваколатҳоро ба воҳиди сохтории мустақил ва объективии ташкилот вогузор кардан лозим аст.

Яке аз муқаррароти асосии Санади Сарбейнс-Оксли, ки ба назорати дохилӣ ва аудит дахл дорад, инчунин, фасли 404 “Баҳодиҳии роҳбарият ба назорати дохилӣ” мебошад.

Аввалин нуктаи асосии ин фасл бо ӯҳдадории дохил намудани ҳисоботи дохилӣ ба ҳисоботи солонаи ҷамъияти саҳомӣ вобаста аст. Бинобар ин, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор ҳангоми иҷрои расмиёти назорати дохилӣ бо масъулияти баланд муроҷиат мекунанд, ки ба рушди низоми самаранок мусоидат мекунад.

Инчунин, дар ин бахш қоидаҳои зарурии ҳисоботи солона оид ба назорати дохилӣ барои роҳбарияти ширкат муқаррар карда шудаанд. Ин қоидаҳо "масъулияти роҳбарият барои таъсис ва нигоҳ доштани чаҳорчӯбаи мувофиқи назорати дохилӣ ва расмиёти ҳисоботи молиявӣ" ва "арзёбии самаранокии сохтор ва расмиёти назорати дохилии эмитент нисбати ҳисоботи молиявӣ дар охири муҳлатҳои ниҳоии соли молиявии эмитентро дар бар мегиранд» [10]. Ҳамин тариқ, қонуни мазкур субъектҳои хоҷагидориро вазифадор мекунад, ки низоми назорати дохилиро ташкил намуда, мунтазам таҳлил, арзёбӣ ва ислоҳоти онро ба роҳ монанд.

Санади дигари ҳуқуқие, ки ба рушди назорати дохилӣ таъсири назаррас расонидааст, “Консепсияи муттаҳидаи назорати дохилӣ” номида мешавад ё ба таври мухтасар ин консепсия бо номи кумитаи COSO (Committee of Sponsoring Organizations of the Treadway Commission) ё Модели COSO, ки аз ҷониби Кумитаи ташкилотҳои сарпарастии Комиссияи Тредвей дар соли 1992 таҳия шудааст, машҳур аст.

Агар мо дар бораи паҳншавии ин консепсия сухан ронем, пас тибқи маълумоти маҷаллаи CFO, ки соли 2006 пурсиш гузаронидааст, "82% пурсидашудагон изҳор доштанд, ки онҳо модели назорати дохилии аз ҷониби COSO пешниҳодшударо истифода мебаранд" [19]. Назорати дохилӣ, тибқи консепсияи COSO, равандест, ки аз ҷониби шурои директорон (яъне соҳибони ширкат), роҳбарият (кормандони роҳбарикунанда) ва боқимондаи кормандони ширкат амалӣ карда мешавад, ки ноил шудан ба ҳадафҳоро ба монанди эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ, риояи қонунҳо ва қоидаҳои мақомоти назоратӣ, инчунин, оқилият ва самаранокии амалиёти гузаронидашудаи тиҷоратиро таъмин мекунад.

Нуктаи асосие, ки дар модели COSO таъкид шудааст, ин аст, ки вазъи назорати дохилӣ дар доираи масъулияти роҳбарияти субъекти хоҷагидорӣ мебошад.

Модели COSO дар назар дорад, ки низоми назорати дохилӣ набояд ҳадафи худ, балки механизме бошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар назди субъекти иқтисодӣ гузошташуда мусоидат намояд. Ҳар як корманди ташкилот як қисми низоми назорати дохилӣ мебошад, бинобар ин, самаранокии он на танҳо аз қоидаҳои дохилӣ, усулҳо, балки ба одамони тамоми сатҳҳои ташкилот вобаста аст.

Чунин тасаввур кардан хато мебуд, ки таъсис ва татбиқи низоми самараноки назорати дохилӣ дар ташкилот кафолати мутлақест, ки субъекти хоҷагидориро аз хатарҳои гуногун муҳофизат мекунад. Соҳибон ва роҳбарияти субъекти хоҷагидор бояд эътироф кунанд, ки назорати дохилӣ метавонад эътимоди кофӣ таъмин намояд, аммо ба ягон натиҷаи мутлақ ноил шуда наметавонад.

Ва охирин чизе, ки бояд қайд кард, ин аст, ки назорати дохилӣ ва аудит ноил шудан ба ҳадаф ё якчанд ҳадафҳоро дар соҳаҳои алоқаманди фаъолият таъмин менамояд. Онҳо наметавонанд тамоми доираи фаъолиятро дар ширкатҳои калон фаро гиранд.

Модели COSO баъдтар барои аз нав дида баромадани стандартҳои нави байналмилалии аудит ҳамчун асос хизмат кард. Аз сабаби он, ки талаботҳои нав ба аудиторone, ки дар соҳаи аудити беруна кор мекарданд, фаъолона ҷорӣ карда шуданд, нархи хизматҳои онҳо низ беист афзоиш ёфт. Яке аз роҳҳои аз ин вазъият баромадан, ин афзудани робитаи назорати дохилӣ ва аудити берунӣ буд. Ба аудиторони беруна вазифа гузошта шудааст, ки сифати назорати дохилиро дар корхона арзёбӣ намоянд. Инчунин, аудиторҳои беруна бояд ба савол ҷавоб диҳанд: оё низоми назорати дохилӣ дар корхона аз хатогиҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ пешгирӣ карда метавонад ё не?.

Имрӯз, COSO кӯшиш мекунад, ки қоидаҳои гуногун, тавсияҳо, роҳнамо оид ба идоракунии хавфҳо, рушди назорати дохилӣ ва ҷилавгирӣ аз шаклҳои гуногуни қаллобӣ ва дуздиро таҳия намояд. Дар асоси ҳадафҳои гузошташуда модели COSO дар самтҳои зерин таҳия карда мешавад:

1. Идоракунии фаъолияти оперативӣ.
2. Назорати дохилӣ.
3. Идоракунии хавфҳои корхона.
4. Пешгирии шаклҳои гуногуни қаллобӣ ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ.

Дар навбати худ, субъектҳои бузурги ватанӣ фаъолона хадамот, шуъбаҳо, шуъбаҳо ва воҳидҳои аудити дохилиро ташкил намуда, онҳоро ба сохтори ташкилии худ табдил медиҳанд. Ҳангоми таъсиси чунин хадамот дар марҳилаи аввал корхонаҳо мехоҳанд бо кумаки онҳо як қатор мушкилоти зеринро ҳал кунанд:

1. Баланд бардоштани самаранокии корхона.
2. Оптимизатсияи равандҳои тиҷоратӣ.
3. Ташаккули маълумоти объективӣ дар бораи вазъи шахси ҳуқуқӣ барои соҳибон.
4. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории шахси ҳуқуқӣ.
5. Муайян намудани хавфҳо дар фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ва ташаккули усулҳои ихтисори ин хавфҳо.

Модели COSO дар Тоҷикистон ба таври возеҳ ё ғайривозеҳ фаъолона истифода мешавад, ки ба рушди назорати дохилӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад. Аммо, сарфи назар аз рушди фаъоли назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ, бисёре аз мутахассисони соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит ин ду мафҳумро омехта мекунанд.

Муносибати байни аудити дохилӣ ва назорати дохилиро муайян кардан лозим аст. Мафҳуми охирин дар айни замон, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар вомехӯрад. Аз ин рӯ, муайян кардан муҳим аст, ки аудит як қисми низоми назорати дохилӣ ё як намуди алоҳидаи назорат дар корхона аст, оё мафҳумҳои назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ якхелаанд?.

Бояд гуфт, ки ташкили аудити дохилӣ аз 25 марти соли 2011 уҳдадории субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Мувофики банди 8 моддаи. 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» №702 «Роҳбарони субъектҳои манфиати ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки хадамоти аудити дохилии доимиро ташкил намоянд». Азбаски дар таҳрири қаблии Қонуни мазкур уҳдадории ташкили аудити дохилӣ дар корхона вуҷуд надошт, мафҳум ва принсипҳои аудити дохилӣ барои мутахассисони баҳисобгирӣ нав мебошанд.

Дар модели COSO, назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ ба таври возеҳ фарқ мекунанд. «Назорати дохилӣ равандест, ки аз ҷониби мақомоти олии таҳиякунандаи сиёсати корхона, ҳайати роҳбарикунандаи он ва ҳамаи кормандони дигар амалӣ карда мешавад, ки ба таври кофӣ ва асоснок ноил шудан ба ҳадафҳои зерини корхонаро таъмин мекунад:

1. Ҳадафмандӣ ва самаранокии молиявии фаъолият (аз ҷумла бехатарии дороиҳо).
2. Эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ.
3. Риояи талаботи қонунгузорӣ ва мақомоти танзимкунанда» [9].

Омӯзиши сарчашмаҳои гуногуни илмӣ нишон медиҳад, ки назорати дохилӣ равандест, ки барои ба даст овардани эътимоди кофии субъекти хоҷагидорӣ оид ба ҷанбаҳои зерини фаъолият нигаронида шудааст:

а) самаранокӣ ва натиҷанокии фаъолияти он, аз ҷумла ба даст овардани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва амалиётӣ, ҳифзи дороиҳо;

б) эътимоднокӣ ва саривақтии ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисоботҳо;

в) риояи қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла ҳангоми иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ.

Назорати дохилӣ «равандест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои ширкат нигаронида шудааст ва натиҷаи амали роҳбарият оид ба банақшагирӣ, ташкил, мониторинги фаъолияти ширкат дар маҷмуъ ва воҳидҳои алоҳидаи он мебошад» [9]. Назорати дохилӣ тамоми фаъолияти оперативии ташкилотро «таҳти назар» намуда, ноил шудан ба ҳадди аксари ҳадафҳои субъекти хоҷагидорӣ мусоидат мекунад. Назорати дохилӣ дар корхона низоми муайянро ташкил медиҳад.

Низоми назорати дохилӣ «равандест, ки аз ҷониби намояндагони молик, роҳбарият, инчунин, дигар кормандони субъекти тафтишшаванда бо мақсади таъмини эътимоди кофӣ ноил шудан ба ҳадафҳо аз нуқтаи назари эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ, самаранокӣ ва натиҷанокии амалиёти хоҷагидорӣ ва мутобиқати фаъолияти субъекти аудитшаванда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил ва амалӣ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ташкили низоми назорати дохилӣ ва фаъолияти он ба рафъи ҳама гуна хатарҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ки ба ноил шудан ба ҳар яке аз ин ҳадафҳо таҳдид мекунанд, нигаронида шудааст» [19].

Низоми назорати дохилӣ аз сохторҳои ташкилӣ, усулҳо ва расмиёти гуногун иборат аст, ки аз ҷониби ҳама кормандон истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳар як корманд метавонад ба самаранокии ташкилот таъсир расонад.

Таъсиси низоми оқилона ва самараноки назорати дохилӣ дар корхона аз бисёр омилҳо вобаста аст:

1. Шакли ташкилию ҳуқуқии корхона.
2. Мансубияти соҳавӣ.
3. Шакли моликият.
4. Андозаи корхона.
5. Хусусиятҳои сохтори шахси ҳуқуқӣ.

Ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхона раванди хеле мураккаб ва ҷолиб хоҳад буд. Бисёр омилҳоро ба назар гирифтан лозим аст, ки барои ба вуҷуд овардани

низоми оқилона, боэътимод ва самарабахш имконият медиҳанд. Бунёд ва ташкили низоми назорати дохилӣ салоҳияти идоракунии субъекти хоҷагидорӣ мебошад.

Ба он диққат додан лозим аст, ки низоми назорати дохилӣ бояд тавре ташкил карда шавад, ки вай ба фарқият ва хатогиҳо сари вақт ҷавоб дода, имкон диҳад, ки онҳо барои ба даст овардани устувории иқтисодии ташкилот ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд. Дар акси ҳол назорати васеъ аз болои фаъолияти ҳар як коркун натиҷаи мусбат намебахшад, балки захираҳои иловагиро ба худ ҷалб карда, вазъияти психологиро дар коллектив бадтар мегардонад.

Равшан аст, ки имконпазирии таъсис ва татбиқи назорати дохилӣ дар корхона бояд бо хароҷоти ташкил ва татбиқи он муқоиса карда шавад. Инчунин, таъсиси низоми назорати дохилӣ дар назар дорад, ки вазифаи назоратӣ дар ташкилот на аз ҷониби воҳиди мушаххаси сохторӣ ё шахси масъул (вобаста ба меъёрҳои дар боло номбаршуда), балки аз ҷониби ҳар як корманд мувофиқи салоҳият ва вазифаҳои мансабиаш иҷро карда мешавад. Ин далел бавосита дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаҳои 16 ва 20 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 таҳти №1329 «Муносибатҳои меҳнатӣ муносибатҳое мебошанд, ки дар асоси созишномаи байни корманд ва корфармо оид ба иҷроиши шахсии вазифаҳои меҳнатии корманд бо пардохти музд ва бо риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат, муҳайё намудани шароити меҳнатӣ тибқи муқаррароти пешбининамудаи Кодекси мазкур, қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, шартномаи коллективӣ, созишномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ, шартномаи меҳнатиро дар бар мегиранд, ба миён меоянд» [9]. Моддаи 18 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои асосии кормандро танзим мекунад. Дар байни вазифаҳои зикршудаи корманд вазифаҳое мавҷуданд, ки бевосита ва бавосита ба вазифаи назорат алоқаманданд:

1. Иҷрои софдилона ӯҳдадориҳои меҳнатие, ки дар шартномаи меҳнатӣ ба зиммааш гузошта шудааст.

2. Эҳтиром ба моликияти корфармо ва дигар кормандон.

3. Ба корфармо ё роҳбари бевосита хабар додани вазъияте, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон, бехатарии молу мулки корфармо (аз ҷумла молу мулки шахсони сеюме, ки дар ихтиёри корфармо мебошад, агар корфармо масъулияти бехатарии ин амвол бар дӯш дошта бошад) таҳдид менамояд.

Низоми назорати дохилӣ аз унсурҳои зерин иборат аст (расми 1): ин ҷузъҳои низоми назорати дохилӣ дар чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди Стандарти байналмилалии аудит (СБА 315) номбар шудаанд.

**Расми 1. Сохтори низоми назорати дохилӣ**
**Figure 1. The structure of the internal control system**




Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Унсури якуми низоми назорати дохилӣ муҳити назорат мебошад. Консепсияи муҳити назоратро баррасӣ кунед (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Мафҳуми муҳити назоратӣ**
**Table 1. Definition of control environment**

| | |
|---|---|
| Стандарти байналмилалии аудит 315 (ISA 315) | Мавқеъ, огоҳӣ ва амали намояндагони молик ва роҳбарият нисбат ба низоми назорати дохилии субъекти аудитшаванда, инчунин, дарки аҳаммияти чунин низом барои фаъолияти субъекти аудитшаванда. Муҳити назоратии субъекти тафтишшаванда ба огоҳии кормандон аз назорат таъсир мерасонад. Он асоси низоми самарабахши назорати |

| | |
|---|---|
| | дохилӣ мебошад, ки риояи интизом ва тартиботро таъмин мекунад. |
| Ж.А. Кеворкова [7] | Маҷмуи вазифаҳо ва тадбирҳои ташкилии ба ҳам алоқаманд, ки роҳбарияти ташкилот ё моликони он бо мақсади таъсис ва нигоҳдории низоми назорати дохилӣ тавассути тафтиши иҷрои вазифаҳои худ, инчунин, вазифаҳои муқарраргардида амалӣ карда мешаванд. |
| А.И. Агеев [2] | Огоҳӣ ва амали роҳбарияти субъекти хоҷагидорӣ, ки ба таъсис ва нигоҳдории низоми назорати дохилӣ нигаронида шудааст. |

Муҳити назорат дар маркази низоми самараноки назорати дохилӣ ҷойгир мебошад. Аммо дар бораи мафҳуми муҳити назорат нуқтаи назари дигаре вуҷуд дорад, ки дар байни аудиторҳои дохилии амалкунанда маъруфияти бештар пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, ба ақидаи аудиторони амалкунанда, муҳити назорат натиҷаи доштани мавқеи муайян, огоҳӣ ё амалисозии амалҳои муайян мебошад. Ин натиҷа ҳангоми маҷмуи таъсири як қатор омилҳои мушаххас ё унсурҳои муҳити назорат пайдо мешавад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Унсурҳои муҳити назоратӣ ва тавсифи онҳо**
**Table 2. Control environment elements and their description**

| № | Унсурҳои муҳити назоратӣ | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1. | Поквиҷдонии кормандон ва нигоҳдории принсипҳои ахлоқӣ | Нишон додани меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ дар ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилот, гузаронидани чорабиниҳои гуногун, ки ба оммавӣ гардидани ин меъёрҳо ва ташаккули фазои мусоиди равонӣ дар коллектив мусоидат мекунанд |
| 2. | Соҳибкасбӣ | Ақидаи роҳбарият дар бораи дараҷаи дониши касбие, ки барои иҷрои намудҳои дахлдори кор зарур аст. Уҳдадорӣ ба маҳорати касбӣ, инчунин, таваҷҷуҳи кормандонро ба сатҳи баланди дониш, фароҳам овардани имконият барои такмили ихтисос ва ғайра дар бар мегирад. Инчунин, роҳбарият бояд кормандонро барои шавқу рағбати онҳо ба донишҳои нав, ташаббус ҳавасманд гардонанд. |
| 3. | Иштироки намояндагони соҳибмулк | Намояндагони молик шахсоне мебошанд, ки ба ташкили низоми самараноки назорати дохилӣ бештар манфиатдоранд. Агар дар кори низом камбудиҳои ошкоро ҷой дошта бошанд, онҳо бояд зудтар чораҳои зарурӣ бинанд. Ба ташаккули муҳити самараноки назорат дар субъекти хоҷагидорӣ хусусиятҳои зерини хосси намояндагони молик таъсир мерасонанд: мустақилият аз идоракунӣ; таҷриба ва мақоми онҳо; дараҷаи иштироки онҳо ва назорати фаъолият; мувофиқ будани (характери дурусти) амали онҳо; хусусияти иттилооте, ки онҳо мегиранд; дараҷаи мураккабии масъалаҳое, ки бо роҳбарияти субъекти тафтишшаванда ба миён гузошта ва муҳокима карда мешаванд; ҳамкории онҳо бо аудиторони дохилӣ ва беруна. |
| 4. | Сохтори ташкилӣ | Тақсими субъекти иқтисодӣ, корхона, ширкат, муассиса ба қисматҳо, шуъбаҳо, сеххо, қитъаҳо, гурӯҳҳо бо мақсади мураттабсозии идоракунӣ, тақвияти робита, муқарраркунии тобеият ва зертобеият, масъулият [15]. Сохтори ташкилии корхона бояд мутобиқ, чандир буда, ба тағйирёбии муҳити иқтисодии беруна оҷилан ҷавобгӯ бошад. Ҳангоми ташкили низоми назорати дохилӣ сохтори ташкилии оқилона бунёдшуда ба ҳар як корманд имконияти амали мақсаднок ва муфид дода, ҳосилнокии меҳнатро меафзояд. |
| 5. | Фалсафа ва услуби кори роҳбарият | Ин муносибати роҳбарони олимартаба ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона, ташаккули ҳисоботи молиявӣ мебошад. Раванди ташкили назорати дохилӣ аз ташаббуси роҳбарияти субъекти хоҷагидорӣ вобаста аст. Пеш аз ҳама, он бояд манфиатдор бошад ва тамоми қувваро ба кор |

| | | |
|---|---|---|
| | | барад. Агар менеҷерони олӣ назорати дохилиро ҳамчун асбобе набинанд, ки ба чунин ҳадафҳо, аз қабили бехатарии дороиҳо, ташаккули ҳисоботи боэътимоди молиявӣ ва ғайра ноил мешаванд, пас ташкили он дар корхона қариб ғайриимкон аст. |
| 6. | Тақсими масъулият ва салоҳият | Ин тақсимоти масъулият ва ваколат дар рафти фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ва муқаррар намудани иерархияи ҳисоботдиҳии кормандон мебошад. Барои ноил шудан ба натиҷаҳо дар ин самт "мавҷудияти ҷадвали штатӣ, низомнома дар бораи шуъбаҳо ва хадамот, дастурамали вазифавии кормандон, сохтори кофии назорат барои таъмини назорати ҳамарӯза аз болои сатҳҳои иерархияи идоракунӣ, пешгирӣ кардани бархӯрди манфиатҳо дар фаъолияти соҳаи масъулият" кумак менамояд [7]. |
| 7. | Сиёсати кадрӣ ва амалия | Рекрутинги кормандон ва мутобиқнамоии минбаъдаи он, омӯзиш, ҳавасмандгардонӣ. |

Омили таъсири муҳити беруна ба низоми назорати дохилии корхонаро истисно кардан лозим нест. Масалан, дар мамлакат муборизаи зидди коррупсия, ба амал баровардани тадбиру тартиботи самарабахш дар ин соҳа аз тарафи мақомоти давлатӣ, инъикоси ифшои пурсарусадо дар воситаҳои ахбори умум ва татбиқи чораҳои қатъӣ нисбат ба ҷинояткорон вусъат меёбад. Дар навбати худ, корманди ин ё он корхона, ки ба эҳтимоли содир кардани кирдори коррупсионӣ дучор шудааст, наметавонад ҷиноят содир кунад, зеро ӯ беҷазоиро ҳис намекунад. Ҳамин тариқ, муҳити беруна ба муҳити назоратии корхона низ таъсир мерасонад.

Муҳити назоратӣ ҳамчун унсури низоми назорати дохилӣ бештар ба кормандони ташкилот вобаста аст, зеро танзими максималии расмиёт ва эҷоди қоидаҳо наметавонад аз содир шудани хато ё амали ғайриқонунӣ пешгирӣ кунад. Аз ин рӯ, роҳбарияти ташкилот бояд тамоми қувваи асосии худро ба кор бо кадрҳо равона намояд, то ки вазъияти муҳити назоратӣ беҳтар карда шавад.

Ҷузъи навбатии низоми назорати дохилӣ баҳодиҳии хавфҳо мебошад. Хавф «хатари талафоти ғайричашмдошти фоида, даромад ё молу мулки пешбинишуда, пули нақд ва дигар захираҳо дар натиҷаи тағийрёбии тасодуфии шароити фаъолияти иқтисодӣ, ҳолатҳои номусоид мебошад. Он аз рӯи басомад, эҳтимолияти пайдоиши ин ё он дараҷаи талафот чен карда мешавад. Хатарноктарин хавфҳое мебошанд, ки эҳтимолияти воқеии сатҳи зиён аз маблағи фоидаи пешбинишуда зиёд аст” [15].

Баҳодиҳии хавфҳо раванди ошкоркунӣ ва таҳлили хатарҳоро дар бар мегирад. Таҳлили хавф ҳамчун раванд марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Баҳодиҳии аҳаммияти хавф, таъсири он ба фаъолияти молиявию иқтисодии ташкилот.

2. Пешгӯӣ ва таҳлили пайдоиши таъсири манфии эҳтимолӣ.

Ҳангоми муайян намудани хавфҳо субъекти хоҷагидорӣ оид ба идоракунии онҳо, аз ҷумла бо роҳи фароҳам овардани муҳити зарурии назорат, ташкили тартиботи назорати дохилӣ, огоҳ намудани кормандон ва арзёбии натиҷаҳои назорати дохилӣ қарорҳои дахлдор бояд қабул намояд.

Ҳангоми пешбурди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ташкилот пайваста ба намудҳои гуногуни хавфҳо дучор мешавад. Сабабҳои пайдоиши онҳо метавонанд хеле гуногун бошанд. Масалан, ворид намудани санадҳои нав ё тағйирот дар муқаррарот, ҷорӣ намудани нармафзори нав, тахассуси нокифояи кормандон, сӯиистифода аз ваколат ва ғайра.

Хавфҳои муайяншуда ва арзёбии дараҷаи онҳо бояд дар ҳисоботҳои дохилии субъекти хоҷагидор инъикос карда шаванд. Тавсифи боэътимод имкон медиҳад, ки истифодабарандагони иттилоот (муассисон, роҳбарият) дар оянда қарори дурусти идоракунӣ қабул кунанд. Кам кардани хатарҳо бевосита ба расмиёти назорати дохилӣ алоқаманд аст. Тартиби назорати дохилиро стандартҳои аудит ҳамчун «амалҳое, ки мақсади асосии онҳо кам кардани хатарҳо мебошад, шарҳ медиҳанд, яъне, ин таҳияи тавсияҳо, пешниҳодҳои мушаххас мебошад», ки имкон медиҳад, ки хатар ба гурӯҳи

пешгиришаванда тасниф карда шавад, яъне «хатаре, ки то ба сатҳи қобили қабул кам карда мешавад».

Намудҳои расмиёти назоратии истифодашаванда метавонанд гуногун бошанд ва истифодаи ин ё он бештар аз намуди худи субъекти хоҷагидорӣ, инчунин, хусусиятҳои принсипҳо ва стандартҳои назорати дохилии муқарраршуда вобаста аст. Масалан, усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ метавонанд ҳамчун расмиёти назорати дохилӣ татбиқ карда шаванд: инвентаризатсия, ҳуҷҷатгузорӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ ва ғайра. Бояд қайд кард, ки тартиби назорати дохилӣ бо муҳити назорат зич алоқаманд аст. Татбиқи тартиби назорати дохилӣ набояд таҳти таъсири муҳити беруна ва дохилӣ бошад. Аммо дар шароити пешбарии тиҷорат ин қариб ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, муҳити назоратӣ ба таври ғайримустақим ба расмиёти назорати дохилӣ таъсир мерасонад. Масалан, корманде, ки барои баамалбарории хариди таҷҳизот масъул аст, бо сабабҳои ғаразнок ба муҳосибот нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои аввалияро пешниҳод карда наметавонад ва аз муҳосиб хоҳиш мекунад, ки бинобар муносибати дӯстона бо ӯ далелҳои фаъолияти хоҷагидориро дар асоси нусхаи хуҷҷатҳо дар ҳисобдорӣ инъикос намояд. Агар муҳосиб розӣ бошад, он гоҳ тартиби ҳуҷҷатгузорӣ вайрон карда мешавад. Дар натиҷа, ин метавонад ба оқибатҳои манфии андозӣ оварда расонад.

Мутобиқи бандҳои 1 ва 2 моддаи 190-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати хароҷот танҳо хароҷоти асоснок ва бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи андозсупоранда эътироф карда мешавад. Хароҷоти ҳуҷҷатнок ҳамчун хароҷоти бо ҳуҷҷатҳои мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибдодашуда ё ҳуҷҷатҳои мутобиқи амалияи соҳибкорӣ, ки дар давлати хориҷие, ки дар қаламрави он хароҷоти дахлдор анҷом дода шудаанд, ва ё ҳуҷҷатҳои бавосита тасдиқкунандаи хароҷоти сарфшуда (аз ҷумла эъломияи гумрукӣ, фармони сафари хизматӣ, ҳуҷҷатҳои сафархарҷӣ, ҳисобот дар бораи кори мутобиқи шартнома иҷрошуда) тасдиқ карда мешаванд.

Дар ин мавридҳо хавфи беасос эътироф шудани хароҷот ва ба расмият надаромадани хуҷҷатҳо вуҷуд дорад, ки ин боиси ситонидани иловагии манбаи андоз барои андоз аз даромад мегардад. Аз ин рӯ, самараи расмиёти назоратро танҳо бо дараҷаи кофии рушди муҳити назорат ба даст овардан мумкин аст.

Ҷузъи навбатии назорати дохилӣ ин иттилооти босифат ва саривақтӣ мебошад. Ин унсур низомҳои иттилоотии субъекти хоҷагидориро ифода мекунад. Нигоҳдорӣ, коркард, сатҳи дастрасии иттилоот ба қабули қарорҳои идоракунӣ, инчунин, ба ташаккули намудҳои гуногуни хавфҳо таъсири назаррас мерасонанд. Масалан, стандартизатсияи ҷараёни кор як лаҳзаи мусбат дар фаъолияти ташкилот аст, ки метавонад хатари дастрасии беиҷозат ба иттилоотро аз ҷониби шахсони бегона ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Инчунин, ташкили дурусти низомҳои иттилоотӣ як қатор хавфҳоро дар соҳаи баҳисобгирӣ коҳиш медиҳад. Масалан, дар сари вақт инъикос намудани далелҳои фаъолияти хоҷагӣ.

Унсури навбатӣ баҳодиҳии назорати дохилӣ мебошад. Баҳодиҳии назорати дохилӣ бо унсурҳои қаблии назорати дохилӣ татбиқ карда мешавад, зеро таҳлили самаранокӣ, натиҷанокӣ ва оқилона будани онҳо зарур аст. Ташаббус оид ба баҳодиҳии низоми назорати дохилӣ, бояд аз ҷониби роҳбарияти субъекти хоҷагидорӣ сурат гирад.

Ҳамин тариқ, низоми назорати дохилӣ низомест, ки ба ташкилот имкон медиҳад, ки ба ҳадафҳои худ ноил шавад, ки аз ҷониби кормандони субъекти хоҷагидор ва усулҳо ва расмиёти истифодашавандаи онҳо намояндагӣ мекунанд.

Назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ мафҳумҳои ба ҳам наздиканд, аммо онҳо маъноҳои гуногун доранд. Аудити дохилӣ фаъолиятест, ки мақсади асосии он баҳодиҳии низоми назорати дохилии субъекти хоҷагидорӣ ва амалӣ намудани тадбирҳои назоратӣ мебошад. Консепсияи аудити дохилӣ дуализми равшанеро дар бар мегирад, ки дар дугонаи муносибат ба низоми назорати дохилии корхона зоҳир мешавад. Дар зер таҳлили консепсияи аудити дохилӣ оварда шудааст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Мафҳуми аудити дохилӣ**
**Table 3. Definition of internal audit**

| Манбаъ/Муаллиф | Мазмуни нуктаи назар |
|---|---|
| Иситути байналмилалии аудиторони дохилӣ | Фаъолият оид ба таъмини кафолатҳои мустақил ва объективӣ ва машваратҳо, ки ба беҳтар кардани фаъолияти ташкилот нигаронида шудаанд. Аудити дохилӣ ба корхона барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ бо истифода аз равиши муназзам ва пайваста барои арзёбӣ ва беҳтар кардани самаранокии равандҳои идоракунии хавфҳо, назорат ва идоракунии корпоративӣ кумак мекунад. |
| С.И. Жминко, О.И. Швирёва, М.Ф. Сафонова | Дар субъекти хоҷагидорӣ ба манфиати соҳибони он ташкил карда шуда, бо ҳуҷҷатҳои дохилии он, низоми назорат аз болои риояи тартиби муқарраршудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии фаъолияти низоми назорати дохилӣ танзим карда мешавад [9]. |
| С.М. Бичкова | Аудити дохилӣ як ҷузъи низоми назорати дохилӣ мебошад, ки аз ҷониби роҳбарият ташкил карда шудааст [6]. |
| О.В. Ковалева, Ю.П. Константинов | Аудити дохилӣ қисми ҷудонашавандаи низоми назорати идоракунӣ дар корхонаҳо барои арзёбии самаранокии низоми идоракунӣ мебошад [11]. |
| М.В. Мелник | Аудити дохилӣ фаъолиятест, ки субъекти хоҷагидорӣ ба манфиати мақомоти идоракунии худ ташкил намуда, бо ҳуҷҷатҳои дохилии он барои тафтиш ва арзёбии кори ин субъект бо мақсади муқаррар намудани эътимоднокӣ ва самаранокии фаъолияти ҷузъҳои алоҳидаи назорати дохилӣ танзим карда мешавад [13]. |
| В.Л. Андреев | Аудити дохилиро бояд ба таври васеъ ҳамчун вазифаи идоракунӣ, шакли назорати дохилӣ фаҳмид. Аудити дохилӣ на танҳо санҷиши ҳамаҷонибаи фаъолияти молиявию хоҷагидории субъекти хоҷагидорӣ, балки таҳияи пешниҳодҳо оид ба оптимизатсияи фаъолияти хоҷагидории он, ратсионализатсияи хароҷот ва зиёд кардани фоида, инчунин, расонидани хадамоти машваратӣ ба роҳбарият мебошад [4]. |
| В.И. Подолский, А.А. Савина, Л.В. Сотникова | Аудити дохилӣ низоми назорати риояи тартиби муқарраргардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии низоми назорати дохилӣ мебошад, ки дар субъекти хоҷагидорӣ ба манфиати соҳибони он ташкил карда шуда, бо ҳуҷҷатҳои дохилии он танзим карда мешавад [14]. |
| Ж.А. Кеворкова | Мавзуи аудити дохилӣ бояд санҷиши маҷмуи объектҳо, падидаҳо ва далелҳои гуногуне, ки дар раванди идоракунии фаъолияти ҷорӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ ба амал меоянд ва дар ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз инъикос ёфта, аз мавқеи риояи қонунӣ, эътимоднокӣ, оқилона ва самаранокии далелҳои содиршудаи фаъолияти хоҷагидорӣ, самаранокии ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои субъекти хоҷагидорӣ арзёбӣ карда мешаванд [7]. |
| Д.В. Литвин | Аудити дохилӣ низоми назорати риояи тартиби муқарраршудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва эътимоднокии фаъолияти низоми назорати дохилӣ мебошад, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилӣ танзим ва аз ҷониби худи субъекти хоҷагидор ташкил карда шуда, ба манфиати роҳбарияти он амал мекунад [12]. |
| Э.А. Аренс, Дж.К. Лоббек | Аудити дохилӣ аудити дохилихоҷагии ширкат мебошад, ки ба маъмурият барои қабули қарорҳо оид ба фаъолияти самараноки тиҷорати худ маълумоти арзишманд медиҳад. Мавзуи аудити дохилӣ набояд бо баҳисобгирии муҳосибӣ маҳдуд шавад, инчунин, он метавонад арзёбии сохтори ташкилии субъекти хоҷагидорӣ, амалиёти компютерӣ, усулҳои истеҳсолии истифодашаванда, маркетинг ва дигар соҳаҳоеро дар бар гирад, ки аудитор дар он салоҳияти дахлдор дорад [5]. |
| Р. Додж | Аудити дохилӣ қисми ҷудонашавандаи назорати дохилӣ мебошад, ки бо қарори мақомоти идоракунии ширкат бо мақсади назорат ва таҳлили фаъолияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад [8]. |
| Р. Адамс | Аудити дохилӣ унсури низоми назорати дохилӣ мебошад, ки аз ҷониби маъмурият барои тафтиш, арзёбӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба баҳисобгирии |

| | |
|---|---|
| | муҳосибӣ ва дигар ҷузъҳои назорати фаъолияти иқтисодӣ таъсис дода шудааст [3]. |
| Т. Собуа | Аудити дохилӣ як ҷузъи низоми назорати дохилӣ, фаъолияти мустақил ва объективии марбут ба идоракунии хавфҳо, арзёбӣ ва тасдиқи ҳисоботи молиявӣ бо тафтиш ва баҳодиҳии фаъолияти ширкат дар маҷмуъ ба манфиати он ва барои истифодабарандагони гуногун мебошад [17]. |
| Дж.К. Робертсон | Аудити дохилӣ фаъолияти мустақили тафтиш ва арзёбии кори ташкилот ба манфиати он мебошад. Мақсади аудити дохилӣ расонидани хизмат ба ташкилот аст, на танҳо ба роҳбарони он ё доираи танги ҷонибҳои манфиатдор дар дохили ин созмон, гарчанде ки ин ташкилот метавонад аз ҷониби Шурои директорон, директори молиявӣ ё дигар роҳбарон намояндагӣ кунад [16]. |

Таҳлили таърифҳои дар боло зикршуда ба мо имкон медиҳад, то тасдиқ кунем, ки аудити дохилӣ дуализми муайянеро дар бар мегирад. Ва дуализми мазкур дар он ифода меёбад, ки аз як тараф, аудити дохилӣ механизме мебошад, ки бояд низоми назорати дохилиро арзёбӣ ва таҳлил кунад, самарабахшии онро баланд бардорад. Аз тарафи дигар, аудити дохилӣ як қисми низоми назорати дохилӣ мебошад. «Аз сабаби таваҷҷуҳи кунунӣ ба баланд бардоштани сифати аудити дохилӣ, тааҷҷубовар нест, ки ба чунин савол таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад: Оё таърифи аз ҷониби умум қабулшудаи аудити дохилӣ хусусияти фаъолиятро ба таври кофӣ ифода мекунад?» [20]. Ба ҳар ҳол, мо нуқтаи назари Бичкова С.М., Ковалева О.В. ва онҳоеро, ки аудити дохилиро танҳо ҷузъи низоми назорати дохилӣ мешуморанд, ҷонибдор нестем.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳлил ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти аудити дохилӣ, таърифи муаллифии аудити дохилиро чунин мураттаб намудем:

*Аудити дохилӣ фаъолиятест, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилӣ танзим шуда, ба манфиати моликон ва роҳбарият дар субъекти хоҷагидорӣ амалӣ карда мешавад, ки ба назорат ва таҳлили ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба риояи қонунгузории амалкунанда, баҳодиҳии низоми назорати дохилӣ бо мақсади беҳтар намудани самаранокии фаъолият, коркарди тавсияҳои зарурӣ барои паст намудани хавфҳо то сатҳи мақбул, гузаронидани машваратҳо бо кормандон оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ нигаронида шудааст.*

Талабот ба низоми аудити дохилӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин фаъолият имконияти муайянкунии хавфҳо, роҳандозии тағйироти заруриро дар дохили корхона бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ фароҳам меоварад. Зарурати ворид намудани чунин тағйирот метавонад аз рӯи натиҷаҳои аудитҳои дохилӣ ё арзёбии низоми назорати дохилӣ муайян карда шавад. Вазифаи якхелаи муҳимми аудити дохилӣ, ки бевосита бо низоми назорати дохилӣ дар корхона алоқаманд аст, ташкили назорат бо мақсади пешгирии талафи дороиҳои ташкилот мебошад. Тавре дар боло зикр гардид, ҳар як корманд бо ин ё он шакл дар низоми назорати дохилӣ иштирок мекунад. Ба ин муносибат дар гузаронидани чорабинихои назоратӣ хавфи ғайриобъективият ба амал меояд. Аз ин рӯ, мавҷудияти воҳид ё корманди мустақил дар сохтори созмон, ки баҳодиҳии низоми назорати дохилиро анҷом медиҳад ва бо супориши роҳбарият ё соҳибмулкон аудит мегузаронад, имконияти то ҳадди мақбул ихтисор намудани хавфи мазкурро медиҳад.

Инчунин, аудити дохилӣ барои ташаккули ҷолибияти сармоягузории шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Гузаронидани чораҳои назоратӣ, ки ба ошкор намудани номутобиқатии гуногун бо қонунгузории амалкунанда, коҳиш додани хатарҳо то сатҳи қобили қабул дар арафаи аудити беруна ва дигар санҷишҳо, маслиҳат додан ба кормандони дигар воҳидҳои сохторӣ – инҳо фаъолиятҳое мебошанд, ки ба таври ғайримустақим ҷалби сармояҳоро фароҳам меоранд.

Илова ба вазифаҳои назоратӣ ва таҳлилӣ, аудити дохилӣ метавонад вазифаҳои иттилоотӣ ва машваратиро иҷро кунад. Дар ин маврид ин маънои машварат додани кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва роҳбарони ташкилотро оид ба масъалаҳои

соҳаҳои гуногуни фаъолият дорад. Масалан, машварат дар соҳаи молия, иқтисод, андозбандӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, вобаста ба вазифаи иҷрошаванда, аудити дохилӣ метавонад бо низоми назорати дохилӣ дар корхона муносибати гуногун дошта бошад.

Агар аудити дохилӣ дар ташкилот вазифаҳои назоратро иҷро кунад, пас дар ин ҳолат он бешубҳа ҷузъи низоми назорати дохилии субъекти хоҷагидорӣ хоҳад буд.

Гузаронидани санҷиши аудитории дохилӣ, ки мақсад аз он тасдиқи дурустии ҳисоботи молиявӣ, ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар фаъолияти молиявию хоҷагии шахси ҳуқуқӣ, ошкор намудани шахсони гунаҳкор ва сабабҳои хатогиҳо, тартиб додани тавсияҳо ва пешниҳодҳои гуногун, ки вайронкуниҳои ошкоршударо бартараф мекунанд ё хатарҳоро ба ҳадди ақал ихтисор менамоянд - инҳо фаъолиятҳое мебошанд, ки бевосита ба вазифаҳои низоми назорати дохилӣ алоқаманданд. Маҳз дар ин самт, аудити дохилӣ ҷузъи низоми назорати дохилӣ шуда метавонад (расми 2).

**Расми 2. Сохтори ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхона**
**Figure 2. The structure of the organization of the internal control system in the enterprise**




Аммо ҳангоми арзёбӣ ва таҳлили низоми назорати дохилӣ аудити дохилӣ ҳамчун унсури алоҳида дар сохтори фаъолияти ташкилот ҷойгир карда мешавад, ки мустақил ва объективӣ мебошад. «Аудиторони дохилӣ бояд барои пешбурди идоракунии самараноки корпоративӣ объективӣ бошанд, то аудиторони беруна дар баҳодиҳии дурусти ҳисоботи молиявӣ мунтазам ба кори аудиторони дохилӣ такя кунанд» [21].

Инчунин, аудити дохилӣ метавонад ҳамчун механизми арзёбии самаранокии низоми идоракунӣ «барои мақсаднокии ташкилӣ ва/ё технологии онҳо (яъне аз нуқтаи назари баҳодиҳии маҷмуи усулҳо, технологияҳои идоракунӣ, расмиёти ҷорӣ)» [9] хизмат кунад.

Бояд қайд кард, ки ҷалби ташкилотҳое, ки фаъолияти асосии онҳо ба аудити беруна вобаста аст, барои арзёбии самаранокӣ ва эътимоднокии низоми назорати дохилӣ метавонад дар оянда боиси низоъ гардад.

Бо иҷрои ин вазифа аудити дохилӣ ба таври ғайримустақим масъалаи ташкили низоми оқилонатарин ва қобили қабули назорати дохилиро дар корхона ҳал мекунад. Бояд гуфт, ки ташкили низоми назорати дохилӣ вазифаи роҳбарияти шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар сурати мавҷудияти низоми назорати дохилӣ хадамоти аудити дохилӣ бояд ба арзёбии самаранокӣ ва эътимоднокӣ диққат диҳад. Вақте ки хатогиҳо ва нокомиҳо дар низом ошкор карда мешаванд, бо роҳи муайян кардани сабабҳо корӣ онро то ҳадди имкон оптимизатсия кардан лозим аст. Инчунин, вазифаҳо таҳияи тавсияҳо ва пешниҳоди пешниҳодҳо оид ба тағйироти гуногун дар низомро дар бар мегиранд. Муносибати мутақобилаи аудити дохилӣ ва низоми назорати дохилӣ ба таври зайл сурат мегирад (расми 3).

**Расми 3. Марҳилаҳои алоқамандии аудити дохилӣ бо низоми назорати дохилии корхона**
**Figure 3. The stages of connection of internal audit with the internal control system of the enterprise**




Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, робитаи байни аудити дохилӣ ва низоми назорати дохилӣ муқаррар карда шуд. Муқаррар гардид, ки аудити дохилӣ вобаста ба мақсад ва вазифаҳои

иҷрошаванда метавонад бо низоми назорати дохилӣ дар субъекти хоҷагидорӣ дар таносуби гуногун бошад.

**Таҳлили натиҷаҳои бадастомада**. Ҳангоми таҳлили мафҳумҳои назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ маълум гардид, ки инҳо намудҳои гуногуни фаъолият мебошанд. Дар субъекти хоҷагидорӣ бояд назорати дохилӣ ҳатман ташкил карда шавад. Барои ин кор сардори корхона масъул аст. Низоми назорати дохилиро дар корхона ҳамаи кормандон, инчунин механизмҳо ва тартиботе, ки онҳо истифода мебаранд, ташаккул медиҳанд. Ба вуҷуд овардани назорати умумӣ ва ҳаматарафа барои ҳар як корхона кори номумкин аст. Мақсади асосие, ки менеҷер бо он рӯ ба рӯ мешавад, ташкили чунин низоми назорат аст, ки метавонад ҳама хатоҳо, инҳирофҳо, мушкилот ва лаҳзаҳои ғайриоқилонаи фаъолияти молиявию хоҷагиро сари вақт муайян кунад.

Аудити дохилӣ, дар навбати худ, барои ҳалли ду масъала пешбинӣ шудааст:

1. Баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ.

2. Гузаронидани аудити дохилӣ.

Аз ин рӯ, аудити дохилӣ метавонад бо назорати дохилӣ дар корхона муносибати дигар дошта бошад. Аз як тараф, механизми мустақиле бошад, ки бояд ба рушди низоми назорати дохилӣ баҳо дода, таъсир расонад. Аз тарафи дигар, аудити дохилӣ ҷузъи низоми назорати дохилӣ дар корхона мебошад, зеро гузаронидани чораҳои назоратӣ яке аз вазифаҳои асосии ин намуди фаъолият мебошад. Дар ин ҷо дуализми мафҳуми аудити дохилӣ зоҳир мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Расулов Д.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Аганина Р.Н. Правовое регулирование аудиторской деятельности в РФ: дис. … канд. юр. наук: 12.00.03 / Р.Н. Аганина. –М., 2009. -184 с.
2. Агеев А.И. Аудит системы внутреннего контроля / А.И. Агеев. -М.: Лаборатория книги, 2010. -98 с.
3. Адамс Р. Основы аудита / Р. Адамс; пер. с англ.; под ред. Я.В. Соколова. -М.: Аудит, ЮНИТИ, 1995. -398 с.
4. Андреев В.Д. Внутренний аудит: учеб. пособие по специальностям «Финансы и кредит», «Бухгалтерский учет, анализ и аудит» / В.Д. Андреев. -М.: Финансы и статистика, 2003. -464 с.
5. Аренс Э.А. Аудит / Э.А. Аренс, Дж.К. Лоббек; пер. с англ. -М.: Финансы и статистика, 2003. -558 с.
6. Бычкова С.М. Аудиторская деятельность: теория и практика / С.М. Бычкова. -СПб.: Лань, 2000. -88 с.
7. Внутренний аудит: учебное пособие / под ред. Ж.А. Кеворкова. -М.: ЮнитиДана, 2013. -319 с.
8. Додж Р. Краткое руководство по стандартам и нормам аудита / Р. Додж. -М.: Финансы и статистика, 1992.
9. Жминько С.И. Внутренний аудит / С.И. Жминько, О.И. Швырёва, М.Ф. Сафонова. -Ростов н/Д: Феникс, 2008. -316 с.
10. Закон Сарбейнса – Оксли. [Электронный ресурс]. URL: http://www.sec. gov/about/laws/soa2002.pdf (дата обращения: 25.05.2023).
11. Ковалева О.В. Аудит: Учеб. пособие / О.В. Ковалевой, Ю.П. Константинов. -М.: Приор-издат, 2003. -320 с.
12. Литвин Д.В. Основы общего аудита / Д.В. Литвин, Е.П. Богданова, Л.В. Михеева. -М.: Маркет ДС, 2010.
13. Мельник М.В. Ревизия и контроль: учеб. пособие / М.В. Мельник, А.С. Пантелеев, А.Л. Звездин. -М.: ИД ФБК-ПРЕСС, 2003. -520 с.
14. Подольский В.И. Международные и внутрифирменные стандарты аудиторской деятельности: Учеб. пособие / В.И. Подольский, А.А. Савина, Л.В. Сотникова. -М.: Вуз. учебник, Инфра-М, 2010.
15. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б.. Стародубцева. -М.: ИНФРА-М, 2006.
16. Робертсон Дж. Аудит / Дж. Робертсон; пер. с англ. -М.: KPMG, Контакт, 1993.
17. Собуа Т. Организация и методика внутреннего аудита хозяйствующих субъектов: автореф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.12. [Электронный ресурс]. URL: http://dlib. rsl.ru/viewer/01003462300#?page=1 (04.06.2023).
18. Черненко А.Ф. Формирование стоимости услуг аудита / А.Ф. Черненко, А.С. Сумкин // Международ. бух. учет. - 2012. -№8. -С.41-51.
19. CFO Magazine: The Trouble with COSO. [Электронный ресурс]. URL: http://ww2.cfo.com/accountingtax/2006/03/the-trouble-with-coso/ (дата обращения: 25.03.2015).
20. Chambers A.D. New guidance on internal audit – an analysis and appraisal of recent developments / A.D. Chambers // Managerial Auditing Journal. - 2014. -Vol. 29. -Issue 2. -P.196-218.
21. The effect of using the internal audit function as a management training ground on the external auditor’s reliance decision / W. Messier, J. Reynolds, C. Simon, D. Wood // The Accounting Review. - 2011. -Vol. 86. -P. 2131–2154.


## АУДИТИ ДОХИЛӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ: МУАЙЯНКУНИИ РОБИТА ВА МУНОСИБАТ


Мақсади ин тадқиқот таҳияи мафҳумҳо ва робитаи возеҳ байни аудити дохилӣ ва назорати дохилӣ дар доираи фаъолияти молиявию иқтисодии субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Диққати асосӣ дар таҳқиқот

ба таҳлил ва арзёбии таърифҳои мутахассисони гуногун, инчунин, ба меъёрҳои қонунгузории байналмилалӣ дода шудааст. Натиҷаи асосии тадқиқот муайянкунии фарқияти байни мафҳумҳои назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ мебошад. Умумият ва фарқияти байни аудити дохилӣ ва низоми назорати дохилӣ муқаррар карда шудааст. Исбот шудааст, ки аудити дохилӣ на танҳо ҷузъи низоми назорати дохилӣ мебошад. Самтҳои асосии фаъолияти аудити дохилӣ бо муайян кардани фарқиятҳо аз вазифаҳои низоми назорати дохилӣ номбар шудаанд. Муайян карда мешавад, ки низоми назорати дохилӣ воҳиди алоҳидаи сохтории корхона нест. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот инчунин, таърифи муаллифии аудити дохилӣ омода карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, назорати дохилӣ, низоми назорати дохилии ташкилот, консепсияи маҷмуи назорати дохилӣ, кумитаи аудит, муҳити назорат, унсурҳои назорати дохилӣ.

**ВНУТРЕННИЙ АУДИТ И ВНУТРЕННИЙ КОНТРОЛЬ: ОПРЕДЕЛЕНИЕ ВЗАИМОСВЯЗИ И ОТНОШЕНИЙ**

Целью настоящего исследования является формулирование дефиниций и четкой взаимосвязи внутреннего аудита и внутреннего контроля в рамках финансово-хозяйственной деятельности экономического субъекта. Основной акцент при написании работы был сделан на анализ и оценку определений различных специалистов, а также на международные законодательные нормы. Основным результатом исследования является разграничение понятий внутреннего контроля и внутреннего аудита. Установлены общность и различие между внутренним аудитом и системой внутреннего контроля. Доказано, что внутренний аудит по своей сути не является только компонентом системы внутреннего контроля. Перечислены основные направления деятельности внутреннего аудита с установлением отличий от функций системы внутреннего контроля. Обосновано, что система внутреннего контроля не является отдельным структурным подразделением предприятия. По результатам исследования также подготовлено авторское определение внутреннего аудита.

**Ключевые слова:** внутренний аудит, внутренний контроль, система внутреннего контроля организации, интегрированная концепция внутреннего контроля, комитет по аудиту, контрольная среда, элементы внутреннего контроля.

**INTERNAL AUDIT AND INTERNAL CONTROL: DEFINITION OF RELATIONSHIPS**

The purpose of this study is to formulate definitions and a clear relationship between internal audit and internal control within the framework of the financial and economic activities of an economic entity. The main emphasis in writing the work was placed on the analysis and evaluation of the definitions of various specialists, as well as on international legislative norms. The main result of the study is the distinction between the concepts of internal control and internal audit. The commonality and difference between internal audit and the internal control system are established. It is proved that internal audit is inherently not only a component of the internal control system. The main activities of internal audit are listed with the establishment of differences from the functions of the internal control system. It is substantiated that the internal control system is not a separate structural subdivision of the enterprise. Based on the results of the study, the author's definition of internal audit was also prepared.

**Keywords**: internal audit, internal control, internal control system of the organization, integrated concept of internal control, audit committee, control environment, elements of internal control.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳукматов Давлатҷон Ҷамшедович*** – Филиали донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Левакант, кӯчаи Рудакӣ, 21. E-mail: **sohibkortvt@mail.ru.** Телефон: **+992919-11-11-64**

**Сведения об авторе:** ***Хукматов Давлатджон Джамшедович*** **–** Филиал международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в Хатлонской области, заведующий кафедрой экономической теории и гуманитарных наук. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Левакант, улица Рудаки, 21. E-mail: **sohibkortvt@mail.ru.** Телефон: **+992 919-11-11-64**

**Information about the author:** ***Hukmatov Davlatjon Jamshedovich*** **-** Branch of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in Khatlon region, Head of the Department of Economic Theory and Humanities. **Address:** Republic of Tajikistan, Levakant, Rudaki street, 21. E-mail: **sohibkortvt@mail.ru.** Phone: **+992 919-11-11-64**

ТДУ: 336.41

# ШАКЛ, УСУЛҲО ВА ТАШКИЛИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ БОНКӢ

***Ғаюров Ғ.Ҳ., Одинаев С.П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавқеи марказии низоми бонкӣ дар байни дигар унсурҳои инфрасохтори иқтисодӣ таърихан муайян карда шудааст, аз ин рӯ зарур аст, ки марҳилаҳои асосии ташаккули низоми бонкӣ ва рушди бонкдорӣ дар кишварҳои пешрафта ва Тоҷикистон ба таври мухтасар таҳлил карда шавад. Муқоисаи мазкур вижагиҳоеро, ки ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон хос мебошанд ва мутаносибан дараҷаи дар амалияи ватанӣ татбиқ намудани таҷрибаи хориҷӣ, бахусус идоракунии давлатии бахши бонкиро муайян месозад.

Раванди ташаккули бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ вобаста ба шарҳи мафҳуми бонк ва хусусиятҳои бунёдии он ба давраҳои гуногун тааллуқ дорад. Бархе аз иқтисоддонҳои ватанӣ (Раҳимов З.А., Талбаков Н.Т., Раҳимов Р.И., Обидов Ф.С., Бердиев Р.Б.) ва аксарияти иқтисоддонҳои хориҷӣ (Жуков А.В., Лаврушин О.И., Костерина А.С.) пайдоиши аввалин муассисаҳоеро, ки амалиёти (мубодилаи асъор, қарздиҳӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ва ғайра) анҷом медоданд, ки баъдан онҳо сирф бонк шуданд, ба замони қадим нисбат медиҳанд, яъне бонк ҳамчун корхонае маънидод мешавад, ки маҷмуи мушаххаси хизматрасониро пешкаш мекунад [12,с.93].

Бояд гуфт, ки шарҳи мафҳуми бонк дар қонунгузорӣ низ ба ҳамин мазмун асос ёфтааст. Масалан, Бонки Англия, тибқи қонуни соли 1979 "муассисаи қарзӣ, ки дар низоми молиявӣ мақоми хосса дорад ва доираи васеи хизматрасониҳоро пешниҳод мекунад, ё ба категорияи муайяни хизматрасониҳо тахассус дорад" [1,с.34], ҳамчун бонк эътироф карда мешавад. Дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон бонк ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, ки бо мақсади ба даст овардани фоида ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти худ ташкил мешавад ва дорои ҳуқуқи истисноӣ мебошад, аз ҷумла ҳуқуқ ба иҷрои амалиёти ҷалби амонату пасандозҳо ва равона сохтани онҳо дар шакли қарз бо шартҳои баргардонидану фоизнокӣ дар як вақти муайян ва кушодани суратҳисобҳоро дорад, маънидод карда мешавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мафҳуми бонк чунин шаҳр дода шудааст: «бонк - ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад» [6; 1].

Илми иқтисодии замони Шуравӣ бонкро ҳамчун корхонаи капиталистии навъи махсус эътироф мекунад, ки аз ҳисоби ташаккул ва истифодаи сармояи қарзӣ фоида ба даст меорад, яъне иқтисодчиён пайдоиши бонкҳоро бо пайдоиши муносибатҳои истеҳсолии капиталистӣ бевосита алоқаманд медонанд [5,с.196-197].

Ҷиҳати омӯзиши амиқ ва баҳодиҳии мавқеи бонкҳо дар иқтисодиёт, зарур аст, ки марҳилаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ карда шавад.

Марҳилаи якуми фаъолияти бонкҳо дар асрҳои XIV-XVI давом кард (аввалин бонкҳо дар Барселона (1401) ва Генуя (1407) ташкил карда шуданд), бо пайдоиши бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст [2,с.388]. Асоси иқтисодии ин раванд ташаккули муносибатҳои истеҳсолии капиталистӣ дар мамлакатҳои хеле тараққикардаи Аврупо ва баъд аз он ҷудо шудани як қисми сармояи тиҷоратию саноатӣ дар шакли сармояи қарзӣ ва дар дасти сармоягузорон муттамарказ шудани он буд, ки мақсади асосӣ аз худ кардани як қисми арзиши изофае, ки дар истеҳсолот ва савдо ба вуҷуд оварда шудааст, дар шакли фоиз ба ҳисоб мерафт [7,с.72-73].

Баръакси бонкҳои муосир, бонкҳои он замон худашон бо роҳи ҷалби захираҳои молиявии бесамар истифодашуда барои ба соҳаи истеҳсолот равона кардани онҳо сармояи қарзӣ ташкил намекарданд, балки фақат қисми сармояи тиҷоратию саноатии

муваққатан дар раванди муомилот баровардашударо аз нав тақсим карда, ба баланд шудани самараи он мусоидат менамуданд.

Омили асосии муайянкунандаи мавқеъ ва нақши бонкҳо дар иқтисодиёт мустақилияти муомилоти пул буд, ки ба он тангаҳои пурқимати тиллоӣ ва нуқрагӣ хизмат мекард. Ин раванд зарурати сохтори махсуси институтсионалии нигоҳдории он, инчунин, танзими давлатии пулию қарзиро аз байн бурд. Зеро шумораи воситаҳои пардохт дар муомилот ва таносуби нарх ба таври худкор аз тарафи бозор танзим карда мешуд, ки талаботи ҳақиқии иқтисодиётро ба таври бояду шояд инъикос мекард.

Давлатҳо аллакай дар ин марҳила аз қарзҳои бонкӣ барои маблағгузории хароҷоти давлатӣ, аз ҷумла бонкҳое, ки барои ин мақсад ташкил шудаанд, истифода мебурданд. Аммо, дар маҷмуъ давлат ҳеҷ гуна сиёсати самараноки иқтисодӣ, аз ҷумла нисбат ба бонкҳоро пеш намегирифт.

Ҳамин тариқ, фаъолияти бонкӣ ҳамчун як намуди фаъолияти соҳибкорӣ барои расонидани хизматрасониҳои мухсус ба савдо ва қисман ба давлат пайдо шуд, ки нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ бартарии ҷиддӣ надорад.

Марҳилаи дуюми рушди бонкҳо, ки асрҳои XVII-XVIII-ро дар бар мегирад, бо аломатҳои тағйироти куллии аҳаммияти макроиқтисодии онҳо хос буда, бо пайдоиш ва паҳншавии васеи воситаҳои қарзии универсалӣ алоқаманд аст, ки асосан эмитентҳои онҳо бонкҳои тиҷоратӣ буданд.

То он вақт як қисми гардиши пардохтро на пулҳои металлӣ, балки векселҳои тиҷоратӣ низ таъмин менамуданд, вале муомилоти векселҳо як қатор хусусиятҳое дорад, ки истифодаи векселро ҳамчун воситаи универсалии пардохт мушкил мегардонад: аввалан, вексел уҳдадории таъхирнопазир буда, дар муомилот доимӣ буда наметавонад; дуюм, векселҳо аз ҷониби шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидор бароварда мешаванд, ки қобилияти пардохтпазирии аксари эмитентҳо маълум нест ё ба доираи маҳдуди одамон маълум аст; сеюм, векселҳо шарту ҳаҷм ва муҳлати пардохти гуногун доранд, ки баҳо додан ва муқоиса карданро бо ҳамдигар душвор мегардонад.

Баробари тараққӣ ёфтани истеҳсолоти молии капиталистӣ муомилоти молӣ, аз ҷумла савдои байналхалқӣ бо суръати тез афзуд, ки ин аз як тараф, зарурияти дар муомилот васеъ намудани муомилоти пулро ба миён овард ва аз ҷониби дигар, камбудиҳои пулҳои металлиро ошкор намуд.

Ҳамин тариқ, зарурати иваз кардани пулҳои воқеӣ бо воситаҳои пардохт, ки арзиши хосси худро надоранд, вале миқдори муайяни пулҳои металлиро ифода мекунанд, пеш омад.

Аввалин эмитентҳои ин гуна воситаҳо Жиробонкҳо буданд, ки дар шаҳрҳои калони савдо ташкил карда шуда буданд (соли 1609 дар Амстердам чунин бонкҳо ба миён омадаанд). Муштариёни Жиробонкҳо тангаҳо ва рехтаҳоро ба амонат гузошта, дар ҳолати зарурӣ ба восита чекҳое, ки бонк бар ивази онҳо пули нақд медод, интиқоли пулӣ анҷом медоданд [4,с.23]. Чунин бонкҳо бо иштирок ва таҳти назорати давлат таъсис дода мешуданд, зеро ягона кафолати мубодилаи чекҳо обрӯи бонк буд, ки бо мақоми давлатӣ тасдиқ карда мешуд. Жиробонкҳо амалиёти фаъоли қарздиҳиро анҷом намедоданд, нигоҳ доштани пули нақдро барои иваз кардани чек афзалтар медонистанд ва манбаи асосии даромадашон музди аз пасандозгузорон ситонидашуда ба ҳисоб мерафт.

Баробари ҷамъ шудани таҷрибаи муомилоти пулию қарзӣ ва афзудани боварӣ ба онҳо тасаввурот дар бораи имконияти номаҳдуди ба вуҷуд овардани воситаҳои пардохт бо роҳи эмиссияи бетаъмин ба миён омад. Таъсири иловагии афзоиши ҳаҷми пул бо ин роҳ аз ҷониби эмитент ин азхудкунии даромади эмитент, яъне фарқияти байни арзиши номиналии воситаҳои пардохтии муомилотӣ ва хароҷоти муомилоти онҳо мебошад.

Бо мақсади пӯшонидани касри буҷа аксар мамлакатҳои Аврупо бонкҳои махсуси эмиссионӣ таъсис доданд, ки онҳо дорои ҳуқуқи баровардани уҳдадориҳои қарзии бефоиз (коғазҳои қиматнок, варақаҳои қарзӣ) буданд. Воситаҳои мазкурро дар гардиши пардохтӣ, дар баробари пулҳои филизӣ истифода бурдан мумкин буд ва чунин коғазҳо ба соҳибаш ҳуқуқ медод, ки онҳоро ба тангаҳои воқеӣ иваз намояд. Бонкҳои эмиссионӣ дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ таъсис ёфта, дар зери назорати давлат буданд.

Нахустин бонки эмиссионӣ соли 1694 дар Англия бо қарори Парламент барои як амалиёт-додани қарз ба хазина таъсис ёфта буд. Баъдан, Бонки Англия дар баробари дигар бонкҳо бидуни мақоми махсус фаъолият мекард [7,с.75].

Аксари амалиёти фаъоли бонкҳои эмиссионӣ қарздиҳӣ ба давлат ё хариди уҳдадориҳои қарзии он буда, манбаи асосии ин гуна фаъолиятҳо муомилоти пулҳои коғазӣ буд. Вобастагии бонкҳо аз давлат боиси зиёд шудани ҳаҷми эмиссияи пул, мутаносибан қатъ гардидани мубодилаи уҳдадориҳои бонкҳои эмиссионӣ ба тилло ва беқурбшавии пул гардид.

Фаъолияти бонкҳои ғайриэмиссионӣ дар Англия, дар асри XVIII ба вуҷуд омадааст, ки инро А. Смит дар назарияи қарзҳои тиҷоратӣ муфассал баён намудааст [13,с.98]. Тибқи ин назария, барои таъмини устувории фаъолияти бонкӣ қарзҳо бояд танҳо бо роҳи ба даст овардани (баҳисобгирии) векселҳои кӯтоҳмуддат дода шаванд. Яъне миёнаравӣ дар пешбурди мол аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда, ки ба қадри кофӣ баргардонидани қарз кафолат дода, мувофиқати дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкро сари вақт таъмин намояд. Тибқи назарияи мазкур бонкҳо бояд танҳо қарздиҳиро дар марҳилаи истеҳсолот ва истеъмолот ба роҳ монанд, инчунин, сармоягузориҳои дарозмуддат ва амалиёти молиявиро истисно мекард, ки ин доираи фаъолияти бонкҳоро хеле маҳдуд мегардонад.

Гузашта аз ин, бонкҳои эмиссионӣ векселҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла векселҳои дар сандуқи бонкҳои тиҷоратӣ мавҷудбударо хариданд ва ба ивази онҳо пулҳои коғазӣ-уҳдадориҳои қарзии бефоиз бо арзиши номиналӣ баровварданд, ки ба туфайли ин хусусиятҳо ва эътибори эмитентҳо барои муомилот хеле қуллай буданд. Ҳамин тариқ, бонкҳо дар соҳаи муомилот ва умуман иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол намуданд, вале истеҳсолот ҳанӯз бо бонкҳо он қадар алоқаи зич надошт.

Тавре дар боло зикр гардид, дараҷаи иштироки давлат дар идоракунии бахши бонкӣ хеле назаррас буд, вале иқтисодиёт ҳанӯз объекти дахолати давлат нагардидааст, сарфи назар аз буҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ, ки онро дар асри XVIII Д. Рекардо асоснок карда буд, яъне падидае, ки бидуни истисно ба тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ таъсир мерасонад ва аз ин рӯ, дахолати муайяни давлатро талаб кард.

Дар ҳамин давра бозори фондӣ ба вуҷуд омад ва ташаккул ёфт, ки тараққиёти минбаъдаи фаъолияти бонкӣ ва умуман иқтисодиётро пешакӣ муайян намуд. Пеш аз ҳама, ин ба пайдо шудани шакли куллан нави ташкили корхонаҳои тиҷоратӣ - саҳомӣ (аввалин ҷамъияти саҳомӣ соли 1600 таъсис ёфта буд) дахл дорад, ки имкониятҳои иқтидории муттаҳид намудани субъектҳои хоҷагиро васеъ намуда, сармояи пештар истифоданашударо ба истеҳсолот ҷалб намуданд [3,с.95]. Барои бонкҳо бозори коғазҳои қиматнок ҳам манбаъҳои нави захираҳои қарзӣ ва ҳам самтҳои нави татбиқи онҳо, инчунин, имкони рушди намудҳои нави хизматрасониҳои миёнаравиро фароҳам овард.

Марҳилаи сеюм (асри XIX - ибтидои асри XX) бо анҷомёбии инқилоби саноатӣ дар мамлакатҳои хеле тараққикардаи саноатӣ ва ба марҳилаи инҳисорӣ дохил шудани истеҳсолоти капиталистӣ алоқаманд аст, ки он дар бахши бонкӣ дар бозсозии сифатӣ зоҳир гардид. Бонкҳои тиҷоратӣ, ба қавли В.И. Ленин, аз «миёнаравони хоксор», ки ба сармоядорони саноатӣ қарз медоданд ва ба ҳисобу китоб ва пардохтҳои онҳо хизмат мерасонданд, ба як «инҳисоркунандаҳои пуриқтидор», ки дар асл қисми зиёди сармояи миллиро зери назорат доштанд, табдил ёфтааст [9,с.16].

Асоси иқтисодии ин раванд, ҷалби сармояи нав ба фаъолияти истеҳсолӣ бо роҳи қарзгирӣ аз бахши ғайриистеҳсолӣ тавассути бонкҳои тиҷоратӣ (тавассути амалиёти амонатӣ ва қарзӣ) ва бевосита (ба воситаи барориши коғазҳои қиматнок, ки дар он одатан бонкҳо хамчун миёнарав низ баромад мекарданд) ба ҳисоб мерафт. Яке аз зуҳуроти намоёни раванди мазкур ин бавуҷудоии корхонаҳои бузурги тиҷоратӣ ва саноатӣ, инчунин, афзудани ҳиссаи маблағҳои қарзии дар саноат истифодашаванда дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун миёнаравҳои молиявии шакли муосир тақвият ёфтанд, ки вазифаҳои онҳо: мутобиқ намудани талаботҳои қарздиҳандагон ва қарзгирандагон аз рӯи муҳлат, ҳаҷм ва шартҳои дигар, яъне дар асл ба сармояи қарзӣ табдил додани маблағҳои ночизи пулии субъектҳои гуногуни хоҷагидор тааллуқдошта;

идоракунии захираҳои ҷалбгардида аз номи худ бо мақсади ба даст овардани даромади зиёд; камкардани хавфи сармоягузорӣ бо роҳи диверсификатсияи захираҳо (тақсимоти онҳо дар самтҳои гуногун) ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, вазифаҳои нави бонкҳо ҳамчун миёнаравҳои молиявӣ низоми бонкиро аз як тиҷорати одӣ ба як қисми зарурии инфрасохтори бозорӣ табдил доданд, ки ба ҳаракати сармояи пулӣ хизмат мерасонад.

Ба андешаи К. Маркс бонкҳо танҳо шакли азнавтақсимкунии умумии захираҳоро дар иқтисодиёт ба вуҷуд меоранд, вале В.И. Ленин таъкид кардааст, ки ин азнавтақсимкунӣ дар ҳақиқат вуҷуд дорад [9,с.16-17]. Чунин азнавтақсимкунӣ ба туфайли қобилияти ҳуқуқ моликиятдории сармоя ва ҳуқуқи истифодаи амалии он (ихтиёрдории он) дар байни ду шахс имконпазир аст ва ин азнавтақсимкунӣ вақте ба амал меояд, ки бонк сармояро ба сармоядори саноатӣ ба сифати қарз медиҳад ва ба ин васила соҳиби як қисми сармояи саноатӣ мегардад. Рушди истеҳсолоти сармоядорӣ ҳамчун усули ҳукмрон боиси бартарии шакли вазифавӣ-пулии сармоя гардид. Яъне шаклҳои молӣ ва истеҳсолӣ сармоя дар сатҳи мобайнӣ такрористеҳсолии сармояи пулиро таъмин менамояд, ки дар натиҷаи ин “азнавтақсимкунии умумии захираҳо дар иқтисодиёт” амалан ба азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ, яъне соҳаи фаъолияти муассисаҳои бонкӣ табдил ёфт.

Сармояи бонкӣ дар ибтидо як қисми сармояи саноатӣ буд, вале тадриҷан қисми зиёди он ба дигар манбаъҳо асос ёфтан гирифт, ки ин ба бонкҳо имкон дод, то вобастагиро аз сармоядорони саноатӣ ва савдо бартараф намуда, нисбат ба онҳо мавқеи ҳукмрониро ишғол намоянд ва назоратро аз болои манбаҳои иловагии маблағгузории истеҳсолот дар дасти худ нигоҳ доранд.

Мавқеи инҳисории сармояи бонкӣ ба соҳибони он (аз ҷумла амонатгузорони бонкӣ) фоидаи устувор ва баландро дар сатҳи хеле пасти хавф нисбат ба сармоягузорӣ ба амалиёти тиҷоратӣ ё истеҳсолот таъмин намуд, ки боиси ба бахши бонкӣ ворид шудани сармояи озод ва ба таври объективӣ мустаҳкам шудани мавқеи бонкҳо ҳамчун идоракунандаи сармояи ҷамъиятӣ гардид.

Ҳамин тариқ, ин омилҳо дар кишварҳои пешрафта боис шуданд, ки тақрибан тамоми иқтисод аз ҷониби якчанд бонкҳои калон ва гурӯҳҳои бонкӣ таҳти назорати худ қарор гиранд.

Амиқтар шудани вобастагии байниҳамдирагии ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла ҳукумат, таҳкими муносибатҳои онҳо бо бонкҳо, муттаҳидшавии ҷомеаи бонкӣ зарурати андешидани чораҳои назорати хавфи системавӣ, ки дар бахши бонкӣ ба вуҷуд омадааст, метавонанд ба тамоми иштирокчиёни бозор таъсири манфӣ расонанд.

Ба ин васила, барои давлат зарурати маҳдуд кардани «минтақаи хавф» тавассути ҷилавгирӣ аз афзоиши шумораи бонкҳо, муқаррар намудани талаботи сифатӣ нисбат ба онҳо ва муттаҳид сохтани фаъолияти бонкӣ пеш омад. Бартарӣ доштани “пули бонкӣ” дар низоми пардохт зарурияти эътирофи бонкҳоро ҳамчун ташкилотҳои боэътимод ба миён овард, ки ба ин танҳо дар сурати андешидани чораҳои муайяни назорати давлатӣ ноил шудан мумкин аст.

Маҳз, ҳамин сабабҳо боис гардид, ки дар ҳамин давра аввалин қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ қабул карда шуданд ва ба мақомотҳои давлатӣ ҷиҳати таъсир расонидан ба бонкҳои тиҷоратӣ баъзе ваколатҳо доданд. Дар натиҷа, бонкҳо ҳамчун ташкилотҳои махсусе шинохта шуданд, ки ҳуқуқи инҳисорӣ барои анҷом додани баъзе намудҳои фаъолият доранд, вале таҳти назорати давлат мебошанд.

Тибқи ақидаи Шульце-Геверница, дар дасти бонкҳо тамаркуз ёфтани фишангҳои назорати иқтисодӣ имкон дод, ки тавассути таъсиррасонӣ ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ “танзими бошуурона”-и иқтисодиёт ба роҳ монда шавад. Татбиқи амалии чунин танзим талаб мекунад, ки мавқеи давлат дар бахши бонкӣ бо роҳи милликунонӣ ё шакли дигари таъмини назорат аз болои бонкҳои эмиссионӣ ва муттаҳидшавии онҳо (масалан, дар соли 1844 Бонки Англия миллӣ карда шуд, дар соли 1875 ҳамаи бонкҳои эмиссионии Олмон бо маҳдуд кардани ҳуқуқҳои саҳмиядорони онҳо якҷоя карда шуд) баланд бардошта шавад.

Ҳамин тарик, метавон қайд кард, ки то охири асри XIX низоми ягонаи бонкӣ, ки дар он мақоми марказӣ ба бонки эмиссионӣ-давлатӣ дода шудааст, ташаккул ёфтааст.

Марҳилаи чоруми рушди низомҳои бонкӣ аз ташаккули бонкҳои марказӣ (эмиссионӣ)-и шакли муосир (яке аз аввалин низоми мазкур – низоми федералӣ-захиравии ИМА мебошад, ки соли 1913 таъсис ёфтааст) оғоз ёфт, ки хусусиятҳои асосии онҳо қатъиян даст кашидан аз амалиёт бо ташкилотҳои ғайрибонкӣ, худмухторӣ аз ҳукумат ва ваколатҳои васеи маъмурӣ нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

В. Юровитский чунин мешуморад, ки таъсиси воқеии низоми ягонаи мутамаркази бонкӣ бо даст кашидан аз стандарти тиллоӣ ва гузаштан ба пулҳои суратҳисобӣ алоқаманд аст, ки он намояндаи маҳсулоти пулӣ дар муомилот нест, балки танҳо уҳдадориҳои низоми бонкӣ мебошанд. Зеро дар чунин шароит бе сохтори қатъии низоми бонкӣ ва назорати давлатӣ аз болои фаъолияти он ҷудошавӣ ва мутаносибан самарнокии низоми пулиро таъмин кардан ғайриимкон аст [14,с.14-15].

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки низоми бонкӣ дар ҳама марҳилаҳои рушди худ, чи дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар дигар кишварҳо ҳамчун ниҳоди институтсионалӣ (намудҳои ташкилотҳои қарзӣ) ва вазифавӣ (намудҳои амалиёти бонкӣ) вуҷуд дорад, ки дар зери таъсири омилҳои нисбатан мустақил инкишоф ёфта, якҷоя шароити тараққиёти иқтисодиётро таъмин мекунанд. Яке аз омилҳои муҳиме, ки дар тамоми таърихи худ ба сохтори низоми бонкӣ таъсир расонидааст, танзими давлатӣ мебошад, ки бо мақсади мутобиқ гардонидани фаъолияти низоми бонкӣ ба талаботи ҷомеа сурат мегирад ва рушди муътадили онро таъмин менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Қодиров А.В.**

**АДАБИЁТ**


1. Банки Англии: история и действительность // Журнал ПЛАС. – 2001. -№4(64).
2. Бродель Ф. Материальная цивилизация, экономика и капитализм XV-XVIII в. / Ф. Бродель. -М.: Прогресс, 1988. -Т.2. -632 с.
3. Гаюров Г.Х. Исследование теоретико-практических аспектов деятельности коммерческих банков и его влияния на экономическое развитие страны / Г.Х. Гаюров, С.П. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№10. -С.94-99.
4. Государственное регулирование рыночной экономики / Под общей редакцией д.э.н., профессора В.И. Кушлина. -2-ое изд., дополненное и переработанное. –М.: Издательство РАГС, 2005. -С.349.
5. Деньги. Кредит. Банки: Учебник. / Под ред. Г.Н. Белоглазовой Белоглазова Г.Н. -М.: Высшее образование, 2009. -392 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» №782 аз 26.12.11с.
7. Қурбонов А.К. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ / А.К. Қурбонов, С.П. Одинаев, Ф.О. Худоиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. -№7. -С.71-78.
8. Лаврушин О.И. Устойчивость банковской системы и развитие банковской политики: монография / О.И. Лаврушин. –М.: КноРус, 2016. -280 с.
9. Ленин В.И. Империализм как высшая стадия капитализма / В.И. Ленин. -М.: Политиздат, 1989. -123 с.
10. Одинаев С.П. Бонки миллии Тоҷикистон ва нақши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / С.П. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021. -№2. -С.179-186.
11. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: нақш, мақом ва аҳамияти онҳо дар муносибатҳои иқтисодии муосир / С.П. Одинаев // Ахбори АИ ҶТ. –Душанбе, 2019. -№4(257). -С.143-148.
12. Одинаев С.П. Таҳқиқи фаъолияти бонкҳо ва самтҳои асосии рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.П. Одинаев, А.К. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№9. -С.91-98.
13. Соколов Б.И. Из истории социально-экономической мысли и народного хозяйства / Б.И. Соколов, А.В. Канаев // Проблемы современной экономики. – 2007. -№2(22).
14. Юровицкий В.М. Какой быть банковской системе в России? / В.М. Юровицкий // Финансовый бизнес. -1994. -№9. -С.13-18.


## ШАКЛ, УСУЛҲО ВА ТАШКИЛИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ БОНКӢ


Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои асосии ташаккули низоми бонкӣ ва рушди бонкдорӣ дар кишварҳои пешрафта ва Тоҷикистон, инчунин, ташаккули ҳамкории байни давлат ва низоми бонкӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Асоснок гардидааст, ки ҳар як марҳилаи тараққиёти бонкдорӣ на танҳо бо тағйироти куллии фаъолияти худи бонкҳо, балки дар муносибатҳои байни бонкҳо бо дигар субъектҳои хоҷагидор, дар навбати аввал давлат низ фарқ мекунад. Муаллифон дар мақола дарҷ менамоянд, ки амиқтар шудани вобастагии байниҳамдирагии ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла

ҳукумат, таҳкими муносибатҳои онҳо бо бонкҳо, муттаҳидшавии ҷомеаи бонкӣ, зарурати андешидани чораҳои назорати хавфи системавиро ба вуҷуд овард. Дар баробари ин, ташаккули фаъолияти бонки марказӣ, ки дар идоракунии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун намояндаи давлат баромад мекунад, дар шароити кунунӣ метавонад ба баланбардории нақши давлат дар идоракунии бахши бонкӣ мусоидат намояд. Дарҷ гардидааст, ки яке аз омилҳои муҳиме, ки дар тамоми таърихи худ ба сохтори низоми бонкӣ таъсир расонидааст, танзими давлатӣ мебошад, ки бо мақсади мутобиқ гардонидани фаъолияти низоми бонкӣ ба талаботи ҷомеа сурат мегирад. Ҳамин тавр, аз ҷониби муаллифон ҷиҳати тақвияти ҳамкории байни давлат ва бахши бонкӣ, инчунин, зарурияти идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосир як қатор тавсияҳо пешниҳод шудааст, ки метавонад боиси рушди соҳа гардад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, бонки марказӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо, низоми бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, бахши бонкӣ, танзими бонкӣ, идоракунии бахши бонкӣ, назорати бонкӣ.

## ФОРМЫ, МЕТОДЫ И ОРГАНИЗАЦИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА С БАНКОВСКИМ СЕКТОРОМ

В статье изучены основные этапы формирования банковской системы и развития банковского дела в развитых странах и Таджикистане, а также становление сотрудничества государства и банковской системы. Доказано, что каждый этап развития банковского дела отличается не только кардинальными изменениями в деятельности самих банков, но и в отношениях между банками и другими хозяйствующими субъектами, в первую очередь государством. В статье автор констатирует, что углубление взаимозависимости всех хозяйствующих субъектов, в том числе государства, укрепление их отношений с банками, консолидация банковского сообщества создали необходимость принятия мер по контролю над системным риском. В то же время формирование деятельности центрального банка, выступающего представителем государства в управлении кредитными организациями, в современных условиях может способствовать повышению роли государства в управлении банковским сектором. Отмечается, что одним из важных факторов, влиявших на структуру банковской системы на протяжении всей ее истории, является государственное регулирование, которое осуществляется с целью адаптации банковской системы к потребностям общества. Таким образом, автор предложил ряд рекомендаций по укреплению сотрудничества государства и банковского сектора, а также необходимость государственного управления банковским сектором в современных условиях, что может привести к развитию банковской системы.

**Ключевые слова:** экономика, центральный банк, Национальный банк Таджикистана, банки, банковская система, банковская деятельность, кредитные организации, коммерческие банки, банковский сектор, банковское регулирование, управление банковским сектором, банковский надзор.

## FORMS, METHODS AND ORGANIZATION OF STATE COOPERATION WITH THE BANKING SECTOR

Гуфтан душвор аст, ки ҳолати мазкур камбудии ААИ аст ё не. Маълум аст, ки низоми андоз аз фурӯш содатар буда, дар он андозсупорандагон камтаранд ва ин маънои онро дорад, ки назоратро ба фаъолияти онҳо метавон пурзуртар кард. Аммо ин ҳам равшан аст, ки дар низоми андоз аз арзиши иловашуда миёнаравҳо андозбандӣ мешаванд ва инро аллакай бартарии равшани ин андоз донистан мумкин аст. Инчунин, дар системаи андоз аз арзиши иловашуда корхонаҳо аз зарурати санҷиши мақоми харидории мол озод мешаванд (хоҳ вай дар занҷир охирин аст ё охир нест), ҳама чиз ба таври автоматӣ (худкор) сурат мегирад.

Тавре тадқиқоти мутахассисони хориҷӣ нишон медиҳад, ҳаҷми ҷамъоварии андоз аз фурӯш аз бисёр ҷиҳат аз меъёри он вобаста аст. Мушоҳида шудааст, ки вақте меъёри андоз аз фурӯш аз сатҳи 10% боло меравад, саркашӣ аз пардохти ин андоз ба таври муназзам зиёд мешавад (шахсони воқеӣ бештар ба харидани мол тавассути интернет шуруъ мекунанд, шаҳрвандон худро корхона «вонамуд мекунанд», молро яклухт мехаранд, ба воситаи корфармои худ мол мехаранд ва ғайра) [9,с.136]. Дар чунин ҳаҷм афзоиш ёфтани меъёри андоз аз арзиши иловашуда, ҳеҷ гоҳ ба афзоиши назарраси саркашӣ аз пардохти андоз оварда намерасонад. Дар айни замон чунин нишон медиҳанд, ки таъсири амалиёти қаллобӣ ба ҷараёни ҷамъоварии ААИ хеле зиёд аст. Аз ҷумла, қаллобӣ бо ААИ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба «ҳавасҳои варзишӣ» табдил ёфтааст. Ин қаллобӣ одатан дар шароите сурат мегирад, ки интиқоли мол аз сарҳади давлатӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад. Қаллобон дар масъалаи

баргардонидани (баҳисобгирии) ғайриқонунии ААИ низ кам нестанд. Бояд гуфт, ки дар аксари мамлакатҳо мақомоти давлатӣ тадриҷан роҳҳои муқовимат бо ин гуна найрангҳоро пайдо мекунанд.

Андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯш дорои як қатор афзалиятҳо ва камбудиҳо мебошанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Афзалиятҳо ва камбудиҳои андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯш**
**Table 1 Value and defect of the tax on added cost and tax with sale**

| | **Андоз аз арзиши иловашуда** | **Андоз аз фурӯш** |
|---|---|---|
| Афзалиятҳо | Баробарии бештар дар тақсимоти гаронии андоз | Оди будани маъмурикунонии андоз |
| | Таъсири манфӣ ба онҳое, ки ба хариду фурӯш машғуданд. | |
| | Зарур надонистани санҷиши мақоми харидори молҳо | |
| | Душвории саркашӣ аз пардохти андоз, ки баланд шудани меъёри андозҳо ба афзоиши ҳаҷми он таъсир намерасонад. | |
| Камбудиҳо | Мураккабии хело зиёд дар самти маъмурикунонии андоз. | Мавҷуд набудани андозбандии миёнаравҳо (дилерҳо), ки нархи молро “боло” мекунанд. |
| | Имконияти қаллобӣ, ба таври ғайриқонунӣ баргардонидани ААИ ва ғайра. | Нобаробарии гаронии андоз ба андозсупорандагон. |
| | | Зарурати санҷиши мақоми харидори мол (ин харидори ниҳоӣ аст ё не?) |
| | | Имконияти саркашӣ аз пардохти андоз ҷой дошта, ҳаҷми саркашӣ ба андозаи меъёри андоз хеле ҳассос мебошад. |

**Сарчашма:** Смирнов С.В. Увеличение ставки НДС. Положительные и отрицательные последствия / Молодой ученый. - №3. - 2020. - С. 39-48

Ба андешаи мо, интихоби оқилона байни андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯш бояд дар асоси тадқиқоти амиқтар анҷом дода шавад, ки иҷрои ин кор хеле душвор мебошад. Масалан, масъалаи арзёбии андозаи эҳтимолии саркашӣ аз андоз аз фурӯшро, дар сурати қабули қарор ба фоидаи ин андоз, бо душворӣ ҳал кардан лозим меояд. Баъзе аз мутахассисони амрикоӣ мегӯянд, ки интихобро байни андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯш на сатҳи илм, балки танҳо аз рӯи афзалиятҳои сиёсии қонунгузорон муайян мекунад.

Таҷрибаи муосири ҷаҳонии ситонидани андоз аз арзиши иловашударо таҳлил намуда, мебинем, ки ба ғайр аз меъёрҳои пастшуда боз ду намуди имтиёзҳо барои ин андоз истифода мешавад:

- озодкунӣ аз андоз;
- меъёри сифрӣ (0%).

Дар ҳолати ҷорӣ намудани озодкунӣ аз андоз аз арзиши иловашуда, истеҳсолкунанда маҳсулоти худро бе пардохти ин андоз ба истеъмолкунандагон мефурӯшад (ва мутаносибан ба буҷет аз андоз аз арзиши иловашуда намесупорад), аммо дар айни замон ин истеҳсолкунанда ҳуқуқи баргардонидани ААИ-ро аз дороиҳои моддии аз ҷониби ӯ барои хариди ашёи хоми дар ҷараёнии истеҳсоли ин маҳсулот истифода бурдашуда, надорад. Бо ибораи дигар, танҳо ҳамон қисми арзиши иловашуда, ки ба молу хизматрасониҳои фурӯхташуда тааллуқ дорад, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Дар айни замон истеҳсолкунанда аз ашё ва маводҳое, ки барои истеҳсоли молҳо харида буд, бояд ААИ пардохт намояд. Ҳамин тариқ, чунин озодкунӣ аз андоз аз арзиши иловашударо қисман озодкунӣ меноманд.

Меъёри сифрӣ (0%) ҳангоми татбиқи андоз аз арзиши иловашуда маънои онро дорад, ки истеҳсолкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз пардохти ААИ пурра

озод мешавад. Дар баробари ин, истеҳсолкунанда ба баргардонидани (баҳисобгирии) андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми харидани ашёи хом ва мавод пардохтааст, ҳуқуқ пайдо менамояд [7,с.180].

Мутобиқи моддаи 264-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ААИ чунин муқаррар шудааст:

1) меъёри стандартӣ - 15%;

2) меъёри пасткардашуда ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда:

- нисбат ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ - 7%;

- барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолият оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда - 5%;

3) меъёри сифрӣ [4,с.252].

Мутобиқи моддаи 254-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон содироти мол, ба истиснои содироти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентратҳои сарватҳои табиӣ, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳу ранга ва металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, сабикаҳои ченакӣ аз металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, молҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда бо меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд [4,с.243].

Нақши фискалии андозҳои муосири истеъмолиро (бо ҳиссаи ҳалкунандаи ААИ) дар асоси баҳодиҳии ҳиссаи ин андозҳо дар ҳаҷми умумии даромадҳои андозии буҷети давлатӣ муайян кардан мумкин аст. Умуман, дар мамлакатҳои мутараққӣ, андоз аз истеъмол тақрибан 28%-и тамоми даромадҳои андозии буҷети давлатиро ташкил медиҳад [19,с.182]. Вале ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои ҷаҳон хело гуногун мебошад, чунончӣ:

- дар ИМА ва Япония - камтар аз 10%;

- дар Канада ва Швейтсария - қариб 15%;

- дар Португалия, Гретсия, Исландия, Ирландия - 40-50% [10, с. 130].

Ҳамин тавр, мо мебинем, ки андозҳои истеъмолӣ дар ташаккули даромадҳои андозии буҷетҳо дар ИМА, Япония, Канада ва Швейтсария (як гурӯҳи кишварҳое, ки афкори ҷамъиятии қавии зидди андозбандии ғайримустақим доранд) нақши ночиз доранд. Дар дигар кишварҳо андозҳои истеъмолӣ дар ташаккули даромадҳои андозии буҷетҳо нақши хеле муҳим дошта, ба нақши андоз аз даромадҳои аҳолӣ наздик мебошад (ба истиснои Франсия ва Юнон).

*Хусусиятҳои андоз аз арзиши иловашуда дар Франсия.* Дар ин мамлакат чор меъёри ААИ муқаррар гардидааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Меъёрҳои амалкунандаи ААИ дар Франсия (ба ҳолати 01.01.2022)**
**Table 2. Acting rates of the tax on added cost in France (on condition on 01.01.2022)**

| Намуди меъёрҳо | Меъёрҳо, % | Тартиби татбиқ намудан |
|---|---|---|
| Меъёри стандартӣ | 18,6 %. | Нисбат ба амалиётҳои андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда |
| Меъёри баланд | 22 % | Нисбат ба молҳои алоҳида татбиқ мегардад, ба монанди: мошинҳо, маснуоти кино ва расмгирӣ, машрубот, маҳсулоти тамоку, атриёт, баъзе ашёи гаронбаҳо. |
| Меъёри паст | 7% | Нисбат ба молҳои дар соҳаи фарҳанг истифодашаванда, аз ҷумла китобҳо, муқаррар карда шудааст. |
| Меъёри аз ҳама паст | 5,5% | Нисбат ба молҳо ва хизматрасониҳои аввалиндараҷа истифода мешавад. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: |

| | | |
|---|---|---|
| | | аксари маҳсулоти хӯрокворӣ, ба истиснои шоколад ва нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, доруворӣ, манзил, нақлиёт, хизматрасониҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонавӣ, ҳамлу нақли бор ва мусофирон. |

Сарчашма: Ставки НДС в мире [Электронный ресурс]. Режим доступа URL: http://www.olza.com.ua/statistics/41

Дар Франсия оид ба андоз аз арзиши иловашуда имтиёзҳои назаррас мавҷуданд. Чунончӣ, моддаи 25-уми қонунгузории молиявии Франсия муқаррар кардааст, ки корхонаҳое метавонанд аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шаванд, ки агар ҳаҷми гардиши онҳо дар соли молиявии гузашта аз 170 ҳазор евро зиёд набошад. Дар ин ҳолат, онҳо аз аввали соли баъд аз соли ҳисоботӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд [14,с.140]. Илова бар ин, дар Франсия аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

- фаъолияти муассисаҳои давлатӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои маъмурӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ нигаронида шудаанд;
- соҳаҳои тандурустӣ ва маориф;
- баъзе касбҳои озод: омӯзгории хусусӣ, табибони хусусӣ, шахсоне, ки ба эҷодиёти руҳонӣ машғуланд [19,с.185].

Мувофиқи қонунгузории Франсия баъзе намудҳои фаъолият ҳастанд, ки аз андоз аз арзиши иловашуда озод кардани аз онҳо имконпазир мебошад. Аниқтараш, ба андозсупоранда имконият дода мешавад, ки кадом андозро бояд пардохт намояд: андоз аз арзиши иловашуда ё андоз аз даромад. Ба чунин намудҳои фаъолият инҳо дохил мешаванд: ба иҷора додани биноҳо барои фаъолияти иқтисодӣ; фаъолияти молиявӣ ва бонкдорӣ; фаъолияти адабӣ, санъат, варзиш; хоҷагии коммуналӣ ва ғайра.

Дар Франсия андоз аз арзиши иловашуда бо як қатор боҷҳои ғайримустақим (ё аксизҳо), ки андозҳои истеъмолӣ мебошанд, пурра карда мешаванд. Як қисми онҳо ба фоидаи давлат ситонида мешаванд, қисми дигар ба буҷаи ҳукуматҳои маҳаллӣ гузаронида мешавад.

*Хусусиятҳои андоз аз арзиши иловашуда дар Германия.* Аз андозҳое, ки дар Германия аз шахсони ҳуқуқӣ ситонда мешаванд, андоз аз арзиши иловашуда аз ҷиҳати ҳаҷм ҷойи дуюмро, пас аз андоз аз даромад ишғол менамояд. Саҳми ААИ дар ташаккули даромади буҷети давлатии Германия тақрибан 28%-ро ташкил менамояд. Ба ҳолати 01.01.2022 меъёри умумии ААИ дар Германия 15% муқаррар шудааст [13]. Дар Германия аз маҳсулоти асосии ғизоӣ, инчунин, аз маҳсулоти китобу маҷаллаҳо бо меъёри паст - 7% ААИ ситонида мешавад. Ин меъёри ААИ ба қаҳвахонаю тарабхонаҳо дахл надорад [13].

Тартиби ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда, ки дар системаи андози Германия истифода мешавад, сода ва воқеан барои ҳар як андозсупоранда дастрас мебошад. Шояд ин беҳтарин вариант барои ҳисоб кардани андоз аз арзиши иловашуда дар Иттиҳоди Аврупо бошад. Андоз аз арзиши иловашуда дар шакли ягона ситонида мешавад ва ҷараёни ситонидани ин андоз тавре ташкил карда шудааст, ки нисбати тамоми молҳо ва хизматрасониҳое, ки бо як меъёри ААИ андозбандӣ мешаванд, гаронии андоз барои ҳамаи истеъмолкунандагони ниҳоӣ баробар мебошад. Маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба меъёри ин андоз, ки ба молҳо ё хизматрасониҳо татбиқ мешавад, мувофиқат мекунад.

Дар баробари ин, муҳим нест, ки маҳсулот ё хизматрасонӣ дар роҳи ба истеъмолкунанда расидан чанд марҳилаи рушди иқтисодиро тай мекунад - ҷамъкунии андоз (ситондани андоз аз андоз) ба таври куллӣ истисно карда мешавад, зеро таҷрибаи тарҳи пешакии андоз татбиқ карда мешавад. Тарҳи пешакӣ ба соҳибкор ҳуқуқ медиҳад, ки андоз аз арзиши иловашудаи худро ба маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки аз ҷониби дигар соҳибкорон барои амалиёти андозбандишаванда ба ӯ ҳисоб карда мешаванд, кам кунад. Ҳамчун андози воридотӣ, соҳибкор метавонад андоз аз арзиши иловашударо аз молҳои дар дохили Иттиҳоди Аврупо харидашуда, инчунин, аз молҳои

воридотӣ, ки соҳибкор ҳангоми воридоти мол аз кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ба мақомоти гумрук пардохт кардааст, тарҳ кунад.

Дар Шветсия андоз аз арзиши иловашуда ба буҷет ба андозаи 20% ситонида мешавад. Барои маҳсулоти хӯрокворӣ меъёри ААИ то 15%, барои хизматрасонии меҳмонхонаҳо то 8% кам карда мешавад. Илова ба содироти мол, хизматрасонии тиббӣ, амалиёти бонкӣ, тиҷорати патентӣ, хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд. Имтиёзҳо ба намудҳои муайяни таҷҳизот дахл доранд [1,с.82].

Дар байни андозҳои ғайримустақим дар Британияи Кабир ҷойи асосӣ ба андоз аз арзиши иловашуда тааллуқ дорад. Ҳиссаи ААИ пас аз андоз аз даромад ҷои дуюмро ишғол карда, қариб 17%-и буҷети Британияи Кабирро ташкил медиҳад [5,с.89]. Манбаи ААИ арзиши иловашуда дар ҳар як марҳилаи истеҳсол ва фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо (яъне фарқи байни даромад ва арзиши харид аз таъминкунандагон) мебошад.

Дар Британияи Кабир дар аввал меъёри андоз аз арзиши иловашуда 10% буд ва баъдан то 8% коҳиш ёфт. Баъдтар меъёри ин андоз баланд бардошта шуда, имрӯз ду меъёри андоз амал мекунад:

- стандартӣ - 15,5%;
- меъёри сифрӣ (0%) [11,с.44].

Меъёри стандартиро бо санади ҳарсолаи парлумон оид ба молия тағйир додан мумкин аст. Меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда маънои онро дорад, ки молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ба андоз аз арзиши иловашуда фаро гирифта мешаванд, аммо маблағи андоз аз рӯи меъёри 0% ҳисоб карда мешавад. Ҳамзамон, татбиқи меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда барои андозсупоранда нисбат ба озодкунии андоз фоидаовартар аст, зеро шахси фурӯшандаи мол ҳуқуқ дорад ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта, баргардонидани маблағи қаблан пардохтшудаи ААИ-ро талаб намояд.

Дар Британияи Кабир молҳои зерин бо меъёри сифр (0%) андозбандӣ мешаванд: молҳои озуқаворӣ, китобҳо, доруворӣ, молҳои воридотӣ ва содиротӣ, сӯзишворӣ ва энергия барои истифодаи хонаводаҳо, пардохт барои истифодаи об ва хизматрасониҳои коммуналӣ, сохтмони биноҳои истиқоматӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, либоси кӯдакона, хизматрасониҳои почтавӣ, молиявӣ, суғуртавӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд андоз аз арзиши иловашуда дар амалияи ҷаҳонӣ торафт васеътар истифода мешавад, вале онро аксар вақт “андози аврупоӣ” меноманд, ки сабабҳояш инҳо мебошанд:

- андоз аз арзиши иловашуда аввалин маротиба дар Аврупо пайдо шуда, имрӯз дар ҳамаи мамлакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо татбиқ мегардад;
- андоз аз арзиши иловашуда дар ташаккул ва рушди раванди муттаҳидшавии Аврупо нақши ҳалкунанда бозидааст;
- андоз аз арзиши иловашуда муҳимтарин манбаи ташаккули буҷети Иттиҳоди Аврупо аст: дар ҳоли ҳозир ҳар як кишвари узви Иттиҳодияи Аврупо 1,4%-и даромади худро аз ААИ ба буҷети Иттиҳоди Аврупо мегузаронад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи андоз аз арзиши иловашуда нишон медиҳад, ки ин андоз бо сабаби хосияти универсалӣ доштани худ барои ташаккули даромадҳои андозии буҷети мамлакатҳо заминаи устувор ва васеъро таъмин менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДМТ – Давлатов Д.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Взимание НДС: международная практика: монография / К.К. Семкин, О.В. Медведева, Т.И. Семкина, Н.С. Милоголов. -М.: Магистр: ИНФРА-М, 2021. -160 с.
2. Дедова О.В. Налогообложение НДС товаров при осуществлении внешнеторговых операций / О.В. Дедова, А.Э. Мельгуй, Н.Н. Ковалева // Бухучет в сельском хозяйстве. - 2020. -№9. -С.58-67.
3. Касьянова Г.Ю. НДС для организаций и индивидуальных предпринимателей / Г.Ю. Касьянова. -М.: АБАК, 2016. -С.412-420.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022. -№3.

5. Кривцов О.Ф. Зарубежный опыт администрирования налога на добавленную стоимость / О.Ф. Кривцов, А.Д. Салимова // Вестник Юридического института МИИТ. - 2017. - С. 82-91.
6. Кузнецова О.Н. Международные налоговые отношения: проблемы и перспективы развития / О.Н. Кузнецова // Молодой ученый. - 2019. - №2. - С. 353-362.
7. Милоголов, Н.С. Налог на товары и услуги в Канаде / Н.С. Милоголов // Налоги в современном мире. Сборник научных трудов аспирантов и студентов. - М. - ГУМФ. - 2019.- С. 177-185.
8. Мищенко А.Д. Налог на добавленную стоимость в России и за рубежом / А.Д. Мищенко, И.А. Кузьмичева // Научный журнал «Фундаментальные исследования». - 2020. -№5. -часть 3. -С.74-82.
9. Налоги. Учебник для вузов / Под ред. Д.Г. Черника. -М.: ЮНИТИ- ДАНА, 2020. -384 с.
10. Семкина, Т.И. Обложение НДС внешнеэкономической деятельности / Т.И. Семкина // Налоговый вестник. - №2. - 2018. - С. 128-136.
11. Смирнов С.В. Увеличение ставки НДС. Положительные и отрицательные последствия / С.В. Смирнов // Молодой ученый. - 2020. -№3. -С.39-48.
12. Солиев Н.А. Таҷрибаи хориҷии андозбандии ғайримустақим / Н.А. Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№8. -С.209-216.
13. Ставки НДС в мире [Электронный ресурс]. URL: http://www.olza.com.ua/statistics/41
14. Толстопятенко Г.П. Европейское налоговое право. Сравнительно-правовое исследование / Г.П. Толстопятенко. -М.: ЮНИТИ-ДАНА. - 2017. - 233 с.
15. Тютюрюков, Н.Н. Налоговые системы зарубежных стран: учебник / Н.Н. Тютюрюков. -М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и Ко», 2019. -174 с.
16. Ушак, Н.В. Теория и история налогообложения: учебное пособие / Н.В. Ушак. -М.: КНОРУС, 2018. -336 с.
17. Христофорова Е.И. Особенности взимания НДС в зарубеэных странах / Е.И. Христофорова // Молодежь и наука. - 2019. -№4. -С.109-117.
18. Шувалова, Е.Б. Налоговые системы зарубежных стран: учебное пособие / Е.Б. Шувалова, В.В. Климовицкий, А.М. Пузин // Дашков и Ко. - 2019. -323 с.
19. Ярова Э.М. НДС и практика его взимания в зарубежных странах / Э.М. Ярова, А.Х. Ибрагимова // Проблемы и перспективы экономических отношений на пространстве ЕАЭС. Сборник статей Международной научно-практической конференции. - 2020. -С.179-188.

## ТАҶРИБАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТАТБИҚИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА

Дар мақолаи мазкур қайд шудааст, ки андоз аз арзиши иловашуда аввалин маротиба соли 1954 дар Франсия ҷорӣ карда шуда буд. Дар айни замон, андоз аз арзиши иловашуда дар 137 кишвари ҷаҳон татбиқ мешавад, ба истисноӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Австралия, Ҷопон, Малайзия, Канада ва ғайра. Қайд шудааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ се усули андозбандии арзиши иловашуда мавҷуд аст: иловаи мустақим; таркунӣ; баҳисобгирӣ. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ҳуқуқи байналмилалии андоз ду принсипи ҷамъоварии андоз аз арзиши иловашуда истифода мешавад: «мамлакате, ки мол ба он ҷо таъин шудааст»; «мамлакате, ки мол дар он ҷо истеҳсол шудааст». Мавҷудияти андоз аз арзиши иловашуда дар мамлакат як шарти ҳатмӣ барои узвият дар Иттиҳоди Ааврупо мебошад. Сатҳи баландтарини меъёри андоз дар байни давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар Венгрия дар ҳаҷми 25% ҷорӣ карда шудааст. Таҷрибаи муосири ҷаҳонии ситонидани андоз аз арзиши иловашуда нишон медиҳад, ки ба ғайр аз меъёрҳои пастшуда боз ду намуди имтиёзҳо барои ин андоз истифода мешавад: озодкунӣ аз андоз; меъёри сифрӣ (0%). Дар мамлакатҳои мутараққӣ, андоз аз истеъмол тақрибан 28%-и тамоми даромадҳои андозии буҷети давлатиро ташкил медиҳад, вале дар ИМА, Япония, Канада ва Швейтсария (як гурӯҳи кишварҳое, ки афкори ҷамъиятии қавии зидди андозбандии ғайримустақим доранд) нақши ин андоз ночиз аст. Саҳми андоз аз арзиши иловашуда дар ташаккули даромади буҷети давлатии Германия тақрибан 28%-ро ташкил менамояд. Дар Британияи Кабир ҳиссаи андоз аз арзиши иловашуда, пас аз андоз аз даромад ҷои дуюмро ишғол карда, қариб 17%-и буҷети мамлакатро ташкил медиҳад. Қайд гардидааст, ки андоз аз арзиши иловашуда бо сабаби хосияти универсалӣ доштани худ барои ташаккули даромадҳои андозии буҷети мамлакатҳо заминаи устувор ва васеъро таъмин менамояд.

**Калидвожаҳо:** андоз аз арзиши иловашуда, баҳисобгирии андоз, андози ғайримустақим, андозсупоранда, меъёри андоз, маблағи андоз, андоз аз фурӯш, маъмурикунонии андоз, андози регрессивӣ, гаронии андоз.

## МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ ПРИМЕНЕНИЯ НАЛОГА НА ДОБАВЛЕННУЮ СТОИМОСТЬ

В данной статье отмечается, что впервые налог на добавленную стоимость был введен в 1954 году во Франции. В настоящее время налог на добавленную стоимость применяется в 137 странах, кроме США, Австралии, Японии, Малайзии, Канады и др. Отмечается, что в мировой налоговой практике выделяют три метода налогообложения добавленной стоимости: прямое сложение; вычитание; зачетный. Автор отмечает, что в международном налоговом праве используются два принципа взимания налога на добавленную стоимость: «страна назначения товаров»; «страна, в которой произведен товар». Наличие налога на добавленную стоимость в стране является обязательным условием членства в Евросоюзе. Самая высокая налоговая ставка среди стран Евросоюза введена в Венгрии в размере 25%. Современный мировой опыт взимания налога на добавленную стоимость показывает, что помимо пониженных ставок по этому налогу применяются еще два

вида льгот: освобождение от налога; нулевая ставка (0%). В развитых странах налог на потребление составляет около 28% всех налоговых доходов государственного бюджета, но в США, Японии, Канаде и Швейцарии (группе стран с сильным общественным мнением против косвенного налогообложения) роль этого налога незначительная. Вклад налога на добавленную стоимость в формирование доходов государственного бюджета Германии составляет около 28%. В Великобритании доля налога на добавленную стоимость занимает второе место после подоходного налога и составляет около 17% бюджета страны.

**Ключевые слова:** налог на добавленную стоимость, налоговый учет, косвенный налог, налогоплательщик, налоговая ставка, сумма налога, налог с продаж, налоговое администрирование, регрессивный налог, налоговая нагрузка.

**INTERNATIONAL EXPERIENCE Of THE USING THE VALUE ADDED TAX**

In given article is noted that for the first time value added tax was carried in 1954 in France. At present value added tax is used in 137 countries, except USA, Australia, Japan, Malaysia, and Canada and is others. Noted that three methods of the taxation of the added cost select in world tax practical person: direct adding; the subtractions; зачетный. The Author notes that in international tax right are used two principles of the charging the value added tax: "country of destination goods"; "country, in which is made goods". Presence of the value added tax in country is an obligatory condition membership in European Alliance. The most high tax rate amongst countries European Alliance is carried in Hungary in size 25%. The modern world experience of the charging value added tax shows that aside from lowered rates on this tax are used else two types of the privileges: waiver of tax; the zero rate (0%). In developed country tax on consumption forms beside 28% all tax income of the state budget, but in USA, Japan, Canada and Switzerland's (the group of the countries with strong public opinions against indirect taxation) role this tax small. The contribution of the value added tax in shaping income state budget to Germany forms beside 28%. The second place occupies In Great Britain share value added tax after income-tax and forms beside 17% budget of the country.

**Keywords:** value added tax, tax account, indirect tax, taxpayer, tax rate, amount of the tax, tax with sale, tax administration, retrogressive tax, tax load.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солиев Нодирҷон Амрохонович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти биржавӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **Nodir_S2120@list.ru**. Телефон: **908-83-38-45**

**Сведения об авторе:** ***Солиев Нодирджон Амрохонович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры биржевого дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **Nodir_S2120@list.ru.** Телефон: **908-83-38-45**

**Information about the author:** ***Soliev Nodirjon Amrokhonovich*** – Tajik State Financial and Economic University, Senior Lecturer of the Department of Exchange Activity. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone: **(+992) 908-83-38-45.** E-mail: **Nodir_S2120@list.ru**

ТДУ: 622.9(573.7)

# ТАЪСИРИ РУШДИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА БА ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ

*Ашуров К.Р., Холмуродова Т.Н.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки дар соли 2009 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ - 6262,0 млн. сомонӣ;

- ҳаҷми истеҳсоли қувваи барқ - 14196 млн. кВт.с.;

- ҳисоботҳо нишон додан: 14196 млн.кВт.ст./6262,0 млн.сом. = 2,26 кВт.ст/сомонӣ; дар соли 2015 истеҳсоли қувваи барқ то 24,6 млрд.кВт.с. рост омад, яъне 24,6 млрд.кВт.с./2,26=10884,96 млн. сомонӣ; дар соли 2020 истеҳсоли қувваи барқ то 28,3 млрд.кВт.с. 28,3 млрд.кВт.с/2,26 = 12522,12 млн.сомонӣ; истеҳсолоти саноатӣ дар мамлакат то ба ҳаҷми 12,5 млрд. сомонӣ меафзояд, ки ин аз нишондиҳандаи соли 2009 қариб 2 маротиба зиёд аст. Дар ин ҳолат ташкил ёфтани тахминан 70-80 ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои саноати мамлакат имконпазир мебошад [5; 7].

**Дурнамои ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ:** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ, ба мисоли металлургияи ранга, саноати химия, истихроҷи маъданҳои ранга ва дигар соҳаҳо инкишоф меёбанд. Дар баробари ин, рушди гидроэнергетика ба рушд ёфтани комплекси агросаноатӣ, рекреатсионӣ ва туризм шароит фароҳам меорад. Дар ҷадвалҳои 1 ва 2 нақшаи таъсири рушди гидроэнергетика ба сохтори маҷмуи маҳсулоти энергетикӣ ва дурнамои содироти неруи барқ ва даромад аз он барои солҳои 2010-2025 оварда мешавад.

Ҷадвали 1.




**Баҳисобгирии нишондиҳандаҳои истеҳсолоти соҳа дар асоси иқтидорҳои истеҳсолкунандаи энергияи барқ, рушди босуботи соҳаро таъмин менамояд.**

Ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар соли 2015 ба 17,1 млрд.кВт.соат баробар шуд ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли он нисбат ба соли 2014-ум 4,2%-ро ташкил дод. Зиёда аз 14,4 млрд. кВт. соат ё ин, ки 84,2%-и ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳҳои барқии тобеи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик", беш аз 1,9 млрд. кВт.соат ё 11,8% дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи Барқии Обии "Сангтӯда-1", 675,77 млн. кВт. соат ё 3,9% дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи Барқии Обии "Сангтӯда-2" ва 174,5 млн. кВт соат ё 1,0% дар Ширкати "Помирэнерҷӣ" истеҳсол гардид [5; 10].

Дар муқоиса бо соли 2014 барзиёдии ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳҳои барқии тобеи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" 615,2 млн. кВт. соат, дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи Барқии Обии "Сангтӯда-1" 19,4 млн.

кВт. соат, дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи Барқии Обии “Сангтӯда-2” 50,4 млн. кВт. соатро ташкил намуд.

Ҷадвали 2.

Ҷадвали 2.
Дурнамои содироти қувваи барқ ва даромад аз он барои солҳои 2010-2025

| Солхо | Иктидори содироти кувваи барк, млрд. кВтст | Нархи содироти барк бо тарифи миёнаи байналхалки, доллари ИМА | Даромад аз содироти барк ба хорича, млн. доллари ИМА |
|---|---|---|---|
| 2010 | 2,5 | 0,05 | 125 |
| 2015 | 8,0 | 0,05 | 400 |
| 2020 | 13,5 | 0,05 | 675 |
| 2025 | 18,5 | 0,05 | 925 |

Дар баробари ин, ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар Ширкати “Помир Энерҷӣ” дар муқоиса бо соли 2014-ум 2,6 млн. кВт. соат кам гардид, ки ин омил бар асари сар задани офатҳои табиӣ дар ВМКБ ва муваққатан фаъолият накардани ширкати мазкур алоқамандӣ дошт.

Дар таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ таҷдиду барқарорсозии иншоотҳои энергетикӣ, таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла мавриди истифода қарор гирифтани навбати якуми Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 (100мВт), инчунин, серобии дарёҳои ҷумҳурӣ ва истифодаи самаранокии ин захира ва дигар имкониятҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Дар баробари ин, бо дарназардошти ба кор андохтани иқтидорҳои нав ҳаҷми истеҳсоли неруи гармӣ дар соли 2015 ба 310,2 ҳазор Гкал баробар гардид ва ин омил дар таъмини аҳолӣ бо неруи гармӣ ва сарфа гардидани неруи барқи истеҳсолшуда нақши мусбӣ дошт. Умуман, дар муқоиса бо соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли неруи гармӣ 113,8 ҳазор Гкал зиёд мебошад [5; 13].

Тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати кишвар дар самти рушди соҳаи энергетика доир ба чораҳои зиддибуҳронии кишвар имкон дод, ки содироти неруи барқ нисбат ба соли 2014-ум 5,5% зиёд гардида, ҳаҷми умумии содироти он ба 1,4 млрд. кВт соат баробар шавад.

Қобили тазаккур аст, ки соли 2015 гуфтушунидҳо вобаста ба маблағгузории сохтмони лоиҳаи хатти баландшиддати интиқоли барқ CASA-1000 ба анҷом расид. Амалӣ шудани ин лоиҳа барои самаранок истифода гардидани иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ва таъсиси иншоотҳои нави тавлидкунандаи неруи барқ, содироти он, инчунин, даромадҳои буҷети давлатӣ мусоидат хоҳад кард.

Соли 2015 дар баробари дигар корҳои созандагӣ дар соҳаи энергетика барои сифатан беҳтар намудани таъмини аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо бо неруи барқ, зеристгоҳҳои барқии «Шаҳринав» ва «Ҳисор» мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

**Баҳисобгирии иқтидорҳои кафолатӣ, таҷдиду сохтмон ва баистифодадиҳии иқтидорҳои нави барқистеҳсолкунанда дар системаи неругоҳҳои барқӣ-обии хурд НБОХ.**

Дар ин маврид, чунин корҳои назаррас анҷом ёфтаанд:

Аз соли 1991 то 2015 ҳамагӣ 283 адад НБО-и хурд бо иқтидорҳои аз 5 то 4300 кВт сохта ба истифода дода шудааст, ки иқтидори умумиашон **26860,6 к**Вт-ро ташкил медиҳад [6; 7].

Аз шумораи умумии 283 адад НБО-и хурди мавҷуда, 94 ададаш тамоми фасли сол ва 189 ададаш дар мавсими тирамоҳу зимистон истифода мешаванд.

То январи соли 2016 аз шумораи умумии 283 адад НБО-и хурди мавҷуда, 200 ададаш дар ҳолати корӣ қарор дошта, 83 адади боқимондааш бо сабабҳои техникӣ

муваққатан фаъолият накардаанд. Маълумоти умумӣ оид ба НБО-ҳои хурди баркӣ дар ҷадвали зер оварда мешавад.




НБО-ҳои хурди истифодашавандае, ки зери назорати ШСХК «Барқи Тоҷик» қарор доранд, 16 ададро ташкил менамоянд. Дар ин давра неругоҳҳои баркӣ-обии хурди «Питовкул-1» (2х230 кВт, соли 1964), «Питавкул-2» (2х552 кВт, соли 2012) дар н. Ҷиргатол ва «Сангикар-1» (2х503 кВт, соли 2011) дар н. Рашт фаъолият намудаанд. Ҳамзамон, соли 2015 - 3 адад НБО-и хурд бо иқтидори умумии 170 кВт сохта ба истифода дода шуд.

Ҳамасола истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳҳои хурд зиёда аз 40 млн кВт соатро ташкил медихад, ки ин ҳам барои паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолии минтакаҳои дурдаст мусоидат менамояд.

| № т/т | Нишондиҳандаҳо | Шумораи НБО-ҳо | НБО-и хурди корношоям | НБО-и хурде, ки бо сабабҳои техникӣ кор намекунанд | Истеҳсоли энергияи барқ дар соли 2015 бо кВт.с. |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Истеҳсоли энергияи барқ дар НБО-и хурде, ки аз рӯи ҳисобкунакҳои баркӣ ҳисоб мешаванд | 36 | 30 | 6 | 27523,4 |
| 2. | Истеҳсоли энергияи барқ дар НБО-и хурде, ки бо ҳисоби миёна тахминӣ ҳисоб карда шудаанд. | 247 | 170 | 77 | 15233,8 |
| | **Ҳамагӣ** | **283** | **200** | **83** | **42757,2** |

Мавриди тазаккур аст, ки Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар доираи Лоиҳаи «Барномаи таҳвили технология ва рушди бозор барои НБО-и хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи КВД “Тоҷиктекстилмаш” ва ҶСК “Тоҷикэнергоремонт” хатти истеҳсоли як қисми таҷҳизотҳо барои НБО-и хурдро ба роҳ мондааст, ки ҳам барои рушди соҳаи энергетикаи хурд мусоидат менамояд [6].

**Нақши иқтидорҳои мавҷуда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмон ва таҷдиди НБО ва ХИБ ҳамчун иқтидорҳои истеҳсолу интиқоли неруи барқ.**

Сохтмон ва таҷдиди НБО ва ХИБ ҳамчун иқтидорҳои истеҳсолу интиқоли неруи барқ. Дар ҷумҳурӣ сохтмону таҷдиди як қатор неругоҳҳои барқии калону хурд, марказҳои барқу гармидиҳӣ, хатҳои интиқоли барқии баландшиддат ва миёнашиддат, зеристгоҳҳои барқӣ бо шиддати гуногун амалӣ шуданд, аз ҷумла;

- НБО-и «Сангтӯда-1» бо иқтидори 670 МВт ва НБО-и «Сангтӯда-2» бо иқтидори 220 МВт (агрегати 1-ум моҳи августи соли 2011 ва агрегати 2-юм моҳи сентябри соли 2014 ба истифода дода шуд) дар ҳамкорӣ ва маблағгузориҳои тарафайн сохта шуда, бомуваффақият фаъолият намуда истодааст;

-Навбати якуми Маркази барқу гармидиҳии-2 шаҳри Душанбе бо иқтидори 100 МВт сохта ба истифода дода шуда, дар давраи бакорандозӣ ва фаъолияти он 220 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин гардид (баъдан илоават 300 МВт дигар ба истифода дода шуда, теъдоди коргарони маҳаллӣ ба 500 нафар расонида шуд);

-Бобати сохтмони неругоҳи барқи ҳароратии «Шуроб» бо иқтидори 300 МВт шартномаи консессионӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «HOS Powertech International SDN BHD»-и Ҷумҳурии Малайзия дар санаи 17 феврали соли 2016 ба имзо расонида шуда, аз ҷониби ширкати Фихтнер (Олмон)-и асосҳои техникии лоиҳа анҷом ёфтааст.

- Вобаста ба таҷдиди НБО «Норак» бо дастгирии молиявии Бонки Умумиҷаҳонӣ асосноккунии техникию иқтисодии неругоҳ ва бехатарии сарбанд аз ҷониби Ширкати «Tranctebel Engineering»-и Ҷумҳурии Франсия таҳия ва дар марҳилаи ниҳоии Бонки Умумуҷаҳонӣ қарор дорад. Ҳамчунин, ташхиси седментатсияи обанбори Норак бо дастгирии молиявии Бонки Умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Ширкати «HR Wallingford»-и Британияи Кабир ба анҷом расонида шуд [10].

Ҳамчунин, вобаста ба таҷдиди НБО-и “Қайроққум” байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик» ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 4 адад созишномаи қарзию грантӣ ба маблағи умумии 71 млн. доллари ИМА (60 млн. доллари ИМА ба сифати қарз ва 11 млн. доллари ИМА ба сифати грант) ба имзо расонида шуд. Илова бар ин маблағҳо ҷудо намудани 2 млн. доллари ИМА ва 2 млн. евро барои хизматрасониҳои мушовирӣ, ҳамчун грант пешбинӣ гардидааст. Марҳилаи аввали лоиҳа иваз намудани ду агрегат, таҷдиди сарбанди бетонӣ, иваз намудани таҷҳизотҳои механикию барқиро дар бар мегирад. Ба ин восита, ҳам бехатарии сарбанд таъмин мегардад ва ҳам иқтидори НБО 16 МВт меафзояд.

- Ҳанӯз соли 2012 аз ҳисоби маблағҳои қарзии Бонки Исломии Рушд агрегати №4-и неругоҳи барқӣ-обии Сарбанд пурра иваз карда шуд, ки дар натиҷа иқтидори агрегати мазкур аз 35 ба 45 МВт бардошта шуд. Дар ин самт бо мақсади пурра барқарор намудани неругоҳи мазкур дар санаи 23 декабри соли 2013 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Рушди Осиё созишномаи грантӣ ба маблағи 136 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шуд. Мувофиқи созишнома лоиҳа аз ду қисмат иборат буда, дар доираи қисмати якуми он пурра иваз намудани 3 агрегат (№1,2 ва 5), қисман барқарор намудани 2 агрегат (3 ва 6), иваз намудани 2 адад автотрансформатори қудратии 250 МВА, бинои нави идоракунӣ ва дигар корҳои ба он алоқаманд ва дар қисмати дуюми лоиҳа бошад, таҷдиди дастгоҳи тақсимкунандаи кушодаи 220/110 кВ дар неругоҳ пешбинӣ гардидааст. Айни замон, дар доираи лоиҳаи мазкур ҷараёни озмун доир ба интихоби ширкатҳои пудратӣ идома дорад [10].

- Таҷдиди неругоҳи Варзоб аз тарафи Ширкати «NHPC»-и Ҷумҳурии Ҳиндустон ба анҷом расонида шуд, ки дар натиҷа иқтидори неругоҳ 2,3 МВт зиёд гардид.

- Сохтмони 64 адад НБО-ҳои хурд бо ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба анҷом расида, айни замон, сохтмони 13 адад НБО-и хурд дар Вилоятҳои Хатлону Суғд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои тобеи марказ ба роҳ монда шудааст;

Ба ғайр аз ин, асосноккунӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳо барои лоиҳаҳои сохтмони НБО-ҳои Нуробод-1, Нуробод-2, Фондарё, Айнӣ, Себзор, Санобод, Неругоҳи барқии ҳароратии Фон-Яғноб ва дигар неругоҳҳои хурду бузург идома ёфтанд.

Ҳамзамон, тибқи барнома дар давраи солҳои 2011-2014 сохтмони хатҳои интиқоли барқи 220 кВ-и Хуҷанд-Айнӣ, Қайроққум-Ашт, Геран-Румӣ, барқарорсозии зеристгоҳи

Регар-500кВ ва Бойғозӣ-220кВ, сохтмони хатти интиқоли барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва НБО «Сангтӯда-1» -Регар пешбинӣ гардида буд, ки ҳолати воқеии иҷроиши ин лоиҳаҳо чунин мебошад:

- Сохтмони ХИБ-220кВ «Хуҷанд-Айнӣ» бо арзиши 36,9 млн. доллари ИМА дар моҳи ноябри соли 2011 сохта ба истифода дода шудааст;

- Сохтмони ХИБ-220 кВ «Қайроққум-Ашт» ва «Геран-Румӣ» бо арзиши умумии 22,0 млн. доллари ИМА дар доираи "Лоиҳаи минтақавии интиқоли барқ" аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки Рушди Осиё ба роҳ монда шуда, хатти интиқоли барқи 220 кВ «Қайроққум-Ашт» моҳи июни соли ҷорӣ пурра ба анҷом расида, санаи 19 октябри соли ҷорӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери шиддат қарор дода шуд. Корҳои сохтмонӣ дар хатти интиқоли барқи 220 кВ «Геран-Румӣ» ба анҷом расонида шуда, иншоот барои истифодадиҳӣ омода мебошад.

-Барқарорсозии зеристгоҳи барқии «Регар»-500 кВ бо арзиши умумии 47,6 млн. доллари ИМА аз ҳисоби якчанд сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ба монанди маблағҳои қарзи имтиёзноки «ЭксИмБонк»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой, маблағҳои грантии Бонки Рушди Осиё ("Таҷдиди ДТК 500 кВ дар НБО-и Норак", лоти 2-и "Лоиҳаи минтақавии интиқоли барқ") қарз ва гранти Бонки Олмонии таҷдид ва рушд (KFW) ва ҳиссаи ШСХК «Барқи Тоҷик» пешбинӣ гардида, анҷоми корҳо аз рӯи қисматҳо дар семоҳаи сеюми соли 2016 пешбинӣ гардидааст;

- Барқарорсозии зеристгоҳи барқии 220 кВ «Бойғозӣ» бо арзиши умумии 8,1 млн. доллари ИМА дар доираи "Лоиҳаи минтақавии интиқоли барқ" аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки Рушди Осиё пешбинӣ гардидааст;

- Моҳи марти соли 2016 дар натиҷаи баргузории озмун, байни ШСХК "Барқи Тоҷик" ва ширкати «TBEA»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой доир ба татбиқи лоиҳаи "Сохтмони хатти интиқоли барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» шартнома ба маблағи умумии 79,0 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шуд;

- Сохтмони хатти интиқоли барқи 500 кВ НБО "Регар - Сангтӯда-1" бо арзиши тахминан 57,6 млн. доллари ИМА ва бо дарозии 115 км дар доираи лоиҳаи минтақавии CASA-1000 пешбинӣ карда шудааст;

-Илова бар ин, дар ин давра якчанд лоиҳаҳои муҳим ба монанди "Сохтмони зеристгоҳи барқии 220 кВ "Шаҳринав", зеристгоҳи барқии 110 кВ "Хонақо", хатти интиқоли барқи дузанҷираи 110 кВ "Шаҳринав - Хонақо", "Сохтмони зеристгоҳи барқии 110 кВ "Ваҳдат" васеъсозии зеристгоҳҳои 220 кВ Қайроққум ва Ашт ба анҷом расида, корҳои сохтмонӣ дар зеристгоҳи барқии нави 220 кВ "Геран-2", васеъсозии зеристгоҳи барқии 220 кВ "Румӣ"ва таҷдиди зеристгоҳи барқии 220 кВ "Қайроққум" бо маром идома доранд. Инчунин, аз оғози соли 2016 сохтмони хатҳои интиқоли барқи 220 кВ "Қайроққум - Суғд" ва "Айнӣ - Рудакӣ" аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки Рушди Осиё ва оғози корҳои сохтмонӣ дар доираи лоиҳаи "Таҷдиди зеристгоҳи барқии 220 кВ "Равшан" ба анҷом расид [10].

Ҳамчунин, тадбирҳо вобаста ба кам намудани талафоти неру бо роҳи васлу насби ҳисобкунакҳои электронӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Агар, паст намудани талафоти техникӣ асосан аз ҳисоби таъмиру азнавсозии хатҳои интиқоли барқ ва зеристгоҳҳо ба даст ояд, пас талафоти тиҷоратӣ асосан аз ҳисоби васлу насби ҳисобкунакҳои электронӣ ва иваз намудани ноқилҳои луч ба ноқилҳои махсуси худбар (СИП) ба даст оварда мешавад.

Дар ин самт, айни замон, лоиҳаҳои кам намудани талафоти неруи барқ дар шаҳри Душанбе идома ёфта, дар шаҳри Хуҷанд ба анҷом расид. Мувофиқи лоиҳаи "Кам намудани талафоти неруи барқ дар шаҳри Душанбе" насби 215 ҳазор адад ҳисобкунакҳои электронӣ пешбинӣ гардида, то соли 2016 зиёда аз 200 ҳазор адади он васлу насб гардидааст. Ҳамчунин, мувофиқи лоиҳаи "Кам намудани талафоти неруи барқ дар вилояти Сугд" васли зиёда аз 97 ҳазор ҳисобкунакҳои электронӣ дар шаҳри Хуҷанд ба нақша гирифта шуда, корҳо дар ин самт тибқи нақша идома ёфтанд.

Ҳамчунин, дар натиҷаи амалӣ намудани як қатор лоиҳаҳо ва насб намудани системаи биллинг аз тарафи ҶСК "Помир энерҷӣ" талафоти неруи барқ дар қаламрави ВМКБ аз 32,18%-и соли 2005 дар соли 2015 ба 12,95% расонида шуд. Дар ин раванд, дар

миқёси вилоят, аллакай 30891 адад ҳисобкунакҳои нави электронӣ васл шудаанд, ки ин 98%-и шумораи умумии муштариёнро дар бар мегирад. Яъне, айни замон 98%-и ҳисоби ҳаҷми қувваи барқ аз рӯи ҳисобкунакҳои инфиродӣ ба роҳ монда шуда, танҳо 2% (муштариёни ноҳияи Мурғоб, водии Язғуломи ноҳияи Ванҷ ва водии Бартанги ноҳияи Рӯшон) аз рӯи нишондоди ҳисобкунакҳои зеристгоҳҳо ҳаққи истифодаи барқро супорида истодаанд.

Илова бар ин, айни замон дар доираи кумаки техникии Фонди Қувайтии Рушди иқтисоди Араб бо ҷалби ширкати мушовирии Фихтнери Олмон вобаста ба омода намудани асосноккунии техникию иқтисодии якчанд лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаи электроэнергетика, аз ҷумла лоиҳаҳои кам намудани талафоти неруи барқ дар минтақаҳои Турсунзода, Рашт, ноҳияҳои тобеи марказ, Бохтар ва Кӯлоб корҳо оғоз карда шудааст. Инчунин, дар доираи лоиҳаи «Ҷорӣ намудани системаи ҳисоби яклухти интиқоли неруи барқ ва беҳдошти шабакаҳои интиқоли барқ», ки маблағгузории он аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки Рушди Осиё пешбинӣ гардидааст, насби зиёда аз 1100 ҳисобкунакҳои электронӣ дар зеристгоҳҳои барқии 500, 220 ва 110 кВ ба нақша гирифта шудааст.

Дар давраи фарогирии Барнома навсозӣ ва ба роҳ мондани системаи муттамаркази назорати танзим ва баҳисобгирии неруи барқ низ пешбинӣ гардидааст. Дар ин радиф, бо дастгирии молиявии Бонки Рушди Осиё дар доираи “Лоиҳаи минтақавии интиқоли барқ” таъсиси Маркази миллии идоракунӣ ва ҷорӣ намудани системаи SCADA барои идоркунии 43 адад зеристгоҳҳои 500, 220, 110 кВ, инчунин, пайваст намудани системаи васеи шабакаҳои коммуникатсионии зеристгоҳҳо ва неругоҳҳо пешбинӣ карда шудааст.

Татбиқи чунин лоиҳаҳо имконият фароҳам меоваранд, ки назорат ва мониторинги истифодаи неруи барқ дар иншоотҳои барқӣ дуруст ба роҳ монда шуда, сарчашмаи талафоти воқеӣ дар маҷмуъ, дарёфт ва муносибатҳои хоҷагидорӣ ба танзим даровarda шаванд.

Инчунин, қайд намудан лозим аст, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳамасола ҷиҳати кам кардани талафоти энергияи барқ дар сарчашмаҳои тавлиди барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ нақша-чорабиниҳои худ, аз қабили таҷдиди зеристгоҳҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ, қатъ намудани трансформаторҳои бебору камбор, хароҷотҳои технологии пешбинишудаи энергияи электрикӣ барои интиқол ва тақсими он байни шабакаҳои барқӣ ба тасвиб расонида, онро амалӣ месозад.

Инкишофи соҳаи энергетика ва таъмини амнияти энергетикӣ яке аз афзалиятҳои рушд дар ҷумҳурии мо ва тамоми давлатҳои мутараққӣ ба шумор меравад. Чунки, рушди бемайлони соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллии мамлакат бе таъмини иқтидорҳо ва захираҳои энергетикӣ имконнопазир аст [11].

Имрӯзҳо гарчанде захираҳои нафту газ ва маҳсулоти коркарди онҳо бо мурури замон дар кишвари мо маҳдуд шуда бошанд хам, набояд фаромӯш сохт, ки потенсиали гидроэнергетикии кишварамон зиёда аз 527 млрд.кВт.соатро ташкил дода, ниҳоят бузург мансуб меёбад ва танҳо истифодаи оқилонаи он имконияти кишварро дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иқтидори содиротӣ воқеӣ мегардонад.

Мусаллам аст, ки иқтидорӣ гидроэнергетикӣ яке аз манбаъҳои асосии рушди мамлакат ва аз ҷиҳати экологӣ тозаю фоидаовар ба шумор меравад. Дар шароити кунунӣ ҷумҳурии мо дорои зиёда аз 5000 МВт иқтидорҳои энергетикӣ буда, солона имконияти истеҳсол намудани 17 млрд.кВт.соат неруи барқро дорад. Мутаассифона иқтидорҳои истифодашавандаи мазкур дар қиёс ба потенсиали гидроэнергетикии кишвар танҳо дар сатҳи 5-6% қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергикӣ аз ҷониби Ҳукумати мамалакат яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар эътироф гардида, пешбинӣ шудааст, ки ин раванд дар давраи минбаъда ба рушди иқтисодиёти миллии кишвар ва беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми он мусоидат менамояд.

Бо мақсади таъмини рушди босуботи соҳаи энергетика дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ иншоотҳои зиёди энергетикӣ, аз қабили неругоҳҳои хурду бузурги барқӣ, хатҳои

интиқоли барқ ва зеристгоҳҳои барқии иқтидорҳои гуногун сохта ба истифода дода шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар радифи корҳои амалишудаистода дар бахши рушди минбаъдаи соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ моро амалӣ намудани як қатор тадбирҳои умедбахш дар назар аст.

Дар ин росто, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода додани Неругоҳи барқии обии “Роғун” ҳаётан муҳим буда, рушди босуботи соҳаи энергетика ва дар маҷмуъ баланд бардоштани маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба он вобастагӣ дорад. Зеро, манбаи алтернативии рушди устувори иқтисодие, ки дар муддати кӯтоҳ аз бунбасти иқтисодӣ мамлакатро раҳо диҳад, вуҷуд надорад. Бинобар ин, истеҳсолоти гидроэнергетикӣ дар кишварамон нисбат ба дигар истеҳсолоти хоҷагии халқи мамлакат афзалиятноктар маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, бояд зикр намуд, ки аз нуқтаи назари илмӣ тибқи асосноккунии техникию иқтисодӣ, сохтмони иншооти Неругоҳи барқии обии “Роғун” аз рӯи иқтидорҳои сохташаванда яке аз иншоотҳои калонтарин дар дарёи Вахш ба ҳисоб меравад, ки сохтмонаш айни замон давом ёфта истодааст.

Мутобиқ ба нишондиҳандаҳои асосноккунии техникию иқтисодӣ иқтидори лоиҳавии НБО “Роғун” 3600 МВт муайян гардида, иборат аз 6 чархи кории ҳар як баробар ба 600 МВт мебошад ва баландии садди он 335 метр муқаррар карда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ вобаста ба муайян намудани бехатарии сарбанд, махсусан мавҷудияти хатари сейсмикӣ ва танзими идоракунии захираҳои оби байнисарҳадӣ бо ҷалби мушовирони байналмилалӣ баҳодиҳӣ гузоринида шуд, ки он мусбӣ арзёбӣ гардидааст. Дар натиҷа асосноккунии техникию иқтисодии сохтмони НОБ-и “Роғун” аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ эътироф гардид, ки он барои идома додани сохтмони ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ замина гузошт.

Бояд қайд намуд, ки сохтмони иншооти Роғун асосан аҳаммияти иқтисодӣ дорад, зеро истеҳсол ва фурӯши барқи арзону аз ҷиҳати экологӣ тоза барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, густариши ҳамкориҳои судманди байнидавлатӣ дар самти содироти он ва истифодаи самараноки об мусоидат менамояд.

Неругоҳи барқӣ-обии “Роғун” ҳангоми пурра фаъолият намудан солона метавонад 13,1 млрд. кВт-соат неруи барқ истеҳсол намояд, ки ин нишондиҳанда ба рушди минбаъдаи кишвар метавонад таъсири назаррас расонад.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи лоиҳаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 суръати афзоиши миёнасолонаи ММД 6-7%-ро ташкил медиҳад, ҳаҷми ММД дар давраи пешбинишаванда 2,6 маротиба афзоиш меёбад ва ҳаҷми он ба ҳар нафар аҳолӣ 2 маротиба зиёд мешавад. Аз рӯи чунин сенарияи рушд суръати афзоиши ММД аз рӯи панҷсолаҳо мутаносибан 5-6% (солҳои 2016-2020), 6-7% (солҳои 2021-2025) ва 7-8% (солҳои 2026-2030)-ро ташкил медиҳад.

Дар ин давра рушди иқтисодӣ аз ҳисоби вусъатдиҳии омилҳои дохилии экстенсивии истеҳсолот таъмин гардида, талаботи истеъмолӣ ва сармоягузорӣ аз ҳисоби манбаъҳои дохиливу берунаи маблағгузорӣ, ҳавасманд карда мешавад. Дар чунин сатҳ, ҳиссаи бахши аграрӣ дар ММД зиёда аз 1,5 маротиба коҳиш меёбад (дар давраи солҳои 2016-2020 сатҳи коҳишёбӣ аз 23,3 то 20,5%, солҳои 2021-2025 то 17,7% ва солҳои 2026-2030 то 14,1%), ҳиссаи саноат дар ММД то охири давраи пешбинишаванда 1,6 маротиба афзоиш меёбад (дар давраи солҳои 2016-2020 афзоиш аз 12,5 то 16%, солҳои 2021-2025 то 17,6% ва солҳои 2026-2030 то 20,1%).

Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мазкур бо назардошти истеҳсол ва фурӯши неруи барқи НБО “Роғун” ҳисобӣ карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, метавон иброз намуд, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ аз истеҳсоли неруи барқ дар НБО “Роғун” вобастагӣ дошта, муаррифӣ намудани иншооти мазкур ҳамчун иншооти бузурги аз нуқтаи назари илмию иқтисодӣ асоснок мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДТТ ба номи ак. М.С. Осимӣ - Акрамов А.А.**

**АДАБИЁТ**

1. Анализ хозяйственной деятельности в промышленности: Учебник / Под ред. В.И. Стражева. -Мн.: Высшая школа, 1998.
2. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять капиталом? / И.Т. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 1995. -384 с.
3. Ван Хорн Дж.К. Основы управления финансами / Ван Хорн Дж.К. -М.: Финансы и статистика, 1996. -799 с.
4. Зайцев Н.А. Экономика промышленного предприятия / Н.А. Зайцев. -М.: ИНФРА-М., 1998. -284 с.
5. Концепция развития отраслей топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан на период 2003-2015 гг. Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 03.08.2002 №318.
6. Копытов Ю.В. Экономия электроэнергии в промышленности: Справочник / Ю.В. Копытов, Б.А. Чуланов. -М.: Энергоатомиздат, 1982.
7. Нажмуддинов Ш.З. Состояние вопросов энергетической зависимости РТ / Ш.З. Нажмуддинов // Экономики Таджикистана: Стратегия развития. - 2007. -№4. -С.128.
8. Никитенко А.Ф. Перспективы развития электроэнергетики Таджикистана. В Кн. Народнохозяйственное значение Нурекской ГЭС / А.Ф. Никитенко. -Душанбе: Ирфон, 1964. -С.73.
9. Павлова Л.Н. Финансы предприятий / Л.Н. Павлова. -М.: Финансы, ЮНИТИ, 1998. -639 с.
10. «Программа по эффективному использованию гидроэнергетических ресурсов энергосбережения на 2018-2016 годы» в РТ Утверждена Постановлением ПРТ от 2 ноября 2017 года, №551.
11. Табунщиков Ю.А. Выученные и невыученные уроки энергосбережения / Ю.А. Табунщиков // Энергосбережение. – 2009. – №1.
12. Таджикистан в цифрах 2014 год (Агенство по статистике при Президенте РТ).
13. Фокин В.М. Энергосбережение в производственных и отопительных котельных / В.М. Фокин. -М.: Машиностроение-1, 2004. -180 с.
14. Фокин В.М. Основы энергосбережения в вопросах теплообмена / В.М. Фокин, Г.П. Бойков, Ю.В. Видин. -М.: Машиностроение-1, 2005. -192 с.
15. Фортов Е.В. Энергосбережение – перспективный вид бизнеса / В.Е. Фортов // Энергополис. – 2009. -№1-2.

## БАҲИСОБГИРИИ ҲАҶМИ ВОРИДОТУ СОДИРОТИ НЕРУИ БАРҚ

Дар мақолаи мазкур баҳисобгирии ҳаҷми воридоту содироти неруи барқ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси як қатор Барномаҳои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ корҳои наззаррасе ба сомон расонида шудааст. Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузоштаршуда дар Паёми Пешвои Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсоли неруи барқ истифодаи самараноки он дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ» вусъат бахшидани истифодаи васеъи манбаҳои барқароршавандаи энергия, дар баробари сохта ба истифода додани як қатор иншоотҳои азими энергетикӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №795, аз 30 декабри соли 2015 «Дар бораи Барномаи аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони неругоҳҳои хурди барқӣ-обӣ барои солҳои 2016-2020» бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва ширикони байналмилалӣ корҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашии 11 адад НБО-и хурдро бо иқтидори умумии 12825 кВт дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, Суғд, ВМКБ ва ноҳияҳои тобеъи марказ ба роҳ монда, соли таҷлили биступанҷумин солгарди истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамонро бо дастовардҳои арзанда истиқбол гирифт.

**Калидвожаҳо:** барномаҳо, халқ, истиқлолият, наззаррас, вазифаҳо, иқтидорҳо, самараноки, хоҷаги, энергетикӣ, манбаҳо, баробар, вазорат, дахлдор, байналмилал, сохтмон, ноҳияҳо, вилоят, давлат, арзанда.

## РАСЧЕТ ОБЪЕМА ИМПОРТА И ЭКСПОРТА ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ

В статье рассматривается расчет объема импорта и экспорта электроэнергии. На основе ряда программ развития отраслей экономики страны были проделаны значительные работы после обретения государственной независимости. В целях выполнения задач, поставленных в Послании Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Верховному Собранию Республики Таджикистан «О реализации новых энергетических мощностей, их эффективном использовании во всех отраслях экономики, в в целях достижения энергетической независимости», расширение широкого использования возобновляемых источников энергии, наряду со строительством и вводом в эксплуатацию ряда крупных энергетических объектов согласно постановлению Правительства Республики Таджикистан №795 от 30 декабря 2015 года«О Программе использования возобновляемых источников энергии и строительства малых ГЭС на 2016-2020 годы» при поддержке Правительства Республики Таджикистан, профильных министерств и ведомств и международных партнеров выполнены строительно-проектные работы 11 малых ГЭС общей мощностью 12825 кВт в городах и районах Хатлонской области, Согдийской области, БМКБ и районах, подчиненных центру, достойно встретили год празднования двадцатипятилетия государственной независимости нашего родного Таджикистана.

**Ключевые слова:** программы, люди, самостоятельность, значимые, задачи, возможности, эффективные, экономика, энергия, ресурсы, равные, министерства, актуальные, международные, строительство, районы, регион, государство, достойные.

**CALCULATION OF THE VOLUME OF IMPORT AND EXPORT OF ELECTRICITY**

The article discusses the calculation of the volume of imports and exports of electricity. On the basis of a number of programs for the development of sectors of the country's economy, significant work has been done after gaining state independence. In order to fulfill the tasks set in the Message of the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan “On the implementation of new energy capacities, their efficient use in all sectors of the economy, in order to achieve energy independence”, expanding the widespread use of renewable energy sources, along with construction and commissioning of a number of large energy facilities in accordance with the Decree of the Government of the Republic of TajikistanNo. 795 dated December 30, 2015 "On the Program for the use of renewable energy sources and the construction of small HPPs for 2016-2020" with the support of the Government of the Republic of Tajikistan, relevant ministries and departments and international partners, construction and design work was carried out on 11 small HPPs with a total capacity of 12825 kW per cities and districts of Khatlon region, Sughd region, BMKB and districts subordinate to the center, adequately met the year of celebration of the twenty-fifth anniversary of the state independence of our native Tajikistan.

**Keywords:** programs, people, independence, significant, tasks, opportunities, effective, economy, energy, resources, equal, ministries, relevant, international, construction, districts, region, state, worthy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашуров Камолидин Розикович*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға**: 735042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov. 70.** Телефон: **+992 919165741**

***Холмуродова Татяна Насимовна*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар истеҳсолот. **Суроға**: 735042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10. E-mail: t.kholmurodova. Телефон: **+992 985282480**

**Сведения об авторах** ***Ашуров Камолидин Розикович*** - Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления на производстве. **Адрес**: 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70.** Телефон: **+992 919165741**

***Холмуродова Татьяна Насимовна*** - Технический университет Таджикистана имени академика М.С. Осими, старший преподаватель кафедры экономики и управления на производстве. **Адрес**: 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. E-mail: **t.kholmurodova.** Телефон: **+992 985282480**

**Information about authors** ***Ashurov Kamolidin Rozikovich*** - Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Production Management. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street 10. E-mail: **kamoljddjn.ashurov.70.** Phone: +**992 919165741**

***Kholmurodova Tatyana Nasimovna*** **-** Technical University of Tajikistan named after Academician M.S. Osimi, Senior Lecturer, Department of Economics and Management in Production. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Radjabov Street 10. E-mail: **t.kholmurodova.** Phone**: +992 985282480**

ТДУ: 336 (575.3)

# БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

***Қобилова Ш.Т.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамчун омили таҳрикдиҳанда ба раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таъсиррасон арзёбӣ карда мешавад. Иқтисоди муосир дорои хусусиятҳо ва принсипҳои хосси худ буда, аз субъектони иқтисодӣ тақозо менамояд, ки бо назардошти вазъи муосир фаъолияти худро роҳандозӣ намоянд. Махсусан омӯзиши бозор, гузаронидани таҳқиқотҳои маркетингӣ ва татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ метавонад муваффақияти субъектони иқтисодиро таъмин намояд. Дар ин раванд ташкилотҳои қарзӣ низ истисно нестанд ва дар шароити муосири иқтисодӣ зарур аст, ки тибқи талаботи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва хоҳиши муштариён амал намоянд. Зеро таъмини рақобатпазирӣ ва баландбардории эътимоднокии бонки тиҷоратӣ дар асоси фаъолияти самаранок дар бозор имконпазир мегардад. Махсусан, гузариш ба иқтисоди рақамӣ барои ташкилотҳои қарзӣ масъалаҳои зиёдеро пеш овард, ки ҳалли онҳо зарур ва ногузир арзёбӣ карда мешавад. Таъмини фаъолияти самаранок, муваффақият дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, баландбардории сифати хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои бонкӣ масъалаҳое ба шумор мераванд, ки бонкҳо бояд дар доираи стратегияи рушд коркард ва ҳал намоянд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки давраҳои ташаккул, хусусиятҳо ва шаклҳои банақшагирии стратегии бонкҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор дода шавад.

Тибқи гуфтаҳои боло метавон зикр намуд, ки оид ба марҳилаҳои банақшагирӣ дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар адабиётҳои иқтисодӣ фикри мушаххас ва ягона вуҷуд надорад. Тавасиева А.М. оид ба марҳилаҳои банақшагирӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дарҷ менамояд, ки “марҳилаҳои банақшагирӣ мантиқан яке дигареро пайгирӣ менамоянд ва зимни тағйироти стратегӣ дар омилҳои танзимшаванда онҳо бо нақшаҳои тиҷоратӣ ва барномаҳое, ки барои татбиқи стратегия тартиб дода шудаанд, пурра карда мешаванд” [10,с.19]. Яъне, ба андешаи ӯ ҳангоми тағйиротҳои ҷиддӣ омилҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкҳо метавонанд қисман тағйир ёбанд ва ё ҳамдигарро пурра намоянд. Стродубсева Е.Б. ба чунин ақидааст, ки “раванди банақшагирӣ бениҳоят мураккаб мебошад ва кулли ҳадафҳои ташкилоти қарзиро дар самти идоракунии корпоративӣ фаро гирифтааст” [7,с.52]. Воқеан, ҳадафҳои корпоративии ташкилоти қарзӣ бояд бо имкониятҳои молиявии он мувофиқат кунанд. Зеро таъмини самараноки раванди банақшагирии стратегиро наметавон бидуни ба назар гирифтани имкониятҳои молиявӣ татбиқ намуд. Чунин раванд, бояд дар воҳидҳои сохтории бонк сурат гирад, ки дар он вазифаҳо ва ҳадафҳо дар асоси афзалиятҳои бозор ва захираҳои мавҷуда муқаррар карда мешаванд. Сипас, дар асоси муқоисаи вазифаҳо ва ҳадафҳои дар сатҳҳои гуногун таҳияшуда, стратегияи такмилёфтаи корпоративӣ татбиқ карда мешавад. Ин стратегия, стратегияи асосӣ мебошад, ки аллакай тамоми хусусиятҳо ва дархостҳои воҳидҳои бонкро ба инобат гирифта, ба нақшаи стратегии бонк ворид намудани ислоҳоти дахлдорро пешбинӣ менамояд. Белоглазова Г.Н. дарҷ менамояд, ки “чунин тағйиротҳо метавонанд назаррас бошанд ва ба тағйироти гуногун таъсиргузор бошанд” [1,с.149]. Мушкилоти раванди банақшагирии стратегиро ба назар гирифта, Достов В.А. қайд мекунад, ки “банақшагирии стратегӣ бояд фаъолияти бонкро куллан дарбар гирад ва самаранокии амалиётҳои бонкӣ аз он вобастагии амиқ дорад” [11,с.55]. Дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти иқтисодӣ, банақшагирии стратегии бонкро ҳамчун раванде, ки дурнамои фаъолияти онро муайян месозад, арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҷиҳати инъикоси пурра ва комили раванди банақшагирии стратегӣ дар бонкҳо, онро дар шакли расм пешниҳод намудаем (расми 1).

**Расми 1. Ҷараёни банақшагирии стратегии бонк дар шароити иқтисоди рақамӣ**
**Figure 1. The process of strategic planning of the bank in the conditions of the digital economy**




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз расми 1 дидан мумкин аст, ки пеш аз ҳама, дар раванди банақшагирии бонк мақсади он ҷой дода шудааст. Зеро ҳадафи бонк дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муваффақияти онро таъмин месозад ва густариши фаъолияти минбаъдаи он аз ҳадафи гузоштащуда сарчашма мегирад. Вобаста ба ин, Кунитсина Н.Н. арз менамояд, ки “банақшагирии стратегӣ яке аз вазифаҳои идоракунии бонк ба шумор рафта, аз муқаррарсозии мақсад ва вазифаҳои бонк оғоз меёбад”. Ба андешаи ин пажуҳишгар бонкҳои тиҷоратиро зарур меояд, ки пеш аз оғози фаъолият, бояд мақсади худро дақиқ созанд. Аз адабиётҳои иқтисодӣ маълум аст, ки ҳадафи ҳар як ташкилоти тиҷоратӣ, махсусан бонкҳои тиҷоратӣ гирифтани даромад мебошад [9,с.18]. Аммо, роҳҳо ва усулҳои ноил гардидан ба ин мақсад бояд фароҳам оварда шаванд. Шароити муосири иқтисодӣ, алалхусус густаришёбии иқтисоди рақамӣ ва афзуншавии хоҳишҳои муштариён оид ба дастрасии фосилавӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, бонкҳоро водор месозад, ки раванди банақшагирии фаъолияти худро ба таври дақиқ ва амиқ омӯзанд ва баъд татбиқ намоянд. Вазифагузории бонк дар раванди банақшагирии стратегии он ҷойгоҳи хосеро ишғол намуда, асоси фаъолияти минбаъдаи онро ташкил медиҳад (расми 3). Ҳадафи асосии бонк далели мавҷудият ва асоси фаъолияти он буда, бояд равшану дақиқ муқаррар карда шавад. Марҳилаи муайян кардани он, воқеан, бояд пеш аз оғози фаъолияти ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шавад. Муассисонро зарур аст, ки зимни таъсиси бонк ҳадафҳои ниҳоии онро дақиқ созанд, усулҳои идоракунии бонкро кокард намоянд, то ки рақобатпазирии доимиро дар бозор таъмин карда тавонанд. Дар ин самт Вешкин Ю.А. фикри худро дорад. Ӯ чунин меҳисобад, ки бо тағйирёбии шароити бозор ва ҳайати муассисони бонк, мураттабсозии вазифаи умумии бонк метавонад тағйир ёбад, бинобар ин, дар ҳар як марҳилаи нави банақшагирии стратегӣ рисолати мазкур аз нав муайян карда мешавад [3,с.63]. Муайян сохтани ҳадафи бонк, чун қоида, бояд аз ҷониби Шурои директорони бонк сурат гирад [3]. Шурои нозирони бонк ҷиҳати татбиқи фаъолияти самаранок ва густурда ҳадафҳои муайянеро дар назди худ мегузорад ва ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштащуда бизнес-нақшаи худро ташкил менамоянд. Бояд қайд намуд, ки ҳадафи асосии бонк, бояд самти фаъолияти ташкилоти қарзиро аз рӯи хизматрасоние, ки аз ҷониби гурӯҳҳои истеъмолкунандагон хизмат мерасонад, инъикос намуда тавонад. Илова бар ин, ҳадафи бонк принсипҳо ва

фазои дохилии бонкро комилан таҷассум карда тавонад. Аз ин ҷост, ки Ермаков С.А. ҳадафи бонк ва дараҷаи ташкилии онро ба назар гирифта, қайд мекунад, ки “интихоби ҳадафи бонк зимни таҳияи банақшагирии стратегӣ хело кори масъулиятнок буда, он бояд фазои умумии фаъолияти бонкро фаро гирифта тавонад” [6,с.30]. “Агар мо ба таври комилан ҷиддӣ доираи ҳадафҳои бонкро танг намоем, пас имкониятҳои роҳбарияти бонкро зимни қабули қарорҳо метавонем маҳдуд намоем”, дарҷ менамояд Ермакова С.А. [6]. Ҳангоми қабули қарорҳо ва таъин намудани миссияи бонк, пеш аз ҳама, зарур аст, ки талаботҳо ва хоҳишҳои муштариён ба инобат гирифта шавад (расми 2).

**Расми 2. Даври якуми банақшагирии стратегии бонк (муқаррар намудани миссияи бонк)**
**Figure 2. The first round of strategic planning of the bank (establishing the mission of the bank)**



Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бидуни ба назар гирифтани хоҳишҳои муштариён ва фаъолият намудан тибқи талаботи онҳо бонк наметавонад ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардад. Танҳо дар асоси сад дар сад ва сифатан хуб қонеъ сохтани эҳтиёҷоти муштариён ва оқилона пешниҳод намудани амалиёти бонкӣ, бонкҳо муваффақияти ҳамаҷонибаро ба даст меоранд. Бинобар ин, дарҷ намудан лозим аст, ки рисолати бонк ва миссияи бонк бо назардошти ин омил бояд интихоб карда шавад. Интихоби миссияи бонк бояд аз рӯи иқтидори молиявӣ-иқтисодии бонк сурат гирад. Зимни бузург будани андозаи молиявӣ-иқтисодии бонк миссияи бонк низ бояд бузург бошад. Зеро танҳо дар асоси татбиқи вазифаҳои бузург бонк дар бозор мавқеи муваффақонаро касб намуда наметавонад. Ба бонкҳое, ки нисбатан дорои нишондиҳандаҳои кӯчаки молиявӣ мебошанд, тавсия дода мешавад, то вазифаҳоеро барои худ таҳия намоянд, ки барои онҳо фазои мусоиди кориро фароҳам оварда тавонад, на инки боиси бар абас рафтани ҳадафҳои гузошташуда гардад [5]. Ба ин вобаста Вешкин Ю.Г. қайд менамояд, ки “дар шароити иқтисоди рақамӣ дар ду ҳолат интихоби миссияи бонк метавонад хатарнок бошад: якум, миссияи бениҳоят бузург ва ё иҷроишаш мушкил, дуюм, миссияе, ки бениҳоят сода мебошад” [3]. Аз давраи якуми банақшагирии стратегии фаъолияти бонк, яъне расми 2 дидан мумкин аст, ки ба ин раванд як қатор омилҳо таъсир расонида метавонанд. Пеш аз ҳама, ба давраи аввали банақшагирии стратегии фаъолияти бонк омилҳое таъсир мерасонанд, ки дар сатҳи микроиқтисодиёт қарор доранд. Аз ҷумла: таърихи ташаккули бонк, фарҳанги пешбурди фаъолият, сохтори ташкилии бонк, сифати менеҷменти бонкӣ ва ғайра. Омилҳои қайдшуда, омилҳое ба шумор мераванд, ки дар дохили фаъолияти бонк қарор доранд ва бештар бояд аз ҷониби роҳбарияти бонк бартараф карда шаванд. Масалан, яке аз омилҳои калидӣ, сифати шахсии роҳбари

бонк арзёбӣ карда мешавад [4]. Хусусиятҳои шахсии роҳбар, дараҷаи фаҳмиши ӯ ва хоҳишҳову талаботи ӯ метавонад дар раванди муайянсозии миссияи бонк таъсири амиқ дошта бошад, ки ин дар натиҷа ба стратегияи рушди умумии бонк низ таъсир хоҳад дошт.

Маҷмуан, метавон қайд намуд, ки миссияи бонк самти асосии фаъолияти бонкро муайян сохта, моҳияти иқтисодии фаъолияти онро инъикос менамояд.

Қисмати дигаре, ки раванди банақшагирии стратегии фаъолияти бонкро такмил медиҳад ва дар самт хусусияти вижа дорад, вазифагузории фаъолияти бонк арзёбӣ карда мешавад. Иванов И.В. бинобар сабаби аҳаммияти махсус доштани ин давра қайд мекунад, ки “сифати фаъолияти ташкилоти қарзӣ ва муваффақияти он дар бозор аз вазифагузорӣ дар доираи банақшагирии стратегии бонк сахт вобаста мебошад” [7,с.87]. Вазифагузории раванди фаъолияти бонк пас аз муайян намудани миссияи бонк ба миён меояд. Дар ин қисмати стратегияи банақшагирии стратегӣ вазифаҳои бонк ва моҳияти аслии онҳо мушаххас карда мешавад. Басовский Л.Е. ташаккули комил ва пурраи нақшаи фаъолияти бонкро аз вазифаҳои гузошташуда медонад [4]. Дар доираи миссияи дақиқшуда, вазифаҳои бонк муқаррар карда мешаванд ва дурнамои рушди фаъолияти бонк муайян мегардад (расми 3).

Дар маҷмуъ, лозим ба ёдоварист, ки вазифаҳои бонк ҳамчун ифодакунандаи ҳадафи мушаххаси бонк амал намуда, ҳам дар сатҳи сарбонк ва ҳам дар сатҳи воҳидҳои ташкилии бонк (филиалҳо, МХБ, намояндагиҳо, бонкҳои фаръӣ) ба роҳ монда мешавад. Вазифаҳои муқаррааргардидаи бонк таҳти таъсири омилҳои маҳдудкунанда ва имкониятҳои муҳити бозор, талаботи муштариён, тақозои саҳмдорон, имкониятҳои захиравӣ ва фарҳанги дохилии пешбурди фаъолияти бонк татбиқ мегарданд. Вешкин Ю.Г. ба он назар аст, ки вазифаҳои дар доираи миссияи бонк муқаррагардида, камтар ба хавфҳо дучор мегарданд ва татбитқи онҳо нисбатан сода сурат мегирад.

**Расми 3. Давраи дуюми банақшагирии стратегӣ (вазифагузории раванди фаъолияти бонк)**
**Figure 3. The second period of strategic planning (tasking of the bank's activity process)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Яъне, ӯ чунин андеша дорад, ки агар вазифаҳои бонк оқилона ва бо назардошти миссияи муқарраргардида таҳия карда шавад, муваффақияти бонк дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ метавонад таъмин гардад. Дар ин самт метавон ба ақидаи Вешкин Ю.Г. розӣ шуд. Зеро танҳо дар асоси вазифаҳои таҳлилгардида ва дақиқ таҳияшуда, бонк метавонад, ки самаранокии фаъолияти худро таъмин намояд [3]. Густариши муносибатҳои субъектони иқтисодӣ тариқи технологияи муосир ва рақамикунонии онҳо бонкҳоро водор месозад, ки вазифаҳои худро дақиқан мушаххас намоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди банақшагирии стратегии фаъолияти ташкилоти қарзӣ, муайян намудани вазифаҳои бонк қисмати асосӣ ба шумор рафта, мебояд вазифаҳо дар доираи миссияи бонк тарҳрезӣ карда шаванд. Ҷиҳати таъмини фаъолияти густурда ва муваффақонаи бонк дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар баробари вазифагузории оқилона, инчунин, муайянсозии мавқеи бонк дар бозор бояд баҳогузорӣ карда шавад. Татбиқи амалиёти бонкӣ тариқи технологияи муосири бонкӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ аз қабили омилҳое ба шумор меравнд, ки мавқеи бонкро дар бозор муайян менамоянд. Дар шароити муосир бо гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва ташкили фаъолияти виртуалии ташкилотҳои қарзӣ, рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ шиддат гирифт.

Аз ин рӯ, давраи дигар ва ниҳоят аҳаммиятнок барои банақшагирии стратегии фаъолияти бонк, муайянсозӣ ва баҳогузории мавқеи бонк дар бозор дониста мешавад. Баҳодиҳии мавқеи бонк дар бозор давраи сеюми банақшагирии стратегӣ арзёбӣ гардида, дар ин қисмат тартиби фаъолияти худро дар бозор мушаххас месозад. Муҳаққиқон Беспалова О.В. ва Хохлова М.М. оид ба муайянсозии мавқеи бонк дар бозор андешаи худро доранд ва изҳор менамоянд, ки "дар ин давра бонк бояд ба коркарди стратегияи рушди худ машғул шавад" [2,с.29]. Онҳо чунин меҳисобанд, ки амалҳои асосӣ дар ин самт баҳодиҳӣ ва тартиб додани имкониятҳо ва омӯзиши хатарҳои эҳтимолии бозор ба ҳисоб меравнд. Воқеан, ин давра барои муваффақияти бонк дар бозор заминаи мусоидро фароҳам меорад ва хавфҳои эҳтимолиро пешгӯӣ менамоянд. Барои баҳисобгирии хавфҳои эҳтимолӣ ва баҳодиҳии имкониятҳои бонк дар бозор бонкҳоро зарур меояд, ки:

- муайян намудани мақсади асосӣ дар бозор;
- баҳодиҳии хусусиятҳои бозор;
- арзёбии ҷолибияти бозор.

Баҳодиҳӣ ва арзёбии хусусиятҳои бозор имконият медиҳад, ки бозор ҳамаҷониба омӯхта шавад ва имкониятҳои бонк дар ин бозор мавриди баррасӣ қарор гирад. Тибқи андешаи Костерина Т.М. хусусиятҳои бозор асоси раванди фаъолияти бонкро фарогир мебошад ва баррасии онҳо барои фаъолияти минбаъдаи бонк замина мегузорад [5]. Метавон қайд намуд, ки мо то андозае ба андешаи Костерина Т.М. розӣ шудем. Зеро гурӯҳбандии хусусиятҳои бозор барои бонк имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад ва бонк метавонад, ки фаъолияти самаранок дошта бошад. Аммо, ба таври дақиқ кадом вижагиҳои бозор бояд гурӯҳбандӣ карда шаванд, аз ҷониби ягон муҳаққиқ муайян карда нашудааст. Махсусан дар ҳолати гузариш ба иқтисоди рақамӣ кадом хусусиятҳои бозор барои бонкҳо зарур аст ва то чӣ андоза дар татбиқи стратегияи рушди бонк нақш дорад, муайян карда нашудааст. Дар иқтисодиёти рақамӣ, ки талаботи муштариён зуд тағйир меёбад ва имкониятҳои технологӣ асоси бартариятҳои ташкилотҳои қарзиро ташкил медиҳанд, баҳодиҳии вижагиҳои бозор ва тибқи он амал намудан ба манфиати кори бонк хоҳад буд. Ба назари мо ҷиҳати таъмини муваффақияти бонк дар бозор ба ташаккули бартарият нисбат ба рақибон дар бозор бояд хусусиятҳои зерини бозор баҳогузорӣ ва гурӯҳбандӣ карда шаванд: талаботи муштариён дар бозор; нишондиҳандаҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасонҳо; нишондиҳандаҳои рақобатнокӣ; вижагиҳои муҳити бозор; ҳолати молиявии рақибон дар бозор; дараҷаи таъминнокии бонк бо таҷҳизоти муосири бонкӣ ва ҳоказо. Гурӯҳбандии вижагиҳои бозор барои ташкилотҳои қарзӣ имконияти бештареро фароҳам меоранд. Зеро бонк метавонад дар ин асос норасоиҳои фаъолияти худро дақиқ созад ва оид ба баратараф намудани онҳо чораҷӯӣ намояд. Илова ба ин, бо ёрии гурӯҳбандии хусусиятҳои бозор бонк метавонад вазъи дохилии бозор, тамоюли асосии он ва талаботҳои муштариёнро арзёбӣ намояд.

Яке аз хусусиятҳои дигари бозор ин нишондиҳандаи хизматрасонӣ мебошад. Нишондиҳандаи хизматрасонӣ имконият медиҳад, ки дар бораи маҳсулоти бонкӣ тасаввурот пайдо шавад ва он мувофиқи хоҳишҳои истеъмолкунандагон пешкаш карда шавад. Дар ин самт тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ низ аҳаммияти хосса дорад. Чунки рақобатпазирии бонк аз тартиби

пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариён вобаста буда, мавқеи бонкро мушаххас месозад.

Дар ин раванд, яъне гурӯҳбандии хусусиятҳо ва ё, ки вижагиҳои бозор дар доираи муайянсозии мавқеи бонк, нишондиҳандаи дигари муҳим, рақобатпазирии бонк ба шумор меравад. Арзёбии рақобатпазирии бонк дар бозоре, ки мехоҳад фаъолият намояд ва ё ки фаъолият намуда истодааст, муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин, рақибони асосӣ, имкониятҳои молиявии онҳо ва самтҳои муҳимми бозор, ки онҳо хизматрасонӣ мекунанд, бояд аниқ карда шавад. Инчунин, зарур аст, ки бонк ҳиссаи худро дар бозор баҳогузорӣ намояд ва муайян созад, ки дар бозор то чи андоза мавқеи ҳалкунандаро доро мебошад.

Ба қисмати хусусияти муҳити бозор метавон маълумотҳоро оид ба таъсири тамоюли иқтисодӣ, рушди макроиқтисодӣ, омилҳои сиёсӣ, технологӣ, вазъи демографӣ, саводнокии молиявии аҳолӣ ва ғайраҳоро ба назар гирифт. Дар асоси баҳодиҳии муҳити бозор ва таъсири он ба раванди фаъолияти бонк метавон ҷолиябияти бозорро муайян сохт. Ҷолибияти бозоре, ки бонк дар он фаъолият мекунад, бояд ба таври дақиқ омӯхта шавад, чунки самаранокӣ ва муваффақияти бонк аз он вобастагии беандоза дорад. Барои омӯзиш ва баррасии ҷолибияти бозоре, ки бонк дар он амал мекунад, як қатор нишондиҳандаҳоро истифода намудан мумкин аст. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳое, ки ҷолибияти бозорро тавсиф менамоянд, аз инҳо иборат мебошанд: суръати афзоиши нишондиҳандаҳои молиявии бонк; суръати афзоиши пешгӯишаванда; шумораи умумии муштариён; дараҷаи тамаркузи муштариёне, ки ба онҳо бонк хизмат мерасонад; иқтидори молиявии муштариён; аҳаммияти маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонк барои муштариён; хусусиятҳои молиявии муштариён; тамоюли даромаднокӣ; даромаднокии нисбии хизматрасонӣ. Бо баррасӣ, таҳлил ва омӯзиши омилҳои болозикр, бонк метавонад, ҷолибияти бозорро майян созад ва дурнамои фаъолияти минбаъдаи худро тарҳрезӣ намояд.

**Расми 4. Давраи чаҳоруми банақшагирии стратегӣ (баҳодиҳии омилҳои таъсирбахш ба стратегияи бонк)**

**Figure 4. The fourth period of strategic planning (assessment of factors affecting the bank's strategy)**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҷараёни банақшагирии стратегии фаъолияти бонк, баҳогузорӣ кардани омилҳои таъсирбахш ба стратегияи бонк дониста мешавад. Баҳогузории омилҳои ба раванди иҷроиши фаъолияти бонк таъсиррасон қисмати калидии фаъолияти бонкро дар бар гирифта, баррасии мақсадноки онҳо метавонад бонкро дар бозор муваффақ гардонад. Арзёбии омилҳои ба ин ҷараён таъсирбахш дар сатҳҳои микро ва макроиқтисод имконпазир мебошад. Чунин амалкард, яъне баҳодиҳии оқилонаи омилҳои таъсиррасон имконият фароҳам меоранд, ки фаъолияти бонк пешгӯӣ карда шавад ва натиҷаҳои зарурӣ ба даст оянд. Илова ба ин, ба бонк имконият медиҳанд, ки стратегияи мувофиқеро ҷиҳати пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ таҳия кунад ва таъсири омилҳои манфиро коҳиш диҳад. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки таҳлили макроиқтисодӣ кулли раванди фаъолияти бонкро фарогир буда, омилҳоро муайян менамояд.

Дар ҷараёни таҳлил муҳити фаъолияткунандаи бонк, имкониятҳои бозории бонк баҳогузорӣ мегарданд, хавфҳои эҳтимолӣ муайян карда мешаванд ва бо назардошти вазъи пешбинишуда стратегия қабул карда мешавад.

Ҳамин тариқ, тағйирот дар муҳити беруна метавонад ба стратегия ва ҳолати молиявии бонк таъсири худро расонад ва онро ба вазъи тағйирёбандаи бозор мутобиқ намояд. Бинобар ин, таҳлили вазъи бозор ва фарзияҳо дар бораи вазъи муҳити он бояд ба дараҷаи кофӣ амалӣ карда шаванд, то таъсири эҳтимолии шароити бозор ба стратегияи бонк баҳогузорӣ гардида, ислоҳоти дахлдор ворид карда шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Белоглазова, Г.Н. Банковское дело. Организация деятельности коммерческого банка [Текст] / Г.Н. Белоглазова, Л.П. Кроливецкая. – 3-е изд. -М.: Издательство Юрайт, 2015. -149 с.
2. Беспалова О.В. Развитие банковского сектора РФ в условиях цифровизации экономики / О.В. Беспалова, М.М. Хохлова // Научный журнал «Экономика. Социология. Право». – 2019. -№2(14). -С.21.
3. Вешкин Ю.Г. Экономический анализ деятельности коммерческого банка: Учебное пособие / Ю.Г. Вешкин, Г.Л. Авагян. - 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Магистр: НИЦ ИНФРА-М, 2014. -432 с.
4. Гаюров Г.Х. Влияние банковского финансового потенциала на развитие национальной экономики / Г.Х. Гаюров, Ф.О. Худоиева // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов; под общей редакцией З.О. Адамановой. - Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2022. - С.164-167. – EDN QTYHRC.
5. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционной – кредитной деятельности банков в условиях высокого риска [Текст] / Г.Х. Гаюров // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. -№2/4(169). -С.223-226.
6. Ермаков, С.Л. Основы организации деятельности коммерческого банка / С.Л. Ермаков, Ю.Н. Юденков. –М.: Кнорус, 2009. -44 с.
7. Иванов, Н.В. Управление карточным бизнесом в коммерческом банке / Н.В. Иванов. – 2-е изд. –М.: Издательство «БДЦ-Пресс», 2009. -272 с.
8. Костерина, Т.М. Банковское дело / Т.М. Костерина. -М.: Юрайт, 2015. -332 с.
9. Куницына Н.Н. Бизнес-планирование в коммерческом банке: Учебное пособие / Н.Н. Куницына, А.В. Малеева, Л.И. Ушвицкий. -М.: Магистр: НИЦ ИНФРА-М, 2014. -384 с.
10. Тавасиев, А.М. Банковское дело. Управление и технологии / А.М. Тавасиев. -М., 2015. -19 с.
11. Электронные финансы. Мифы и реальность / В.Л. Достов, П.М. Шуст, А.А. Валинурова, А.В. Пухов. -М.: КНОРУС: ЦИПСиР, 2012. -232 с.


## БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ


Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ-амалии банақшагирии стратегии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Асоснок гардидааст, ки банақшагирии стратегӣ дар пешбурди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавқеи калидиро касб менамояд ва тақвияти фаъолияти онҳо аз он вобастагии зиёд дорад. Муаллиф адабиётҳои зиёди иқтисодиро мавриди таҳқиқ қарор дода, моҳияти асосии банақшагирии стратегиро мушаххас намудааст. Илова ба ин, аҳаммияти банақшагирии стратегӣ дар фаъолияти бонкҳо баланд арзёбӣ гардидааст ва давраҳои ташаккули он аз ҷониби муаллиф гурӯҳбандӣ карда шудааст. Банақшагирии стратегӣ ба якчанд давраҳои гурӯҳбандӣ карда шудааст ва муҳиммияти он дорои дурнамои рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дақиқ гардидааст. Муаллиф ба он ақидааст, ки асоси муваффақияти бонкро дар бозор банақшагирии оқилона ташкил медиҳад ва бонкҳоро зарур аст, ки дар ин самт чораандешӣ намоянд. Ҳамин тариқ, ҷиҳати таҳияи оқилонаи банақшагирии стратегӣ ва истифодаи самараноки он аз ҷониби ташкилтҳои қарзӣ якчанд пешниҳодҳо тавсия шудаанд, ки метавонанд фаъолияти онҳоро густариш диҳанд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, стратегияи рушд, банақшагирии стратегӣ, менеҷменти бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, маҳсулотҳои бонкӣ, бозори хизмарасониҳои бонкӣ.

## СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПЛАНИРОВАНИЕ И ЕГО МЕСТО В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

В статье рассматриваются и исследуются теоретические и практические аспекты стратегического планирования кредитных организаций. Доказано, что ключевую роль в стимулировании деятельности кредитных организаций играет стратегическое планирование, от которого во многом зависит развитие банка. Автор исследовал большое количество экономической литературы и конкретизировал основную сущность стратегического планирования. Кроме того, автором дана высокая оценка важности стратегического планирования в деятельности банков и проведена классификация периодов его становления. Стратегическое планирование разделено на несколько периодов, и стало очевидным его значение в перспективе развития деятельности кредитных организаций. Автор придерживается мнения, что основой успеха банка на рынке является рациональное планирование и необходимо банкам принимать меры в этом направлении. Таким образом, рекомендовано несколько предложений по развитию стратегического планирования и его эффективному использованию кредитными организациями, которые помогут расширить деятельность кредитных организаций.

**Ключевые слова:** банковская система, кредитные организации, стратегия развития, стратегическое планирование, банковский менеджмент, коммерческие банки, банковские продукты, рынок банковских услуг.

## STRATEGIC PLANNING AND ITS PLACE IN THE ACTIVITIES OF CREDIT INSTITUTIONS

The article examines and examines the theoretical and practical aspects of strategic planning of credit institutions. It has been proven that strategic planning plays a key role in stimulating the activities of credit institutions, on which the development of the bank largely depends. The author examined a large amount of economic literature and specified the basic essence of strategic planning. In addition, the author highly assesses the importance of strategic planning in the activities of banks and classifies the periods of its formation. Strategic planning is divided into several periods, and its importance in the future development of the activities of credit institutions has become obvious. The author is of the opinion that the basis for a bank's success in the market is rational planning and it is necessary for banks to take measures in this direction. Thus, several proposals have been recommended for the development of strategic planning and its effective use by credit institutions, which will help expand the activities of credit institutions.

**Keywords:** banking system, credit institutions, development strategy, strategic planning, banking management, commercial banks, banking products, banking services market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**,** докторанти Ph.D. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1. Телефон: **92-890-00-67.** E-mail: **shafoatchon@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Кобилова Шафоатджон Толибджоновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова**,** докторант Ph.D. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **(+992) 928-90-00-67**. E-mail: **shafoatchon@bk.ru**

**Information about the author:** ***Kobilova Shafoatjon Tolibjonovna*** - Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, doctoral student Ph.D. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova passage 1. Phone: **(+992) 928-90-00-67.** E-mail: **shafoatchon@bk.ru**

ТДУ: 336.41.1

# ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ

*Ғаюров Ғ.Ҳ., Худоиева Ф.О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз самтҳои муҳим ин банақшагирии амалиёти қарзӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амалиёти қарзӣ ҳамчун амалиёти фаъол даромаднокии бонкҳои тиҷоратиро метавонад таъмин созад ва пардохтпазирии онро боло бардорад. Тибқи нишондоди маълумотҳои оморӣ зиёда аз 75%-и даромади бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби амалиёти қарзӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ташкилотҳои қарзӣ яке аз масъалаи асосӣ ин идоракунии амалиёти қарзӣ буда, аз бонкҳо стратегияи махсус ва тартиби муайянро талаб менамояд. Дар ин радиф, мушкилоти калидӣ, ки тайи солҳои охир дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии кишвар бештар ба назар мерасад, ин идоракунии сифати сандуқи қарзӣ мебошад. Дар шароити зиёдшавии хавфҳои гуногун ва болоравии рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, идоракунии сифати сандуқи қарзӣ ва таҳкими он боз ҳам афзалият пайдо менамояд. Аксар олимони соҳа ба он бováранд, ки даромаднокии бонк аз идоракунии самаранокии сандуқи қарзӣ вобаста аст.

Масалан Готовчиков И.Р. таъкид мекунад, ки нуқтаи муҳимми хусусиятҳои сандуқи қарзӣ дар он аст, ки интихоб ва ташаккули он бевосита ба муайян намудани сармоягузории бонк, маҷмуи қарорҳои стратегӣ барои давраи муайян вобаста аст [4,с.82]. Дар ин самт зикр намудан мумкин аст, ки сифати сандуқи қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омилӣ муҳимми муайянкунандаи даромаднокӣ ва пардохтпазирии он баромад намуда, рақобатнокии онро боло мебардорад. Аз ин рӯ, идоракунӣ ва дар сатҳи баланд нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бояд дар сиёсати молиявии бонк муайян карда шавад.

Сандуқи қарзии бонкҳо ва сифати он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст, ки ба ақидаи мо, баррасӣ ва омӯзиши назари баъзе аз ин олимони соҳа ба маврид мебошад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии ҷанбаҳои назариявии сандуқи қарзӣ**
**Table 1. Classification of theoretical aspects of the loan portfolio**

| МУАЛЛИФ | ТАЪРИФ | ХУСУСИЯТҲО |
|---|---|---|
| ***Гурӯҳи якуми ақидаҳо*** | | |
| *Долан Э.Дж., Кэмпбелл К.Д.* | Сандуқи қарзӣ - маҷмуи дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ аст. | Мафҳуми сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи васеъ, ки тамоми дороиҳо ва уҳдадориҳои тавозуни бонкро дар бар мегирад, таъкид шудааст. |
| *Синки Дж.Ф.* | Сандуқи қарзӣ - маҷмуи дороиҳои молиявии бонк дониста мешавад. | Мафҳуми сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи дороиҳои молиявӣ, аз ҷумла қарзҳо. |
| *Цисарь И.Ф., Чистов В.П., Лукьянов А.И.* | Сандуқи қарзӣ номгӯи шартномаҳои басташуда ва эътиборнок барои ҷалб ва тақсимоти захираҳо мебошанд. | Моҳияти сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи васеъ дар асоси амалиёти ҷалб ва ҷойгиркунии маблағҳои бонкӣ таъкид шудааст. |
| ***Гурӯҳи дуюми ақидаҳо*** | | |
| *Рид Э., Коттер Р., Гилл Э., Смит Р.* | Сандуқи қарзӣ ҳамчун қарзҳое, ки ба мизоҷон пешниҳод мешавад, фаҳмидан мумкин аст. | Сандуқи қарзӣ дар худ амалиёти қарзиро таҷассум менамояд. Дар баробари ин, хусусияти гурӯҳбандии қарзҳо таъкид карда намешавад. |
| *Хиггинс М., Платонов В.* | Сандуқи қарзӣ – ҳамаи сармоягузориҳои қарзии бонк мебошад. | |

| | | |
|---|---|---|
| *Панова Г. С.* | Сандуқи қарзӣ – қарзҳое, ки бонк ба мизоҷонаш медиҳад. | |
| *Пашков А. И.* | Сандуқи қарзӣ – маҷмуи талаботҳои бонкӣ оид ба қарзҳои додашуда мебошад. | |
| *Коробова Г. Г.*<br>*Ширинская Е. Б.,*<br>*Кокин А. С.,*<br>*Шумкова Г. К.* | Сандуқи қарзӣ — натиҷаи фаъолияти бонк оид ба пешниҳоди қарз, ки маҷмуи ҳамаи қарзҳоеро дар бар мегирад, ки бонк ба муҳлати муайян пешниҳод намудааст. | |
| *Андросов А. М.* | Дар сандуқи қарзӣ ҳамаи қарзҳои додашуда ва то ҳол барнагашта, инчунин, як қисми фоизҳои муҳлаташ гузашта аз рӯи қарзҳое, ки дар муддати камтар аз 30 рӯз ҷамъ шудаанд, инъикос меёбанд. | Сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи талаботҳои бонк оиди қарзҳо ва фоизҳои ба таъхирафтода дониста мешавад. |
| | ***Гурӯҳи сеюми ақидаҳо*** | |
| *Мамонова И. Д.,*<br>*Ширинская З. Г.* | Сандуқи карзии бонк аз бақияи суратҳисобҳои тавозунӣ барои қарзҳои кӯтоҳмуддат, дарозмуҳлат ва муҳлаташ гузашта иборат аст. | Сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи қарзҳо баррасӣ карда мешавад. Дар баробари ин, барои гурӯҳбандӣ меъёрҳои таъхирнопазирӣ ва хавф истифода мешаванд. |
| *Яковенко С. Н.* | Сандуқи қарзӣ маҷмуи умумии қарзҳои байнибонкӣ буда, қарзҳое, ки ба мизоҷон (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла дар суратҳисобҳои тавозунӣ бударо дар худ таҷассум мекунад. | Сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи таснифшудаи қарзҳо ба қарзгирандагони намудҳои гуногун баррасӣ карда мешавад |
| *Лаврушин О.И.,*<br>*Валенцева Н.И.,*<br>*Масленченков Ю.С.,*<br>*Букато В. И.,*<br>*Львов Ю. И.,*<br>*Лапидус М. Х.,*<br>*Ермаков С. Л.* | Сандуқи қарзӣ – маҷмуи талаботҳои бонкӣ оид ба қарзҳо, ки тибқи меъёрҳои муайян тасниф карда мешаванд ва бо омилҳои гуногуни хавфи қарзӣ ё усулҳои муҳофизат аз он алоқаманд аст, ба ҳисоб меравад. | Сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи қарзҳо баррасӣ ва гурӯҳбандӣ карда мешавад. Меъёрҳои таснифоти консепсия, инчунин, усулҳои таснифоти ҷузъҳои портфели қарзӣ аз рӯи гурӯҳҳои хавф нишон дода мешаванд. |
| *Грязнова А. Г.,*<br>*Воробьева Л.А.,*<br>*Челноков В. А.,*<br>*Киселев В. В.* | Сандуқи қарзӣ хусусияти сохтор ва сифати қарзҳои додашуда мебошад, ки аз рӯи меъёрҳои муайян (ба монанди дараҷаи хавфи қарзӣ) гурӯҳбандӣ карда мешавад. | |
| *Семенюта О. Г.* | Сандуқи қарзӣ сохтори умумии ҳаҷми қарзҳо ва сармоягузориҳои бонк мебошад. | |
| *Сабиров М.* | Сандуқи қарзӣ «низоми озод», ки маҷмуи қарзҳои бонкӣ мебошад, ки на танҳо дар асоси омилҳои хавфи қарзӣ, балки аз рӯи меъёрҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ гурӯҳбандӣ шудааст. | Сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи таснифшудаи қарзҳои додашуда ва эҳтимолӣ баррасӣ карда мешавад. |

Таҳияи муаллифон

Муқоисаи мафҳумҳои дар ҷадвали 1 овардашудаи сандуқи қарзӣ нишон медиҳанд, ки баъзе муаллифон ҳангоми тафсири сандуқи қарзӣ ба он тамоми дороиҳои молиявӣ ва ҳатто уҳдадориҳои бонкро ворид мекунанд, дигарон мафҳуми баррасишавандаро танҳо бо амалиёти қарзидиҳии бонк алоқаманд мекунанд ва қисми дигаре таъкид менамоянд, ки сандуқи қарзӣ маҷмуи одии унсурҳо ва нишондиҳандаҳои гурӯҳбандишаванда нест, балки фарогири ҷанбаҳои гуногун мебошад. Ба ақидаи мо,

барои дурусттар муайян кардани сифати сандуқи қарзӣ дигар омилҳо низ (масалан сатҳи даромаднокӣ ва дараҷаи пардохтпазирии сандуқи қарзӣ) ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ маҷмуи қарзҳое ба ҳисоб меравад, ки бонк ба муштариёни худ бо шартҳои махсус ва фоизи муайян пешниҳод намудааст ва аз он даромади муайянеро интизор мебошад.

Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, махсусан Дастурамали №186 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ" дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба ғайр аз қарзҳои пешниҳодшуда, инчунин, уҳдадориҳои зерин низ ба "қарз" баробар дониста мешаванд:

- кафолатҳо ва ҳамаи дигар уҳҳдадориҳои ғайритавозунии ба онҳо монанд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони дигар содир кардаанд;
- овердрафтҳо, новобаста аз сабаби пайдоиши онҳо;
- аккредитивҳо;
- аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дарёфти ҳар гуна ҳуҷҷати қарзии шахсе, ки аз рӯи он ӯ ба сифати векселдиҳанда, трассант ё кафил (ҷавобгарӣ бар дӯш дорад) баромад мекунад;
- амалиёти факторингӣ;
- амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг);
- маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла форфейтингӣ;
- қарзҳои ипотекӣ, истеъмолӣ;
- кортҳои қарзии бонкӣ;
- ҳама гуна уҳдадории қонунӣ оид ба додани қарз [5].

Дар робита ба ин, қайд намудан зарур аст, ки сандуқи қарзӣ на танҳо маҷмуи талаботи қарзии бонк, балки натиҷаи амалиёти фаъоли бонк, таносуби динамикии инкишофёбанда ва муносибатҳои идоракунандаи байни шаклҳои гуногуни қарзҳо мебошад. Аз ин рӯ, бояд сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун таҷассумгари стратегия, сиёсати молиявӣ-қарзии бонк (ки дар навбати худ як қисми стратегияи куллии рушди бонк ба шумор меравад) донист. Зеро дар натиҷаи амалиётҳои фаъол ва идоракунии самараноки захираҳои қарзии бонк ба вазъи молиявии он таъсири мусбӣ дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ муайян гардидааст, ки мафҳуми сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ бо сифати он алоқамандии зиёд дорад. Дар маҷмуъ, истилоҳи сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ мураккаб ва гуногунҷанба аст [1; 4; 2]. Дар таҷриба якчанд нуқтаи назар оиди меъёрҳои сифати сандуқи қарзӣ ба назар мерасад, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо барои баҳодиҳии сифати сандуқи қарзӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳар як қарзи пешниҳодшуда бояд дар алоҳидагӣ мавриди мониторинг қарор дода шавад ва баҳогузорӣ гардад. Барои мониторинг ва таҳлили дурусти сандуқи қарзӣ бояд нишондиҳандаҳои муҳиме ба монандӣ: диверсификатсияи қарзҳо аз рӯи муҳлат, маблағ, соҳаҳо ва ғайра ба назар гирифта шаванд.

Як қатор коршиносон, аз он ҷумла О.И. Лаврушин сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро аз рӯи даромаднокӣ, дараҷаи хавфи қарзӣ ва таъминнокии қарз таъриф медиҳад [1,с.251]. Аҳаммияти ин меъёрҳо вобаста ба шароит, ҷой ва хусусиятҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, мақсад, стратегияҳо ва намудҳои алоҳидаи амалиёти қарзӣ ва хавфҳои ба онҳо алоқаманд вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ҳар қадар таъминот ва даромаднокии қарз баландтар бошад ва эҳтимоли пардохт нагардидан ё батаъхирафтодани он камтар бошад, сифати сандуқи қарзӣ ҳамон қадар баландтар мешавад. Ба андешаи мо, барои таҳлили дурусти сифати сандуқи қарзӣ бояд дар алоҳидагӣ ҳар як қарзро баҳогузорӣ намуд.

Ҳамин тариқ, истифодаи гарав барои арзёбии сифати сандуқи қарзӣ тавсия дода намешавад, зеро дараҷаи сатҳи таъминокии ҳар як қарз гуногун аст. Яъне дараҷаи хавф ва ҳаҷми захираи ташаккулёфта барои талафоти эҳтимолии қарз гуногун аст. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳар як қарзро дар алоҳидагӣ ба ҳисоб мегиранд ва ФПТИ ташаккул мекунанд.

Қисми дигари олимон ба он ақидаанд, ки ба баҳодиҳии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ се меъёри дигар, яъне вазъи молиявии мизоҷ, таъминнокии қарз ва хусусиятҳои хизматрасонии қарз таъсири зиёд мерасонанд [2,с.125]. Гузашта аз ин, барои тавсифи сифати сандуқи қарзӣ се меъёри асосиро ҷудо кардан лозим аст, ки бевосита ба он таъсир доранд:

1. Пардохтпазирӣ, аз ҷумла диверсификатсия қарзҳо аз рӯи муҳлат ва маблағи қарз, таносуби қарзҳои кӯтоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат;
2. Хавфи қарзӣ, ки аз хавфҳои қарзҳои инфиродӣ ва якхела иборат аст, ки аз рӯи намудҳои қарз, хусусияти фаъолият, соҳаҳо ва қарзгирандагон диверсификатсия карда мешаванд;
3. Даромаднокӣ дар маҷмуъ ва дар заминаи муомила бо қарзгирандагон.

Гузашта аз ин, қисме аз коршиносон пешниҳод менамоянд, ки сандуқи қарзӣ бояд аз ду ҷанба баррасӣ карда шавад. Дар ҷанбаи аввал, сандуқи қарзӣ муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки аз додани қарзҳо ва пардохти он иборат аст. Дар ин маврид сандуқи қарзӣ ҳамчун маҷмуи талаботҳои қарзии бонк ва дигар талаботҳои қарзӣ, инчунин, маҷмуи муносибатҳои иқтисодии ба вуҷудомада муайян карда мешавад. Дар ҷанбаи дуюм бошад, сандуқи қарзӣ маҷмуи дороиҳои бонк, дар шакли қарзҳо, векселҳои дисконтӣ, қарзҳои байнибонкӣ, пасандозҳо ва дигар талаботҳои қарзӣ мебошад, ки аз рӯи меъёрҳои муайян ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд [10,с.38].

Ҳамин тариқ, тибқи таҳлилҳои анҷомёфта метавонем дарҷ намоем, ки сифати сандуқи қарзӣ, пеш аз ҳама, ин самаранокии ташаккули сандуқи қарзӣ аз нигоҳи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва дараҷаи хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ вобаста аст, аз вазъи молиявии қарзгир ва сифати хизматрасонии қарзӣ.

Омӯзиши хусусиятҳо ва таҳлили муқоисавии мафҳумҳо ба монанди сандуқи қарзӣ ва сифати он, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудаанд, ба мо имкон дод, ки моҳияти масоили таҳқиқотро дарк кунем ва мафҳуми худамонро оид ба сандуқи қарзӣ ва сифати он, ки дар ин хусус мафҳумҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд, таҳия намоем. Дар шароити муосир ҳадафи асосии ҳар як ташкилоти қарзӣ, баҳодиҳии самараноки сифати сандуқи қарзӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳдории он ба ҳисоб рафта, коркарди роҳу усулҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори бонкӣ, вазифаи калидӣ арзёбӣ мегардад. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чанд соли охир (2014-2016) масъалаи сифати сандуқи қарзӣ ва даромаднокии фоизии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин самт бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ то андозае бад шуд, ки ин бевосита ба ҳолати сифати сандуқи қарзии онҳо бетаъсир намонд. Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки пеши роҳи ҳолати ба амаломадаро гирад, вале новобаста аз ин сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи солҳои 2014-2016 ба тадриҷ коҳиш ёфт (ҷадвали 2).

Маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки аз соли 2010 то соли 2015 сандуқи қарзӣ дар маҷмуъ афзоиш ёфтааст, яъне дар ин давра ҳаҷми сандуқи қарзӣ аз 3 076,6 млн.сомонӣ то ба 9 235,7 млн. сомонӣ ва ё 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари бонкҳо сиёсати нодурусти қарзиро пеш гирифта буданд, ки ин ба талаботи пешниҳоди қарзҳо таъсири манфӣ мерасонид. Яъне бонкҳо новобаста аз баррасӣ ва мониторинги самаранок қарзҳоро ба муштариён пешниҳод менамуданд, ки ин ба вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии онҳо таъсири манфӣ расонид. Ҳолатҳое дида мешуданд, ки коршиносони қарзӣ бе таҳлили ҳамаҷониба ва санҷиш тибқи талаботи БМТ ба муштариён қарз пешниҳод менамуданд. Инчунин, баҳодиҳии гарави гузошташудаи муштариён ба таври нодуруст анҷом меёфт, ки ин бевосита ба коҳишёбии сифати сандуқи қарзӣ замина мегузошт. Дар натиҷа, низоми бонкии кишвар ба буҳрони амиқи молиявӣ гирифтор гардид, ки бонкҳои низомсоз ба мисли ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» пардохтпазирии худро аз даст доданд. Дар баробари ин, ду бонки дигар ҶСП «Фононбонк» ва ҶСП «Тоҷпромбонк» муфлис эълон гардиданд, ки ин албатта ба кулли низоми молиявии кишвар зарба расонид. Аз ин сабаб дар соли 2016 сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар маҷмуъ ба маблағи 1 114 млн.сомонӣ коҳиш ёфт. Баъд аз чораандешиҳои пайвастаи БМТ вазъ дар низоми бонкӣ

**Ҷадвали 2. Сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2010-2020 бо млн.сомонӣ)**

**Table 2. The quality of the credit portfolio of commercial banks of the Republic of Tajikistan (for the years 2010-2020 in millions of somoni)**

| Солҳо | Сандуқи қарзӣ дар маҷмуӣ | Қарзҳои фаъол | Қарзҳои ғайрифаъол | ФПТИ | Сандуқи қарзии холис | Қарзҳои ғайрифаъоли холис | Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | **3 076,6** | 2 847,3 | 229,3 | -189,8 | **2 886,8** | 39,5 | 1,4% |
| **2011** | **3 957,2** | 3 672,0 | 285,2 | -249,7 | **3 707,5** | 35,5 | 1,0% |
| **2012** | **4 355,1** | 3 941,7 | 413,4 | -344,6 | **4 010,5** | 68,8 | 1,7% |
| **2013** | **6 021,1** | 5 058,5 | 962,6 | -477,0 | **5 544,1** | 485,6 | 8,8% |
| **2014** | **7 767,0** | 5 818,3 | 1 948,7 | -1 198,0 | **6 569,0** | 750,7 | 11,4% |
| **2015** | **9 235,7** | 6 469,7 | 2 765,9 | -1 547,0 | **7 688,7** | 1 218,9 | 15,9% |
| **2016** | **8 121,7** | 3 732,5 | 4 389,2 | -1 673,0 | **6 448,7** | 2 716,2 | 42,1% |
| **2017** | **6 811,9** | 3 917,6 | 2 894,3 | -1 696,0 | **5 115,9** | 1 198,3 | 23,4% |
| **2018** | **6 606,5** | 4 085,0 | 2 521,5 | 2 027,0 | 4 579,5 | 494,5 | 10,8% |
| **2019** | **7 578,4** | 5 168,2 | 2 410,3 | 1 834,0 | 5 744,4 | 576,3 | 10,0% |
| **2020** | **8 809,0** | 6 365,3 | 2 443,7 | 1 790,4 | 7 018,6 | 653,3 | 9,3% |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

нисбатан муътадил гардид ва сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ беҳтар шуд. Аз рӯи нишондоди ҷадвали 2 дар солҳои 2017-2018 аз сабаби баланд шудани фоизи қарзҳо бо пули миллӣ ва пурзур гардидани назорат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷмуъ ҳаҷми умумии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфт. Вобаста ба ин, БМТ кӯшиш ба харҷ дод, ки сар карда аз соли 2018, меъёрҳои фоизи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш дода шавад. Ин омил сабаб гардид, ки дар соли 2020 бақияи сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ 8 809 млн. сомониро ташкил диҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 1 231 млн. сомонӣ ё ин, ки 16% афзоиш ёбад. Инчунин, бо ташкилёбии ду бонки дигар ҶСК “Алиф Бонк“ ва КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" ҳаҷми сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ боз ҳам зиёд гардид. Зиёдшавии дороиҳои бонкӣ ва захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ сабаб мегардад, ки сатҳи монетизатсия дар иқтисодиёт муътадил нигоҳ дошта шавад, дастрасии аҳолӣ ба қарзҳо бештар шавад, вале дар баробари ин, истифодаи самараноки захираҳо ва нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бояд дар мадди аввал қарор гирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2016, 4 389 млн.сомонӣ расид, ки 54%-и сандуқи қарзиро ташкил дод. Дар соли 2020 бошад қарзҳои ғайрифаъол 2 444 млн.сомонӣ ё ин ки 28%-и сандуқи қарзиро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба андозаи 26 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки 28%-и сандуқи қарзӣ дар низоми бонкӣ ин нишондиҳандаи муътадил нест, вале нисбат ба соли 2016 натиҷаи нисбатан хуб арзёбӣ мегардад. Дар таҷриба андозаи қарзҳои батаъхирафтода набояд аз меъёри муайяннамудаи БМТ зиёд бошад. Ҷиҳати таъмини сифати сандуқи қарзӣ ва пешгирии талафоти имконпазир ҳар як бонк уҳдадор аст, ки Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) ташкил намояд. ФПТИ ҳамчун фонди умумӣ ва ё фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо, қоғазҳои қиматнок, гаравҳои гирифташуда барои бозфурӯш ва дигар дороиҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ ташкил карда мешавад [6]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ФПТИ то соли 2017 дар бонкҳои тиҷоратӣ манфӣ арзёбӣ мегардид. Масалан дар соли 2017 ФПТИ -1 696,0-млн. сомониро ташкил дод. Яъне бонкҳои тиҷоратӣ чунин Фонд ташкил намедоданд, ки ин бо стандартҳои байналхалқӣ ва талаботҳои БМТ мувофиқ набуд. Танҳо бо андешидани чораҳои зарурӣ БМТ тавонист, ки ФПТИ-иро дар ташкилотҳои қарзӣ ташкил ва роҳандозӣ намояд. Бо чораандешиҳои мустақим ва ғайримустақими БМТ

дар соли 2018 ба маблағи 2 027 млн.сомонӣ дар низоми бонкӣ ФПТИ ташкил гардид, ки ин омил метавонад дар баландбардории сифати сандуқи қарзӣ нақши муҳим дошта бошад. Бо сабаби ташкили ФПТИ бақияи сандуқи қарзии холис (бо назардошти тарҳи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир) коҳиш ёфтааст, ки 4 580 млн. сомониро ташкил дод. Бақияи сандуқи қарзии холис аз соли 2010 то соли 2020 пайваста зиёд гардида, маблағи 7 019 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда ба ҳаҷми 4 132 млн. сомонӣ ё 2,4 маротиба зиёд шудааст. Инчунин, дар соли 2016 бақияи қарзҳои ғайрифаъоли холис (бо назардошти тарҳи ФПТИ) ба 2 716,2 млн. сомонӣ баробар гардида, дар таркиби сандуқи қарзӣ (қарзҳои ғайрифаъоли холис) 42,1%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2020 ба 32,8 банди фоизӣ кошиш ёфтааст. Ин нишодиҳанда аз беҳтаргардии сифати сандуқи қарзӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамчунин маврид ба зикр аст, ки баъд аз ташкили ФПТИ ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол низ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ коҳиш ёфт ва сифати сандуқи қарзӣ нисбатан афзуд (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба ФПТИ**
**Diagram 1. Relative weight of non-performing loans compared to FPTI**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) саҳ. 112, Декабр 2019 (293) саҳ. 91-95, Декабр 2020 (305) саҳ.101-102.

Аз диаграммаи 1 маълум аст, ки дар соли 2018 ФПТИ дар низоми бонкии кишвар ба таври назаррас боло рафт. Вазни қиёсии ФПТИ нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол якбора ба 80% баробар гардид, ки ин яке аз нишондаҳандаи асосии солимгардонии сифати сандуқи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2020 аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1 790 млн. сомонӣ ФПТИ ташкил карда шудааст, ки ба 73%-и қарзҳои ғайрифаъол баробар буда, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 ба 7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Бо назардошти беҳтаргардии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, ин мушкилӣ ҳанӯз ҳам ҳалли худро наёфтааст, ки бонкҳои тиҷоратиро зарур аст барои бартараф намудани ин чораандешӣ намоянд.

Барои нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ бонкҳои тиҷоратиро лозим аст, ки сатҳи пардохтпазирии худро баланд гардонанд ва барои ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон ва муштариёни худ бояд саривақт аз рӯи бақияи сандуқи қарзӣ фонди умумӣ ва фонди махсус ташкил намояд. Ташкили ФПТИ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ вобаста аз тағйирёбии ҳолати молиявии муштарӣ, ҳолатҳои фавқулода (форс-мажор) ва миқдори рӯзҳои батаъхирафтода дар алоҳидагӣ аз рӯи қарзҳои ба ҳам алоқаманд, қарзҳои шахсони вобаста, ҳамаи қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои аз меъёри муайяншуда калон ба 5 гурӯҳ тасниф карда мешаванд: қолабӣ, зери назорат, ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод. Ташкилотҳои қарзӣ ӯҳдадоранд, ки таснифоти қарзҳои худро ҳар моҳ гузаронанд ва вобаста аз ҳолати молиявии муштарӣ дар асоси таҳлили ҳисоботи тавозун, ҳисоботи фоида ва зарар, ҳисоботи гардиши воситаҳои пулии он, бо

назардошти соҳа ва бахши фаъолияти муштарӣ бо услубу нишондиҳандаҳое, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ қабул шудаанд, муайян карда, гурӯҳи хавфи қарзӣ ФПТИ ташкил намоянд.

Ташаккул ва истифодабарии ФПТИ мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва қоидаҳои ҳисобдорие, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад ва роҳандозӣ мегардад. Сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва сохтори он дар ҷадвали 3 мариди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 бар меояд, ки дар давраи солҳои 2012-2016 сифати сандуқи қарзӣ паст шудааст, қарзҳои қолабӣ аз 81,8% то 33% ё 48,8 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ҳиссаи қарзҳои беэътимод аз 4% ба 39,3% ё 34,4 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки ҳиссаи қарзҳои қолабӣ аз оғози соли 2017 то соли 2020 ба таври динамикӣ боло рафтааст (2017-49,9%; 2018-50%; 2019-65% ва 2020-66,7%). Дар ин давра ҳиссаи қарзҳои ғайриқолабӣ низ дар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфтааст (2017-30%; 2018-27,9%; 2019-29,4% ва 2020-14,8%).

Таҷриба нишон медиҳад, ки коҳишёбии сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишвар аз нодуруст идора кардани хавфҳо, суст будани назорат аз ҷониби менеҷерони бонк аст, ки бидуни арзёбии дурусти имкониятҳои бозгашт онҳо қарзҳои калонро ба муштариён пешниҳод намуда, боиси афзоишёбии ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол гардидаанд, ки бевосита ба сифати сандуқи қарзӣ таъсир расонидаанд.

**Ҷадвали 4. Гурӯҳбандии сохтори сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ барои солҳои 2010-2020 (млн.сомонӣ)**

**Table 4. Classification of the structure of the credit portfolio of commercial banks for the years 2010-2020 (million Somoni)**

| Солҳо | Қарзҳои қолабӣ, аз ҷумла бо % | Қарзҳои зери назоратӣ, аз ҷумла бо % | Қарзҳои ғайриқолабӣ, аз ҷумла бо % | Қарзҳои шубҳанок, аз ҷумла бо % | Қарзҳои беэътимод, аз ҷумла бо % | Сандуқи қарзӣ дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | 2 548,1 | 299,2 | 29,2 | 35,3 | 164,8 | **3 076,6** |
| | ***82,8%*** | ***9,7%*** | ***1,0%*** | ***1,1%*** | ***5,4%*** | |
| **2011** | 3 401,3 | 270,7 | 74,3 | 43,9 | 167,0 | **3 957,2** |
| | ***86,0%*** | ***6,8%*** | ***1,9%*** | ***1,1%*** | ***4,2%*** | |
| **2012** | 3 562,8 | 378,9 | 124,3 | 75,6 | 213,6 | **4 355,1** |
| | ***81,8%*** | ***8,7%*** | ***2,9%*** | ***1,7%*** | ***4,9%*** | |
| **2013** | 4 645,0 | 413,5 | 364,7 | 172,9 | 424,9 | **6 021,1** |
| | ***77,1%*** | ***6,9%*** | ***6,1%*** | ***2,9%*** | ***7,1%*** | |
| **2014** | 5 656,0 | 162,4 | 87,4 | 605,8 | 1 255,5 | **7 767,0** |
| | ***72,8%*** | ***2,1%*** | ***1,1%*** | ***7,8%*** | ***16,2%*** | |
| **2015** | 5 248,2 | 1 221,5 | 1 093,7 | 183,4 | 1 488,9 | **9 235,7** |
| | ***56,8%*** | ***13,2%*** | ***11,8%*** | ***2,0%*** | ***16,1%*** | |
| **2016** | 2 679,2 | 1 053,3 | 994,4 | 205,9 | 3 188,9 | **8 121,7** |
| | ***33,0%*** | ***13,0%*** | ***12,2%*** | ***2,5%*** | ***39,3%*** | |
| **2017** | 3 398,4 | 519,2 | 518,2 | 335,8 | 2 040,3 | **6 811,9** |
| | ***49,9%*** | ***7,6%*** | ***7,6%*** | ***4,9%*** | ***30,0%*** | |
| **2018** | 3 301,0 | 784,1 | 231,0 | 449,9 | 1 840,6 | **6 606,5** |
| | ***50,0%*** | ***11,9%*** | ***3,5%*** | ***6,8%*** | ***27,9%*** | |
| **2019** | 4 928,9 | 239,2 | 30,7 | 150,4 | 2 229,1 | **7 578,4** |
| | ***65,0%*** | ***3,2%*** | ***0,4%*** | ***2,0%*** | ***29,4%*** | |
| **2020** | 5 878,9 | 486,4 | 209,4 | 929,6 | 1 304,7 | **8 809,0** |
| | ***66,7%*** | ***5,5%*** | ***2,4%*** | ***10,6%*** | ***14,8%*** | |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори БМТ Январ 2018 (270) С. 112, Декабр 2019 (293) –С.91-95, Декабр 2020 (305) С.101-102.

Сарфи назар аз он, ки дар амалияи бонкӣ арзиши ашёи гарав бояд ба маблағи қарз баробар ё аз он зиёд бошад, баъзан қарзҳое пешниҳод мегарданд, ки пурра бо гарав

таъмин карда нашудаанд. Баъзан қарзҳо бо вуҷуди мавҷудияти маълумот дар бораи истифодаи нодурусти онҳо дода мешаванд. Инчунин, қарзҳо бидуни мониторинг ҳамаҷониба дода шуданд, ки даромади асосии онҳо аз муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ки хавфи барнагардонидани чунин қарзҳо зиёд арзёбӣ мегардад. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки қисми зиёди дороиҳои бонк беқурб шуда, барои бонк даромадовар нестанд. Бисёре аз бонкҳо, бинобар бад шудани сифати сандуқи қарзӣ, фарқияти муҳлати пардохти қарзҳо пардохтпазирии худро аз даст доданд.

Дар маҷмуъ, ташкилотҳои қарзӣ бояд қоида ва равандҳои дахлдорро барои муайян намудани сифати сандуқи қарзӣ ва идоранамоии онҳо таҳия намоянд, ки барои андешидани тадбирҳои зерин пешбинӣ шуда бошанд: баҳодиҳӣ ва таснифи қарзҳо; мунтазам баррасӣ намудани қарзҳои ғайрифаъол; дар сатҳи муносиб, боэътимод ва саривақт ташкил намудани ФПТИ; аз тавозун хориҷ намудани дороиҳои беэътимод; инъикоси воқеии пардохти дороиҳо ва барқарорсозии интизориҳо бо назардошти шароитҳои бозорӣ ва макроиқтисодӣ.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Худойназаров Д.А.**

### АДАБИЁТ


1. Банковское дело. Экспресс-курс / под ред. д-ра экон. наук, проф. О.И. Лаврушина. -3-е издание перераб. и доп. -М.: КноРус, 2009. -352 с.
2. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно-кредитной деятельности банков в условиях высокого риска / Г.Х. Гаюров // Вестник ТНУ. – 2015. -№2/4(169). -С.223-226.
3. Ғаюров, Ғ.Ҳ. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир / Ғ.Ҳ. Ғаюров, Д.К. Нуралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№1. –С.86-92. – EDN RXKEJA.
4. Готовчиков, И. Технология оценки потенциальной эффективности кредитного портфеля банка / И. Готовчиков // Банковские технологии. - 2007. -№4. -С.46-51.
5. Дастурамали №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” аз 03.05.2016, №58.
6. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” аз 26.12.2019, №171.
7. Роҳнамо «Дар бораи восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 19.11.2021, №170.
8. Сайфуров К.Ф. Совершенствование финансово-кредитного механизма воспроизводства основных фондов сельского хозяйства в условиях рынка (на материалах Республики Таджикистан) дисс…канд…экон…наук: 08.00.05 / К.Ф. Сайфуров. -Бишкек, 2013.
9. Соколинская, Н.Э. Кредитные риски в российском банковском секторе: факторы и менеджмент / Н.Э. Соколинская // Банковские услуги. - 2006. -№5. -С.2-28.
10. Хикматов У.С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан / У.С. Хикматов // Вестник (Российско-Таджикский (славянский) университет). - 2019. -№3(67). -С.41-52.
11. Щербакова, Т.А. Анализ финансового состояния корпоративного клиента и его роль в оценке кредитоспособности заемщика / Т.А. Щербакова // Финансы и кредит. - 2009. -№22. -С.47-54.


### ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақола яке аз масоили мубрам дар шароити муосири иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон вобаста ба рушду инкишофи иқтисодиёти миллӣ ва равандҳои инкишофёбии бахши бонкӣ сифати сандуқи қарзиро баҳогузорӣ намудаанд. Дар воқеъ, сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ нишондиҳандаи асосӣ ва калидӣ диниста шудааст. Асоснок карда шудааст, ки мониторинг, баҳогузорӣ ва идоракунии сифати сандуқи қарзӣ ба самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷорат таъсири муҳим дорад. Муаллифон ба он ақидаанд, ки барои нигоҳдории сатҳи зарурии сифати сандуқи қарзӣ бонкҳои тиҷорат бояд дар доираи талаботҳои гузоштаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монанд. Инчунин, қайд гардидааст, ки ташкили Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир яке аз роҳҳои самараноки нигоҳдории сифати сандуқи қарзӣ аст. Гузашта аз ин, бонкҳои тиҷоратӣ бояд тибқи стратегияи муайян ва сиёсати самараноки солиявӣ сандуқи қарзиро гурӯҳбандӣ намоянд ва сифати сандуқи қарзии худро пайваста баҳогузорӣ намоянд. Дар асоси маводи оморӣ, муаллифон сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишварро дар маҷмуъ таҳқиқ намудаанд ва сифати онро муайян сохтаанд. Ҳамчунин паҳлуҳои назариявӣ ва амалии сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва сифати он ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Роҳҳои идоракунии сифати сандуқи қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муайян гардидааст. Ҳамин тавр, муаллифон вобаста ба идоракунии самараноки сандуқи қарзӣ ва сифати он тавсияҳо пешниҳод намудаанд, ки метавонад дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавриди истифода қарор гирад.



**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хавфи қарзӣ, идоракунии хавфи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, сандуқи қарзӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается один из важнейших вопросов в нынешних экономических условиях. Авторы рассматривали качество кредитного портфеля по отношению к развитию национальной экономики и становлению банковского сектора. Фактически ссудный портфель является основным и ключевым показателем коммерческих банков. Утверждается, что мониторинг, оценка и управление качеством кредитного портфеля оказывают значительное влияние на эффективность коммерческих банков. По мнению авторов, для поддержания необходимого уровня качества ссудного портфеля коммерческие банки должны действовать в рамках требований, установленных Национальным банком Таджикистана. Обосновано, что создание Фонда для покрытия возможных потерь - один из наиболее эффективных способов поддержания качества кредитного портфеля. Кроме того, коммерческим банкам необходимо классифицировать свой кредитный портфель в соответствии с четкой стратегией и эффективной финансовой политикой, а также регулярно оценивать качество кредитного портфеля. На основе статистических данных авторы изучили качество ссудного портфеля коммерческих банков страны и определили его качество. Также были тщательно изучены теоретические и практические аспекты кредитного портфеля коммерческих банков и его качество. Определены способы управления качеством кредитного портфеля в современных экономических условиях. Таким образом, в зависимости от эффективности управления кредитным портфелем и его качества авторами даны рекомендации, которые могут быть использованы в деятельности кредитных организаций.

**Ключевые слова:** банковская система, коммерческие банки, кредитный риск, управление кредитным риском, качество ссудного портфеля, фонд покрытия возможных убытков, ссудный портфель.

## ENSURING THE FINANCIAL STABILITY OF THE BANKING SYSTEM IN MODERN ECONOMIC CONDITIONS

The article discusses one of the most important issues in the current economic conditions. The authors assessed the quality of the loan portfolio in relation to the development of the national economy and the development of the banking sector. In fact, the loan portfolio of commercial banks is a key and key indicator. It is argued that monitoring, evaluating and managing the quality of the loan portfolio has a significant impact on the efficiency of commercial banks. According to the authors, in order to maintain the required level of quality of the loan portfolio, commercial banks must act within the framework of the requirements established by the National Bank of Tajikistan. It was also noted that the creation of a fund to cover possible losses is one of the most effective ways to maintain the quality of the loan portfolio. In addition, commercial banks need to classify their loan portfolios in accordance with a clear strategy and effective fiscal policy, and regularly assess the quality of their loan portfolios. On the basis of statistical data, the authors studied the quality of the loan portfolio of commercial banks in the country as a whole and determined its quality. The theoretical and practical aspects of the loan portfolio of commercial banks and its quality were also thoroughly studied. The methods of managing the quality of the loan portfolio in modern economic conditions have been determined. Thus, depending on the efficiency of loan portfolio management and its quality, the authors provide recommendations that can be used in the activities of credit institutions.

**Keywords**: banking system, commercial banks, credit risk, credit risk management, quality of the loan portfolio, fund to cover potential losses, loan portfolio.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаюров Ғайрат Ҳакимович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-68-68**
***Худоиева Фахрия Олимбековна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904-18-04-17**

**Сведения об авторах:** ***Гаюров Гайрат Хакимович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-46-68-68**
***Худоиева Фахрия Олимбековна*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры банковской деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904-18-04-17**

**Information about authors:** ***Gayurov Gairat Khakimovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gayrat-gayurov@mail.ru**. Phone: **(+992) 904-46-68-68**
***Khudoieva Fakhriya Olimbekovna*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Banking. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **904-18-04-17**

**ТДУ: 33.01.3**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАҲО


*Юнусова Л.З.*

**Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон**


Барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, беҳтаргардонии муҳити сармоягузорӣ ва беҳтарсозии ҷараёни сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди системаи мақсадноки ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ, сохтори мувофиқи иҳотакунанда барои амалиёти сармоягузорони хориҷӣ, мутобиқсозии фаъолият бо ташкилоти байналхалқӣ, гузаронидани озмоиши лоиҳаҳои муҳим ва ҷудо намудани интихоби мусобиқавӣ зарур аст.

Татбиқи лоиҳаи инвеститсионӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа нақши муҳимро ишғол менамояд. Барои ин дар нақшаҳо ва барномаҳои рушди минтақа ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ аҳаммияти махсус зоҳир карда мешавад [5,с.36].

Тадқиқоти гузаронидашуда дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар сатҳи минтақа нишон медиҳад, ки дар ин раванд якчанд муаммоҳо ва омилҳо ҷой доранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ, пеш аз ҳама, аз сиёсати инвеститсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар такомули механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, баррасии самтҳои сиёсати сармоягузорӣ аҳаммияти калон пайдо менамояд.

Дар шароити муосир сиёсати инвеститсионии минтақа бояд аз чунин унсурҳои муҳим таркиб ёфта бошад:

**- ташаккулёбии инфрасохтори бозори молиявӣ**. Таҳлили вазъи кунунии бозори молиявӣ дар минтақа нишон медиҳад, ки дар самти инкишофёбии он якчанд омилҳо ҷой доранд.

Дар натиҷаи таъсири манфии ин омилҳо таркиби бозори молиявӣ пурра намегардад. Дар минтақа бозори қоғазҳои қиматнок қариб, ки фаъолият намекунад. Ин гуна вазъият мавҷуд набудани рақобатро дар бозори қарзӣ исбот мекунад. Бевосита дар ҷараёни сармоягузорӣ низ ин омил ба механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таъсири худро расонида, боиси паст шудани самаранокии онҳо гардидааст.

Унсурҳои муҳимми инфрасохтори бозори молиявӣ чун биржаи фондӣ, низоми ахбори ягона дар самти муносибатҳои молиявию қарзӣ, фондҳои инвеститсионӣ дар минтақа, дар сатҳи хеле паст қарор дошта, дар татбиқи лоиҳа аз ҷониби инвесторони дохилию берунӣ монеа шуда истодааст.

Албатта, ин масъала бояд дарояндаи наздик ҳалли худро ёбад, зеро аз ин унсурҳои бозори молиявӣ муносибатҳои молиявию қарзии субъектони бозори инвеститсионӣ вобаста мебошад;

**- асосноккунии роҳҳои оптималии татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ.** Асосноккунии иқтисодию техникии лоиҳаҳои инвеститсионӣ яке аз шартҳои муҳимми ҷараёни сармоягузорӣ мебошад. Барои амалӣ намудани ин фаъолият, бояд ҳисобу китобҳои мутобиқ аз рӯи усулҳои маъмулии баҳодиҳии лоиҳаҳои инвеститсионӣ гузаронида шавад.

Бо ёрии амалӣ намудани ҳисобу китобҳои коэффитсиентию дисконтӣ ҳуҷҷате омода мегардад, ки дар он хулосаи таҳлили лоиҳаи инвеститсионӣ оварда мешавад ва ин хуҷҷатро дар таҷрибаи муҳосибӣ асоси иқтисодию техникии лоиҳа меноманд. Тавре муҳаққиқ Муҳамедова Г. таъкид менамояд, асоси иқтисодию техникии лоиҳа бояд доир ба лоиҳаи инвеститсионӣ маълумоти пурра дошта бошад, зеро дар заминаи он қарори сармоягузорӣ қабул карда мешавад. Инчунин, дар он ба мақсад мувофиқ будан ё набудани сармоягузорӣ, сатҳи хафу хатар, даромаднокии он, фарқи он нисбат ба амалиётҳои қарзии бонкҳо ва қоғазҳои қиматнок оварда мешавад [1,с.13].

Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳама вақт ин қоидаҳо риоя карда мешаванд, хусусан, дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омӯзиши механизми маблағгузорӣ ва

амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар сатҳи минтақаҳои кишвар собит месозад, ки лоиҳаҳои инвеститсионӣ намоиш дода мешаванд ва дар умум сатҳи даромаднокии онҳо аз рӯи нақша эълон мегардад. Аммо таҳлилҳои муқоисавӣ дар бобати амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионии дигар, ё ин ки нисбати бозори қарзӣ ва қоғазҳои қиматнок гузаронида намешавад. Ин бошад, самаранок будани лоиҳаи инвеститсиониро ба пуррагӣ исбот намекунад, ки яке аз омили манфии асосноккунии иқтисодии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба шумор меравад;

**- таъмини кафолати сармоягузорӣ дар минтақа**. Ин самти сиёсати сармоягузории минтақа бо роҳи коркарди олоти хосси танзим ва татбиқи ҷараёни инвеститсионӣ ҷараён мегирад. Дар ин самт минтақа бояд чораҳо андешад, ки барои сармоягузорони дохилӣ ва берунӣ кафолати баргаштани маблағҳои гузошташударо диҳад. Бояд қайд намуд, ки таъмини кафолати сармоягузорӣ дар минтақа бо ҷаззобияти инвеститсионии он вобастагии калон дорад. Ҷаззобияти инвеститсионӣ бошад, дар навбати худ, бо омилҳои худ маълум аст.

Мехостем баъзеи онҳоро боз як бор қайд намоем. Ба ақидаи муҳаққиқи рус Маколов В.И., меъёри муҳимми ҷаззобияти инвеститсионии минтақа, мавҷуд будани мутахассисони баландихтисос ва кормандони дурусткор мебошад. Мо бо ақидаи муаллиф пурра розӣ мебошем, зеро ин омил дар ҷараёни таҳлили фаъолияти сармоягузории минтақа бешубҳа ба назар гирифта мешавад. Таҳлили Маколов В.И. нишон медиҳад, ки дар он минтақаҳое, ки ҳиссаи мутахассисони баландихтисос ва кормандони меҳнатдӯсту поквиҷдон зиёд аст, дар он ҷо фаъолнокии сармоягузорӣ хеле баланд аст (масалан, дар минтақаҳои кишварҳои Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Олмон, Ветнам, Мексика).

Таҳлили мо дар ин самт нишон медиҳад, ки дар миқёси минтақаҳои кишвар, дар самти мавҷудияти мутахассисони баландихтисос норасоӣ мушоҳида мегардад. Мутахассисони баландихтисос маъмулан ба ҷараёни муҳоҷират ворид мешаванд, яъне, онҳо ба он минтақаҳо ё давлатҳое, ки дар он ҷо сатҳи зиндагӣ баланд аст, мераванд. Хусусан, дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар минтақа, мутахассисон ё ба самти пойтахт муҳоҷир мешаванд, ё ин ки тамоман аз мамлакат берун мераванд.

Яке аз меъёри муҳимми ҷаззобияти инвеститсионии минтақа, мавҷудияти минтақаҳои махсуси иқтисодӣ аст, ки дар он ҷо меъёри имтиёзноки сармоягузорӣ таъмин мешавад. Аз таҳлили муҳаққиқи ватанӣ Бобоев Ҳ.С. бар меояд, ки дар самти фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии минтақаҳо якчанд муаммоҳо ҷой доранд ва онҳо бевосита ба фаъолнокии инвеститсионии минтақа таъсири худро мерасонанд. Дар ҳақиқат, мавҷудияти монеаҳо дар самти инфрасохтори истеҳсолӣ, татбиқи низоми андозбандӣ, тақсимоти мол ва механизми ташкили фаъолияти истеҳсолӣ то ҳол самаранокии фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии минтақаҳои кишварро таъмин накарда истодааст [5,с.98].

Аз муаммоҳои ҷойдошта дар самти рушди фаъолияти инвеститсионии минтақа бар меояд, ки имрӯзҳо зарурати такмили сиёсати минтақа, хусусан, такомули механизми татбиқ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ба мо зарур аст, ки ин самтҳоро баррасӣ ва роҳҳои татбиқи онҳоро муайян намоем. Такомули механизми татбиқи лоиҳаҳои инвеститсиониро дар якчанд самт мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳоро дар намуди схема нишон медиҳем.

Яке аз шарти муҳимми рушди фаъолияти инвеститсионӣ ҷараёни ташкил ва идоракунии он мебошад. Ташкил ва идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ маҳз бо таҳия, татбиқ ва амаликунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷараён мегирад. Барои ҳамин ҳам, такомули механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа ба madди аввал гузошта мешавад. Ҷараёни ташкил ва идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ ба ҳайси яке аз низомҳои васеи иқтисодиёти минтақа баромад менамояд.

Дар ин низом ниҳодҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии минтақа фаъолона иштирок намуда, мақсаднокии маблағгузориҳоро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ асоснок мекунанд. Масъалаи ташкил ва идоракунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақа бояд ба присипҳои иқтисоди бозорӣ асос ёбад. Новобаста аз он ки дар мамлакат гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба итмом мерасад, дар самти сармоягузорӣ ва молиякунонии

соҳаҳои иқтисодиёт баъзан олоти маъмурию фармонфармоӣ истифода мегардад. Ин бошад, самаранокии амалишавии лоиҳаҳои инвеститсиониро паст намуда, бевосита ба коҳиш ёфтани ҳавасмандии инвесторон оварда мерасонад.

**Расми 1. Самтҳои асосии такмили механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақа**
**Figure 1. The main directions of improvement of the mechanism of implementation of investment projects in the region**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Гуфтаҳои боло дар сатҳи паст қарор доштани дастгирии давлатии ҷараёни инвеститсиониро инъикос менамояд [6,с.120]. Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки минбаъд дар миқёси минтақаҳои кишвар дастгирии давлатии фаъолияти инвеститсионӣ баланд бардошта шавад ва он ба туфайли татбиқи чунин принсипҳо ба роҳ монда мешавад:

- муқаррар намудани тартиботи махсус дар таҳлил ва интихоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва маблағгузории онҳо;
- коркарди механизми қадам ба қадам амалишавии лоиҳаҳо ва ҳатман илова шудани ҳуҷҷати махсуси замимавӣ ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки схемаи маблағгузориҳо ва тақсимоти натиҷаи молиявиро инъикос менамоянд;
- ҷорӣ намудани низоми мониторинги лоиҳаҳои инвеститсионии татбиқшаванда бо мақсади маблағгузории минбаъдаи онҳо.

Дастгирии давлатии фаъолияти инвеститсионӣ, хусусан, дар вақти ҷудо шудани маблағҳо барои амалишавии лоиҳаи инвеститсионии муайян баръало намоён мегардад. Дар ин самт қайд кардан зарур аст, ки давлат ҳангоми татбиқи лоиҳаи инвеститсионии аз буҷет маблағгузоршаванда бояд ба бахши хусусӣ намуна бошад.

Дар шароити татбиқи ҳадафи чаҳоруми иқтисодиёти миллӣ татбиқи саноатикунонии босуръат – дар фаъолияти мақомоти давлатии маҳаллӣ, ташаккули фазои мусоиди инвеститсионӣ мавқеи хосса пайдо менамояд. Дар баробари ин, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки ҷараёни инвеститсионӣ ва рушди инноватсияҳоро таъмин карда тавонад. Сухан дар бораи татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии инноватсионӣ меравад. Айнан татбиқ ва амалишавии ин гуна лоиҳаҳои инвеститсионӣ бевосита ба рушди баланди иқтисодиву иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Дастгирии давлатии фаъолияти инвеститсионӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ба минтақа самараи мултипликатсиониро таъмин менамояд. Албатта, сармоягузорӣ яке аз унсури муҳимми ҷараёни такрористеҳсол аст, аммо таъмини мултипликатсия дар шароити муосири татбиқшавӣ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ каме масъалаи мушкил аст, зеро дар механизми он камбудиҳо ва омилҳои манфии зиёд мавҷуд аст.

Ба ақидаи мо, самараи мултипликатсиониро бо амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионии иҷтимоию иқтисодӣ таъмин кардан мумкин аст. Яъне, дар айни ҳол лоиҳаҳои инвеститсионии ҳаҷман калони иҷтимоӣ ҷой доранд, (қисми онҳо аллакай амалӣ шуда истодаанд), ки амалишавии онҳо бевосита самараи мултипликатсиониро таъмин хоҳад намуд.

Механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки ба гирифтани самараи мултипликатсионӣ оварда мерасонанд, дар расми 2 дидан мумкин аст (расми 2).

**Расми 2. Самараи мултипликатсионии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа**
**Figure 2. The multiplier effect of investments in the economy of the region**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз механизми пешниҳодшудаи мо бар меояд, ки яке аз вазифаи ояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо бояд барои ҳалли вазифаи калидӣ дар самти сиёсати инвеститсионӣ, яъне, ташаккулдиҳии сохтори самараноки фаъолияти инвеститсионӣ равона карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки лоиҳаҳо ва барномаҳои инвеститсионии ҳаётан муҳим дар самти рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа татбиқ карда шаванд ва дар натиҷа самараи мултипликатсионӣ дар самти амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таъмин гардад [4,с.66].

Дар самти такмили механизми таъминоти инвеститсионии лоиҳаҳо ва таъмини ҳавасмандии иштирокдорони ҷараёни инвеститсионӣ низ якчанд вазифаҳоро ҳаллу фасл намудан зарур аст. Якум, мувофиқи ақидаҳои олими рус Бетин А.В. дар ин самт, пеш аз ҳама, сафарбаркунии воситаҳои худии корхонаю ташкилотҳоро таъмин намудан зарур аст, ки чунин мебошад:

- баландбардории самаранокии истифодаи воситаҳои худии корхонаю ташкилотҳо, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ равона мегарданд (фоидаи соф, фонди истеҳлок ва фонди андӯхти онҳо);
- ҷорӣ намудани низоми буҷетикунонӣ ва дигар технологияҳои беҳтаргардонии мафкураи молиявии субъектони иқтисодӣ. Ин амалҳо, пеш аз ҳама, барои паст намудани сатҳи коррупсия дар самти фаъолияти инвеститсионӣ равона карда мешаванд.

Дуюм, фаъолгардонии истифодаи имкониятҳои ҷалби сармоя тавассути бозори қоғазҳои қиматноки дохилӣ ва хориҷӣ. Аммо дар ин самт мавҷуд набудани сатҳи дуюми бозори қоғазҳои қиматнок дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон монеаҳоро пайдо менамояд. Зарур аст, ки минбаъд айнан ба ташаккулёбии пурраи бозори қоғазҳои қиматнок дар мамлакат ва минтақа аҳаммияти хосса зоҳир карда шавад, зеро мавҷудияти ин сегменти бозори молиявӣ барои субъектони иқтисодӣ имкониятҳои иловагии молиявиро таъмин менамояд ва мувофиқан самаранокии фаъолияти онҳо боло меравад.

Сеюм, таъмини самаранокии истифодаи захираҳои молиявии минтақа. Дар ин самт зарур аст, ки механизмҳои махсуси татбиқ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ истифода шаванд, то ки захираҳои молиявии мавҷуда самаранок истифода гарданд. Дар ин ҷо, асосноккунии муҳаққиқи ватанӣ Исвалиев С.Ҷ. дар доираи боҳамтаъсирӣ ва бо ҳам алоқамандии сармоягузории субъектони иқтисодӣ тавассути механизми кластерии ташкили истеҳсолот қобили қабул аст. Дар ҳақиқат, дар ҳолати ташкили истеҳсолот тариқи механизми кластерӣ бо ҳам маблағгузории субъектони кластер дар доираи он, истифодаи самараноки захираҳои молиявии онҳоро таъмин менамояд.

Чаҳорум, дар шароити нокифоягии захираҳои молиявии дохилӣ, бояд механизми ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ такмил дода шавад. Ба фикри мо, бештар ба воситаҳои қарзие, ки аз ҷониби муассисаҳои молиявии Ғарб пешкаш мегардад, аҳаммияти муҳим зоҳир намудан лозим аст, зеро онҳо шарти қулайи қарзҳоро пешкаш мекунанд. Инчунин, дар ин самт истифодаи таҷрибаи бонкҳои исломӣ низ муҳим аст. Амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ тариқи низоми бонки исломӣ, аз як тараф, хавфи молиявии лоиҳаро паст менамояд, аз тарафи дигар бошад, имконияти таъмини ҳавасмандии тамоми иштирокдорони ҷараёни инвеститсиониро медиҳад.

Панҷум, бояд, ки дар сатҳи минтақа низоми идорасозии хавфҳои молиявию инвеститсионӣ ташаккул дода шавад. Ин бошад, дар навбати худ ҳалли чунин вазифаҳоро талаб менамояд:

- ташаккул додани фонди захиравии минтақа бо ҷалби фондҳои захиравии корхонаю ташкилотҳо;
- васеъ намудани усулҳои идорасозии хавфҳои инвеститсионӣ;
- такмили механизми таъмини кафолати сармоягузорӣ.

Ҳалли ин вазифаҳо дар навбати худ, дар сатҳи минтақа имконияти ташаккули механизми суғуртаи лоиҳаҳои инвеститсиониро медиҳад, ки яке аз шарти муҳимми рушди фаъолияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии он дар минтақа мебошад. Вазъи ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти минтақа яке аз омилҳои муҳимме ба шумор меравад, ки ба самаранокии амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ таъсири худро мерасонад. Яке аз принсипҳои сармоягузорӣ низ бо мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ дар самти ташкили фаъолияти хоҷагидорию истеҳсолӣ баромад менамояд [4,с.234].

Тавре ки муҳаққиқон қайд менамоянд, ҷобаҷогузории оптималии қувваҳои истеҳсолӣ дар минтақа, асоси сиёсати инвеститсионии онро ташкил медиҳад, инчунин, ин омил ба дараҷа ва таносубҳои ҷараёни такрористеҳсол, истифодаи бошиддати (интенсивии) захираҳои иқтисодӣ дар минтақа таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳои алоҳида, бояд ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад.

Ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти минтақа яке аз вазифаҳои иқтисодии мамлакат ба шумор меравад. Барои расидан ба сатҳи оптималии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳо бояд инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва бозор инкишоф ёфта бошад. Таҳлил дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар нишон дод, ки дар баъзе минтақаҳое, ки инфрасохтор дар сатҳи паст қарор дорад, фаъолнокии сармоягузорӣ низ хеле суст мебошад. Вобаста дар самти ташаккули инфрасохтор зарурати амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба мадди аввал гузошта мешавад.

Мувофиқи барномаҳои давлатии рушд дар ин гуна минтақаҳо, умуман, дар сатҳи минтақа, аллакай, якчанд лоиҳаҳои инвеститсионии бузург амалӣ карда шудааст. Аммо, то ҳол сатҳи рушди инфрасохтор барои ҷобаҷогузории оптималии қувваҳои истеҳсокунанда кофӣ нест. Мавҷудияти миқдори зиёди захираҳои меҳнатӣ, ашёи хом дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар, ташаккулёбии бештари инфрасохтори истеҳсолӣ, дар ин замина бунёди корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ, соҳаҳои хизматрасонандаи онҳоро талаб менамояд. Дар ин ҳолат, якчанд муаммоҳои иқтисодиву иҷтимоии минтақа ҳалли худро мeёбанд, ки бо амалишавии ҳадафи чоруми иқтисодиёти миллӣ вобаста мебошад.

Дар самти баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, инчунин, дар паст намудани хавфҳои молиявӣ дар ҷараёни амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ аҳаммияти муҳимро татбиқи механизми маблағгузории шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дорад. Ҳамкории давлатию хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии венчурӣ аҳаммияти калон дорад, зеро, аз як тараф, давлат дар асоси қонунҳои амалкунанда кафолат медиҳад, дар ҳолати ба вуҷуд омадани касодии лоиҳа, маблағҳои сафарбаршудаи бахши хусусӣ баргардонида мешавад. Аз тарафи дигар, дар ҳолати амалишавии бомувоффақияти лоиҳаи инвеститсионӣ, ҳам давлат ва ҳам бахши хусусӣ ба натиҷаҳои бузург ноил мегарданд.

Ҳамин тавр, дар хулоса чунин масъалаҳоро махсусан қайд намудан лозим аст: Дар доираи ташкил ва идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар минтақаҳо, инчунин, дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақа якчанд муаммоҳо ҷой доранд, ки такмили худро талаб менамоянд. Мо самтҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсиониро бо ҳал намудани чунин масъалаҳо пешниҳод менамоем:

- такмили механизми дастгирии давлатии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки бевосита барои фаъолгардонии инвеститсионӣ дар минтақа равона карда мешавад. Дар доираи ин, аз ҷониби мо, махсусан, таъмини самараи мултипликатсионӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ асоснок карда шуд, ки мувофиқи он намояндагии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд дар самти сармоягузорӣ ҳамчун тарафи маблағгузор иштирок намуда, барои ташаккули фазои солими инвеститсионӣ тамоми чораҳои зарурииро амалӣ намояд. Самараи мултипликатсионие, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои махсусан калон ноил мегардад, ба самаранокии тамоми агентҳои иқтисодӣ таъсири худро мерасонад;

- дар самти идорасозии хафҳои инвеститсионӣ бояд ниҳоди махсуси он дар сатҳи вилоят ташаккул дода шавад. Вазифаҳои асосии ин мақомот бояд аз инҳо иборат бошад:

- сиёсати устуворсозии инвеститсиониро дар минтақа амалӣ намояд;

- захираҳои молиявии вилоятро ҳамоҳанг намуда, истифодашавии мақсадноки онҳоро дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ назорат намояд;

- меъёрҳои интихоби лоиҳаҳои инвеститсиониро дар сатҳи вилоят муқаррар намуда, лоиҳаҳоро аз рӯи муҳимияташон барои дастгирии давлатӣ пешниҳод намояд;

- мурочати инвесторони ватанӣ ва хориҷиро дар асоси қонунгузории амалкунанда ҳаллу фасл намояд, дар ҳолати ба вуҷуд омадани қонуншиканиҳо дар ин самт барои музоҷот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дархост ирсол намояд [3,с.98].

Инчунин, омӯзишҳо дар самти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ нишон доданд, ки ба самаранокии амалишавии онҳо сатҳи баланди коррупсия таъсири худро мерасонад. Барои пешгирӣ ва аз байн рафтани коррупсия, назорати механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсиониро на танҳо тариқи мақомоти давлатии назорати молиявӣ, балки тавассути механизми аудит ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст. Ин механизм, хусусан, дар ҳолати маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ аз ҷониби ШДБХ муҳим мебошад, зеро дар ин механизм бахши хусусӣ кӯшиш менамояд, ки самараи баландро ба даст дарорад ва азхудкунии маблағҳои лоиҳа аз ҷониби шахсони масъули мақомотҳои давлатӣ аз байн рафта бошад. Ба ибораи дигар, татбиқи механизми амалишавии лоиҳаҳо тавассути ШДБХ паст шудани сатҳи коррупсияро таъмин менамояд, ки ин яке аз омили муҳимми рушди фаъолияти инвеститсионӣ на танҳо дар сатҳи минтақа, балки дар сатҳи мамлакат баромад менамояд [10,с.26].

Дар рафти таҳлил доир ба масъалаи зикргардида хулосаю пешниҳодҳои зерин пешниҳод мегардад:

- яке аз омилҳои асосие, ки ба фазои сармоягузорӣ метавонад таъсири мусбӣ расонад, ин низоми мавҷудбудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" мебошад, ки меъёри ҳуқуқии фаъолияти сармоягузориро дар қаламрави кишвар батанзим медарорад. Бо дарназардошти ин, ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти миллии Тоҷикистонро ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки Қонуни зикргардида такмил дода шавад. Инчунин, мутобиқаткунии қонунгузории мамлакат ба

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ мутобиқ карда шавад;

- воситаи асосии таъмини рушди устувори кишвар манбаҳои дохилии сармоя ба шумор меравад. Лекин, яке аз хусусиятҳои манфӣ ва воқеии иқтисоди миллии Тоҷикистон он аст, ки ғайр аз касрӣ будани буҷети давлатӣ, имконитяҳои молиявию иқтисодӣ он маҳдуд мебошад. Аз ҷумла манбаҳои дохилии сармоягузорӣ (маблағҳои хусусии субъектҳои хоҷагидор ба монанди фонди амортизатсионӣ, қарзҳо ва маблағҳо аз фурӯши саҳмияҳо) дар ҳаҷми на чандон зиёд дар гардиши иқтисодиёти кишвар истифода мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ дар баробари ин, таъмини рушди устувории иқтисодиёт дар давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ яке аз воситаҳои асосии ҷалби сармоя дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ин таъсиси корхонаҳои муштарак мебошад.

- бинобар мавҷуд набудани бозори дуюмдараҷаи фурӯши коғазҳои қиматнок, имконияти ҷалби сармоя ба корхонаҳои ватанӣ, барои фароҳам овардани шароитҳои муътадили техникию иқтисодӣ, барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, барои содир намудани маҳсулот ба хориҷа мебошад. Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта зарур мешуморем, ки аз тарафи мақомотҳои дахлдори ҷумҳурӣ имконияти ба фурӯш баровардани қоғазҳои қиматнок корхонаҳои ватанӣ барои ҷалби сармоя ташкили бозори дуюмдараҷаи фурӯши қоғазҳои қиматнок чораҳои зарурӣ андешида шавад;

- бояд барномаи тағйироти сохториии бонкҳои кишвар амалӣ гардонида шавад, то ки сатҳи боварӣ ба сектори молиявӣ баланд гардад. Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар таъмини фаъолияти сармоягузорӣ ба низоми устувори бонкӣ ниёз дорад;

- барои таъмини фаъолияти бевоситаи МОИ фишангҳои татбиқи меъёрҳои андозию гумрукӣ бояд мушаххас гардонида шавад, ҳамзамон, масъалаи бақайдгирии субъектҳои МОИ, ки мувофиқи муқаррароти равзанаи ягона ҳамчун субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд, бояд аниқ карда шавад.

Дар ҷамбасти мақола қайд кардани ҳастем, ки имрӯз бештари сармоягузориҳо дар лоиҳаҳои аҳаммияти стратегидошта сармоягузорӣ карда мешаванд. Воридоти сармоягузориҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар дар шаҳри Душанбе ворид гардидааст. Сабаби зиёд ворид гардидани сармоягузориҳои хориҷӣ ба шаҳри Душанбе, ин аз ҷиҳати рушди инфрасохтор минтақаи рушкарда ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, бештари сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Худойназаров Д.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материале Республики Таджикистан): автореф. дис… док… экон… наук / Р.Б. Бердиев. -Бишкек: КРСУ, 2012. -42 с.
2. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе / М. Блауг. –М., 1994. -46 с.
3. Иванова Л.С. Методика принятия инвестиционных решений / Л.С. Иванова, В.И. Кондратьева. – Владивосток: Дальне-восток, 2012. -48 с.
4. Игонина Л.Л. Инвестиции: Учеб. пособие / Л.Л. Игонина; под ред. В.А. Слепова. -М.: Юристъ, 2012. -480 с.
5. Инвестиции: Учеб. пособие /Под ред. М.В. Чиненова. -М.: КноРус, 2011. -368 с.
6. Инвестиции: учебное пособие / Под ред. В.В. Ковалева. -М.: Проспект, 2008. -360 с.
7. Индекс восприятия коррупции 2017 года. [Электронный ресурс]. URL: http://gtmarket.ru/ratings/corruption-perceptions-index/info. (12. 04. 2019).
8. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости процентов и денег // Антология экономической классики / Дж.М. Кейнс. -М: Эксо, 2007. -Т.2. -960 с.
9. Кодиров Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций: дис. кан.экон.наук / Ф.А. Кодиров. -Душанбе, 2010. -С.21.
10. Маркс К. Капитал / К. Маркс. -М.: Издательство политическая литература, 1975. -Т. 2. -752 с.
11. Нешитой, А.С. Инвестиции: Учебник / А.С. Нешитой. -6-е изд., перераб. и испр. -М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К0», 2010. -23 с.

12. Сафоев А.К. Инвестиционно-инновационные аспекты индустриализации экономики Республики Таджикистан / А.К. Сафоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№5. -часть I. –С.86.
13. Сафоев А.К. Оценка региональных инвестиционных проектов и пути повышения эффективности инвестиционной деятельности в сфере промышленности / А.К. Сафоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№5. -С.89-94. ISSN-2413-5151.
14. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (на примере Республики Таджикистан): автор.дис... / А.А. Солиев. -Душанбе, 2004. -60 с.
15. Ходжаев Д.К. Влияние региональной интеграции на инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: дисс...канд...экон... наук / Д.К. Ходжаев. -Душанбе, 2018. -156 с.


## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАҲО


Дар мақолаи мазкур роҳҳои такмили механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, беҳтаргардонии муҳити сармоягузорӣ ва беҳтарсозии ҷараёни сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди системаи мақсадноки ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ, сохтори мувофиқи иҳотакунанда барои амалиёти сармоягузорони хориҷӣ, мутобиқсозии фаъолият бо ташкилоти байналхалқӣ, гузаронидани озмоиши лоиҳаҳои муҳим ва ҷудо намудани интихоби мусобиқавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар шароити имрӯза барои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар сатҳи минтақа нишон медиҳад, ки дар ин раванд якчанд муаммоҳо ва омилҳо ҷой доранд, ки ба раванди ҷалби сармоягузорҳо таъсир мерасонанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ, пеш аз ҳама, аз сиёсати инвеститсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар такомули механизми амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, баррасии самтҳои сиёсати сармоягузорӣ аҳаммияти калон пайдо менамояд. Имрӯзҳо яке аз омилҳое, ки дар ҷалби сармоягузорӣ дар миқёси минтақаҳои кишвар таъсири худро мерасонад, ин кам будани мутахассисони баландихтисос мушоҳида мегардад. Мутахассисони баландихтисос маъмулан ба ҷараёни муҳоҷират ворид мешаванд, яъне, онҳо ба он минтақаҳо ё давлатҳое, ки дар он ҷо сатҳи зиндагӣ баланд аст, мераванд. Хусусан, дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар минтақа, мутахассисон ё ба самти пойтахт муҳоҷир мешаванд, ё ин ки тамоман аз мамлакат берун мераванд.



**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, сармоягузори хориҷӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бозори молиявӣ, қоғазҳои қиматнок, сармоягузории минтақа.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА РЕАЛИЗАЦИИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ НА РЕГИОНАЛЬНОМ УРОВНЕ


В статье рассмотрены пути совершенствования механизма реализации инвестиционных проектов для повышения эффективности управления инвестиционной деятельностью, улучшения инвестиционной среды и улучшения притока инвестиций в экономику Республики Таджикистан: создания единой целевой системы государственного управления инвестиционными процессами, соответствующей структуре операций иностранных инвесторов, адаптации деятельности с международными организациями, апробации важных проектов и выбору конкурентоспособных вариантов. В современных условиях реализации инвестиционных проектов на региональном уровне показано, что в этом процессе возникает ряд проблем и факторов, влияющих на процесс привлечения инвесторов. Анализ показывает, что эффективность механизма реализации региональных инвестиционных проектов зависит, прежде всего, от инвестиционной политики. Поэтому в совершенствовании механизма реализации инвестиционных проектов большое значение имеет учет направлений инвестиционной политики. На сегодняшний день одним из факторов, влияющих на инвестиционную привлекательность регионов страны, является нехватка высококвалифицированных специалистов. Высококвалифицированные специалисты обычно попадают в миграционный поток, то есть уезжают в те регионы или страны, где высокий уровень жизни. Тем более что на современном этапе экономического и социального развития региона специалисты либо мигрируют в столицу, либо вообще уезжают из страны.



**Ключевые слова:** инвестиции, инвестиционная политика, иностранный инвестор, инвестиционные проекты, финансовый рынок, ценные бумаги, региональное инвестирование.


## IMPROVING THE MECHANISM FOR THE IMPLEMENTATION OF INVESTMENT PROJECTS AT THE REGIONAL LEVEL


In the article, ways to improve the mechanism for the implementation of investment projects to improve the efficiency of investment management, improve the investment environment and improve the flow of investments into the economy of the Republic of Tajikistan, the creation of a unified target system, the state management of investment processes, the corresponding surrounding structure of operations of foreign investors, adaptation of activities with international organizations, approbation of important projects and selection of competitive options. In modern conditions for the implementation of investment projects at the regional level, it is shown that in this process a number of problems and factors arise that affect the process of attracting investors. The analysis shows that the effectiveness of

the mechanism for the implementation of regional investment projects depends primarily on the investment policy. Therefore, in improving the mechanism for the implementation of investment projects, it is of great importance to take into account the directions of investment policy. Today, one of the factors affecting the investment attractiveness of the regions of the country is the lack of highly qualified specialists. Highly qualified specialists usually get into the migration flow, that is, they leave for those regions or countries where the standard of living is high. Moreover, at the present stage of the economic and social development of the region, specialists either migrate to the capital or leave the country altogether.

**Keywords**: investments, investment policy, foreign investor, investment projects, financial market, securities, regional investment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юнусова Лола Зубайдулоевна*** – Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон, хазинадор. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, маҳалаи Авесто, 27. E-mail: **lola.yunsova.1995@mail.ru**. Телефон: **919-51-47-91**

**Сведения об авторе:** ***Юнусова Лола Зубайдулоевна*** **–** Колледж физического воспитания Таджикистана, казначей. **Адрес:** Республика Таджикистан, Душанбе, район Сино, Авестинский район, 27. E-mail: **lola.yunsova.1995@mail.ru.** Телефон: **919-51-47-91**

**Information about the author:** ***Yunusova Lola Zubaiduloevna*** **–** College of Physical Education of Tajikistan, treasurer. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino district, Avestinsky district, 27. E-mail**: lola.yunsova.1995@mail.ru.** Phone: **919-51-47-91**

ТДУ: 332.2 (575.3)

# ТАВСИФИ ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сафаров С.М., Исматзода С.С.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар солҳои 90-уми асри XX муносибат бо замин дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он тағйиротҳои назаррас ба миён омаданд, аз қабили яккаҳукмронии монополияи (моликияти) давлатии замин бартараф карда шуданд. Аз сабаби зиёд шудани аҳаммияти таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ – ҳамчун захираи асосии иқтисодиёти аграрӣ, гузаронидани ислоҳоти минбаъдаи замин, рӯзмарра ва муҳим мегардад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таҳкурсии бозори замин ва инфрасохтори он ташаккул ёфтааст. Ин мутаносибан усулҳои нав ва системаи идоракунии захираҳои заминро талаб мекунад. Мавҷудияти гуногунии назарраси ҳудудҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳангоми таҳияи стратегия ва интихоби шаклҳои истифодаи бозори замин ва гардиши бозори замин, инчунин, идоракунии шаклҳои нави истифодаи замин, баҳисобгирии хусусиятҳои минтақавиро талаб мекунад. Ин чараён бояд тамоми ҷонибҳои ҳаёти аҳолии ҳудудҳои мушаххаси ҷумҳуриро фаро гирад ва ба ин масъалаҳо ҳуқуқҳои хеле васеи мақомоти ҳокимияти маҳаллиро қонунан вобаста намоянд [6,с.86].

Дар айни замон ба ихтиёри аҳолӣ тавассути ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ беш аз 80%-и майдони умумии замини кишоварзӣ (ба ҳолати 1 январи соли 2012) ва беш аз 75 ҳаз. гектар ҳамчун хоҷагии наздиҳавлигӣ супорида шуд. Ҳамин тариқ, дар рафти азнавташкилкунии колхозу совхозҳо беш аз 71%-и аҳолии маҳаллии деҳот ҳуқуқи истифодаи замин ва заминдориро ба даст оварданд. Аммо, ҳамаи равандҳои дар боло номбаршуда натиҷаҳои тақвият додани тамоилҳои манфиро дар истифода ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ доранд. Айни замон дар Тоҷикистон даҳҳо ҳазор гектар аз истифодаи кишоварзӣ бароварда шуд, таназзул ва барҳамдиҳии ҳосилхезии хок идома дорад. Ба ҳолати 1 январи соли 2012 дар ҷумҳурӣ беш аз 21,9 ҳаз. гектар, аз ҷумла обёришаванда – 14,8 ҳаз.га. заминҳои кишоварзӣ аз гардиши кишоварзӣ берун шуданд. Ва ин рақам дар минтақаҳои ҷумҳурӣ: дар вилояти Хатлон - 11,1, вилояти Суғд – 8,7, НТҶ – 0,2 ҳаз.га.-ро ташкил медиҳанд. Беш аз 50% заминҳои кишоварзии аз гардиш баровардашуда дар ҷумҳурӣ ба вилояти Хатлон рост меояд. Равандҳои таназзули заминҳои кишоварзӣ ба иқтидори озуқаворӣи фонди замини вилоят зарари калон мерасонанд, дар маҷмуъ ба амнияти озуқаворӣи ҳам минтақа ва ҳам ҷумҳурӣ таҳдид мекунанд. Ҳамаи ин ташкили механизми нави иқтисодии истифодаи замин ва такмилдиҳии системаи идоракунии захираҳои заминро дар ин минтақаи ҷумҳурӣ талаб мекунад. Дар системаи нави бозор бояд чунин механизм ташкил карда шавад, ки истифодаи самараноктарини (оқилонаи) замин, беҳтаргардонии тавсифи сифатии онро ҳавасманд намояд. Ва ин муҳиммияти мавзуро муайян ва мутаносибан интихоби мавзуи тадқиқотро қаблан муайян намуд [13,с.56].

Дар илми иқтисодии аграрӣ заминдорӣ ҳамчун эътирофи ҳуқуқи шахси мазкур (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ба қитъаи муайяни замин дар асоси таърихан ба вуҷудомада муайян карда мешавад ё, ҳуқуқи моликият ба замин дар назар дошта мешавад. Заминистифодабарӣ - ин истифодаи замин бо тартиби муқаррарнамудаи урфу одатҳо ё қонун мебошад. Истифодабарандаи замин соҳиби он будан ҳатмӣ нест - ин қарори аз ҷониби заминистифодабаранда ё шахси дигар вобаста ба фаъолияти объекти моликият - қитъаҳои замин дар асоси ҳуқуқи соҳибкор барои истифода додани молу мулк дар доираи аз ҷониби заминдор иҷозат додашуда, моҳияти идоракуниро ташкил медиҳад. Дар таҷрибаи воқеии субъектҳои заминдорӣ ва заминистифодабарӣ, ашхоси гуногунро (ё шахси ҳуқуқӣ) таҷассум мекунанд [7,с.73].

Дар айни замон, дар сохтори заминистифодабарандагони ҷумҳурӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ вазни қиёсии назаррасро ишғол мекунанд. Онҳо зиёда аз 73%-и фоизи

заминҳои кишоварзиро ташкил медиҳанд [13,с.76]. Вазни қиёсии хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ дар сохтори субъектҳои заминистифодабарӣ меафзояд. Ҳиссаи шаклҳои ёрирасон ва дигар шаклҳои хоҷагиҳо низ зиёд мешаванд. Чунин шаклҳои хоҷагидорӣ, ба монанди кооперативҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои давлатӣ ва дигарон ба хоҷагиҳои фермерӣ ва дигар шаклҳои бозори хоҷагидорӣ роҳ медиҳанд [1,с.15].

Бояд қайд кард, ки соҳибкор дар бахши аграрӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ соҳиби он нестанд, аммо ҳуқуқҳои моликият, истифода ва идоракуниро доранд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» ин муқаррарот ба тариқи зайл қайд карда шудааст, дар он гуфта мешавад, ки заминдор ҳуқуқ надорад, ки ба фаъолияти корхона баъд аз бастани шартнома бо идоракунанда дахолат намояд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки бо шартнома, оинномаи корхона ва қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст [12].

Ҳамин тариқ, моликияти замини қитъаҳо - ин комил буда, унсурҳои он бошад, соҳибикунӣ, истифодабарӣ ва идоракунӣ мебошанд. Алоқамандии байни ин унсурҳо чунин зоҳир карда мешаванд: ихтиёрдорӣ бо истифодабарӣ муайян карда мешавад, истифодабарӣ бо соҳибикунӣ, соҳибикунӣ бо шакли моликият муайян карда мешавад. Дар шароити ҷумҳурӣ, вақте ки давлат соҳиби ягонаи захираҳои замин мебошад, аз ин рӯ, зарур аст, ки мазмуни иқтисодии ҳуқуқи моликиятро ба захираҳои замин боз ҳам амиқтар муайян бояд кард. Мазмуни ҳуқуқи моликиятро метавон ҳамчун муносибатҳои ахлоқӣ аз ҷониби ҷомеа тасдиқ кардашудаи (қонунҳои давлат, фармонҳои маъмурӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо ва ғ.) байни агентҳо (заминистифодабарандагон) муайян намуд, ки аз сабаби мавҷудияти қитъаҳои замин ва истифодаи он ба миён меоянд. Ин муносибатҳо, гӯё ки меъёрҳои рафторро ҷиҳати истифодаи замин инъикос мекунад, ки ҳама гуна агент бояд дар ҳамкориҳои худ бо контрагентҳо риоя намояд ё ки аз сабаби риоя накардани онҳо зарар бинад. «Ҳуқуқи моликият – ин ҳуқуқи назорат кардани истифодаи захираҳои муайян ва тақсим намудани хароҷот ва фоидае, ки дар чунин маврид ба миён омадааст. Маҳз ҳуқуқи моликият – ё ки, ба андешаи одамон, қоидаҳои дахлдори бозӣ муайян мекунад, ки чи тавр дар ҷомеа равандҳои пешниҳод ва талабот ба амал меоянд» [2,с.16-17].

Агар ҳуқуқи моликият ба замин аниқ муайян карда шуда бошад, пас ҳавасмандӣ ба заминистифодабарандагон (субъектҳои хоҷагидорӣ) бо назардошти он фоида ё зарар шиддат меёбад. Дар раванди мубодилаи ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин, замин ба ҳамон агенти иқтисодӣ – ба деҳқони ҳақиқӣ супорида мешавад, ки барои он ин арзиши баландтарин дорад. Дар чунин шароит, тақсимоти самараноки захираҳои замин таъмин карда мешавад. Ҳарчанд дар ҷараёни мубодила онҳо аз истифодаи каммаҳсул ба сермаҳсул мегузаранд [11].

Дар шароити заминистифодабарии бозор замингардон пуршиддат мегардад, яъне ивазшавиии даврии заминистифодабарандагон ё азнавтақсимкунии ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳо дар асоси муомилоти хариду фурӯши қитъаи замин, ба иҷора супоридани онҳо, ҳадякунӣ ба миён меояд. Тибқи меъёри амиқсозии муносибатҳои бозорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ замин тадриҷан объекти гардиши хоҷагӣ мегардад, яъне ки амалан ҳар як қитъаи замин метавонад ба заминдори нав гузарад. Ва дар ин ҷо ҳар як қитъа арзиши худро дорад. Ба монанди ҳар гуна захираҳо, замин дорои арзиши истеъмолӣ ва бозор мебошад: арзиши истеъмолӣ арзиши заминро барои заминистифодабарандаи мушаххас инъикос мекунад ва нархи бозор бошад, ин нархи эҳтимолии фурӯши замин дар бозори озод мебошад. Дар ин равандҳо, дар ҳар як минтақа талабот ва пешниҳоди қитъаҳои замин ташаккул меёбад [4,с.59]. Мувофиқи вазифаҳои гуногуни замин намудҳои зерини талабот ташаккул меёбанд:

–Талаботе, ки ҳадафи он истифодаи замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Дар ин ҷо сатҳи талабот бо талаботҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои кишоварзӣ, холдингҳои аграрӣ ва ғ. муайян карда мешавад. Корхонаҳои калон хариди қитъаҳои заминро, аз ҷумла бо истифода аз механизми дохил кардани онҳо ба сармояи оинномавии корхонаҳо ташкил мекунанд;

–Талабот ба замини кишоварзӣ бо мақсади сохтмони иншоотҳои гуногун дар онҳо. Аксар вақт ин биноҳои истиқоматӣ, гоҳ-гоҳ иншоотҳои ғайриманқули тиҷоратӣ ва саноатӣ;

–Дар вазъи воқеӣ дар ҷумҳурӣ (дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт) талабот ба фурӯши ояндаи замин ва ба даст овардани даромади спекулятивӣ (ҳаннотӣ) нигаронида шудааст. Сатҳи ин талабот, талаботро ба маҳсулоти кишоварзӣ, манзил, амволи ғайриманқули офисӣ, савдо ва ғ. муайян мекунад. Ҳар қадар даромаде, ки истифодабарандагони қитъаҳои замин ба даст меоранд, бисёр бошад, талаботи онҳо ба замин зиёдтар аст. Аз сабаби он, ки айни замон даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хеле кам аст, аз ин рӯ, афзоиши нархи қитъаҳои замин бо афзоиши нархи амволи ғайриманқул муайян карда мешавад: ин талаботро ба қитъаҳои замин барои сохтмони манзили нав зиёд мекунад [6,с.91].

Дар шароити муосир, замине, ки дар моликияти сокинони деҳаи минтақаҳои ҷумҳурӣ қарор дорад, нархи хеле паст дорад. Дар чунин ҳолатҳо афзоиши талаботи спекулятивӣ (ҳаннотӣ) ба он мушоҳида карда мешавад. Сабаби асосии чунин зуҳурот аз ҷониби давлат ҳалнашаванда будани масъалаи асосӣ – таъмини эквивалентнокии муносибатҳои иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ бо дигар субъектҳои иқтисодиёт мебошад. Сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат дар кишоварзӣ ва мутаносибан сатҳи пасти рақобатпазирӣ онҳоро водор месозад, ки роҳҳои нави рӯзгузарониро ҷустуҷӯ намоянд. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз уҳдадориҳои назарраси қарзи субъектҳои хоҷагидор, яке аз роҳҳои имконпазири баромад аз буҳрони молиявию иқтисодӣ, истифодаи минбаъдаи маблағҳои қарзӣ мебошад. Дар ин сурат, захираҳои дарозмуддати қарз барои истифодаи мақсадноки онҳо, татбиқи технологияҳои муосир, баландбардории ҳосилхезии хок, яъне барқарорсозии иқтидори истеҳсолии соҳа аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин, қарздиҳи на бо набудани захираҳои қарзӣ, балки мавҷудияти хавфи бебозгашти он барои бонкҳо боздошта мешавад. Воқеан, пардохтпазирии пасти корхонаҳои аграрӣ сабаби хуруҷи захираҳои молиявӣ аз соҳаи истеҳсолӣ ба спекулятивӣ мебошад [3,с.172].

Бо назардошти тағйирёбии қонунгузорӣ дар бораи бозори заминҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани сармоякунонии заминҳо, даровардани иловаҳои дахлдор ба қонуни амалкунанда «Дар бораи ипотека (гарави амволи ғайриманқул)» талаб карда мешавад. Ипотекаи замин бевосита бо бозори замин мувофиқат дорад, ки дар ҷумҳурии мо то ҳол нокифоя рушд ёфтааст. Такмилдиҳии он дар доираи мутамаддин метавонад ба ҳалли масъалаҳои зерини иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи аграрӣ мусоидат намояд:

❖ Ҳавасмандкунии фаъолияти соҳибкории заминистифодабарандагон, гарчанде қитъаи замин ҳамчун объекти мубодила қодир аст, ки на танҳо талаботи шахсиро қонеъ гардонад, балки сармояе бошад, ки даромад орад;

❖ Ҷалби сармоягузорӣ ба истеҳсолоти воқеӣ тавассути гузоштани замин ба сифати гарав барои ба даст овардани захираҳои қарзӣ.

Илова бар ин, такмилдиҳии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тағйиротҳои муносибатҳои бозорӣ талаб карда мешавад. Ин сиёсат бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад:

– тақсими ройгони қитъаи замин ба андозаи меъёри миёнаи ноҳиявӣ барои деҳқон;

– ташаккули фонди азнавтақсимкунии заминҳо аз ҳисоби мусодираи қисми заминҳо аз он субъектҳои хоҷагидор, ки арзиши замин барои онҳо хеле паст аст (самаранок истифода намебаранд);

– иҷозатдиҳии муомилот тибқи идоракунии қитъаҳои замин, аз ҷумла ҳуқуқи фурӯши онҳо;

– заминистифодабарии пулакӣ [3,с.174].

Дар солҳои ислоҳот таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, шаклҳои инфиродии заминистифодабарии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ХЁШ (хоҷагии ёрирасони шахсӣ) зоҳир карда шуд. Аммо, дар қатори самараи мусбии рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва баъзе тамоилҳои барои хоҷагии миллӣ хатарнок ошкор гардиданд. Дар ҷумҳурӣ ва аксарияти минтақаҳои он камшавии вазни қиёсии

киштзорҳои кишоварзӣ дар майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ба қайд гирифта мешавад.

**Ҷадвали 1. Динамика ва сохтори заминҳои таъиноти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. га)**

**Table 1. Dynamics and structure of agricultural land of the Republic of Tajikistan (haz. ha)**

| Намуди замин | 2006 | 2008 | 2012 | Тағйиротҳо +/- |
|---|---|---|---|---|
| Ҳама заминҳои кишоварзӣ | 3829,5 | 3780,5 | 3614,5 | -215 |
| Аз ҷумла: | | | | |
| Мазрааҳо | 704,2 | 699,8 | 662,0 | - 42,2 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 98,8 | 102,3 | 126,5 | 27,7 |
| Алафдарав | 17,7 | 17,7 | 17,3 | 0,4 |
| Чарогоҳҳо | 2978,2 | 2930,4 | 2777,9 | - 200,3 |
| Заминҳои партов | 30,7 | 30,3 | 31,0 | 0,3 |

Сарчашма: [13,с.279-280].

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар соли 2012, дар муқоиса бо соли 2006 215 ҳаз. га., кам шуд, замини корам 42,2 ҳаз., га кам шуд, ва чарогоҳҳо –200,3 ҳаз.га. тамоили баромадани заминҳои арзишнок аз гардиш – киштзор мушоҳида карда мешавад. Аз соли 2011 амалан ҳамаҷониба тамоили интиқоли қитъаҳои замини ҷудокардашуда аз ҷониби шаҳрвандон ба категорияи заминҳои нуқтаҳои аҳолинишин вусъат ёфт**.** Ва дар ин раванд падидаҳои спекулятивӣ нисбати хариду фурӯши қитъаҳои замини бахши ғайрирасмии (соягии) иқтисоди аграрӣ пуршиддат гардид. Ҳамин тариқ, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мушкилоти таъмини самаранокии истифодаи замин муҳиммияти махсусро пайдо мекунад. Ба ақидаи мо, онро дар якчанд ҷанбаъ метавон баррасӣ намуд.

1. Аввал **-** дар ҷанбаи иқтисодӣ, зеро ташкили самараноки истифодаи замин, пеш аз ҳама, сармоягузориҳои бисёрро талаб мекунад. Дар акси ҳол, тақвияти таназзули заминҳои кишоварзӣ ба миён меояд.
2. Дуввум - дар ҷанбаи ҳудудию ҳуқуқӣ. Аз сабаи он, ки ҳудудҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд ва аз рӯи майдони заминҳои кишоварзӣ ва ҳам ҷиҳати махсусгардонии истеҳсолот (ноҳияҳои саноатӣ ва кишоварзӣ) ва баъзан аз рӯи релеф ва дигар омилҳо, тафриқаи меъёрҳои муқаррар кардани андозаи ниҳоии қитъаҳои замин ва идоракунии минтақавӣ ва назорат бо назардошти хусусиятҳои маҳалла мувофиқи мақсад мебошад.
3. Сеюм – дар ҷанбаи иҷтимоӣ. Ҳангоми баррасии масъалаҳои истифодаи замин ва идоракунии он муайян кардани механизмҳои пешниҳоди дастгирии иҷтимоии сокинони деҳа, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро идора мекунанд, талаб карда мешавад. Андешидани тадбирҳои комплексӣ оид ба рушди ҳудудҳои деҳа ва бахши иҷтимоии он талаб карда мешавад, ки зуҳуроти самараи синергетикии ин бахшро таъмин месозанд [5,с.65].

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки сарфи назар аз мушкилоти қайдкардашуда дар ҷумҳурӣ воқеан асосҳои сохти нави замин ташкил карда шудаанд. Онҳо ба базаи муосири қонунгузорию меъёрӣ, шаклҳои гуногуни моликият ба замин, заминистифодабарии бисёруклада ва пулакӣ (музднок), инчунин, таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо қитъаи замин асос ёфтаанд [4,с.57].

Низоми муосири кадастра ва бақайдгирии ҳуқуқи замин ташкил карда шудааст. Акнун такмилдиҳии системаи муносибатҳои заминӣ дар ҷанбаи баррасии он ҳамчун яке аз самтҳои актуалии сиёсати минтақавии субъектҳои ҷумҳурӣ зарур аст. Ин бо нақши истисноии замин ҳамчун захираи махсуси истеҳсолӣ ва асосии муҳимтарини некуаҳволии иқтисодии минтақаҳо шарҳ дода мешавад. Нақши захираҳои замин дар таъмини рушди самараноки ҳудудҳои минтақа бузург аст. Ташаккули сиёсати давлатии замин дар минтакаҳо бояд ба омӯзиши равандҳои пайдоиш ва фаъолияти институтҳо асос ёбад. Барои он ки, таъсири институтҳои расмӣ ва анъанаҳои иҷтимоӣ барои нигоҳдории қонунҳое, ки муносибатҳои замин ва сиёсати заминро танзим мекунанд,

дар давраи амаликунии ислоҳот равшан мушоҳида карда мешавад, ки хусусиятҳои минтақавиро низ муайян мекунанд. Муваффақият дар амаликунии ислоҳот аз таъмини мувофиқати байни ташаббусҳои қонунгузорӣ, анъанаҳои иҷтимоӣ-этникии минтақаҳо ва мақсадноки иқтисодӣ вобаста аст. Таҳлили ислоҳоти замин, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, нишон медиҳад, ки чунин гармонияро ба даст овардан муяссар нашуд, ки ин ба пайдоиши номутаносибиҳои нав оварда расонид ва барои ислоҳоти нав пойгоҳ ташаккул дод [6,с.93].

Дигаргуниҳои ҷиддии муносибатҳои заминӣ, ки дар ҷумҳурӣ анҷом дода шуд, на хусусияти минтақа, балки шароити умумии ҷумҳуриро инъикос мекунад. Вазъи низоми институтсионалии танзими муносибатҳои заминӣ, ки дар кишвар ва минтақаҳои он ба вуҷуд омад, дар бораи набудани асоси мутавозини консептуалӣ дар ислоҳоти мақомотҳои идоракунӣ шаҳодат медиҳанд.

Мақомоти асосии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи идоракунии захираҳои заминӣ то солҳои 2000-ум ва то инҷониб тағйир ёфт, иҷрои батакрори вазифаҳо, пошхӯрии ваколатҳо, баланд бардоштани масъулият барои қарорҳои қабулшуда ва амалишавии онҳо вуҷуд дорад [9]. Ҳамин тариқ, номукаммалии раванди идоракунии захираҳои заминӣ дар минтақаҳо дар талафи актуалнокии маводҳои нақшавию картографӣ, маводҳои таҳқиқотҳои хокӣ ва геоботаникӣ зоҳир гардид. Ин эътимоднокии иттилооти кадастравӣ ва арзёбии кадастравиро якбора паст намуд, ки комилии низоми кадастри заминро вайрон намуд, боиси пастшавии сатҳи коркардҳои пешгӯӣ ва лоиҳавӣ гардид. Дар натиҷаи ин, самаранокии низоми ҳавасмандии иқтисодӣ ва назорати истифодаи замин, зиёдшавии мунокишаҳои замин паст шуд. Таҳияи консепсияи системаи ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳамчун асоси такмилдиҳии низоми идоракунии захираҳои замини минтақа талаб карда мешавад. Барои он ки низоми идоракунии захираҳои замини минтақа назар ба низоми мақомотҳои идоракунии давлатии ин захираҳо ба таври назаррас васеътар аст.

Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ идоракунии кадастрии иншоотҳои ғайриманқул ташкил карда шудаанд, ки вазифаҳоро оид ба расонидани хизматрасониҳои давлатӣ ва идоракунии амволи давлатӣ анҷом медиҳанд. Он вазифаи ҳифзи ҳуқуқро дар соҳаи пешбурди заминсозӣ, бақайдгирии иншоотҳои ғайриманқул, арзёбии давлатии кадастравии замин, арзёбии дигар иншоотҳои ғайриманқул, назорати давлатӣ ва мониторинги заминро иҷро мекунад. Идоракунии кадастрии иншоотҳои ғайриманқул ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд, ки дар амал воқеан маънои иттиҳоди кадастра ва ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва ҳифзи хок, заминсозӣ, мониторинги замин, назорати давлатии заминро дорад [12].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ амалан мақомоте вуҷуд надорад, ки дорои салоҳияти кофӣ барои қабули қарорҳо дар чунин соҳаи муҳимми фаъолияти инсонӣ, ба монанди муносибатҳои заминӣ бошад. Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор тадбирҳоро оид ба рушди институтсионалии асосҳои базаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи муносибатҳои бозорӣ қаблан қабул намуд. Аммо ин тағйиротҳо дар қонунгузорӣ ҳоло ҳам боиси тағйиротҳои зарурии сохторҳои дахлдори ташкилии идоракунии давлатии истифодаи замин нагардидаанд, ки ба рушди гардиши замин дар ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ба зимаи мақомотҳои минтақавии идоракунии истифодаи замин беш аз ҳама ҳаҷми асосии корҳо оид ба ташаккул ва амаликунии сиёсати самаранок дар соҳаи истифодаи замин гузошта шудааст [6,с.94].

Дар сатҳи минтақаҳо таҳия ва татбиқи сиёсати замин раванди мураккаб ва мушкил аст, ки бо зарурати таъмин намудани ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим алоқаманд мебошад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки хусусиятҳои истифодаи замин дар шароити қонунгузории нави замин ва қонунгузорӣ дар бораи молу мулки ғайриманқул муайян карда шаванд.

Дар шароити муосир танзими муносибатҳои заминӣ дар сатҳи минтақа ба усулҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ асос ёфтаанд. Механизми ҳуқуқии танзим ва силсилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи замин, шаклҳои заминию ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии замин асос меёбанд,

ки аз ҷониби шохаҳои гуногуни давлат муайян шудаанд. Инчунин, онҳо ба истифодаи меъёр ва қоидаҳои минтақавӣ асос ёфтаанд, ки дар онҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои категорияҳои гуногун, ба монанди шахсони воқеӣ, заминдорон, иҷорадиҳандагон, истифодабарандагон, коргарони кироя ва коллективҳо таҷассум ёфтаанд [7,с.126].

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДД - Қудратзода П.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Абалкин Л.И. Избранные труды в четырёх томах. Т.4.: В поисках новой стратегии / Л.И. Абалкин. -М., 2000. -652 с.
2. Абалкин Л. Экономическая теория на пути новой парадигмы / Л.И. Абалкин // Вопросы экономики. – 1993. -№1. -С.16-28.
3. Абдувосиев Ф.С. Некоторые вопросы продовольственной безопасности / Ф.С. Абдувосиев, Т. Юнусов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2006. -№4. -С.172-183.
4. Абдувосиев Ф.С. Продовольственная самообеспеченность и стратегия роста аграрного производства / Ф.С. Абдувосиев, В.В. Вохидов, С.Р. Сангинов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2001. -№4. -С.56-73.
5. Абдугафоров А.А. Собственность, предпринимательство и проблемы перехода Республики Таджикистан к рыночному хозяйству / А.А. Абдугафоров. – Худжанд, 2001.
6. Абдуллоев З.Р. О некоторых трудностях и возможностях дехканского (фермерского) хозяйства / З.Р. Абдуллоев, Д.Д. Бабаджанов // Паёми ДДХБСТ: Научно-теоретический журнал. – 2002. -№1-2. -С.86-97.
7. Авдокушин Е.Ф. Международные экономические отношения: Учебник / Е.Ф. Авдокушин. -М.: Юрист, 1999. -260 с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. -33 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (дар хониши дуввум қабул карда шуда) соли 2009, №5. с.333.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ». [Текст] / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (дар хониши дуввум қабул карда шуда) соли 2010, №7. с.123.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ». [Текст] / (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 №12, ст.675; соли 2006 № 7, с. 349; Закон РТ аз 28.06.11с., №738).
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арзёбии замин» // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001, №4, ст.185; З РТ аз 12.05.07с №262).
13. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). -Душанбе, 2013. -360с .


## ТАВСИФИ ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Масъалаи асосие, ки муаллифони мақолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор додаанд, ин муҳим ва зарур будани таъмини амнияти озуқаворunion кишвар ва масъалаҳои самаранокии истифодаи захираҳои заминро асоснок намудан ташкил медиҳад. Ба ақидаи муалифон ҳоло дар ҷумҳурӣ таҳкурсии бозори замин ва инфрасохтори он ба таври маҳдуд мавҷуд аст. Муаллифон муътақиданд, ки тартиби сохтори захираҳои таъиноти кишоварзиро вобаста аз мавқеъ ва нишондиҳандаҳои оморӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқоти илмӣ-амалӣ қарор додан ба маврид аст. Муаллифон таъкид менамоянд, ки аз сабаби зиёд шудани талабот нисбати маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ниёзи аввал, инчунин, зиёд шудани аҳаммияти таъмини амнияти озуқаворunion кишвар, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ – ҳамчун захираи асосии иқтисодиёти аграрӣ, гузаронидани ислоҳоти минбаъдаи замин ҳаётан муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таҳкурсии бозори замин ва инфрасохтори он ташаккул ёфтааст, вале он мутаносибан усулҳои нав ва системаи идоракунии захираҳои заминро талаб мекунад.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисод, замин, захираҳои замин, бозор, идоракунии замин, заминҳои кишоварзӣ, ислоҳот, ислоҳоти замин, моликият.


## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Основным вопросом, обсуждаемым авторами данной статьи, является важность и необходимость обеспечения продовольственной безопасности страны и обоснование вопросов эффективности использования земельных ресурсов. По мнению авторов, основы рынка земли и его инфраструктуры в республике ограничены. Авторы считают, что следует учитывать порядок структуры ресурсов сельскохозяйственного назначения в зависимости от положения и статистических показателей и проводить научные исследования. Авторы подчеркивают, что в связи с возросшим спросом на сельскохозяйственную продукцию и первичные нужды, а также возросшей значимостью обеспечения продовольственной безопасности страны вопросы повышения эффективности использования земель сельскохозяйственного назначения как основного ресурса аграрной экономики, проведение дальнейших земельных реформ считаются жизненно важными. В настоящее время в республике и ее регионах сформированы основы рынка земли и его инфраструктуры, но это требует новых методов и системы управления земельными ресурсами.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, экономика, земля, земельные ресурсы, рынок, землеустройство, земли сельскохозяйственного назначения, реформа, земельная реформа, собственность.

**ECONOMIC DESCRIPTION OF LAND RESOURCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The main issue discussed by the authors of this article is the importance and necessity of ensuring the country's food security and substantiating the issues of efficient use of land resources. According to the authors, the fundamentals of the land market and its infrastructure in the republic are limited. The authors believe that one should take into account the order of the structure of agricultural resources, depending on the situation and statistical indicators, and conduct scientific research. The authors emphasize that due to the increased demand for agricultural products and primary needs, as well as the increased importance of ensuring the country's food security, the issues of increasing the efficiency of using agricultural land as the main resource of the agrarian economy, further land reforms are considered vital. At present, the foundations of the land market and its infrastructure have been formed in the republic and its regions, but this requires new methods and systems of land management.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, economy, land, land resources, market, land management, agricultural land, reform, land reform, property.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафаров Сухроб Маҳмадшарифович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Шарифов, 3. Телефон: **(+992) 902884046**. E-mail: **sukhrob.safarov.97@mail.ru**
***Исматзода Сухроб Сафархон*** – Донишгоҳи давлатии Данғара муаллими калони кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Шарифов, 3. Телефон**: (+992) 907176761.** E-mail: **ismatzodabsuhrob1912@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сафаров Сухроб Махмадшарифович*** – Дангаринский государственный университет старший преподователь кафедры управления и экономики**. Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **(+992) 902884046**. E-mail: **sukhrob.safarov.97@mail.ru**
***Исматзода Сухроб Сафархон*** – Дангаринский государственный университет старший преподователь кафедры управления и экономики**. Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **(+992) 907176761.** E-mail: **ismatzodabsuhrob1912@mail.ru**

**Information about authors:** ***Safarov Sukhrob Makhmadsharifovich*** – Dangara State University, senior lecturer of the department of management and economics. **Address**: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov street, 3. Phone: **(+992) 902884046.** E-mail: **sukhrob.safarov.97@mail.ru**
***Ismatzoda Sukhrob Safarkhon*** – Dangara State University, senior lecturer at the Department of Management and Economics. **Address**: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov street, 3. Phone: **(+992) 907176761**. E-mail: **ismatzodabsuhrob1912@mail.ru**

ТДУ: 338.24+338.43(575.3)

# ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ТАШКИЛИ МОНИТОРИНГИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ БАРОИ ИСТИФОДАИ МЭБ (ДАР СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА)

*Раҳимов З.С., Расулова Д.Б.*
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Имрӯз барои таҳияи лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ ягонагии базаи методологӣ ва иттилоотӣ зарур аст, ки имкон медиҳад дар раванди омодагӣ ба тартиб даровarda шавад ва мониторинги минбаъдаи ин лоиҳаҳо ва барномаҳо осонтар карда шавад. Ин ҳам аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ислоҳоти электроэнергетика демонополизатсия ва рушди рақобатро на танҳо дар соҳаҳои истеҳсол ва фурӯш, балки дар соҳаи хизматрасонӣ низ дар назар дорад. Аз ин рӯ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонанд аз ҷониби ташкилотҳои гуногун таҳия карда шаванд ва дар сурати мавҷуд набудани заминаи ягонаи методологӣ ва иттилоотӣ қобили муқоиса нестанд. Воситаҳои самараноки танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ заруранд. Дар кишварҳое, ки иқтисоди бозаргонии тараққикарда доранд, давлат дар раванди танзими фаъолияти сармоягузорӣ ҳамзамон якчанд вазифаро ба дӯш мегирад [5,с.115-122].

**Вазифаи якум** - ин танзими (ҳавасмандкунӣ ё маҳдуд кардани) ҳаҷми умумии сармоягузории бизнеси хусусӣ мебошад. Дар воқеъ, ин вазифаи асосии макроиқтисодӣ оид ба идоракунии раванди сармоягузорӣ дар иқтисоди бозаргонии тараққикарда мебошад, ки тавассути сиёсати фоизи қарз, сиёсати пулӣ, сиёсати андоз ва амортизатсия амалӣ карда мешавад.

**Вазифаи дуюм** - ба таври интихобӣ ҳавасманд кардани сармоягузорӣ ба баъзе корхонаҳо, соҳаҳои фаъолият тавассути имтиёзҳои қарзӣ ва андоз, масалан ба воситаи қарзи сармоягузорӣ мебошад.

**Вазифаи сеюм** - дахолати бевоситаи маъмурӣ ба раванди сармоягузорӣ бо мақсади ба кор андохтан ё баровардани иқтидорҳои муайяни истеҳсолӣ тавассути ҳамоҳангсозии нақшаҳо ва амалҳои корпоратсияҳои калонтарин мебошад.

Дар ин самт дар идоракунии амнияти энергетикӣ захираҳои назаррас мавҷуданд. Зарур аст, ки сохтори оқилонаи мақомоти идоракунии раванди сармоягузорӣ дар соҳаи электроэнергетикаи ҷумҳурӣ дар шароити нав таҳия карда шавад [9,с.164-167], пеш аз ҳама, мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҳамаи зинаҳое, ки бо ҳамоҳангсозии барномаҳои сармоягузорӣ, аз он ҷумла тартиб ва шароити сохтмон, маблағгузории иншоотҳои гидроэнергетикӣ, консерватсияи онҳо, аз кор баровардани онҳо ва дигар масъалаҳо машғул мешаванд.

Мониторинги доимии иҷрои барномаҳои сармоягузории рушди электроэнергетика, новобаста аз шакли моликияти объектҳои электроэнергетикӣ, бо муайян кардани "ҷойҳои танг" ва қабули чораҳои ислоҳӣ зарур аст [3,с.26]. Илова бар ин, мақомот дар доираи таъмини амнияти энергетикӣ бояд фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳаи электроэнергетика, шароити рушди он, самаранокии ташкили бозорҳоро, зери назорат гиранд. Ҳадафи асосии таҳлили вазъи кунунӣ ва шароити ояндадори рушди электроэнергетика, бояд муайян кардани тамоюлҳои рушд, арзёбии онҳо аз нуқтаи назари мутобиқати барномаҳои қабулшудаи сармоягузорӣ ҳам ба талаботҳои рушди устувор ва самарабахши электроэнергетика ва ҳам ба талаботҳои истеъмолкунандагони неруи барқ бошад [4,с.5-6]. Сохтори омилҳое, ки мазмун ва шартҳои амалисозии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи гидроэнергетика тавсиф мекунанд, одатан дар шакли нақшаи сохтории ташаккули фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешаванд (расми 1). Дар сохтор мафҳумҳои фаъолнокии сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ ҷудо карда мешаванд, охирин иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузориро дар бар мегирад. Ҷолибияти сармоягузорӣ хусусияти интегралии соҳаҳои гидроэнергетика мебошад, ки ба инфрасохтори иқтисодии кишвар аз ҷиҳати дурнамои рушд, ҳадди аксар даромаднокии сармоягузорӣ ва сатҳи ҳадди ақали хавфҳои сармоягузорӣ, дохил карда шудаанд. Ҳамин тариқ, ҷолибияти сармоягузорӣ бо таъсири

ҳамзамон ду гурӯҳи омилҳо муайян карда мешавад, ки яке аз онҳо иқтидори сармоягузориро ташкил медиҳад, дуюм – хавфҳои сармоягузорӣ. Тавре аз таъриф маълум аст, иқтидори сармоягузорӣ чунин хусусиятҳои макроиқтисодӣ, аз қабили пуррагии ҳудуд бо омилҳои истеҳсолот, талаботи истеъмоли аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодиро ба назар мегирад. Андозаи хавфи сармоягузорӣ эҳтимолияти аз даст додани сармоягузорӣ ва даромади онҳоро нишон медиҳад. Ва дар ниҳоят, фаъолнокии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, аз ҷолибияти сармоягузории он вобаста аст.

**Расми 1. Сохтори фазои сармоягузории минтақа**
**Figure 1. The structure of the investment space of the region**




Фаъолнокии сармоягузорӣ ҳамчун рушди воқеии иқтидори сармоягузорӣ дар шакли сармоягузориҳо ба сармояи асосии соҳа фаҳмида мешавад [1,с.13].

Ҳангоми таҳқиқи методологияи арзёбии фазои сармоягузорӣ, одатан се равиши хосси арзёбии фазои сармоягузорӣ ҷудо карда мешавад.

Методологияи ***равиши якум*** ба арзёбии омилҳои асосии истеҳсолот асос ёфтааст:

- динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва энергетика;
- динамикаи тақсимоти даромади соҳаи гидроэнергетика, таносуби ҷамъоварӣ ва истеъмол;
- рафти таҷдиди корхонаҳои соҳа;
- ҳолати танзими қонунгузории фаъолияти сармоягузорӣ;
- рушди бозорҳои алоҳидаи сармоягузорӣ, аз ҷумла бозорҳои фондӣ ва пулӣ.

***Усули дуюм*** ҳамчун бисёромил шарҳ дода мешавад ва ба арзёбии як қатор омилҳои ба фазои сармоягузорӣ таъсиркунанда асос ёфтааст, ки дар байни онҳо инҳоянд:

- хусусияти интегралии иқтидори иқтисодӣ (таъмин будани саноат бо захираҳо, иқтидори обу ҳаво ва иқлим, сатҳи таъминот бо захираҳо, рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва инфрасохтор);
- шароити хоҷагидорӣ (амнияти экологӣ, рушди истеҳсоли неруи барқ, ҳаҷми сохтмони нотамом, дараҷаи фарсудашавии фондҳо, рушди заминаи сохтмонӣ);
- камолоти муҳити бозорӣ дар кишвар ва минтақа (рушди инфрасохтори бозор, сатҳи таваррум ва таъсири он ба фаъолияти сармоягузорӣ, дараҷаи ҷалби субъектҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ ба раванди сармоягузорӣ, рушди муҳити рақобатпазири соҳибкорӣ, иқтидори бозори фурӯш, шиддатнокии робитаҳои байнихоҷагӣ, имкониятҳои содиротӣ, мавҷудияти сармояи хориҷӣ ва ғайра);
- омилҳои сиёсӣ (дараҷаи эътимоди аҳолӣ ба ҳокимият, муносибатҳои марказ ва минтақа, сатҳи суботи иҷтимоӣ ва ғайра);
-омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ (сатҳи зиндагии аҳолӣ, шароити манзилию маишӣ, андозаи музди воқеӣ, муносибати аҳолӣ ба соҳибкорони ватанию хориҷӣ, шароити кор барои мутахассисони хориҷӣ ва ғайра);
-омилҳои ташкилию ҳуқуқӣ (муносибати ҳокимият ба сармоягузорони хориҷӣ, сатҳи фаврият дар қабули қарорҳо, дастрас будани иттилоот, сатҳи касбияти хизматчиёни давлатии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шароити интиқоли мол, сармоя, қувваи корӣ, сифатҳои корӣ ва ахлоқи соҳибкорон);
- омилҳои молиявӣ: даромади буҷет; таъминоти маблағҳои фондҳои ғайрибуҷетӣ ба ҳар сари аҳолӣ; дастрас будани захираҳои молиявӣ аз буҷет; дастрас будани қарз бо асъор; сатҳи фоизи бонкӣ; рушди ҳамкориҳои байнибонкӣ; вазни хосси қарзҳои

дарозмуддат; маблағи пасандозҳо ба ҳар сари аҳолӣ; ҳиссаи корхонаҳои зиёновари соҳаҳои гидроэнергетика ва истеъмолкунандагони неруи барқ.

Хусусиятҳои фарқкунандаи чунин равиши бисёромила инҳоянд: ба ҳамдигар муқобил будани категорияҳои фазои сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ, алоқамандии фазои сармоягузорӣ бо сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, таъкид ба хусусияти объективии фазои сармоягузорӣ, мустақилияти он аз иродаи сармоягузорони алоҳида, хусусияти бисёрсатҳии ин равиш.

Ҳангоми муносибати бисёромила ба арзёбии фазои сармоягузории системаҳои хоҷагидории гидроэнергетика, сатҳи нишондиҳандаи интегралӣ метавонад ҳам арзёбии миёнавазни аз ҷиҳати аҳаммият аз рӯи омилҳои истеҳсолот ва ҳам арзёбӣ аз рӯи меъёри муҳимтарин бо гузарондани меъёрҳои дигар ба маҳдудиятҳои зиёди меъёрӣ бошад. Аммо, чунин меъёри интегралӣ наметавонад ҷолибияти ин системаро барои сармоягузорӣ ба таври возеҳ асоснок кунад. Онро бо маълумот дар бораи дараҷаи рушди омилҳое, ки бевосита ба ҳолат ва дурнамои фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика таъсир мерасонанд, илова кардан лозим аст.

***Равиши сеюм*** ба арзёбии хавфҳо асос ёфтааст ва он ду ҷузъи хавфи сармоягузориро ҷудо мекунад:

- иқтидори сармоягузорӣ ва хавфҳои сармоягузорӣ;
- хавфҳои сармоягузорӣ ва иқтидори иҷтимоию иқтисодии соҳа.

**Самти аввал** ба сармоягузории стратегӣ нигаронида шудааст ва ҳамчун параметрҳои арзёбӣ хусусиятҳои макроиқтисодиро истифода мебарад, ки дар соҳаи гидроэнергетика мавҷуд будани омилҳои истеҳсолот, сатҳи талаботи истеъмолкунандагон, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, сатҳи рушди илм ва татбиқи дастовардҳои он, рушди институтҳои пешбари сармоягузорӣ, дараҷаи рушди инфрасохторро дар бар мегиранд.

Хавфҳои сармоягузорӣ бо хусусиятҳои эҳтимолии талафоти сармоягузорӣ ва кам шудани даромад, арзёбӣ карда мешаванд. Баҳои рейтинги сармоягузорӣ барои ҳар як соҳа ва намуди фаъолияти бахши гидроэнергетикӣ ва дар маҷмуъ барои ҳар як блоки иқтидори сармоягузорӣ ва ҳар як намуди хавф нишон дода шудааст.

**Самти дуюм** сатҳи фазои сармоягузориро дар асоси таҳлили дараҷаи рушди системаи энергетикӣ дар маҷмуъ, арзёбӣ мекунад. Дар он ба таври илова иқтидори инсонӣ, заминаи моддии рушд, вазъи иҷтимоию сиесӣ, омилҳои хавфи сиёсӣ, вазъи иқтисодиёти соҳа ва сатҳи идоракунии он ба назар гирифта мешаванд. Маҳз чунин равиш дар хориҷа хос аст. Ҳамин тариқ, дар Ҷопон хусусиятҳои тавсифи фазои сармоягузорӣ бо ҳадди ақали арзёбии миқдорӣ истифода мешаванд. Дар ИМА усули баҳисобгирии омилҳои гуногун истифода мешавад, ки дар асоси он "Харитаи солонаи оморӣ" барои тамоми иёлотҳо, нашр карда мешавад. Он чор нишондиҳандаи умумии фазои сармоягузориро дар бар мегирад: самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ, қобилияти соҳибкорӣ, иқтидори рушди ҳудуд, ҷузъҳои сиёсати андоз. Методикаи маҷаллаи "Euromoney" - нашри рейтингҳо дар асоси пурсиши коршиносоне, ки намояндагони бонкҳои бузурги кишварҳои пешрафта мебошанд. Омилҳое, ки коршиносон барои арзёбии минбаъда ба назар мегиранд, инҳоянд: нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ; хавфҳои пардохт накардани арзиши мол, барнагардонидани қарзҳо, напардохтани дивиденд; ҳаҷми қарз, арзёбии қобилияти адои қарз [7]. Омӯзиши адабиёт оид ба ин масъала нишон медиҳад, ки барои асоснок кардани усулҳои арзёбии фазои сармоягузорӣ як қатор муқаррароти муҳимми методологиро бояд ба назар гирифт:

2. Фазои сармоягузорӣ бояд ба тавозуни манфиатҳои гирандаи сармоягузорӣ ва сармоягузор мувофиқат кунад.

3. Бо мақсади таъмини тавозуни манфиатҳои сармоягузорон, арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии истифодаи сармоягузориҳои ҷалбшуда ва мусоид будани фазои сармоягузорӣ талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, на танҳо ҳаҷми сармоягузориҳои ҷалбшуда, балки оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ ва дигар оқибатҳои амалӣ гардонидани онҳо низ, бояд ба назар гирифта шаванд.

4. Фазои сармоягузорӣ, аз як тараф, бояд муддати тулонӣ устувор бошад, аз тарафи дигар, бояд ба қадри кофӣ чандир бошад, тағйиротро дар таносуби омилҳо-

захираҳо (илмӣ-техникӣ, соҳибкорӣ, идоракунӣ, технологӣ)-и такрористеҳсоли иҷтимоӣ ба назар гирад.

5. Талаботҳои махсус ба фазои сармоягузорӣ, ҷузъҳои он, механизми сармоягузорӣ аз зарурати омезиши сармоягузорӣ бо омилҳои инноватсионии рушд вобаста аст.

6. Фазои сармоягузорӣ набояд хосиятҳои комплекси устувории иқтисодӣ ва амнияти корхонаҳои соҳаи гидроэнергетикаро вайрон кунад.

Афзалиятҳо ва нуқсонҳои асосии усулҳои арзёбии фазои сармоягузориро мувофиқи муқаррароти зикршуда муфассалтар дида мебароем.

Агар сатҳи даромаднокии дороиҳои истифодашаванда нишондиҳандаи асосии ҷолибияти сармоягузории минтақа бошад, пас таносуби зеринро барои ҳисоб кардан истифода бурдан мумкин аст:

- нисбат ба фоида аз фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ ба маблағи умумии дороиҳои истифодашаванда;

- нисбат ба фоидаи тавозунӣ ба маблағи умумии дороиҳои истифодашаванда.

Равиши навбатӣ – арзёбии бисёромил – таъсири мутақобилаи омилҳо-захираҳо, фарқияти иқтисодиёти соҳаро аз рӯи сатҳи рушд, таъмини омезиши самарабахши манбаҳои имконпазири сармоягузориро ба назар мегирад.

Инчунин, ин усули арзёбии хавф ба сармоягузории стратегӣ нигаронида шудааст, ки на танҳо ҷолибияти соҳаро барои сармоягузорӣ арзёбӣ мекунад, балки сатҳи хавфро, ки ба объекти нави сармоягузорӣ хос аст, бо сатҳи миёнаи соҳа муқоиса мекунад.

Инчунин, такмил додани методологияи арзёбӣ ва баҳисобгирии омилҳои субъективӣ ҳангоми таҳлил зарур аст. Дохилшавӣ ба баррасии усулҳои институтсионалии арзёбии фазои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки сохтори васеи фазои сармоягузорӣ ва омилҳои ташаккули он таҳия карда шавад. Ин усул имкон медиҳад, ки инҳо ба инобат гирифта шаванд:

- тафовути фазои сармоягузорӣ дар сатҳҳои гуногуни иқтисодиёти гидроэнергетика;

- ташаккули фазои сармоягузорӣ таҳти таъсири маҷмуи омилҳои объективӣ;

- синергияи фазои сармоягузорӣ;

- ворид намудани фазои сармоягузории субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба системаи институтсионалии гидроэнергетика;

- ба вуҷуд омадани хавфҳои сармоягузорӣ дар натиҷаи шартҳои дахлдор (номувофиқатии онҳо, зиддият ва ғайра).

Фазои сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика динамикӣ ва доимо тағйирёбанда аст, аз ин рӯ, он бояд пайваста назорат карда шавад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ одатан як қатор вариантҳои мониторинги фазои сармоягузорӣ истифода мешаванд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои тақсимоти ҳудудии (нобаробари) иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, варианти аз ҳама мақбултарин он мебошад, ки имкон медиҳад монандии шароити сармоягузорӣ дар доираи сохторҳои байниминтақавӣ, нақши афзояндаи ин ё он минтақа (масалан, вилояти Хатлон) дар сиёсати сармоягузории кишвар ба назар гирифта шаванд ва субъективизм коҳиш дода шавад.

Дар айни замон, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи рушди босуръати ба сармоягузорӣ асосёфта (солҳои 2021-2025) "афзалияти муҳим татбиқи стратегияи амнияти энергетикӣ хоҳад буд, ки ҳадафи он бояд баланд бардоштани устувории кор ва суръат бахшидан ба рушди бахши энергетика дар шароити афзоиши талабот аз ҷониби аҳолӣ ва иқтисодиёт бошад [2,с.12-17]. Вобаста ба ин, зарурати такмил додани принсипҳои ташаккули сиёсати сармоягузорӣ ва механизмҳои татбиқи он дар соҳаи гидроэнергетика ба миён меояд. Сиёсат дар энергетика бояд риояи афзалияти сармоягузориҳоро ба иншоотҳои энергетикии барои кишвар ва минтақаҳои он, ки барои таъмини амнияти энергетикӣ хеле муҳиманд, таъмин намояд. Мақомоти идоракунии давлатии соҳаи гидроэнергетика бояд афзалиятҳоро муайян кунанд ва системаи тадбирҳои иқтисодиро таъсис диҳанд, ки ҳаракати сармоягузориҳоро дар самти зарурӣ ҳавасманд мекунанд - масалан, пешниҳоди уҳдадориҳои кафолатӣ бо мақсади коҳиш додани хавфҳои стратегии

сармоягузорон. Вариантҳои чунин уҳдадориҳо метавонанд маблағгузории саҳомӣ, қарздиҳии имтиёзнок, хариди кафолатноки неруи барқ аз неругоҳҳои барқии сохташаванда ва ғайра бошанд. Яке аз вазифаҳои асосӣ бояд ташкили таъминоти пурраи иттилоотии раванди сармоягузорӣ бошад, ки ҳам барои соҳа ва ҳам барои сармоягузор зарур аст, аз ҷумла:

- пешгӯиҳои талабот, захираҳо ва нархи хадамоти энергетикӣ;
- ташаккули афзалиятҳои возеҳ дар рушди объектҳои энергетикӣ дар бахшҳои ҳудудӣ ва технологӣ;
- таъмини нақшаҳои шаффофи суғуртаи хавфи сармоягузорон;
- низоми шаффофи андозбандӣ ва имтиёзҳои андоз барои объектҳои энергетикии ба истифода додашуда.

Ташкили фонди сармоягузорӣ, ки маблағҳои он барои рушди бе дефитсити электроэнергетика, пеш аз ҳама, барои уҳдадориҳои кафолатӣ ба сармоягузорон бо мақсади ҳавасмандгардонии маблағгузорӣ ба иншоотҳои энергетикӣ истифода мешаванд, мувофиқи мақсад аст. Фаъолияти фонди сармоягузорӣ бояд ба нигоҳ доштани суръати зарурии рушди иқтидорҳои тавлидкунанда, хоҷагии шабакавӣ ва ғайра дар самтҳои зерин равона карда шавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Самтҳои асосии фаъолияти фонди сармоягузорӣ дар гидроэнергетика**
**Table 1. The main areas of activity of the investment fund in hydropower**

| **Манбаҳои эҳтимолии ташаккули фонд** | **Самти истифода** | **Нақшаи маблағгузории лоиҳавӣ ва принсипҳои бозории сармоягузорӣ** |
|---|---|---|
| Маблағҳо аз фурӯши амвол ё бастаи саҳмияҳои мавҷудаи корхонаҳои энергетики, ки моликияти муштарак мебошанд; | Маблағгузории корҳо оид ба таъминоти иттилоотии раванди сармоягузорӣ | Муносибати рақобатӣ ба интихоби лоиҳаҳо дар асоси оптимизатсияи умумии системавӣ ва арзёбии самаранокии муқоисавии алтернативаҳои сармоягузорӣ; |
| Маблағҳои буҷетӣ (дар доираи барномаҳои мақсадноки сармоягузорӣ); | Маблағгузории лоиҳаҳои муҳим ё аҳаммияти баланди иҷтимоӣ дошта, ки дар марҳилаи банақшагирии сармоягузорӣ (системавӣ) интихоб шудаанд; | Талаботи шаффофияти молиявии лоиҳаҳо ва назорати қатъӣ аз болои истифодаи сармоягузориҳо; |
| Дивидендҳо аз рӯи бастаҳои саҳмияҳои корхонаҳои энергетикӣ, ки моликияти муштарак мебошанд; | Маблағгузории муштараки лоиҳаҳое, ки ба бизнес-нақшаҳои корпоративии корхонаҳои энергетикӣ дохил карда шудаанд, дар ҳолатҳое, ки ширкатҳо дар захираҳои сармоягузории худ норасоӣ доранд, ки аз ҳисоби фоида ва сармоягузориҳои хориҷӣ ташаккул меёбанд, аз ҷумла иштироки ғайримустақим дар дастгирии молиявии лоиҳаҳо; | Додани сармоя дар асоси пулакӣ ва бозгашт ва таъмини ҳуқуқи моликият дар лоиҳа. |
| Грантҳо ва дигар маблағҳои ғайрибуҷетии давлатӣ. | Суғуртаи (хеджиркунии) хавфҳои бозории сармоягузориҳои хусусӣ, ки ба лоиҳаҳои тиҷоратии ширкатҳо е лоиҳаҳои мустақил ҷалб карда шудаанд. | Фонди сармоягузорӣ бояд ҳамчун сармоягузори ниҳоӣ дар соҳаи энергетикаи минтақа амал кунад, ки иштироки он ба афзоиши фаъолияти ширкатҳои энергетикӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дар татбиқи лоиҳаҳо мусоидат хоҳад кард. |

Аз ҷониби муаллифон тартиб дода шудааст, дар асоси: Рясин В.И., Принципы формирования инвестиционной политики в энергетике региона // «Вестник ИГЭУ». – 2005. -№4. -С.1-7.

Дар марҳилаи ибтидоии ислоҳоти электроэнергетика, маблағҳои фонд метавонанд асосан барои сармоягузории мустақим истифода шаванд. Аммо, ҳадафи асосии он бояд баъдан суғуртаи хавфҳои стратегии сармоягузорон бошад. Кӯшишҳои фонд ҳамчун маркази асосии суғуртаи хавфҳои сармоягузорӣ бояд ба коҳиш додани номуайяние, ки сармоягузорон ҳангоми ислоҳот дучор хоҳанд шуд, равона карда шаванд. Масалан, чунин вазъ метавонад ҳангоми пайдоиши субъектҳои нави бозор, ки таърихи қарзӣ надоранд, ба миён ояд. Системаи суғуртаи хавфҳои сармоягузорони хусусӣ, ки дар заминаи ин фонд таъсис дода шудааст, воқеан метавонад аз ҳисоби афзалиятҳои объективӣ ин мушкилотро беҳтар аз ҳама ҳал кунад:

- ташкили кор оид ба банақшагирии сармоягузорӣ (системавӣ), ки имкон медиҳад ба ширкатҳо ва сармоягузорон барои банақшагирии стратегии тиҷорат, таъминоти пурраи иттилоотӣ пешниҳод карда шавад;
- татбиқи равиши системавӣ ҳангоми пешгӯӣ, ки имкон медиҳад, ба сармоягузорон кафолатҳои асосноки шароити татбиқи лоиҳаҳо дар тамоми давраи ислоҳот пешниҳод карда шаванд;
- истифодаи маблағҳои фонди сармоягузорӣ ҳамчун таъминоти молиявии чунин кафолатҳо.

Ниҳоят, вазифаи дигар дар раванди ислоҳот такмил додани фаъолияти ташкилот мебошад, ки қодир аст вазифаҳои сатҳи системавии идоракунии рушди электроэнергетикаро иҷро ва маблағҳои фонди сармоягузориро идора кунад [6,с.282-291]. Талаботи бечунучаро ҳамзамон таъмини назорати пурраи мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз болои фаъолияти ин ташкилот мебошад.

Траекторияи такмили сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика бештар аз омилҳои институтсионалии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инфрасохторӣ ва обрӯи тиҷоратии корхонаи соҳа муайян карда мешавад.

**Омилҳои институтсионалӣ** аз бисёр ҷиҳат самаранокии истифодаи механизмҳои бозорро барои баланд бардоштани бозгашти иқтисодии сармоягузориҳо (сатҳи воқеии мустақилияти иқтисодии корхона), инчунин, имконияти ба таври фаврӣ таъсис додани кооператсияи зарурии иҷрокунандагонро бо истифода аз воситаҳои бозор (таъсиси корпоратсияҳои навъи муосир) муайян мекунанд.

Ҳангоми омӯзиши омилҳои институтсионалӣ тавсия дода мешавад, ки шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хусусиятҳои фаъолият ва вазъи ҳуқуқии корхонаҳои энергетикии шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои мақомоти идоракунии онҳо ба назар гирифта шаванд. Ин имконияти иштироки воқеии сармоягузорро дар фаъолияти корхона пешакӣ муайян мекунад ва ба ин васила ба баланд шудани сатҳи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Дар асл, мо бояд, пеш аз ҳама, дар бораи тақсимоти воқеии сармояи корхонаи энергетикӣ байни соҳибони он ва инчунин, дар бораи соҳиби саҳмияҳои ширкатҳои дигар будани корхона, сухан ронем [10]. Ҳангоми таҳқиқи тақсимоти сармоя байни соҳибон, нишондиҳандаи муҳим дараҷаи иштироки давлат (мақомоти ҳокимият) ва сармояи хориҷӣ дар ин корхона мебошад.

Аз як тараф, барои фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика муҳим аст, ки ҳиссаи давлат (мақомот) барои таъмини иштироки воқеии он кофӣ бошад. Ин ба он вобаста аст, ки маҳз давлат кафили иҷрои шартномаҳо мебошад ва бевосита ба амнияти энергетикӣ ва аз ин рӯ, ба фаъолияти боэътимоди корхона манфиатдор аст. Аз тарафи дигар, сатҳи баланди иштироки давлат, тавре таҷриба нишон медиҳад, аксар вақт аз ҷониби дигар сармоягузорон, пеш аз ҳама, сармоягузорони хориҷӣ, ки ба сармоягузориҳои худ ба ин корхонаҳо эҳтиёткорона муносибат мекунанд, манфӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳиссаи баланди иштироки сармояи хориҷӣ дар фаъолияти корхона, ки ҳамчун объекти сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика баррасӣ мешавад, аз як тараф, аз мавҷудияти афзалиятҳои муайяни сармоягузории ин корхона шаҳодат медиҳад, зеро сармоягузорони хориҷӣ дар арзёбии ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо таҷрибаи зиёд ҷамъ кардаанд ва аз ин рӯ, ба ин корхона эътимод доранд ва метавонанд ба рушди минбаъдаи он мусоидат намоянд. Аз тарафи дигар, сармоягузорони хориҷӣ ба таъмини

амнияти энергетикӣ ва экологӣ манфиатдор нестанд.

**Омилҳои меъёрию ҳуқуқӣ**, пеш аз ҳама, қонунӣ будани фаъолияти корхона, дараҷаи ошкорбаёнӣ ва инчунин, «покии» ҳуқуқии аҳдҳои басташударо муайян мекунанд. Дар робита ба ин, хусусиятҳои муҳим инҳоянд:

- маълумот дар бораи тағйирот дар ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии корхона;
- маълумот дар бораи бақайдгирии давлатӣ;
- сохтори мақомоти идоракунӣ ва тақсимоти вазифаҳо байни онҳо;
- шартномаҳо ва ухдадориҳои муҳимми корхона (корпоратсия) ва ғайра.

Ғайр аз он, хусусияти муҳим бастаи иҷозатномаҳое мебошад, ки корхона соҳиби он аст - иҷрокунандаи эҳтимолии шартнома. Номгӯи иҷозатномаҳое, ки аз ҷониби корхона гирифта шудаанд, аслан фаъолиятҳои иҷозатдодашударо тавсиф мекунад ва аз ин рӯ, бояд тамоми доираи корҳоеро, ки ҳангоми иҷрои лоиҳаи мушаххаси сармоягузорӣ анҷом дода мешаванд, фаро гирад.

**Омилҳои инфрасохторӣ** дар айни замон, нақши афзоянда доранд. Ин, пеш аз ҳама, ба афзоиши бемайлони хароҷоти нигоҳдории нақлиёт, ашёи хом ва масолеҳ вобаста аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки корхонаи энергетикӣ дар наздикии тамоми манбаҳои асосии ашёи хом ва истеъмолкунандагони маҳсулот ҷойгир бошад. Дар робита ба ин, ҳолат ва рушди инфрасохтор воқеан имкониятҳои корхона барои рушди устувор дар дурнамо ва имконияти коҳиш додани хароҷоти истеҳсолотро тавсиф мекунанд.

Илова ба омилҳои инфрасохторӣ, ба маънои маъмулии истилоҳ, омилҳои ба истилоҳ инфрасохтори бозорӣ дар арзёбии ҷолибияти сармоягузории корхона нақши муҳим доранд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи мавқеи саҳмияҳои ин корхона дар бозорҳои гуногуни саҳомӣ, нархномаҳо ва ҳаҷми фурӯши онҳо меравад. Ғайр аз он, вазъи инфрасохтори бозор аслан рушд ва самаранокии истифодаи воситаҳои бозорро дар фаъолияти корхона тавсиф мекунад, масалан, маркетинг, ки дар шароити муосир аксар вақт дар муваффақияти иқтисодии корхона нақши муайянкунанда мебозад. Бо сабаби номуайянии ояндаи наздик, тағйироти доимии идеология дар сатҳи ҳукумат ва роҳбарияти ШСХ "Барқи тоҷик", бозори саҳомӣ аз муомила бо саҳмияҳои корхонаҳои энергетикӣ эҳтиёткор аст. Кореро ба ҷо овардан лозим аст, ки ҷамъиятро аз навигариҳои дар пешистода хабардор созад. "Шаффофияти" дигаргуниҳо на танҳо ба фаъолгардонии бозори саҳомӣ мусоидат хоҳад кард, балки аз хатогиҳои эҳтимолии таҷдиди сохтори маҳаллӣ дар асоси таҷрибаи минтақаҳои дигар пешгирӣ менамояд.

Бояд дар назар дошт, ки дар айни замон яке аз ҷузъҳои муҳимми инфрасохтор, рушди инфрасохтори иттилоотӣ мебошад, ки қобилияти корхонаро дар истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ инъикос менамояд (ки онро ширкатҳои хориҷӣ ба назар мегиранд). Дар робита ба ин, арзёбии дараҷаи иттилоотикунонии корхона, инчунин, ҷой ва фаъолияти он дар шабакаи ҷаҳонии компютерии интернет муҳим аст.

**Обрӯи соҳибкорӣ** яке аз омилҳои умумии муайянкунандаи ҷолибияти сармоягузории корхонаи иҷрокунандаи қарордод мебошад. Ин омил аслан таърихи фаъолияти иқтисодии корхона, устувории обрӯи онро тавсиф мекунад [11]. Агар корхона ҳамчун шарики боэътимод обрӯи устувор дошта бошад, пас ин калиди рафтори неки ӯ дар оянда аст.

Обрӯи соҳибкорӣ барои сармоягузорон аз бисёр ҷиҳат аз таърихи қарзии корхона муайян карда мешавад, ки ин наметавонад дар муносибати эҳтиёткорона нисбат ба корхонаҳои навтаъсис ё дигаргуншудаи энергетикӣ зоҳир нагардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки захираҳои маъмурӣ барои ҳалли масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, аз ҷумла кафолати сармоягузорӣ аз ҷониби мақомоти минтақавӣ, ҷалб карда шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Норов Х.Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Дерябина Я. Сравнительный анализ подходов к оценке инвестиционной привлекательности и инвестиционной активности регионов. Инвестиции в России. – 2003. -№8. -С.13.
2. Инвестиционный климат в России. Коллективная монография / Ю.П. Волкодав, Е.А. Олейников, С.А. Филин, М.В. Пирогов; под ред. акад. Е.А. Олейникова. -М.: Рос. экон. акад., 2001. -С.12-17.
3. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030, с 26.

4. Пороховский А. Россия на пути оптимизации экономической роли государства / А. Пороховский // Российский экономический журнал. - 2002. –С.5-6.
5. Раҳимов З.С. Муносибатҳои бонизоми тадқиқотҳои соҳаи энергетика дар ҶТ / З.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. -№4. -С.115-122.
6. Раҳимов З.С. Самтҳои асосии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт ба соҳаи гидронергетика / З.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№1(45). – С.282-291.
7. Справочник технического переводчика. [Электронный ресурс]. URL: https://dic.academic.ru/dic.nsf/fin_enc/23141#
8. Хољаев Д.Х. Исследование факторов, угрожающие энергетической и экономической безопасности Республики Таджикистан / Д.Х. Хољаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№3. -Часть 1. –С.31-35.
9. Хушвахтзода Қ.Х. Мафҳуми бехатарии энергетикӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ / Хушвахтзода Қ.Х., З.С. Раҳимов, М.Б. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. -№1/1(71). –С.164-167.
10. Экономико-математический словарь. [Электронный ресурс]. URL: https://dic.academic.ru/
11. [Электронный ресурс]. URL: http://www.raexpert.ru/researches/regions/investclimate/

## ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ТАШКИЛИ МОНИТОРИНГИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ БАРОИ ИСТИФОДАИ МЭБ (ДАР СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА)

Дар мақолаи мазкур масоили вобаста ба ҷанбаҳои методии ташкили мониторинги фазои сармоягузорӣ барои истифодаи МЭБ (дар соҳаи гидроэнергетика) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон қаид менамоянд, ки дар айни замон, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи рушди босуръати ба сармоягузорӣ асосёфта (солҳои 2021-2025), "Афзалияти муҳимми татбиқи стратегияи амнияти энергетикӣ хоҳад буд, ки ҳадафи он бояд баланд бардоштани устувории кор ва суръат бахшидан ба рушди бахши энергетика дар шароити афзоиши талабот аз ҷониби аҳолӣ ва иқтисодиёт бошад". Вобаста ба ин, зарурати такмил додани принсипҳои ташаккули сиёсати сармоягузорӣ ва механизмҳои татбиқи он дар соҳаи гидроэнергетика ба миён меояд. Сиёсат дар энергетика бояд риояи афзалияти сармоягузориҳоро ба иншоотҳои энергетикии барои кишвар ва минтақаҳои он, ки барои таъмини амнияти энергетикӣ хеле муҳиманд, таъмин намояд.

**Калидвожаҳо:** стратегия, миллӣ, рушд, босуръат, сармоягузорӣ, татбиқ, амният, энергетика, устуворӣ, иқтисодиёт, такмил, гидроэнергетика, сиёсат, иншоот, механизм, минтақа.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОРГАНИЗАЦИИ МОНИТОРИНГА ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОСТРАНСТВ ДЛЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МЭБ (В СФЕРЕ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИ)

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с методологическими аспектами организации мониторинга инвестиционного пространства по использованию МЭБ (в гидроэнергетике). Автор отмечает, что в настоящее время в рамках реализации национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года в фазе опережающего инвестиционного развития (2021-2025 годы) важным приоритетом будет реализация стратегии энергетической безопасности, целью которой должно стать высокое повышение стабильности работы и ускорение развития энергетического сектора в условиях повышенного спроса со стороны населения и экономики. В связи с этим возникает необходимость совершенствования принципов формирования инвестиционной политики и механизмов ее реализации в сфере гидроэнергетики. Энергетическая политика должна обеспечивать приоритетность инвестиций в важнейшие для страны и ее регионов энергетические объекты, имеющие большое значение для обеспечения энергетической безопасности.

**Ключевые слова:** стратегия, национальный, развитие, быстрое, инвестиции, реализация, безопасность, энергетика, устойчивое, экономика, улучшение, гидроэнергетика, политика, объект, механизм, регион.

## METHODOLOGICAL ASPECTS OF ORGANIZATION OF MONITORING OF INVESTMENT SPACES FOR OIE USE (IN SPHERE HYDROPOWER)

This article discusses issues related to the methodological aspects of organizing monitoring of the investment space for the use of the OIE (in hydropower). The author notes that at present, as part of the implementation of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 in the phase of advanced investment development (2021-2025), “An important priority will be the implementation of the energy security strategy, the goal of which should be a high increase in the stability of work and acceleration development of the energy sector in the face of increased demand from the population and the economy”. In this regard, there is a need to improve the principles of formation of investment policy and mechanisms for its implementation in the field of hydropower. The energy policy should ensure the priority of investments in the most important energy facilities for the country and its regions, which are of great importance for ensuring energy security.

**Keywords:** strategy, national, development, rapid, investment, implementation, security, energy, sustainable, economy, improvement, hydropower, policy, object, mechanism, region.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҳимов Зафар Сайдалиевич* -** Донишкадаи энергетикаи Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи манбаҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ. **Суроға**: 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён, кӯчаи Н.Хусрава, 73. Телефон: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**
***Расулова Давлатмо Буриевна* –** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail**: Rasulova_0609bk.ru**. Телефон: **901-06-09-75**

**Сведения об авторах:** ***Рахимов Зафар Саидалиевич*** - Институт энергетики Таджикистана, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры возобновляемых нетрадиционных источников энергии и тепловой энергии. **Адрес**: 735162, Республика Таджикистан, Хатлонская область, р.Кушониён, улица Н. Хусрава, 73. Телефон: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**
***Расулова Давлатмо Буриевна* -** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. E-mail**: Rasulova_0609bk.ru**. Телефон: **901-060975**

**Information about authors:** ***Rakhimov Zafar Saidalievich* -** Institute of Energy of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Renewable Non-Traditional Energy Sources and Thermal Energy. **Address:** 735162, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kushoniyon river, N. Khusrava street 73. Phone: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**
***Rasulova Davlatmo Burievna* -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Banking. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. E-mail: **Rasulova_0609bk.ru.** Phone**: 901-060975**

ТДУ: 336.41.34

# РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯИ ИСЛОМӢ ДАР ШАРОИТИ НОУСТУВОРИИ ИҚТИСОДӢ

*Солиҳова М.Д.*
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ яке аз масоили мубрам дар замони муосир дониста мешавад, ки он ба густариши низоми бонкӣ ва ҳамгироии он бо дигар усулҳои бонкдорӣ, дар навбати худ, ба пешрафти иқтисодиёт заминаи мусоид мегузорад. Яке аз усулҳои муҳим дар ин самт такмили низоми молияи исломӣ ба ҳисоб меравад. Низоми молияи исломӣ ба муҳимтарин ҷузъи низоми молиявии байналмилалӣ табдил ёфта, суръати рушди он доираи васеи ҷомеаро соҳиб мегардад. Истилоҳи "низоми молияи исломӣ" бори нахуст соли 1980 мавриди истифода қарор гирифтааст, ки мақсади асосии он дарёфти роҳи нави ҳалли мушкилиҳои соҳаи молия мебошад. Молияи исломӣ аввалин бор дар Африқои Шимолӣ соли 1963 бо таъсиси якумин бонки исломӣ "Mit Ghamr" дар Миср пайдо шудааст [5,с.57]. Соли 2021 аз рӯйи маълумотҳои оморӣ 1679 муассисаҳои молиявии исломӣ дар 136 давлатҳои ҷаҳон фаъолият мекунанд [7,с.13].

Ба бuҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ дар солҳои 2008-2009, иқтисодиёти мамлакатҳои Ғарб гирифтор гардиданд. Сарчашмаи ин бuҳрон аз қарзҳои ипотекии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) оғоз гардид ва дар муддати кӯтоҳ ба иқтисодиёти Иттиҳоди Аврупо, Русия, Ҷопон ва Чин таъсир расонид. Дар натиҷаи таъсири манфии бuҳрони молиявӣ, низоми маъмулии бонкии аксарияти давлатҳои ҷаҳон аз ҳама бештар зиёни молиявӣ ва иқтисодӣ диданд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар замони бuҳронӣ, бонкҳои исломӣ ба мушкилиҳои вазнини молиявӣ дучор намегарданд, чунки онҳо дар асоси принсипи шариатӣ ба манбаҳои ноаён ва дорои хавфи баланд маблағгузорӣ намекунанд [1,с.76-94]. Ба далели ноустувории хосси низоми молияи маъмулӣ, талабот ба низоми молияи исломӣ афзоиш ёфтааст. Дар шароити имрӯза новобаста аз таъсири шадиди бuҳрони молиявӣ ҳаҷми умумии дороиҳои молияи исломӣ бо суръати баланд рушд карда истодаанд.

**Диаграммаи 1. Дороиҳои умумии молияи исломӣ ва дурнамои рушди он дар ҷаҳон**
*(бо трлн.доллари ИМА)*
**Diagram 1. Total assets of Islamic finance and prospects for their development in the world**
*(in trillion US dollars)*




**Сарчашма**: Таҳия муаллиф дар асоси манбаи электронӣ https://www.statista.com

Таҳлили маълумотҳои диаграммаи 1 нишон медиҳад, ки дороиҳои умумии молияи исломӣ аз соли 2012 то 2021 ба андозаи 2,24 маротиба боло рафта, пайваста тамоюли афзоиш доранд. Мувофиқи пешгӯйи индикатори рушди молияи исломӣ (IFDI) то соли 2026 ба андозаи 5,9 трлн. доллари ИМА, асосан аз ҳисоби бонкҳои исломӣ ва сукук хоҳад расид [7,с.23-28]. Динамикаи рушди дороиҳои молияи исломӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 хеле таваҷҷуҳкунанда буда, он ба андозаи 17% афзоиш ёфтааст. Ба ақидаи коршиносони соҳа, дороиҳои молияи исломӣ суръати таъсирбахши солона дошта, афзоиши миёнасолонаи он 18,82%-ро ташкил мекунад [12,с.15-20]. Аз рӯйи тадқиқоти агентии рейтингӣ (S&P Global Ratings) ҳатто дар ҳолатҳои маҳдудиятҳои COVID-19 ҳаҷми дороиҳои молияи исломӣ беш аз 10% афзоиш ёфтаанд [9,с.34-44]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати рушди молияи исломӣ дар бахшҳои он таъмин шудааст.

**Диаграммаи 2. Суръати рушди бахшҳои молияи исломӣ дар солҳои 2016-2021 ва дурнамои рушди он то соли 2026** *(бо %)*

**Diagram 2. The pace of development of Islamic finance sectors in 2016-2021 and prospects for their development until 2026** *(in %)*




**Сарчашма**: Таҳия муаллиф дар асоси манбаи электронӣ https://www.statista.com

Аз рӯйи таҳлили маълумотҳои диаграммаи 2 мушоҳида карда мешавад, ки дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 дороиҳои ҳамаи бахшҳои молияи исломӣ бо суръати баланд афзоиш ёфтаанд, ки бештари онҳо ба фондҳои исломӣ 34%, бонкҳои исломӣ 17%, такаффул 17% ва ба сукук 14% тааллуқ доранд. Дороиҳои дигар муассисаҳои молиявии исломӣ низ 5% зиёд шуданд, ки асосан аз ҳисоби Ҷумҳурии Қазоқистон (44%), Миср (38%), Индонезия (18%), Арабистони Саудӣ (17%), Қатар (16%) мебошад [12,с.30].

Фондҳои исломӣ дар соли 2018 ба андозаи 7% коҳиш ёфта, пас аз сустшавии таъсири пандемияи COVID-19 пайваста тамоюли афзоишро доранд. Ҳиссаи фондҳои исломӣ дар таркиби умумии дороиҳои молияи исломӣ 6%-ро ташкил медиҳанд. Қобили қайд аст, ки танҳо дар соли 2021 дар саросари ҷаҳон 223 фондҳои исломӣ кушода шуданд, ки бештари онҳо (115 фондҳои исломӣ) ба Малайзия тааллуқ дорад. Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ дар 29 давлатҳои ҷаҳон 1903 фондҳои исломӣ фаъолият карда, ба ҳисоби миёна дар 17 давлатҳои ҷаҳон нишондиҳандаҳои мусбатро доро мебошанд. Дар айни замон 81%-и фондҳои исломии ҷаҳон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон, Арабистони Саудӣ ва Малайзия рост меоянд [8,с.10-23].

**Диаграммаи 3. Афзоиши ҳаҷми дороиҳои умумии бахшҳои молияи исломӣ ва дурнамои рушди он то соли 2026** *(бо млрд.доллари ИМА)*
**Diagram 3. Growth of total assets of the Islamic finance sector and prospects for its development until 2026** *(in billions of US dollars)*




**Сарчашма**: Таҳия муаллиф дар асоси манбаи электронӣ https://www.statista.com

Таҳлили маълумотҳои диаграммаи 3 оид ба устувории бахшҳои молияи исломиро дар давоми солҳои 2015 - 2021 нишон медиҳад, ки дар ин давра ҳаҷми умумии дороиҳои бонкҳои исломӣ ба андозаи 1,7 маротиба, сукук ба андозаи 2,3 маротиба, фондҳои исломӣ ба андозаи 3,4 маротиба, такаффул ба андозаи 1,6 маротиба ва дигар муассисаҳои молиявии исломӣ (OIFI) ба андозаи 1,2 маротиба афзоиш ёфтанд.

Бонкҳои исломӣ яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи иқтисодиёт дар ҷаҳон арзёбӣ гардида, дар пешрафти соҳаҳои калидии иқтисодиёт нақши муҳим доранд. Қобили қайд аст, ки бонкҳои исломӣ муҳимтарин ҷузъи низоми молиявию иқтисодии исломӣ ба ҳисоб рафта, саҳми он 70%-и дороиҳои молияи исломиро дар миқёси ҷаҳон ташкил медиҳанд. Тибқи ҳисоботи рушди молияи исломӣ соли 2021 дар 76 давлатҳои ҷаҳон 566 бонкҳои исломӣ ба қайд гирифта шудааст [7,с.65-77]. Дар ҳамин давра даромади умумии бонкҳои исломӣ се баробар зиёд гардидааст, ки асосан аз ҳисоби дастгирии васеи давлатӣ, самаранокии амалиётҳо ба монанди FinTechs ва афзоиши талабот ба маҳсулоти бонкдории исломӣ мебошад.

Сукук яке аз бахшҳои тезрушдкунандаи соҳаи молияи исломӣ ва воситаи пешрафтаи бозори сармояи исломӣ ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар таркиби дороиҳои молияи исломӣ 18%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии барориши сукукҳои нав дар соли 2021 ба андозаи 9%-и солона афзоиш ёфта, ба 202,1 млрд. доллари ИМА баробар гардидааст [7,с.43-57]. Мувофиқи тавзеҳоти Ташкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит барои муассисаҳои исломии молиявӣ (AAOIFI) сукук ҳамчун “сертификатҳои дорои арзиши номиналии баробар, ки ҳиссаи тақсимнашавандаи соҳибият ба дороиҳои модӣ, ҳуқуқи истифодабариву (узуфрукт) хизматрасониҳо ва дороиҳои марбут ба лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузориро тасдиқ менамояд” маънидод мегардад. Новобаста аз мушкилот дар самти ҷорӣ намудани стандартҳои AAOIFI, таъсири манфии COVID-19 ва арзиши баланди нафт, сукук асосан аз тарафи бонкҳои марказӣ, ҳукуматҳо ва муассисаҳои бисёрҷониба дар 24 давлатҳои ҷаҳон ва 12 сохторҳои онҳо 4426 эмиссия карда шуд. Қисми зиёди эмиссияи сукук аз тарафи давлатҳои Арабистони Саудӣ, Индонезия ва Малайзия мебошад [11,с.95-113].

Суғуртаи исломӣ ҳамчун ҷойгузин ба суғуртаи анъанавӣ роҳандозӣ шудааст. Суғуртаи маъмулӣ унсурҳои зиёдеро ба монанди ҳаннотӣ, номуайянӣ, рибо ва

сармоягузорӣ ба тиҷорати ғайришаръӣ дар бар мегирад, ки ислом онҳоро манъ кардааст [2,с.120-138]. Такаффул ва суғуртакунӣ хеле муҳиманд, зеро яке аз вазифаҳои асосии он таъмини амнияти молиявӣ дар ҳолати рӯй додани ҳодисаҳои ғайричашмдошт мебошанд. Дар низоми молияи исломӣ такаффул аз ҳама бахши хурдтарин ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар таркиби дороиҳои умумии молияи исломӣ ҳамагӣ 2%-ро ташкил медиҳад. Новобаста аз ин, ширкатҳои такаффул бо суғуртаи анъанавии минтақаҳо, ба монанди Халиҷи Форс (GCC - Шурои ҳамкорӣ бо Халиҷи Форс шаш кишварро дар бар мегирад: Арабистони Саудӣ, АМА, Уммон, Қувайт, Қатар ва Баҳрайн) рақобати баланд доранд. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар 47 давлатҳои ҷаҳон 335 ширкатҳои такаффул фаъолият менамоянд. Дар Тоҷикистон низ моҳи феврали соли 2022 ҶСК “Тавҳидбонк” бонки аввалини комилан исломӣ бо ширкати AlHuda CIBE барои таъсиси шабакаи такаффул созишнома бастааст [7,с.56-65].

Дигар муассисаҳои молиявии исломӣ (OIFI) ин - ширкатҳои технологияи молиявӣ, сармоягузорӣ, лизинг ва маблағгузории хурд ба ҳисоб мераванд, ки ҳиссаи дороиҳои он 4%-и дороиҳои умумии молияи исломиро ташкил медиҳанд. Яке аз омилҳои асосии рушди ин бахш афзоиши финтеххои исломӣ *(FinTech)* мебошад. Арабистони Саудӣ то соли 2025 ба нақша гирифтааст, ки аз 82 то 230 ширкатҳои финтеххои исломӣ тақрибан се маротиба зиёд намоянд, ин ба рушди тамоми бахш таъсири мусбат мерасонад. Дар ҳолати таъсиси финтеххои исломӣ, талабот ба хизматрасониҳои исломӣ зиёд гардиданд. Тибқи маълумотҳои омории соли 2021, дар ҷаҳон 778 дигар муассисаҳои молиявии исломӣ фаъолият намуда, аз онҳо 102 финтеххои исломӣ мебошанд [8,с.34-45].

Марҳилаҳои рушди ояндаи низоми молияи исломӣ то соли 2026 бо рушди рақамикунонӣ ва финтеххои исломӣ алоқамандии зич доранд. Маҳдудияти пандемияи COVID-19 низ боиси суръатбахшии қабули технологияҳои нави муосири молиявӣ ва бонкҳои исломии рақамӣ гардид [15,с.65-86].

Дар солҳои охир бинобар зиёд шудани талаботи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, чанде аз бонкҳои исломӣ, ба бонкҳои исломии рақамӣ табдил ёфтанд, ба монанди бонкҳои “Gulf International Bank”, “Bank ABC”, “Albaraka Turk” ва ғайра. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ соли 2020 бонки комилан исломии рақамӣ таъсис ёфтааст [13,с.24-32]. Чунин намуди бонкҳо дар кишварҳои Аврупо ба монанди Олмон ва Британияи Кабир рушд карда истодааст. Дар айни замон, ширкатҳои финтеххои исломӣ ба мисли “Nomo”,“Wahed”, “Kestrl” ва “Alif” дар Британияи Кабир, “Fardows” дар ИМА фаъолият карда истодаанд [12,с.12-23]. Бонки Австралия моҳи июли соли 2022 соҳиби иҷозатнома барои фаъолияти аввалин бонки исломии рақамӣ гардид. Малайзия соли 2021 барои иҷозатномаи бонки исломии рақамӣ 29 дархост қабул намудааст. Дар ҳамин сол ширкатҳои финтеххои исломӣ дар панҷ кишварҳои пешқадам Арабистони Саудӣ, Индонезия, Британияи Кабир, Малайзия ва Қазоқистон зиёд гардиданд, ки ин 70%-и шумораи умумии ширкатҳои финтеххои исломиро дар ҷаҳон ташкил медиҳанд. Мақомоти Покистон моҳи январи соли 2022 такаффули рақамиро “TakTech” қабул намуд [11,с.98-105].

Дар замони муосир бонкҳои исломӣ натанҳо дар кишварҳои мусалмон, балки дар кишварҳои Аврупо ва Амрико низ бомуваффақият рушд менамоянд. Аз солҳои 2000 дар ИМА ва Британияи Кабир қарзҳои ипотекаи исломӣ ба фаъолият оғоз намуд. Дар Британияи Кабир аз солҳои 2004-2008 тибқи меъёрҳои шариатӣ 22 бонк таъсис ёфта, ки аз он 5 бонк комилан исломӣ ба ҳисоб меравад. Дар Швейтсария соли 2006 аввалин бонки хусусии исломӣ “Faisal Private Bank” таъсис ёфтааст. Бонки Амрикои “Citybank” дар муддати тулонӣ бо сохторҳои бонкҳои исломӣ ҳамкорӣ дорад. Инчунин дар Австралия, Швейтсария, Фаронса, Канада, Олмон, Люксембург, Ирландия, Қазоқистон бо усулҳои бонкдории исломӣ ба мизоҷон хизмат мерасонанд [4,с.13]. Бояд тазаккур дод, ки дараҷаи афзоиши дороиҳои бонкҳои исломӣ дар давлатҳои ғайримусалмон, дар муқоиса бо давлатҳои мусалмон болотар аст.

Аз рӯйи нишондиҳандаи ҷаҳонии иқтисоди исломӣ рейтинги давлатҳои Малайзия, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб (UAE), Индонезия ва Туркия пешсаф мебошанд [13,с.53-58].

**Ҷадвали 1. Ҳаҷм ва ҳиссаи дороиҳои бахшҳои молияи исломии мамлакатҳо ва минтақаҳои пешқадам дар соли 2021** *(бо млрд.доллари ИМА ва %)*

**Table 1. The volume and share of assets of the Islamic finance sectors of the leading countries and regions in 2021** *(in billion US dollars and %)*

| Номгӯи давлатҳо | Бонкҳои исломӣ | Сукук | Фондҳои исломӣ | Дигар муассисаҳо | Такафул | Ҳамагӣ молияи исломӣ | Ҳиссаи бонкҳои исломӣ | Ҳиссаи умумии молияи исломӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дороиҳои молияи исломӣ дар мамлакатҳои пешқадам** | | | | | | | | |
| **Эрон** | 1 039 | 18 | 103 | 45 | 30 | **1 235** | 84,1% | 31,2% |
| **Араб. Саудӣ** | 606 | 194 | 52 | 25 | 18 | **896** | 67,6% | 22,6% |
| **Малайзия** | 262 | 279 | 38 | 58 | 12 | **650** | 40,3% | 16,4% |
| **АМА** | 192 | 49 | 0 | 6 | 3 | **252** | 76,2% | 6,4% |
| **Кувайт** | 134 | 9 | 2 | 9 | 0 | **153** | 87,6% | 3,9% |
| **Индонезия** | 48 | 84 | 3 | 0 | 3 | **139** | 34,5% | 3,5% |
| **Баҳрайн** | 92 | 13 | 0 | 0 | 0 | **106** | 86,8% | 2,7% |
| **Туркия** | 55 | 14 | 0 | 0 | 2 | **71** | 77,5% | 1,8% |
| **Бангладеш** | 56 | 0 | 0 | 0 | 1 | **58** | 96,6% | 1,5% |
| **Дороиҳои молияи исломӣ дар минтақаҳои пешқадам** | | | | | | | | |
| **Халиҷи Форс (GCC)[1]** | 1 188 | 297 | 56 | 52 | 24 | **1 617** | 73,5% | 40,9% |
| **Давлатҳои MENA[2]** | 1 100 | 20 | 103 | 47 | 30 | **1 300** | 84,6% | 32,8% |
| **Осиёи Ҷанубу Шарқӣ** | 320 | 364 | 42 | 62 | 15 | **803** | 39,9% | 20,3% |
| **Аврупо** | 64 | 16 | 25 | 6 | 2 | **113** | 56,6% | 2,9% |
| **Осиёи Ҷанубӣ** | 88 | 13 | 3 | 0,61 | 2 | **107** | 82,5% | 2,7% |
| **Африқои Ҷанубӣ** | 3 | 3 | 2 | 1 | 0 | **10** | 30,0% | 0,3% |
| **Амрико** | 0,02 | 0 | 7 | 0,01 | 1 | **8** | 0,2% | 0,2% |
| **Дигар Осиё** | 0,29 | 1 | 0,02 | 0,14 | 0,04 | **1** | 19,5% | 0,0% |

Сарчашма: Таҳия муаллиф дар асоси манбаи электронӣ https://www.statista.com

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум мегардад, ки ҳаҷм ва ҳиссаи бонкҳои исломӣ дар таркиби дороиҳои молияи исломии мамлакатҳо ва кишварҳои пешқадам нисбат ба дигар бахшҳо бештар мебошанд. Дороиҳои умумии молияи исломӣ дар соли 2021 ба 3 958 трлн. доллари ИМА баробар мебошад, ки аз он ҳиссаи дороиҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон 31,2% ва Халиҷи Форс тақрибан 41%-ро ташкил медиҳанд.

Бо назардошти бухронпазирии бонкҳои исломӣ, солҳои охир дар аксари кишварҳои дунё татбиқу таҷрибаи бонкдории исломӣ авҷ гирифта, ҳамасола вусъат меёбад. Дар Афғонистон Бонки марказӣ моҳи майи соли 2022 эълон намуд, ки нақшаи ҷорӣ кардани низоми бонки исломиро доранд. Дар Покистон бинобар афзоиши талабот ба бонкдории исломӣ, бонки анъанавии «Faysal Bank» аз моҳи январи соли 2023 ба бонки комилан исломӣ табдил дода шуд. Додгоҳи федеролии шариатии Покистон ба Ҳукумат дастур додааст, ки то охири соли 2027 риборо барои пешрафти рушди низоми молияи исломӣ дар кишвар мамнуъ эълон намояд [15,с.65-73]. Тибқи манбаҳои иловагии расмӣ дороиҳои низоми молияи исломӣ бештар дар байни кишварҳои Русия (183%), Канада (146%), ИМА (138%), Нигерия (101%) ва Тоҷикистон (84%) афзоиш ёфтаанд, ки асосан аз ҳисоби фондҳои исломӣ, сукук ва бонкҳои исломӣ

[1] GCC - Шурои ҳамкорӣ бо Халиҷи Форс шаш кишварро дар бар мегирад: Арабистони Саудӣ, АМА, Уммон, Қувайт, Қатар ва Баҳрайн.

[2] Давлатҳои MENA - Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ

мебошанд [7,с.77-80]. Таҷрибаи аксари давлатҳо нишон медиҳад, ки низоми молияи исломӣ ба рушди иқтисодиёт таъсири мусбат расонида истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба рушди низоми бонкии исломӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Махсусан, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ низоми бонкиро ҳамчун бахши муҳимтарини рушди босуръати иқтисоди миллӣ арзёбӣ намуданд. Президенти кишвар бо дарки амиқи масъала, пайваста таъкид менамоянд, ки низоми бонкӣ аз роҳу усулҳои муосири нави бонкдорӣ фаъолияти худро роҳандозӣ кунанд, то ин ки зарари буҳрони шадиду молиявии ҷаҳонӣ таъсири худро камтар намоянд, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари бонкҳои маъмулӣ марҳилаҳои буҳронро бо талафоту зарари молиявии зиёд паси сар карданд, ки оқибати он ба низоми бонкии кишвар низ таъсири худро расонид.

**Диаграммаи 4. Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2022** ***(бо %)***
**Diagram 4. Share of non-performing loans in the credit fund of the banking system of the Republic of Tajikistan for 2013-2022** *(in %)*




Сарчашма: Таҳия муаллиф дар асоси манбаи электронӣ https://nbt.tj/tj/banking_system

Аз рӯйи таҳлили маълумотҳои диаграммаи 4 бармеояд, ки тайи солҳои 2013 - 2017 ҳолати молиявии низоми бонкии кишвар, аз рӯи сифати сандуқи қарзӣ номуътадил гардид, ки вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол то андозаи 58,1% афзуданд ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазири ташаккулнашуда ба 59,1% баробар шуд. Аз сабабе, ки солҳои охир баъзе бонкҳои маъмулӣ ба монанди ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк» ва ҶСК «Фононбонк» ва чандин ташкилотҳои маблағгузории хурд ғайрирақобатпазир, нобарору носубот ва беэътимод гаштааст, дар оқибати таъсири буҳрони молиявӣ муфлис гардиданд. Чунин ҳолат ба вазъи пардохтпазирии низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонид ва боварию эътимоднокии аҳолӣ нисбат ба низоми бонкии маъмулӣ коҳиш ёфт.

Азбаски аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 99%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд ва аксари онҳо хоҳишманданд аз консепсияи фоизи қарз ба консепсияи маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, шарикӣ, масъулияти иҷтимоӣ, яъне тақсими суду зиён ва хавфҳо байни бонк ва муштариён гузаранд. Бо назардошти афзоиши талаботи аҳолӣ ба усулҳои нави маблағгузориҳои алтернативӣ ва бо мақсади аз нав эҳё намудани боварию эътимоди қисми зиёди аҳолие, ки аз низоми бонкии кишвар дур мондаанд, ташкили фаъолияти бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун дорои имкониятҳои зиёди молиявӣ арзёбӣ карда мешавад [10,с.56].

Бонкҳои исломӣ ҳамчун институти миёнарави молиявӣ дар иқтисодиёт ҳамон вазифаҳои бонкҳои анъанавиро анҷом медиҳанд, ки мақсади асосиашон бо риояи ҳатмии принсипу меъёрҳои шаръӣ ба даст овардани фоида мебошад [5,с.57-63]. Ягона омиле, ки бонкҳои исломиро аз бонкҳои анъанавӣ фарқ мекунонад, ин дар амалиётҳои онҳо мавҷуд набудани «рибо» - фоизе, ки Ислом манъ кардааст [4,с.2-20]. Боз як хусусияти фарққунандаи бонкҳои исломӣ дар мавҷудияти ҳатмии Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ (Кумитаи шариатӣ) мебошад, ки яке аз вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии он назорати тамоми аҳдҳои муассисаҳои молиявии исломӣ, пешниҳоди маслиҳату тавсияҳо ба Шурои нозирон, қабули фатвоҳо ва қарорҳои дахлдор оид ба масоили шаръӣ мебошад [6,с.132]. Ҳадафи ташкили бонкдории исломӣ ин таъмин намудани манфиатҳои муштариён дар асоси принсипҳои адолатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва ростқавлӣ мебошад.

Яке аз амалиётҳои асосии бонкҳои исломӣ маблағгузории муштариён ба ҳисоб меравад. Маҳсулотҳои маблағгузории исломӣ бо тартиби ҳисоби меъёри фоида аз рӯйи принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- принсипи шарикӣ ва тақсими фоидаву зарар аз рӯйи аҳдҳои Музораба ва Мушорака бо меъёри фоидаи номуайян;
- принсипи савдо аз рӯйи аҳдҳои Муробаҳа, Мусавама, Таваррук, Салам ва Истисноъ бо меъёри фоидаи муайян изофапулӣ;
- принсипи иҷора (амалиётӣ ва молиявӣ) аз рӯйи аҳдҳои Мушоракаи камшаванда, Иҷора ва Иҷора мунтаҳия биттамлик бо меъёри фоидаи муайян иҷорапулӣ;
- принсипи агентӣ (миёнаравӣ) аз рӯйи аҳди Вакала бо ҳаққи хизмат подошпулӣ.

Бонкҳои исломӣ соҳаи фаъолияти динӣ намебошад, бинобар ин, натанҳо барои мусалмонон, балки барои тамоми субъектҳои иқтисодӣ новобаста аз унсурҳои нажодӣ, динӣ, эътиқодӣ ва мазҳабӣ бо риояи принсипҳои шариатӣ метавонад хизматрасониҳои молиявӣ ва маблағгузориҳо вобаста ба намуди маҳсулот дар шаклҳои зерин пешниҳод менамояд:

- ✓ шакли пулӣ аз рӯйи аҳдҳои Музораба, Мушорака, Вакала, Салам, Истисноъ ва Қарзи ҳасана;
- ✓ шакли хариду фурӯш ва иҷораи молу дороиҳо аз рӯйи аҳдҳои Муробаҳа, Мусавама, Таваррук (муробаҳаи молӣ), Иҷора, Иҷора мунтаҳия биттамлик ва Мушоракаи камшаванда [2,с.335-349].

Яке аз омилҳои асосии муваффақият ва рушди бонкдории исломӣ дар фаъолияти маблағгузорӣ бо молу дороиҳои воқеӣ асосёфта вобаста мебошад. Бартарияти бонкҳои исломӣ аз бонкҳои анъанавӣ дар он зоҳир мешавад, ки маблағгузориҳо бо принсипҳои шаръӣ асос ёфта, амалиётҳои қаллобиро инкор карда, номутаносибии ҳаҷми пул дар муомилот ва тақсимоти дороиҳои моддию иқтисодӣ, нобаробарии молиявӣ ва ҳамагуна равандҳои таваррумиро пешгирӣ менамояд [6,с.102]. Афзалияти бонкҳои исломӣ, гардиши маблағҳои озодро ба низоми бонкӣ дубора ворид намуда, дар иқтисодиёти кишвар ба нафъи миллату давлат хизмат хоҳанд кард.

Фаъолияти бонкдории исломӣ барои таъмини устувории низоми бонкӣ ва рушду пешрафти бахши воқеии иқтисодиёт нигаронида шудааст. Илова бар ин, роҳандозии бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон имконияти бештар барои ҷалб, дарёфт ва дастрасӣ ба маблағҳои дарозмуддату арзон аз сармояи кишварҳои исломӣ, ҳамкорӣ бо мамолики Араб, сармоягузорӣ аз давлатҳои аъзои Бонки исломии Рушдро доранд, ки ин ба рушди иқтисодиёти миллӣ шароити мусоид фароҳам меоранд [3,с.164-167].

Бо мақсади таъмини суботи низоми бонкии кишвар ва устувории он дар шароити буҳрони молиявӣ ва дигар ҳолатҳои номусоид зарурат пеш омадааст, ки воситаҳои наву алтернативӣ ва маҳсулоту хизматрасониҳои инноватсионӣ бештар истифода гарданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон барои таҷдиди низоми бонкӣ, васеъ кардани доираи фаъолияти бонкҳо, ташкили муҳити солими рақобати бонкӣ, ҷалби сармоя аз давлатҳои исломӣ, диверсификатсиякунонии низоми бонкӣ ва барои пешрафти татбиқи модели бонкдории исломӣ як қатор ташаббусҳои қонуниро

амалӣ намуда истодаанд. Дар ин замина Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ" аз 26 июли соли 2014 қабул карда шуд, илова бар ин, 17 санадҳои меъёрию ҳуқуқии назорат ва танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки аз он ба 8 санад тағйироту иловаҳо ворид гардида ва 9 санади нав таҳия ва тасдиқ гардидааст.

Стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит (AAOIFI) ва стандартҳои байналхалқии ҳисоботҳои молиявӣ (IFSB) дар ҷаҳон эътироф шуда, дар асоси онҳо ташкилотҳои қарзии исломӣ фаъолият мекунанд. Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 2010, ҳамчун нозир ба узвияти Шурои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB) пазируфта шуд, ки ин нахустин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БМТ дар самти татбиқи бонкдории исломӣ мебошад [14,с.16-35]. Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" нисбати баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ тавассути хизматрасониҳои бонкдории исломӣ барои маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт, инчунин, татбиқ ва рушди заминаҳои бонкдории исломӣ пешбинӣ шудааст.

Натиҷаҳои таъсири буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкии маъмулӣ шаҳодат медиҳанд, ки низоми бонкии Тоҷикистон зарурат ба ислоҳ, таҷдиду тағйирот ва методҳои нави алтернативиро дорад. Таъсиси аввалин бонки инноватсионии исломӣ ҶСК "Тавҳидбонк" дар низоми бонкии кишвар падидаи нав аст. ҶСК "Тавҳидбонк" навобаста аз мушкилиҳои амалиётӣ бо заҳмату талошҳо бомуваффақият фаъолият карда, динамикаи рушди босуръатро касб намудааст.

**Диаграммаи 5. Нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК "Тавҳидбонк" дар солҳои 2019 - 2022** *(бо млн.сомонӣ)*

**Diagram 5. Financial indicators of JSC "Tawhidbank" in 2019 - 2022** *(in millions of somoni)*




**Сарчашма**: Таҳия муаллиф дар асоси манбаи электронӣ https://nbt.tj/tj/banking_system

Таҳлили ҳолати молиявии ҶСК "Тавҳидбонк" дар диаграммаи 5 нишон медиҳад, ки фаъолияти худро густариш дода, ба нишондиҳандаҳои назарраси молиявӣ ноил гардидааст. Натиҷаҳои бадастовардаи бонк дар давоми солҳои 2019 - 2022 устувору боварибахш буда, дороиҳои бонк ба андозаи 2 маротиба, ҳаҷми маблағгузориҳо ба андозаи 108,3 маротиба ва ҷалби амонатҳо ба андозаи 4,2 маротиба афзудаанд. Бонк ҳамасола фаъолияти молиявии худро бо дарёфти фоида ҷамъбаст намуда, сармояи бонк ба андозаи 1,4 маротиба афзоиш ёфта, ба 116,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ин нишондиҳандаҳо барои бонки навтаъсис дар низоми бонкии мамлакат хеле хуб арзёбӣ мегардад.

ҶСК "Тавҳидбонк" бо бизнес – модели алтернативии худ дар баробари бонкҳои анъанавӣ бо маҳсулоту хизматрасониҳои нав фаъолияти самараноки худро таъмин намуда истодааст. Самтҳои асосии фаъолияти ҶСК "Тавҳидбонк" дастгирии соҳаи кишоварзӣ, хизматрасониҳои молиявӣ ба соҳибкорони хурду миёна ва савдои яклухт ва чакана, маблағгузориҳо барои хариди нақлиёт ва манзил мебошанд. Имрӯз боиси ифтихор аст, ки ҶСК "Тавҳидбонк" ба яке аз бонкҳои муваффақу комёбии исломӣ

табдил ёфтааст, дар раванди фаъолияти худ барои рушду нумуи иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ саҳми арзандаи худро гузошта истодааст.

Дар раванди рушди устувор ва самарабахши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти низоми молияи исломӣ нақши муҳим мебозад. Татбиқи бизнес-модели бонкдории исломӣ дар таърихи навини Тоҷикистон бори аввал таҷриба карда мешавад. Дар айни замон бонкдории исломӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар кишвари мо бонки ягонаи исломӣ ҶСК "Тавҳидбонк" ва ду равзанаҳои бонкдории исломӣ дар ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" ва ҶСП ТАҚХ "Имон" фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, новобаста аз мушкилоти инфрасохторӣ, норасоии мутахассисони соҳаи молияи исломӣ, номукаммалии заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва номуайянии реҷаи андозбандӣ, бонкҳои исломӣ дар доираи низоми бонкии мамлакат ояндаи хуб доранд.

Дар шароити имрӯза баҳри пешрафти рушди низоми бонкҳои исломӣ фароҳам овардани заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ, дастгирии бевоситаи сохторҳои давлатӣ, таҳияи механизмҳои самараноки танзиму назоратӣ, низоми андозбандии сода, муайянкунии вазъ ва талаботи бозор, ташаккулдиҳии бизнес-модели инноватсионӣ ва навоварӣ, ҷалби мутахассисони варзидаи соҳа, инчунин, истифодаи технологияи муосир зарур мебошад. Ҳамаи ин дар навбати худ имконияти баланд гардидани мавқеи бонкҳои исломиро дар низоми бонкии кишвар таъмин намуда, боварию эътимоди мардумро ба хизматрасониҳои наву алтернативӣ бештар мегардонад. Ҳадафи такмили низоми бонкҳои исломӣ дар Тоҷикистон ин баланд бардоштани некуаҳволии мардум, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва паст кардани таъсири бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ мебошад, ки ба рушду инкишофи иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Близ Дж. Об успехах и проблемах исламского финансового дела / Дж. Близ // The Economist. - 2008. -№8596.
2. Гамбеева Ю.Н. Исламские финансы: особенности становления и развития / Ю.Н. Гамбеева, С.Н. Медведева // Российское предприн-во. – 2018. –С.335–349.
3. Гаюров, Г.Х. Влияние банковского финансового потенциала на развитие национальной экономики / Г.Х. Гаюров, Ф.О. Худоиева // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов; под общей редакцией З.О. Адамановой. - Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2022. - С.164-167. – EDN QTYHRC.
4. Зарипов И.А. Исламские финансы: первый опыт и проблемы развития в банковском секторе: теория и практика. - 2015. -№1. -С.2-20.
5. Исламские финансово-кредитные институты в экономике зарубежных стран / Р.И. Беккин, Р.Р. Вахитов, Г.Т. Гафурова [и др.]; под ред. В.Г. Тимирясова. -М.: Изд-во «Познание» Института экономики, управления и права, 2017. –С.57–63.
6. Литау Е.Я. Международные финансы: исламский банкинг как перспективная альтернатива традиционной системы финансирования / Е.Я. Литау // Экономика и управление. - 2016. -№10. -С.132.
7. Отчет Refinitiv и Исламской корпорацией по развитию частного сектора (ICD) Islamic Finance Development Indicator (IFDI) report 2022. [Электронный ресурс]. URL: https://www.refinitiv.com
8. Отчет о стабильности индустрии исламских финансовых услуг (IFSI) за 2022 г. [Электронный ресурс]. URL: https://www.ifsb.org/preess_full.php?id=611&submit=more
9. Рейтинговое агентство S&P Global Ratings. [Электронный ресурс]. URL: https://www.spglobal.com/ratings/
10. Трунин П.В. Исламская финансовая система: состояние и перспективы развития / П.В. Трунин, М.В. Каменских, М. Муфтяхетдинова. -М. : Институт экономики переходного периода, 2009.
11. Čihák M., Hesse H. Islamic Banks and Financial Stability: An Empirical Analysis // Journal of Financial Services Research. – 2010. -vol. 38. -P.95–113. [Electronic resource]. URL: https://doi.org/10.1007/s10693-010-0089-0
12. Gait A.H., Worthington A.C. A Primer on Islamic Finance: Definitions, Sources, Principles and Methods. University of Wollongong, School of Accounting and Finance Working Paper Series. – 2007. -No.07/05. -30 p. [Electronic resource]. URL: https://ro.uow.edu.au/cgi/viewcontent.cgi?article=1004&context=accfinwp
13. Garifullin I.I. Perspektivy i dinamika razvitiya islamskogo bankovskogo sektora v stranah QISMUT [Prospects and dynamics of the development of the Islamic banking sector in the QISMUT countries] / I.I. Garifullin, G.M. Galeeva // Kazan Economic Bulletin. – 2017. -No. 2(28). -P.53-58. (In Russ.)
14. Ofitsialnyi sait Islamic Financial Services Board (IFSB) [Official website Islamic Financial Services Board (IFSB)]. Available at: [Electronic resource]. URL: https://www.ifsb.org/

15. Rabbani M.R. FinTech, Blockchain and Islamic Finance: An Extensive Literature Review / M.R. Rabbani, S. Khan, E.I. Thalassinos // International Journal of Economics and Business Administration. – 2020. -vol. 8. -Issue 2. -P.65-86.

## РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯИ ИСЛОМӢ ДАР ШАРОИТИ НОУСТУВОРИИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола рушди низоми молияи исломӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ тайи солҳои охир дар аксари давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ рӯ ба тараққӣ ва пешрафтаи ҷаҳон ба вуҷуд омад, ки паёмадҳои он ба низоми молияи маъмулӣ таъсири манфии худро расонид. Дар ҳамин шароит, низоми молияи исломӣ босуботӣ, эътимоднокӣ, устуворӣ ва пойдории қавии худро исбот намуд, ки ба буҳронҳои шадиду давомдори молиявӣ тобовар мебошад. Ин боиси он гардид, ки олимону муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод ба андешидан ва тағйир додани низоми молияи маъмулӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Бояд қайд намуд, ки дар ҳолатҳои тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон масъалаи рушди низоми молияи исломӣ ва дурнамои он, яке аз мавзуъҳои мубрами ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф оид ба тақвияти низоми молияи исломӣ яққатор тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки дар оянда метавонад барои рушди низоми мазкур замина гузорад.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, низоми молияи исломӣ, бахшҳои низоми молияи исломӣ, бонкҳои маъмулӣ, бонкдории исломӣ, дурнамои рушди низоми молияи исломӣ, буҳрони молиявӣ.

## РАЗВИТИЕ ИСЛАМСКОЙ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ НЕСТАБИЛЬНОСТИ

В статье рассматривается развитие исламской финансовой системы в условиях экономической нестабильности. В последние годы глобальный финансовый кризис произошел в большинстве экономически развивающихся и развитых странах мира, и его последствия оказали негативное влияние на традиционную финансовую систему. В условиях экономической нестабильности, исламская финансовая система доказала свою устойчивость, надежность и стабильность к тяжелым и непрекращающимся финансовым кризисам. Это привело к тому, что ученые, исследователи и специалисты в области финансов и экономики проявили интерес к рассмотрению вопроса об изменении традиционной финансовой системы. Следует отметить, что в случае изменения экономической ситуации в мире вопрос развития исламской финансовой системы и ее перспектив считается одной из самых важных тем в мире. В связи с этим автор предложил ряд рекомендаций по укреплению исламской финансовой системы, которые могут заложить основу для развития данного направления в будущем.

**Ключевые слова:** банковская система, исламская финансовая система, секторы исламской финансовой системы, традиционные банки, исламский банкинг, стратегия развития исламской финансовой системы, финансовый кризис.

## DEVELOPMENT OF THE ISLAMIC FINANCIAL SYSTEM IN CONDITIONS OF ECONOMIC INSTABILITY

The article deals with the development of the Islamic financial system in the conditions of economic instability. In recent years, the global financial crisis has occurred in most of the economically developing and developed countries of the world, and its consequences have had a negative impact on the traditional financial system. In the conditions of economic instability, the Islamic financial system has proved its stability, reliability and stability to severe and ongoing financial crises. This has led academics, researchers and professionals in finance and economics to take an interest in considering changing the traditional financial system. It should be noted that in the event of a change in the economic situation in the world, the issue of the development of the Islamic financial system and its prospects is considered one of the most important topics in the world. In this regard, the author proposed a number of recommendations for strengthening the Islamic financial system, which can lay the foundation for the development of this direction in the future.

**Keywords:** banking system, Islamic financial system, sectors of the Islamic financial system, traditional banks, Islamic banking, Islamic financial system development strategy, financial crisis.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солиҳова Майсара Давлатовна*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**:: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти, 1\2. E-mail: **solihovamaysara@mail.ru**. Телефон: **(+992) 98-515-95-95**

**Сведения об авторе:** ***Солихова Майсара Давлатовна*** - Таджикский государственный университет коммерции, ассистент кафедры банковской деятельности. **Адрес: 734055,** Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Дехоти, 1\2. E-mail: **solihovamaysara@mail.ru.** Телефон: **(+992) 98-515-95-95**

**Information about the author:** ***Solikhova Maysara Davlatovna*** - Tajik State University of Commerce, assistant of the Department of Banking. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti street, 1\2. E-mail: **solihovamaysara@mail.ru**. Phone: **(+992) 985-15-95-95**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 340.111

# ИНФОРМАЦИОННЫЕ СИСТЕМЫ: ПРОБЛЕМЫ ПРАВОВОГО ОБОСНОВАНИЯ

*Шокиров Г.А.*

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

Достижения научно-технического прогресса нашли широкое применение во всех сферах общественной жизни. Право также выступает как одна из сфер общественной жизни, и в данной сфере можно наблюдать применение достижений научно-технического прогресса.

В настоящее время ведется активная дискуссия о том, нужно ли создавать правовые механизмы, опосредующие применение новых технологий. Многие юристы высказываются за то, что создание нормативного регулирования развивающихся общественных отношений преждевременно или вовсе не нужно. Однако, по нашему мнению, изменения, происходящие в обществе, – цифровизация общественных отношений – не могут быть исключены из сферы внимания юристов, как ученых, так и практиков [2, с.15].

Особенно с развитием цифровых технологий (информационных технологий) компьютерные технологии, которые являются достижением человечества, используются также в правовой сфере как процессы цифровизации, информатизации или компьютеризации.

Цифровизация (или информатизации или компьютеризации) правовой отрасли осуществляется и ведется с основной целью дальнейшего хранения правовой информации в электронном виде в памяти компьютеров. Для сохранения правовой информации в электронном виде человечество с помощью компьютера разрабатывает безопасные системы, представленные о виде «информационных систем».

Следует отметить, что, в целом, данный процесс рассматривается как «информационный процесс» и в конечном итоге создание «информационного общества». Создание «информационных систем» также считается неотъемлемой частью создания информационного общества и в дальнейшем именно благодаря созданию «информационных систем» в обществе формируются информационные ресурсы. Следует отметить что в информационном обществе изменятся не только производство, но и весь уклад жизни, система ценностей, возрастает значимость культурного досуга по отношению к материальным ценностям. По сравнению с индустриальным обществом, где все направлено на производство и потребление товаров, в информационном обществе производятся и потребляются интеллект, знания, что приводит к увеличению доли умственного труда. От человека потребуется способность к творчеству, возрастает спрос на знания [4,с.719].

Для целенаправленного использования информации ее необходимо собирать, преобразовывать, передавать, накапливать и систематизировать. Все эти процессы, связанные с определенными операциями над информацией, будем называть информационными процессами. Получение и преобразование информации является необходимым условием жизнедеятельности любого организма. Даже простейшие одноклеточные организмы постоянно воспринимают и используют информацию.

В результате научно-технического прогресса человечество создавало все новые средства и способы сбора, хранения, передачи информации. Но важнейшее в информационных процессах – обработка, целенаправленное преобразование информации осуществлялось до недавнего времени исключительно человеком.

Вместе с тем постоянное совершенствование техники, производства привело к резкому возрастанию объема информации, с которой приходится оперировать человеку в процессе его профессиональной деятельности.

Развитие науки, образования обусловило быстрый рост объема информации, знаний человека. Если в начале прошлого века общая сумма человеческих знаний удваивалась приблизительно каждые пятьдесят лет, то в последующие годы – каждые пять лет [17,с.1566].

Выходом из создавшейся ситуации стало создание компьютеров, которые во много раз ускорили и автоматизировали процесс обработки информации.

Компьютер находится на рабочем столе специалиста любой профессии. Он позволяет связаться по специальной компьютерной почте с любой точкой земного шара, подсоединиться к фондам крупных библиотек не выходя из дома, использовать мощные информационные системы – энциклопедии, изучать новые науки и приобретать различные навыки с помощью обучающих программ и тренажеров. Модельеру он помогает разрабатывать выкройки, издателю компоновать текст и иллюстрации, художнику – создавать новые картины, а композитору – музыку. Дорогостоящий эксперимент может быть полностью просчитан и имитирован на компьютере.

Необходимо подчеркнуть, информационная система, интегрированный набор компонентов для сбора, хранения и обработки данных, а также для предоставления информации, знаний и цифровых продуктов.

По мере того как на протяжении тысячелетий изобретались новые основные технологии записи и обработки информации, появлялись новые возможности, и люди расширяли свои возможности. Изобретение печатного станка Иоганном Гутенбергом в середине 15 века и изобретение механического калькулятора Блезом Паскалем в 17 веке — это лишь два примера. Эти изобретения привели к глубокой революции в способности записывать, обрабатывать, распространять и получать информацию и знания. Это, в свою очередь, привело к еще более глубоким изменениям в жизни людей, организации бизнеса и управления людьми. А сегодня информационные системы стали широко использоваться в праве, таким образом, играя важную роль в информатизации общества, а также систематизации законодательства.

Первой крупномасштабной механической информационной системой был переписной табулятор Германа Холлерита. Изобретенная вовремя для обработки переписи населения США 1890 года, машина Холлерита стала важным шагом в автоматизации, а также вдохновила на разработку компьютеризированных информационных систем [6,с.247].

Одним из первых компьютеров, использовавшихся для такой обработки информации, был UNIVAC I, установленный в Бюро переписи населения США в 1951 году для административного использования и в General Electric в 1954 году для коммерческого использования. Начиная с конца 1970-х годов, персональные компьютеры принесли некоторые преимущества информационных систем малым предприятиям и частным лицам.

В начале того же десятилетия Интернет начал свое распространение как глобальная сеть сетей. В 1991 году Всемирная паутина, изобретенная Тимом Бернерсом-Ли как средство доступа к взаимосвязанной информации, хранящейся на глобально рассредоточенных компьютерах, подключенных к Интернету, начала функционировать и стала основной услугой, предоставляемой в сети. Глобальное проникновение Интернета и Сети открыло доступ к информации и другим ресурсам и облегчило формирование отношений между людьми и организациями в беспрецедентных масштабах.

Прогресс электронной коммерции через Интернет привел к резкому росту цифровых межличностных коммуникаций (через электронную почту и социальные сети), распространению продуктов (программное обеспечение, музыка, электронные книги и фильмы) и деловых операций (покупка, продажа и рекламы в Интернете). С распространением по всему миру смартфонов, планшетов, ноутбуков и других мобильных устройств на базе компьютеров, которые все связаны беспроводными сетями связи, информационные системы были расширены для поддержки мобильности как естественного человеческого состояния [9, с.186].

Поскольку информационные системы сделали возможным более разнообразную человеческую деятельность, они оказали глубокое влияние на общество. Эти системы

ускорили темп повседневной деятельности, позволили людям развивать и поддерживать новые и зачастую более полезные отношения, повлияли на структуру и состав организаций, изменили тип покупаемой продукции и повлияли на характер работы. Информация и знания стали жизненно важными экономическими ресурсами. Однако наряду с новыми возможностями зависимость от информационных систем принесла и новые угрозы. Интенсивные отраслевые инновации и академические исследования постоянно открывают новые возможности, стремясь сдержать угрозы.

Как справедливо отмечает Т.А. Полякова, информация, информационные технологии, средства связи и телекоммуникаций, средства информационной безопасности являются элементами, которые объединяют отношения в информационной сфере. Важное место среди информационных объектов занимают и информационные системы, являющиеся во многом результатом объединения, консолидации, взаимного существования других информационных объектов информационной сферы [13,с.246].

Вышеприведенный анализ свидетельствует о том, что «информационные системы» играют значительную роль в осуществлении процесса информатизации и создания информационного общества.

Данный феномен имеет тесную взаимосвязь с другими понятиями, такими как «процесс информатизации», «документированная информация», «информационные ресурсы», «информационные технологии» и «обеспечение информационной безопасности».

Анализ показывает, что именно с помощью таких элементов осуществляется процесс информатизации общества. С другой стороны, понятие «информационные системы» также очень близко к понятию «информационные процессы», то есть эти два понятия дополняют друг друга. Кроме того, далее с созданием информационных систем в обществе осуществляется государственная информационная политика, все эти процессы приводят к формированию единого информационного пространства и тем самым создаётся информационное общество.

Неоценимое значение на современном этапе становления информационного общества приобретает развитие образования в области правовой информатики и правовой информатизации как инструмента практического изменения сознания, мышления государственного служащего, юриста, придание им возможностей, достигнутых компьютерными технологиями [3,с.288].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба боздид аз сомонаҳои гуногун, аз ҷумла сомонаҳои таблиғи хушунат, кори ҷалбкунандагонро осон мекунад. Ҷалбкунандагон шахсоне мебошанд, ки бо психологияи шахсият хуб шиносанд ва дар самти ҷалб намудани шаҳрвандон таҷрибаи зарурӣ доранд [6,с.102-104]. Онҳо пайваста ба сомона маълумотҳои навро оиди ин ва ё он ҳодисаҳо, дар мавриди савдои одамон, саҳнаҳои зӯроварӣ, таҷовуз ба номус ва муносибаташон ба савдои одамон, инчунин зиндагии «олии» фоҳиша ва ғайра ворид намуда, обунашудагони худро тавассути тавзеҳоти онҳо ба ин «саҳнаҳо» меомӯзанд [5,с.195]. Ҳамин тавр ҷиноякорони ботаҷриба ба ҷалб намудани ҷонибдорони ин ақидаҳо шуруъ менамоянд. Таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаҳои судӣ нишон медиҳад, ки механизми содиршаваии ҷинояти савдои одамон, ки бо истифода аз шабакаи интернетӣ содир мешавад, се давраи асосиро дар бар мегирад:

а) ҷалбкунӣ;

б) ҷобаҷокунӣ;

в) истисморкунӣ [2,с.155-159].

Қайд намудан зарур аст, ки ду давра, яъне ҷалбкунӣ ва ҷобаҷокунӣ ба истисморкунӣ оварда мерасонад, зеро мақсади ин ҷиноят истисмор мебошад.

Ба андешаи Маҷидзода Ҷ.З., «ҷалбкунӣ амали аввалиндараҷаи савдои одамон, ё ин ки бадастоварии қурбонии эҳтимолӣ, аз ҷониби субъекти содиркунандаи ин ҷиноят мебошад» [8,с.77]. Адешаи худро профессор Маҷидзода Ҷ.З. бо он асоснок менамояд, ки дар мадди аввал, субъекти ин ҷиноят роҳҳои чӣ тавр ба даст овардан, ба дом афтонидани қурбониёни эҳтимолиро ҷустуҷӯ мекунанд. Онҳо барои ба мақсаду ниятҳои пасту нопоки худ ноил шудан, роҳҳои таъсиррасонии руҳӣ ва ҷисмонии розикунонии қурбониёни эҳтимолиро барои тайёр кардан ва интиқол додан ба хориҷи кишвар истифода мебаранд. Барои ба боварии қурбониёни савдои одам даромадан, онҳо бо усули фиреб роҳҳои бо кор таъминкунӣ дар хориҷӣ кишвар, бо маоши хуб ва ҷойи зисту таъмини хӯрока, сафарҳои сайёҳӣ, ба шавҳар баромадан ба шаҳрвандони хориҷӣ, бо қайдгирии ҷойи зисту ақди никоҳ, иштирок дар озмунҳои фариштаҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, фаррош дар меҳмонхонаҳо ва пешхизмат дар тарабхонаҳо ва ғайраҳоро истифода мебаранд.

Белкин Р.С., Андреев С.В., Бертовский В.Л. ва Образтсов В.А. бар он адешаанд, ки субъектони содиркунандаи ин ҷиноят барои ҷалбкунии қурбониёни эҳтимолӣ аз тайёр кардан ва овехтани эълонҳо барои таъмини кор дар хориҷи кишвар, эълон намудани бастани ақди никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ дар хориҷи кишвар (бо пешниҳоди сабти ақди никоҳ) ва таҳсил дар хориҷи кишвар тавассути шиносҳо, рафиқҳо аз сомонаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода мебаранд [1,с.85].

Қайд кардан бамаврид аст, ки тарзҳои ҷалбкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад. Субъекти ин ҷиноят таввасути шиносҳо, хешу табор, ҳамшираҳо, ҳамкорҳо ва дигар роҳҳо аз гурӯҳи одамон, ҷабрдидаҳои ояндаи эҳтимолиро ҷустуҷӯ мекунанд, ба монанди аз оилаҳои камбизоат, ки шароити иқтисодиашон вазнин аст, аз оилаҳои душвортарбия ва носолим ва оилаҳое, ки бе сарпараст мондаанд. Онҳо медонанд, ки ин гурӯҳи одамон зудбоваранд ва бо роҳи фиреб, қаллобӣ ва суиистифодаи боварӣ онҳоро метавонанд розӣ кунонанд ва барои истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ ба хориҷи кишвар интиқол медиҳанд.

Тадриҷан ҷалбкунандагон дар бораи ҳаёт, фаъолият, даромад ва истироҳату фароғати духтарон дар хориҷи кишвар нақлҳо карда, чун тасдиқи гуфтаҳои худ расмҳоеро мефиристанд, ки дар онҳо духтарон дар лаби баҳр истироҳат доранд, либосҳои зебо ва гаронбаҳо ба бар намудаанд, дар тарабхонаҳо фароғат доранд ва монанди инҳо [7,с.418].

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба савдои одамон муайян намуд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи муошират ва бастани аҳдҳо оиди савдои одамон байни харидорон-миёнаравҳо ва фурӯшандагон, ки асосан шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд, ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, дар асоси андешаҳои зикргардида метавон усул ва тарзҳои содиршавии ҷинояти савдои одамро, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир

мешаванд, чунин тавсиф намуд: фурӯшанда ба харидор расмҳои духтаронро мефиристад ва ӯ аз байни онҳо духтари нисбатан ҷаззоб ва «қобили меҳнат»-ро интихоб менамояд. Дар як мактуби худ фурӯшанда ба харидор чунин навиштааст: «Як духтараки зебоандом ҳаст, ки ҳанӯз коркард нашудааст (яъне, нисбати ӯ кӯшиши ҷалб намудан анҷом дода нашудааст), вале ман ба наздикӣ бо ӯ корро шуруъ мекунам, зеро вай ба маблағ ниёз дорад». Чунин мукотибот (мувофиқаҳо), аз як тараф, ҳамчун далел истифода бурда мешавад, вале барои ин фурӯшандагон ва харидоронро муайян кардан лозим аст, ки амрест маҳол.

Аз ин лиҳоз ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд, дар фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахусус дар фаъолияти кории таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор таҷрибаи нав (муосир) ифода мегардад, зеро ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд, онҳо дар амалияи тафтишӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегарданд. Бояд қайд намуд, ки субъектони содиркунандаи ҷинояти савдои одам, ки бо истифодаи шабакаи интернет даст ба ин кирдор мезананд, бо мақсади кирдорҳои ҷиноятҳоронаи худро пинҳон намудан, монеаҳои тафтишӣ эҷод менамоянд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми монеаҳои тафтишии ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд, дар он ифода мегардад, ки субъектони монеакунанда на танҳо шахсони содиркунандаи ҷинояти савдои одамон, балки ҷабрдидагон низ шуда метавонанд. Чунин монеаҳо ҳангоми тафтиш ва ошкор намудани ҷинояти мазкур, дар шаклҳои гуногун зоҳир мегарданд:

-саркаши намудан аз пешниҳод намудани ариза бо роҳи баҳонаҷӯйӣ;

- даст кашидан аз ошкор намудани субъектони содиркунандаи ҷиноят.

Омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ин масъала аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳолатҳои зерин, боиси саркашӣ намудани ҷабрдидагон аз додани нишондод дар мавриди ошкор намудани ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд, ифода мегардад:

- майлу хоҳиши ошкор нанамудани маълумотҳое, ки боиси паст шудани шаъну шарафи худи ҷабрдида мегарданд, аз ҷумла оиди фаъолияте, ки сабаби содир шудани ҷиноят нисбати ҷабрдида шудаанд (чунин ҳолат бештар ба нафароне тааллуқ дорад, ки ба фоҳишагӣ машғуланд);

- тарси қасд гирифтани шахсоне, ки ба савдои одамон машғуланд, яъне субъектоне, ки ин намуди ҷиноятро содир мекунанд;

- ба тақдири худ тан додани ҷабрдида, ки аз шароити ҷомеа бармеояд ва ба муҳити ишғолнамудааш розӣ шудан;

-аз тарси интиқоми субъекти ин гуна ҷиноятро содир карда;

- боварӣ надоштан ҷиҳати ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ [12,с.58-85];

- муносибати бепарвоёна доштан ба субъектоне, кибо истифодаи шабакаи интернет савдои одамро содир менамоянд;

- таъсироти омилҳои дигари психологӣ, аз ҷумла бори дигар ба хотир овардани он ҳолате, ки ҷабрдида аз сар гузаронидааст [10];

- майлу хоҳиши аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон кардани ҷиноятҳои дигари содиршуда, аз ҷумла ҷиноятҳое, ки ба савдои одамон алоқаманданд, масалан: ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ; дидаю дониста истифода бурдани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ; нигоҳ доштани маводҳои нашъадор; вайрон кардани қонунгузории муҳоҷиратии давлате, ки ба он ворид мешаванд ё низоми муайяншудаи будубошро дар он вайрон мекунанд.

Масъалаҳои дар боло зикршуда аҳаммияти зиёди ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминалистиро доро буда, табиатан ин ва ё он тарзи содиршавии ҷиноят, инчунин хусусиятҳои унсурҳои алоҳидаи онро муайян мекунанд. Масалан, ба андешаи А.Қ. Назаров, ҷинояти савдои одамон монанди дигар намудҳои ҷинояти бо тиҷорат алоқаманд, ба қонуниятҳои муайяни муносибатҳои бозоргонӣ, дар навбати аввал ба қонунҳое, чун талабот ва пешниҳодот, инкишофёбӣ, даромаднокӣ, заруририяти бақайдгирӣ ва рекламакунонии молҳо ва хизматрасониҳо тобеъ мебошанд [9,с.124].

Бо мақсади ошкор намудан ва мубориза бурдан бо ҷиноятҳои савдои одам, ки бо истифода аз шабакаи интернет содир мегардад, ба муфаттиш ва ё корманди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мадди аввал зарурияти муайяннамоии монеаҳо ба тафтишот зарур аст. Аз ҳамин сабаб зарур аст, ки пурсиши ҷабрдида дар ҳар яке аз ҳолати қайдшуда амалӣ карда шавад. Зимнан бояд қайд намуд, ки гирифтани маълумот аз ҷабрдидаи ин ҷиноят на танҳо бо пурсиши ӯ муайян карда мешавад, инчунин аломатҳои зоҳирӣ низ имконпазиранд, ки инъикоскунандаи ҳолати ботинии он мебошанд, аз қабили имову ишорат (ҳаракат), қиёфасозии (мимика) рӯй, ҳолати суханронӣ, бо ифодагардии эҳсосоти зоҳирӣ, андеша (ашкрезӣ, стресс) ва ғ. Ҳангоми пурсиши ҷабрдида оиди одамрабоёни муайян додани нишондоди бардурӯғ ба миён ояд, ин маънои онро дорад, ки ҷабрдида метавонад маълумотҳои маълумкунандаи шахсони ба ин гуна кирдор даст задаро пешниҳод намояд, аммо тарс аз субъектони ин ҷиноятҳоро содиркунанда ва нобоварии ӯ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барои дуруст нишондод додан монеаҳои тафтиширо ба вуҷуд меорад. Барои ба даст овардани маълумоти муҳим ва ошкор намудани субъектони ҷиноятимазкур, ҳамчунин бартарафнамоии ҳолатҳои дар боло қайд шуда, монеаҳои тафтишотӣ метавонанд дар натиҷаи омӯзиши шахсияти ҷабрдидаи савдои одамон бартараф карда шаванд (аз ҷумла, чунин унсурҳо, мисли вазъияти умумии ҳаётӣ, навъи фаъолият, тарзи зисту зиндагонӣ, камбудиҳои иҷтимоӣ, майл ва ҳавас, мавҷудияти доғи судӣ ва ғ.). Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани тактикаи пурсиш бо мақсади ба боварии ҷабрдида даромадани муфаттиш, ҷалбнамоии шахсоне, ки ҷабрдида эҳтиром менамояд ва бовар мекунад, ба пурсиши пешакӣ имкон дорад. Дар мадди аввал аз шумораи шахсоне, ки ба ӯ кумаки руҳӣ расонидаанд, дигар ҷабрдидаҳоро, ки ба тафтишот мусоидат намудаанд, инчунин дар ҳолати ниҳоӣ хешовандон ва ё дӯстони ҷабрдида бояд ҷалб карда шаванд.

Яке аз асосҳо ва ё ҷиҳати муҳимми тағйирёбии муносибати ҷабрдидаи савдои одам нисбати шахси тафтишбаранда дар рафтори худи муфаттиш зоҳир мегардад. Дар ҳолати ҷоринамоии муносибати руҳӣ муфаттиш метавонад усулҳои тактикии умумиро истифода намояд, ки онро илми криминалистика муқаррар кардааст, аммо муфаттиш дар ҳама ҳолат бояд муносибати эътимоднок дар зоҳирнамоии эҳтиром ва баёни ғамхорӣ нисбати ҷабрдидаи савдои одамонро дошта бошад.

Ҳангоми нишондоддиҳии ҷабрдидагони савдои одамон нисбати одамрабоён мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакиро зарур аст, ки маълумотҳоро оиди одамрабоёни алоҳида, дигар ҷабрдидагон, шоҳидон, ҳамчунин сабтҳои видеоии воқеаҳои ҷиноятӣ марбут ба савдои одамонро пешниҳод намоянд, ки ин ҳолатҳои зикршуда таъкидкунандаи бераҳмиву сангдилии дигар одамрабоён нисбати ҷабрдидагони савдои одамон мебошад. Ҳамчунин, ба ҷабрдида фаҳмонида мешавад, ки бо нишондодҳои дурусташ метавонад миқдори зиёди дигар ҷабрдидагони савдои одамонро, ки аз чунин амали ҷиноятӣ дар хавф ҳастанд, раҳоӣ менамояд. Ҳангоми бартарафнамоии монеаҳои тафтиши дар ин самт бавуҷудоянда бо сабабҳои набудани хоҳиши ошкоркунии маълумоте, ки боиси пастзании шаъну шараф мегарданд, мисли фаъолияти фоҳишагарӣ, бояд ба ҷабрдида фаҳмонда шавад, ки ин маълумот сирри шахсии ҳаёти ӯ мебошад, ки ошкорнамоии он танҳо бо розигии ӯ сурат мегирад.

Бояд қайд намуд, ки монеаи тафтишӣ аз ҷониби субъектони ҷинояти савдои одамро, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир менамоянд, ҳамчунин безараргардонии онҳо ба сифати унсури мустақили сохтории методикаи хусусии тафтиши ҷиноятҳои марбут ба савдои одам баромад мекунад. Ин зуҳурот боиси монеагардии на танҳо рафти тафтишот мегардад, балки шумораи ҷиноятҳои латентиро афзоиш медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз пешниҳод менамоем, ки дар амалияи тафтиши ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд, тарзҳои тактикии пурсиш, ки илми криминалистика дар қисми тактикаи криминалистӣ муайян намудааст, ба тариқи васеъ истифода шаванд. Аз он ҷумла, тарзҳои тактикии пурсиши ҷабрдидагони ҷинояти мазкур ва гумонбаршуда, инчунин ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои тафтиши вобаста ба ҷинояти мазкур, шарҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла меъёрҳое, ки дар қисми 3 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» нисбати ҷабрдида, хешовандон ё

дигар шахсони наздики он ва ё меъёрҳое, ки дар моддаи 72 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба роҳ монанд.

**Муқарриз: Назаров А.Қ. – д.и.ҳ.профессори ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Андреев, С.В. К вопросу о понятии, содержании и видах криминальной инсценировки как предмета криминалистической дискуссии / С.В. Андреев, В.Л. Бертовский, В.А. Образцов // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2004. – № 4. – С. 85.
2. Ахмедов Б.Б. Торговля людьми: проблемы противодействия / Б.Б. Ахмедов // Вестник Омского университета. Серия «Право». -2008. -№ 2 (15). -С. 155–159.
3. Бухориев Б.Р. Уголовно-правовой анализ объективной стороны состава преступления – торговли людьми – по Уголовному кодексу Республики Таджикистан / Б.Р. Бухориев // Труды Академии управления МВД России. -2016. -№ 2 (38).
4. В Душанбе открыли Центр по противодействию торговле людьми [Электронный ресурс] // Новостное агентство «Sputnik». URL: http://ru.sputnik-tj.com/ Организаторов и участников, ведущих пропаганду торговли людьми, вести антипропаганду торговли людьми и т. д.
5. Кесареева Т.П. Криминологическая характеристика и предупреждение преступности в российском сегменте сети Интернет: дис. ... канд. юрид. наук:12.00.08 / Кесареева Татьяна Петровна. - М., 2002. - 195 с.
6. Компьютерные террористы: новейшие технологии на службе преступного мира. -М., 1997. -С.102-104.
7. Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Лопатина Татьяна Михайловна. - М., 2006. - 418 с.
8. Маҷидзода, Ҷ.З. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ / Ҷ.З.Маҷидзода, Н.Ҷ. Назаров. – Душанбе, 2014. – С. 77.
9. Назаров А.Қ. Механизми содиршавии ҷиноятҳои ба ҷинояти савдои одам алоқаманд / А.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – №2 (02). – 2016. – С. 124.
10. Основные виды информационных операций, к которым прибегают террористы, даны по: Littleton M. Information Age Terrorism toward Cyberterror [Электронный ресурс] // Naval Postgraduate School. 1995. December. URL: https://calhoun .nps.edu/ bitstream/handl e/10945/7469/95 Dec_ Littleton. pdf? Sequence 1&isAllowedy (дата обращения: 16.04.2023)
11. Раҷабов К.Д. Проблемаҳои бартараф намудани монеаҳои тафтишӣ марбут ба тафтиши ҷиноятҳои бо хариду фурӯши одамон алоқаманд / К.Д. Раҷабов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2018. – №2(10). – С. 98-102.
12. Хамдамов, А.А. Методика расследования торговли людьми / А.А.Хамдамов, О.А.Камалов, У.Э.Расулев, [и др.]. – Тошкент, 2015. – С. 58-85.
13. Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). -С.189-190.
14. Шарипов Т.Ш, Муқовимат ба савдои одамон (воситаи илмӣ-амалӣ) / Т.Ш.Шарипов, Ф.Х.Рауфов, А.И.Сафаров, Б.Н.Раҳматҷонов. –Душанбе, 2015. -С.116-146.
15. Шершульский В., Едемский М., Лубнин К. На Интернет и суда нет. // «Деньги», №35/октябрь 1996 года. С.38; https:// translate. google. com/[дата обращения: 21.05.2023].


### ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ САВДОИ ОДАМОН ДАР ФАЗОИ КИБЕРӢ


Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки замони муосир Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии савдои одамон дар фазои киберӣ бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба мазмун ва махсусияти зуҳуроти ҷинояти савдои одамон, ки дар фазои киберӣ содир мешаванд, равшанӣ андозад. Ҳамзамон, дар мақола асоснок гардидааст, ки аз он сабаб ҷинояти савдои одамон ва содиршавии он дар фазои киберӣ ба худ номи трансмиллиро касб кардааст, ки он марзи ҳудудии якчанд давлатро убур мекунад: а) давлатҳои табдилкунанда (таъминкунандаи ҷабрдидаи савдои одамон); б) давлатҳои интиқолкунанда; в) давлатҳои таъинотӣ (истифодабаранда). Дар асоси таҳлили андешаҳои олимони соҳа, муаллиф усул ва тарзҳои содиршавии ҷинояти савдои одамро, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд, чунин тавсиф намудааст: ҷалбкунӣ, ҷобаҷокунӣ ва истисморкунӣ. Ҷалбкунандагон шахсоне мебошанд, ки бо психологияи шахсият хуб шиносанд ва дар самти ҷалб намудани шаҳрвандон таҷрибаи зарурӣ доранд. Онҳо пайваста ба сомона маълумотҳои навро оиди ин ва ё он ҳодисаҳо, дар мавриди савдои одамон саҳнаҳои зӯроварӣ, таҷовуз ба номус ва муносибаташон ба савдои одамон, инчунин зиндагии «олии» фоҳиша ва ғайра ворид менамоянд.



**Калидвожаҳо:** фазои киберӣ, ҷинояти савдои одамон, истифодаи интернет, ҷалбкунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, таъсиррасонии рӯҳи, ҷобаҷокунӣ, истисморкунӣ


### УГОЛОВНО ПРАВОВАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ В КИБЕРПРОСТРАНСТВЕ


Данная статья посвящена одному из актуальных и дискуссионных вопросов современности «уголовно-правовой характеристике торговли людьми в киберпространстве». Автор в данной статье старается раскрыть содержание и специфику преступного явления торговли людьми, которое совершается в киберпространстве. Также в статье обосновывается, что преступления торговли людьми и их вывоза в киберпространстве приобрело название транснациональности, которая пересекает территориальные границы нескольких

государств, а государства именуются: а) обеспечивающие государства (поставщики жертв торговли людьми); б) передающие страны; в) страны назначения (пользователя). На основе анализа мнений ученых в данной области автор описал способы совершения преступления торговли людьми, которые совершаются с использованием сети Интернет: вербовка, перемещение и эксплуатация. Вербовщики – это люди, хорошо знакомые с психологией личности и имеющие необходимый опыт привлечения граждан. Они постоянно добавляют на сайт новую информацию о том или ином происшествии, в случае с торговлей людьми, сценами насилия, изнасилования и своим отношением к торговле людьми, а также «хорошей» жизни проституток и т.д.

**Ключевые слова:** киберпространство, преступления, торговля людьми, использование Интернета, вербовка, правоохранительные органы, мировое сообщество, влияние духа, перемещение, эксплуатация

**CRIMINAL LEGAL DESCRIPTION OF HUMAN TRAFFICKING IN CYBERSPACE**

This article is devoted to one of the topical and debatable issues of our time “criminal and legal characteristics of human trafficking in cyberspace”. The author in this article tries to reveal the content and specifics of the criminal phenomenon of human trafficking, which is committed in cyberspace. The article also substantiates that the crime of human trafficking and its export in cyberspace has acquired the name of transnationality, which crosses the territorial boundaries of several states, and the states are called: a) providing states (suppliers of victims of human trafficking); b) transmitting countries; c) country of destination (user).Based on the analysis of the opinions of scientists in this field, the author described the ways of committing the crime of human trafficking that are committed using the Internet: recruitment, transfer and exploitation. Recruiters are people who are well acquainted with the psychology of personality and have the necessary experience in attracting citizens. They constantly add new information to the site about this or that incident, in the case of human trafficking, scenes of violence, rape and their attitude to human trafficking, as well as the “good” life of prostitutes, etc.

**Keywords**: cyberspace, crimes human trafficking, internet use, recruitment, law enforcement, global community, spirit influence, displacement, exploitation

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** - Таджикский нациаональный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Komron Davlat*** - Tanjik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

ТДУ: 342.71

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ИНСОН

*Қурбонов Ҷ.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар як давлат, сарфи назар аз сатҳи рушди иқтисодӣ, ҷойгиршавии ҳудудӣ ва асосҳои таърихии пайдоишаш вазифадор аст, ки арзишҳои умумибашариро риоя намояд. Давлате, ки худро демократӣ медонад, дар баробари эътирофи чунин арзишҳо, бояд ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намуда, татбиқи онҳоро кафолат диҳад.

Дар моддаи 1-уми Конститутсияи кишварамон Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эълон шудааст ва ин чунин маъно дорад, ки давлат барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият шароити мувофиқ фароҳам меоварад, ба ҳар кас ва барои ҳар оила сатҳи муносиби зиндагиро муҳайё месозад. Аммо дар шароити имрӯза вазъияте ба амал омадааст, ки дар он мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ маънои бечунучаро иҷро шудани онҳоро надорад.

Дар вазъи кунунии иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии кишвар танҳо таҳкими ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавқеи асосӣ дошта метавонад. Дар баробари ин, кафолати таъмини ин ҳуқуқҳо аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Маҳз омӯзиши кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ яке аз самтҳои асосии рушди ҳуқуқи миллӣ буда, бояд асоси ислоҳоти муносибатҳо ба ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон равона гардад [8,с.87]. Ба андешаи мо, чунин бархӯрд имкон медиҳад, ки танзими ҳуқуқӣ бо роҳи муносибу судманд зудтар ба даст оварда шавад, кафолати ҳаҷми таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи сатҳи таъминот, рафъи монеаҳо ва қонуншиканиҳо барои барқарор кардан ва ба эътидол овардани ҳуқуқу ухдадориҳои иҷтимоиву иқтисодӣ равона карда шаванд.

Аҳаммияти кафолатҳои ҳуқуқи инсон барои механизми таъмини онҳо аз ҷониби муҳаққиқ А.М. Диноршоҳ низ таъкид шуда, донишманд изҳор доштааст, ки «маҳз кафолатҳо ҷузъи асосии механизми амалисозии ҳуқуқ, озодиҳо ва ухдадориҳо мебошанд» [3,с.401].

Дар маҷмуъ, ироаи кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии дорои чунин аҳаммиятро дуруст дониста, бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, қайд кардан бамаврид аст, ки онҳо на танҳо ҷузъи ҷудонашавандаи механизми татбиқи ҳуқуқи иҷтимоиву иқтисодӣ ҳастанд, балки ба таври ҳатмӣ ҳимоя ва ҳифзи ин ҳуқуқҳо ва аз ин рӯ, категорияҳои серсоҳаи онҳоро низ таъмин месозанд. Ба иборати дигар, вақте асосҳои ҳуқуқии ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ баррасӣ мешаванд, бояд кафолатҳои чунин ҳуқуқҳо ҳамчун шарти аввали таъмини ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои мавриди назар ба эътибор гирифта шаванд.

Дар назарияи ҳуқуқ то ҳол дар бораи таърифи мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқи инсон баҳси илмӣ идома дорад. Он маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективиро дар бар мегирад, ки ба амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, рафъи монеаҳои эҳтимолӣ дар роҳи татбиқи пурра ё дурусти онҳо нигаронида шудаанд. О.Ф. Скакун таҳти кафолати ҳуқуқ, озодӣ ва ухдадориҳои инсон ва шаҳрванд низоми шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, усулу воситаҳоеро мефаҳмад, ки татбиқ ва ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳоро таъмин мекунанд [10,с.203].

Таърифи ба ин дидгоҳ наздикро дар осори Л.П. Гарчева ва О.М. Ярмиш низ дидан мумкин аст, ки менависанд: «Кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандон ин маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо, шартҳо ва талаботест, ки риояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро таъмин мекунанд» [2,с.128].

М.И. Матузов ва Е.В. Малко чунин мешуморанд, ки кафолатҳо «падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки мазмуни он бо се аломат муайян карда мешавад: 1) маърифатӣ, ки имкон медиҳад донишҳои назариявии фанниро дар бораи объекти таъсири онҳо баррасӣ намуда, дониши амалӣ оид ба сиёсати иҷтимоию

ҳуқуқии давлат ба даст оранд; 2) идеологӣ, ки қудрати сиёсиро ҳамчун воситаи пешбурди ғояҳои демократӣ дар дохили давлат ва берун аз он тавсиф мекунад; 3) амалӣ - ҳамчун воситаи кафолати ҳуқуқшиносӣ ва шарти асосии қонеъ гардонидани манфиатҳои иҷтимоии шахс» [9,с.35].

Дар асоси дастовардҳои ҳуқуқшиносии умуминазариявӣ таърифи мафҳуми кафолатҳои ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мураттаб карда шудааст, ки ба гуфтаи Б.И. Сташков, «низоми пешшартҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо воситаҳои махсус (ҳуқуқӣ) имкониятҳои ҳуқуқӣ барои амалисозии воқеии навъи мушаххаси ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шахсро фароҳам меоранд» [11,с.44].

Бидуни баҳс дар мавриди дурустии мафҳуми категорияи ҳуқуқии мавриди назар, ки Б.И. Сташков муқаррар кардааст, бояд қайд намуд, ки дар асоси таърифи зикргардидаи мафҳуми «кафолатҳои ҳуқуқи инсон» онҳо шарту усулҳо ва воситаҳои муайяне мебошанд, ки мавҷудияти онҳо барои самараноктар таъмин намудани имконияти қонеъ гардонидани манфиатҳое, ки ба ҳуқуқи субъективии шахс миёнаравӣ мекунанд, пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, шартҳои дахлдор хусусияти хеле гуногун доранд, ки дар асоси он кафолатҳои ҳуқуқи инсон дар адабиёти ҳуқуқӣ ба умумии иҷтимоӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ) ва махсус (ҳуқуқӣ) ҷудо мешаванд.

Кафолатҳои иқтисодии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавҷудияти шароити моддӣ барои амалисозии воқеии он мебошанд. Ин шартҳо ба низоми иқтисодии давлат, ки ба шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтааст, такя мекунанд. Кафолати мавҷудияти моликияти давлатӣ, коммуналӣ ва хусусӣ дар давлат барои таъмини самараноки ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бо назардошти низоми ҳифзи иҷтимоӣ, ки дар ҶТ ташаккул ёфтааст, хеле муҳим аст. Ҳамин тавр, пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ҳиссаи асосии тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешавад, аммо дар шароити муосир шаклҳои минтақавӣ ва маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ фаъолона инкишоф меёбанд, ки татбиқи онҳо ба моликияти коммуналӣ ва хусусӣ асос ёфта, истифода ва ихтиёрдории онҳо ройгон аст.

Худи озодона ихтиёрдории молу мулк манъи ғайриқонунии маҳрум кардан аз ҳуқуқи моликият, устувории иқтисодиёт ва рушди онро таъмин менамояд, ки ин ба низоми ҳифзи иҷтимоӣ ногузир таъсир мерасонад.

Чуноне ки В.И. Сташков тазаккур медиҳад, «худи иқтисодиёти бозорӣ, ки идоранашаванда аст, боиси тафриқаи назарраси даромадҳо ва табақабандии шадиди аҳолӣ ба сарватманду камбағал ва боиси камбизоатии мардум, бекорӣ, таваррум ва коҳиши истеҳсолот мегардад. Рушди иқтисодӣ бо тақсимоти баробари натиҷаҳои он дар байни ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ асоси баланд бардоштани некуаҳволии ҳар шаҳрванд, рафъи тафриқаи аз ҳад зиёд ва камбизоатӣ мебошад» [11,с.46], ки бидуни шубҳа ҳадафи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Таъмини озодии фаъолияти иқтисодӣ ва мустақилияти хоҷагидорӣ, афзоиши мунтазами ҳосилнокии меҳнат низ кафолати муҳимми ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд. Маҳз озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани монеаҳо дар татбиқи он шарти муҳимтарини рушди низоми ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ ба шумор мераванд.

Кафолатҳои дахлдори иқтисодӣ таъсиси ҷойҳои нави кориро таъмин мекунанд, ки бекорон метавонанд ба кор ҷалб шаванд. Ҷалби бекорон дар ин ҳолат метавонад, инчунин тариқи воҳиди ҳудудии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ сурат бигирад, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, таъмини молии фондҳои суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоиро бо роҳи пардохти саҳми ягонаи иҷтимоӣ, таъмини молии буҷети давлатӣ ва маҳаллиро аз ҳисоби пардохти андозҳо ва пардохтҳои дахлдор амалӣ мекунанд.

Баланд бардоштани самаранокии меҳнат дар механизми таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ маънои дуҷура дорад. Аз як тараф, баланд шудани самаранокии меҳнат ба сатҳи музди меҳнати корманд, ба қобилияти мустақилона ва бидуни кумаки субъектҳои уҳдадориҳои иҷтимоӣ, дар болотарин сатҳи мумкин қонеъ кардани ниёзҳои

асосии худ ва оилааш таъсир мерасонад ва дар ин сурат эҳтимоли ба ҳолати ноамнии моддӣ ё камбуди иҷтимоӣ гирифтор шудани чунин шахс (оила) ба таври назаррас коҳиш меёбад. Ғайр аз ин, маҳз даромади шахсони воқеӣ барои ҳисоб кардани андозҳо ва пардохтҳо ба буҷетҳои сатҳи гуногун, маблағҳои суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ, ки минбаъд аз онҳо тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба асос гирифта мешавад. Мутаносибан, даромади андозсупорандагон ва пардохтҳо ҳар қадар зиёд бошад, нишондиҳандаи пурра будани маблағҳои дахлдор ҳамон қадар беҳтар мешавад, ки ин ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоиву иқтисодиро дар сатҳи баландтар таъмин менамояд.

Кафолатҳои сиёсии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ чунин шароитҳо, воситаҳо ва тадбирҳое мебошанд, ки ба давлат имкон медиҳанд, то қонеъ гардонидани манфиати шахсро барои гирифтани намудҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ самаранок ба роҳ монад. Дар ҷараёни татбиқ аз ҷониби субъектҳои ваколатдори фаъолияти дахлдор ҳамоҳангсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва талаботи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ бо манфиатҳои дарозмуддати ҷомеа, ба эътидол овардани низоми иҷтимоию сиёсӣ; фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани некуаҳволии моддии шаҳрвандон; ташаккули ҳавасмандии иқтисодӣ барои иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ; таъмини баробарии имкониятҳои иҷтимоӣ барои ноил шудан ба сатҳи муқаррарии зиндагӣ; таъмини шуғли барномавӣ дар ҷомеа; рушди чунин соҳаҳои комплекси иҷтимоӣ, монанди маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва монанди инҳо таъмин карда мешавад [11,с.52].

Кафолатҳои сиёсии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки ба суботи сиёсии давлат ва ҷомеа, қонунӣ будани ҳокимият, дақиқ муайян кардани ваколатҳои он дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла иҷтимоиву иқтисодӣ) ва заминаи тақсимоти онҳо асос ёфтааст, фароҳам овардани шароитро барои таъмини иштироки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ, татбиқи принсипҳои муколамаи иҷтимоӣ дар идоракунии системаи дахлдорро, ки имкон медиҳад дар раванди ташаккули самтҳои сиёсати иҷтимоии давлатӣ манфиати ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор, давлат ва тамоми ҷомеа ба назар гирифта шавад, пешбинӣ мекунанд.

Кафолатҳои иҷтимоии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ дараҷаи таъминоти моддии ҷамъиятро бо неъматҳои умум (музди меҳнат, даромади соҳибкорӣ ва ғайра) ифода намуда, барои шахс имкониятҳои баробарро барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ тавассути муқаррар намудани афзалиятҳои муайян барои қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа дар таъмини принсипи адолати иҷтимоӣ фароҳам меорад.

Чуноне ки О.А. Ижаев, менависад, «кафолатҳои иҷтимоии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, мавҷуд набудани ягон зиддияти иҷтимоию сиёсӣ байни табақаҳои муайяни иҷтимоии аҳолӣ ва минтақаҳои кишвар, таъмини шуғл барои ҳадди аксари аҳолӣ, мавҷуд набудани тамоюлҳои таназзули ахлоқию маънавиро, ки дар он татбиқи ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби баъзе одамон ё гурӯҳҳои одамон танҳо дар натиҷаи беэътиноӣ ба ҳуқуқу озодиҳои дигарон имконпазир мегардад, дар назар дорад» [5,с.49]. Маҳз ҳамин гуна шароит имкон медиҳад, ки ба ҳар кас имкони амалӣ намудани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифз ва ҳимояи онҳо дар сурати поймол кардан, эътироф накардан ё рад кардан фароҳам оварда шавад.

Дар механизми таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва кафолатҳои маънавии ҳуқуқҳои мавриди назар, аз ҷумла низоми арзишҳои фарҳангӣ аҳаммияти зиёд доранд. Онҳо фаъолияти иҷтимоӣ ва қадрдонӣ аз як шахсро дар назар доранд. Маҳз кафолатҳои маънавӣ, ки баланд бардоштани фарҳанги умумӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ, сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии рӯзмарра ва касбии субъектҳои дахлдори муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоиву иқтисодӣ, эҳтироми мақомот ва қонунро миёни ҷомеа таъмин менамоянд, барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалисозии саривақтии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд. Ин шароитҳо ба ҳадафи таъмини кафолатҳои ҳуқуқҳои мавриди назар дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ва иҷрои уҳдадориҳои субъектҳои уҳдадори ҳуқуқӣ мувофиқат ба миён оварда мешаванд.

Кафолатҳои ҳуқуқӣ маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, аз ҷумла: а) фаъолияти қонунбарории мақомоти давлатӣ оид ба интишори меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки кафолатҳои амалӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, салоҳияти субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, тартиби амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, инчунин масъулиятро ҳангоми вайрон кардани онҳо муқаррар менамояд; б) фаъолияти ташкилии субъектҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ уҳдадори ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ оид ба татбиқи талаботи волояти қонун, фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи воқеии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз ҷониби субъектҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо дар ҳолати вайрон кардани онҳо.

Бе инкори аҳаммияти кафолатҳои умумии иҷтимоии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бо вуҷуди ин, бо назардошти таваҷҷуҳи таҳқиқоти мазкур мо бояд бештар дар бораи муайян намудани мазмуни кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи мавриди пажуҳиш таваҷҷуҳ кунем.

Дар илми ҳуқуқ кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон гуфта маҷмуи воситаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқиро мефаҳманд, ки ба воситаи онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон амалӣ, ҳифз, ҳимоя, пешгирии вайроншавии онҳо ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда таъмин карда мешаванд [14,с.126]. Кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамеша дар соҳаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд, ки ё ҳадди аксари озодии амал (изҳори ирода)-и субъекти ваколатдорро барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ фароҳам меоранд, ё ба шахсони вазифадор бо роҳи муқаррар намудани зарурати риояи талаботи меъёрҳои якум таъсир мерасонанд [12,с.64-65].

Ба андешаи Н.Д. Терешенко, «кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҷмуи шароитҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодиву иқтимоии инсон мебошанд» [13,с.11].

Ҳамчунин, М.П. Капилский менависад, ки «кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки амалӣ намудани ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, манзил, меҳнат, истироҳат, моликият, фаъолияти соҳибкорӣ, таҳсил ва дигар ҳуқуқҳои дахлдор, ҳуқуқ ба нафақа, кумакпулӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, пешниҳоди имтиёзу сабукиҳо, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳоро дар ин соҳа таъмин менамояд» [6,с.258].

В.М. Андреев бо назардошти системаи ҳуқуқи меҳнатии кормандон ва механизми таъмини онҳо қайд мекунад, ки «кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи кормандон ба меҳнат яке аз унсурҳои механизми ҳуқуқии таъмини ҳуқуқҳои субъектҳои дахлдори ҳуқуқ ба меҳнат мебошад». Ба ақидаи ин олим, «кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқи кормандон ба меҳнат маҷмуи шартҳо, воситаҳо, усулҳо ва шаклҳое мебошанд, ки барои ҳифз, ҳимояи ин ҳуқуқҳо, таъмини иҷрои бемамониати онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд» [1,с.7].

Ба андешаи мо, таърифи кафолатҳои ҳуқуқие, ки В.М. Андреев пешниҳод кардааст, барои таҳияи мафҳуми сохтори дахлдори ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ муҳимтарин ва муваффақтарин аст, зеро он на танҳо имконияти амалисозии бемамониат аз ҳуқуқи гирифтани намудҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ, балки ҳифз, ҳимоя ва талаботи иҷрои уҳдадориҳои ба ин ҳуқуқ мувофиқро низ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҷмуи шартҳо, воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда мебошад, ки барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, таъмини бемамониати онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд.

Кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро вобаста ба ҳудуди тақсимот ба кафолатҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ тақсим кардан мумкин аст [4,с.110].

Ҳамаи кафолатҳои дар боло зикргардидаи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мазмуни хосси худро доранд, вале онҳоро мақсади ягона – ҳамаҷониба таъмин намудани имконияти қонеъ гардонидани манфиати шахс ба гирифтани маҷмуи неъматҳои моддӣ ва ё чораҳои ғайримоддӣ барои пешгирӣ, бартараф ё кам кардани таъсири манфии хатарҳои иҷтимоӣ, мутобиқ шудан ба шароити нави зиндагӣ муттаҳид мекунад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ - Саъдизода Ҷ.**

**АДАБИЁТ**

1. Андреев, В.М. Система трудовых прав работников и механизмы их обеспечения: дисс… д-ра юрид. наук: 12.00.05 / В.М. Андреев. – Одесса, 2012. –186 с.
2. Гарчева, Л.П. Конституционное право Украины: учебное пособие / Л.П. Гарчева, А.Н. Ярмыш. – Симферополь: ДОЛЯ, 2000. – 432 с.
3. Диноршоев, А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан [Текст]: дисс… д-ра юрид. наук: 12.00.02 / А.М. Диноршоев. - М., 2015. – 535 с.
4. Заворотченко, Т. Система конституционно-правовых гарантий прав и свобод человека и гражданина в Украине / Т. Заворотченко // Право Украины. – 2007. – № 5. – С. 110-115.
5. Ижаев, О.А. Конституционно-правовые основы судебной защиты социально-экономических прав человека и гражданина в Российской Федерации: дисс... канд. юрид. наук: 12.00.02 / О.А. Ижаев. – М., 2017. – 208 с.
6. Капыльский, М.П. Конституционные права личности в сфере социального обеспечения // Конституционно-правовые проблемы формирования социального правового государства / М.П. Капыльский //Материалы междунар. науч.-практ. конф. – Минск: Белорус. гос. унт., 2000. – С. 258-267.
7. Кулачок, Л.В. Государственная помощь семьям с детьми как форма социально-правовой защиты: автореф. дисс... канд. юрид. наук: 12.00.05 / Л.В. Кулачок. – Харковь, 2003. – 26 с.
8. Лубенникова, С.А. Теоретико-правовые основы обеспечения социально-экономических прав человека и гражданина в Российской Федерации (Региональный аспект): дисс... канд. юрид. наук: 12.00.01/ С.А. Лубенникова. – Абакан, 2004. – 180 с.
9. Теория государства и права: Курс лекций. Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – 776 с.
10. Скакун, О.Ф. Теория государства и права / О.Ф. Скакун. – Харковь: Ун-т внутр. дел, 2008. – 203 с.
11. Сташков, Б.И. Гарантии права на социальное обеспечение: обучающее издание / Б.И. Сташков. – Чернигов: Черниговский государственный институт права, социальных технологий и труда, 2011. – 250 с.
12. Субботенко, В.К. Процедурные правоотношения в социальном обеспечении / В.К. Субботенко. – Томск: Изд-во ТГУ, 1980. – 198 с.
13. Терещенко Н.Д. Конституционные социальные права личности: история развития и современное состояние в Российской Федерации: дисс... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Н.Д. Терещенко. – М., 2004. – 194 с.
14. Чхиквадзе В. М. Социалистический гуманизм и права человека: Ленинские идеи и современность / В.М. Чхиквадзе. - М.: Наука, 1978. – 126 с.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур дидгоҳҳои тозаи назариявӣ дар мавриди кафолати ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф тазаккур медиҳад, ки дар вазъи кунунии иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии кишвар кафолатҳои таъмини ин ҳуқуқҳо аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Ба андешаи муаллиф, «кафолатҳои ҳуқуқи инсон» шарту усулҳо ва воситаҳои муайяне мебошанд, ки мавҷудияти онҳо барои самараноктар таъмин намудани имконияти қонеъ гардонидани манфиатҳое, ки ба ҳуқуқи субъективии шахс миёнаравӣ мекунанд, пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, шартҳои дахлдор хусусиятҳои гуногун доранд, ки дар асоси он кафолатҳои ҳуқуқи инсон дар адабиёти ҳуқуқӣ ба умумииҷтимоӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ) ва махсус (ҳуқуқӣ) ҷудо мешаванд. Муаллиф зимни баррасии ҳар яке аз ин навъи кафолатҳо ба масъалаҳои ба онҳо вобаста ишора намуда, равишҳои муассир сохтани чунин кафолатҳоро пешниҳод менамояд. Натиҷагирӣ мешавад, ки кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҷмуи шартҳо, воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда мебошанд, ки барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, таъмини бемамониати онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд. Ҳамаи кафолатҳои дар боло зикргардидаи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ мазмуни хосси худро доранд, вале онҳоро як мақсади ягона – ҳамаҷониба таъмин намудани имконияти қонеъ гардонидани манфиати шахс ба гирифтани маҷмуи неъматҳои моддӣ ва ё чораҳои ғайримоддӣ барои пешгирӣ, бартараф ё кам кардани таъсири манфии хатарҳои иҷтимоӣ, мутобиқ шудан ба шароити нави зиндагӣ муттаҳид мекунад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, кафолати ҳуқуқ, кафолати иҷтимоии ҳуқуқ, кафолати сиёсии ҳуқуқ, кафолати ҳуқуқии ҳуқуқ.

## НЕКОТОРЫЕ АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ГАРАНТИИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА

В статье рассмотрены некоторые современные теории гарантий социально-экономических прав прав и свобод человека. Автор подчеркивает, что в современной экономической и общественно-политической ситуации в стране гарантии обеспечения этих прав приобретают все большее значение. По мнению автора, «гарантии прав человека» - это определенные условия, методы и средства, наличие которых призвано более эффективно обеспечить возможность удовлетворения интересов, опосредующих субъективные права человека. При этом соответствующие условия имеют самую разную природу, на основании чего гарантии прав человека в юридической литературе подразделяются на общесоциальные (экономические, политические, социальные и

духовные) и специальные (правовые). При рассмотрении каждого из этих видов гарантий автор указывает на связанные с ними проблемы и предлагает эффективные подходы к обеспечению таких гарантий. Делается вывод о том, что юридические гарантии социально-экономических прав представляют собой совокупность определенных в нормативных правовых актах условий, средств, способов и форм, которые предназначены для охраны и защиты социально-экономических прав, их беспрепятственного обеспечения и выполнения соответствующих обязательства. Автор резюмирует, что все вышеперечисленные гарантии социально-экономических прав имеют свое содержание, но имеют единую цель - всесторонне обеспечить возможность удовлетворения заинтересованности личности в получении комплекса материальных благ и/или нематериальных мер по предупреждению, устранять или уменьшать негативное влияние социальных рисков, в соответствии с тем, как интегрироваться в новые условия жизни.

**Ключевые слова:** право, права человека, экономические права и свободы, социальные права и свободы, экономические и социальные права и свободы, гарантия прав, социальная гарантия прав, политическая гарантия прав, юридическая гарантия прав.

**SOME TOPICAL ISSUES OF GUARANTEES OF SOCIO-ECONOMIC RIGHTS AND HUMAN FREEDOM**

The article considers some modern theories of guarantees of socio-economic rights of human rights and freedoms. The author emphasizes that in the current economic and socio-political situation in the country, guarantees for ensuring these rights are becoming increasingly important. According to the author, "guarantees of human rights" are certain conditions, methods and means, the presence of which is designed to more effectively ensure the possibility of satisfying the interests that mediate subjective human rights. At the same time, the relevant conditions are of a very different nature, on the basis of which the guarantees of human rights in the legal literature are divided into general social (economic, political, social and spiritual) and special (legal). When considering each of these types of guarantees, the author points out the problems associated with them and suggests effective approaches to providing such guarantees. It is concluded that legal guarantees of socio-economic rights are a set of conditions, means, methods and forms defined in regulatory legal acts that are designed to protect and protect socio-economic rights, their unhindered provision and fulfillment of relevant obligations. The author summarizes that all of the above guarantees of socio-economic rights have their own content, but have a common goal - to comprehensively ensure the possibility of satisfying the individual's interest in receiving a set of material benefits and / or non-material measures to prevent, eliminate or reduce the negative impact of social risks, in accordance with how to integrate into the new conditions of life.

**Keywords**: law, human rights, economic rights and freedoms, social rights and freedoms, economic and social rights and freedoms, guarantee of rights, social guarantee of rights, political guarantee of rights, legal guarantee of rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Ҷаъмахон Сайвалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 931879999.** E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Джаъмахон Сайвалиевич*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры международного права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 931879999.** E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

**Information about the author:** ***Kurbonov Ja'hamakhon Saylievich*** – Tajik National University, assistant at the department of international law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 931879999.** E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

ТДУ: 34.71.015

# ШАКЛҲОИ ИХТИЁРӢ ВА МАҶБУРИИ АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

*Алиев И.И.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои шаклҳои худ мебошад. Шаклҳои маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ ба ҳисоб меравaнд. Аммо шакли маҷбурии он шакли бартариятдошта мебошад, зеро дар худи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, низ ибораи “таҳти маҷбурияти давлатӣ” ифода гардидааст. Аксари муҳаққиқон низ чунин мешуморанд, ки шакли бартаридошта ва ҳатто ягона шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли маҷбурии он мебошад. Масалан, Л.И. Спиридонов қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нигоҳи мазмуни худ, пеш аз ҳама, дар шакли маҷбурии худ – дар шакли татбиқи таъсири маҷбурии давлатӣ ба шахс зоҳир шуда, ифодаи бевоситаи он азобу уқубат аст [40,с.262–266].“Ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мисли ҳама намудҳои дигари ҷавобгарии иҷтимоӣ, як аст. Ҷавобгарии «позитивӣ» ва «ретроспективӣ» шакли ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад...» [42,с.70]. «Маънои мафҳумҳои «ҷавобгарии мусбӣ» ва «ҷавобгарии ретроспективӣ» ҷуз шакли ихтиёрӣ ва маҷбурии татбиқи ҷавобгарии ягонаи ҳуқуқӣ, ки ҳамчун меъёри рафтори дурусти нақши иҷтимоии дар қонун муқарраргардида баромад мекунад, чизе нест», – менависад В.В. Похмелкин [35,с.25]. Муаллифи ин таҳқиқот бар ин назар аст, ки чунин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз қабили ҷаримавӣ ва сазодиҳӣ, то андозае ҷубронкунанда ва ҳатто камтар пешгирию тарбиявӣ, бештар ба шакли маҷбурии татбиқ иртибот доранд.

Шакли маҷбурии амалисозии чунин функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба монанди ҷазо бештар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ба андозаи камтар дар ҳуқуқи маъмурӣ маъмул аст. Дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ он дар шакли унсурҳои низоми ҷазо ифода ёфтааст, ки барои кирдорҳои ғайриқонунӣ ҷазои вазнин, аз ҷумла маҳрум кардан аз ҳуқуқу озодиҳои муҳиммтарини инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ мекунад. Мақсади бевоситаи шакли маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ намудани ҷавобгарӣ барои ҷинояти содиршуда дар шакли маҳдуд кардани ҳуқуқ ва (ё) озодиҳои шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят мебошад. Аммо ин мақсад ягона мақсади шакли маҷбурӣ нест ва дар он дигар функсияҳои он – пешгирӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ низ амалӣ мешаванд.

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Зеро ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои намудҳои мухталиф мебошад. Аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ. Дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Мавриди зикр аст, ки амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ба пешгирии ҷинояткорӣ равона гардидааст. Ба андешаи А.И. Сафарзода, ҳар як мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология мазмуни муайянеро фаро гирифта, дарки он барои ҳалли масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ замина фароҳам меорад [38,с.26]. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, тавсифи дурусти мафҳуми ҷиноят, мазмун ва аломатҳои он барои муқаррар кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро мафҳуми ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бо ҳамдигар дар пайвастагии ногусастанӣ қарор доранд [46,с.85–92]. Ба андешаи С.Ҷ. Азимӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, вале дар тафовут аз ҷавобгарии интизомӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи гражданӣ он танҳо барои содир кардани ҷиноят татбиқ карда мешавад. Ҳол он ки намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳолати содир кардани кирдорҳои ношоям амалӣ мегарданд [3,с.106].

Амалисозии функсияҳои гуногун дар шакли маҷбурии ҷавобгарӣ бо объектҳои таъсири он ба ҳуқуқ ва озодиҳои дараҷаи гуногун, ки шахси вайронкунандаи қонун дорад, алоқаманд аст. Ба инҳо ҳам муҳимтаринҳо дохил мешаванд, аз қабили: ҳаёт, озодӣ, шаъну шараф, инчунин, ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, озодии виҷдон ва ғайра.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли маҷбурии худ аз маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои гунаҳкор иборат аст. Ҳамин тариқ, дар қонуни ҷиноятӣ функсияҳои ҷаримавӣ ва сазодиҳӣ бартарӣ доранд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ амалӣ намудани ин функсияҳо дар баробари бартарият доштан бо амалисозии функсияҳои дигар – пешгирӣ, тарбиявӣ ва ҷубронсозӣ мушоҳида мешавад.

Дар баробари шакли маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шакли ихтиёрии он ҳам аҳаммияти зиёд дорад. Ин шаклҳо одатан алтернативӣ мебошанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд маротиба истилоҳи «ҷавобгарӣ»-ро ба маънои соф ихтиёрӣ истифода мебарад. Ҳамин тариқ, дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад: «...худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста...» [17]. Дар қ. 6. м. 6-и Конститутсияи ҶТ гуфта мешавад: «Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд» [17].

Конститутсияи ҶТ ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ тамоми масъалаҳои мубрамро мавриди танзим қарор додааст, аз ҷумла масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқиро низ. Ба андешаи У.А. Азиззода, рушди давлатдории муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи устувори конститутсионӣ ва ҳуқуқие, ки Конститутсияи дар соли 1994 қабулшуда муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад ва он барои ташаккули ҳуқуқ ва давлати демократӣ асос гузоштааст [1,с.435]. Ҳамин тавр, Конститутсияи ҶТ меъёрҳои уҳдадоркунандаро муқаррар кардааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода мекунанд:

–Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд (м. 10).

–Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандониболиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд (м. 34).

–Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад (м. 42).

–Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст (м. 43).

–Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст (м. 44) [17].

Шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷавобгарии конститутсионии шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ равшан зоҳир мегардад. Дар волоияти қонун ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун гарави ҳақиқии зидди тамаркузи ҳокимият ва суиистеъмол карда, ба шахсони мансабдор ва мақомотҳои зинаҳои поёнӣ ва миёна, балки, Президент, сарфи назар аз он ки вай аз ҳуқуқи олии қонунӣ бархӯрдор аст, зеро ӯро халқ бевосита интихоб мекунад, ҷавобгарӣ дорад:

–Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳуқуқи қабули истеъфои Президентро доранд (м. 55).

–Ваколатҳои Президент дар ҳолате, ки ӯ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар бораи ба истеъфо баромаданаш хабар медиҳад, бо тарафдории аксарияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қатъ карда мешавад (м. 71).

–Дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, бекор карда мешавад (м. 72).

–Мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент бо қонунҳо аз ҷониби Суди конститутсионӣ ба роҳ монда шуда, дар ҳолати мухолифат доштан, бекор карда мешаванд (м. 89) [17].

Ҳангоми ба кор даромадан, ҳам Президенти ҶТ ва ҳам ҳар мансабдори дигар -

уҳдадориҳои давлатиро ба уҳда мегиранд ва барои иҷрои онҳо, пеш аз ҳама дар шакли ихтиёрӣ, ҷавобгари ҳуқуқӣ доранд. Ин бо он вобаста аст, ки ҷавобгарӣ аллакай дар худи вазифаи хизматчии давлатӣ пешбинӣ шудааст ва бевосита тибқи қонун ба зиммаи ӯ гузошта мешавад ва ихтиёрӣ аз иҷрои софдилона, оқилона, одилонаи уҳдадориҳои хизматии худ иборат аст, ки онҳо ба ирода ва амали шахси мансабдор мухолифат накунанд.

Дар баъзе санадҳои меъёрӣ қонунгузор мафҳуми «ҷавобгарӣ»-ро ба маънои соф ихтиёрӣ истифода мебарад. Дар бисёр қонунҳо пешбинӣ карда шудааст, ки шахси мансабдор ба ҷавобгарӣ кашида мешавад ва ба андозаи ишғоли мансабе, ки вай ихтиёран ҷавобгарии амалисозии функсияҳои дахлдорро ба зимма мегирад. Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" аз санаи 25 марти соли 2011, №702 м. 5-и худро ба "Вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" бахшида, чунин муқаррар менамояд: "Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъмин намудани шахсони манфиатдор бо иттилооти пурра ва дақиқ оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаи фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии ташкилотҳо мебошад" [21]. Ҳамзамон, дар м. 9-и Қонуни мазкур чунин муқаррар шудааст: "Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд. Роҳбарони ташкилотҳо вобаста ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ вазифадоранд:

– хизматрасонии муҳосибиро ҳамчун сохтори таркибӣ, ки ба он сармуҳосиб (муҳосиб) роҳбарӣ мекунад, таъсис диҳанд;

– дар басти вазифаҳо вазифаи муҳосибро ҷорӣ намоянд;

– дар асоси шартнома баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба муҳосиботи марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё ба муҳосиби касбӣ супоранд;

– баҳисобгирии муҳосибиро ҳангоми зарурат шахсан ба зимма гиранд" [21].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз санаи 28 июни соли 2011, №723 дар м. 54 муқаррар менамояд, ки "Вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ хароҷоти худро мувофиқи сметаҳои тасдиқшуда амалӣ менамоянд. Ташкилотҳои дахлдор ба воситаи хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои маҳаллии он маблағгузорӣ карда мешаванд. Роҳбарони тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ барои истифодабарии мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ масъул мебошанд. Ташкилотҳои буҷетӣ ҳуқуқ надоранд зиёдтар аз маблағҳои тасдиқкардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ уҳдадорӣ қабул намоянд" [23].

Дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, ки шахсони мансабдор, шаҳрвандони одӣ, шахсони ҳуқуқӣ ихтиёран риоя мекунанд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз санаи 5 марти соли 2007, №233 дар м. 32 чунин муқаррар менамояд: "Роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш, ҳамчунин барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ, роҳ додан ба бархӯрди манфиатҳо ҳангоми адои хизмати давлатӣ ва ё дигар кирдорҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дорои аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноят намебошанд, муҷозоти зерини интизомиро татбиқ менамояд:

– сарзаниш;

– танбеҳ;

– танбеҳи қатъӣ;

– ба мансаби паст гузаронидан;

– аз мансаб озод кардан.

Бо мақсади ҷамъ овардан ва санҷиши маълумот дар бораи кирдори интизомии содирнамудаи хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ санҷиши хизматӣ таъин карда мешавад. Санҷиши хизматӣ метавонад бо талаби хизматчии давлатӣ низ гузаронида шавад. Тартиби гузаронидани санҷиши хизматӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Татбиқи ҷазоҳои интизомие, ки дар Қонуни мазкур, Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст" [24].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз санаи 20 марти соли 2008, №362 дар м. 9 чунин муқаррар менамояд: "Дар ҳолати аз тарафи кормандони мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳбари мақоми дахлдори амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст барои ҳифз ва барқарор намудани ин ҳуқуқу озодиҳо, ҷуброни зарари расонидашуда ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешад. Шахсони мансабдори мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба суиистифодаи ҳокимият ё баромадан аз ҳадди ваколати хизматӣ роҳ додаанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд" [22].

Ҳамзамон, дар м. 31-и Қонуни мазкур муқаррар гардидааст, ки "Корманди мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, суиистифода аз мансаб, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда мутобиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад" [22].

Ҷавобгарии тарафайни шахс ва давлат ҷой дорад. Ҷониби ҳуқуқии ҳамкории байни шахс ва давлат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн, ҷавобгарии мутақобилаи давлат ва шахс мебошад [45,с.19-26; 44,с.205; 49,с.8; 32,с.75; 33,с.27; 30,с.143; 7,с.185; 28,с.101; 6,с.80; 34,с.171]. «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ як ҳуқуқи махсус танзимшаванда аст [29,с.10]. «Дугонагии мавқеи қонунгузорро нишон медиҳад, ки вай дар ҷараёни қонунгузорӣ бояд ҳам мавқеи шаҳрванд ва ҳам мавқеи ҳокимиятро ба назар гирад» [43,с.51].

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон" аз санаи 30 июли соли 2007, №303 дар м.м. 16, 17, 18 салоҳиятҳои ВМКБ-ро дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва ҳифзи саломатии аҳолӣ муқаррар мекунад. Аз ҷумла, дар м. 16 муқаррар шудааст, ки "Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сиёсати давлатро дар соҳаи маориф дар маҳалҳо амалӣ менамояд, барномаҳои минтақавии инкишофи соҳаи маорифро бо назардошти хусусияти миллӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, демографӣ ва ғайра таҳия намуда, амалӣ мегардонад" [20]. Дар м. 17 Қонуни мазкур чунин муқаррар карда шудааст: "Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг амалӣ менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро дар соҳаи фарҳанг ва маънавиёт ҳимоя менамояд" [20].

Вобаста ба ин, В.О. Лучин қайд мекунад, ки ҷавобгарӣ дар соҳаи танзими конститутсионӣ асосан дар самти мусбат – ҳамчун муносибати ҷавобгарии субъект ба функсияҳои конститутсионии худ, иҷрои бошуурона ва самараноки онҳо зоҳир мегардад [27,с.36]. Ҷавобгарии конститутсионӣ, дар маркази таҳқиқоти мо нест, аммо бояд қайд кард, ки он дар адабиёти ҳуқуқӣ низ фаъолона таҳқиқ карда мешавад [47,с.35-43; 4,с.24; 16,с.86-91; 15,с.192; 27,с.36-41; 18,с.55; 31,с.49].

Давлат уҳдадориҳоро муқаррар карда, ба амалисозии ихтиёрии онҳо умед мебандад, зеро дар субъектҳои ҳуқуқ на ҳуқуқи вайронкунандагон, балки шаҳрвандони қонунро риоя мекунад ва бо ҳамин тариқ ихтиёран амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба уҳда мегирад. Илова бар ин, ҳангоми муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳисобкунӣ асосан ба сифатҳои ҳавасмандии субъект, ки қобилияти ташвиқи ҳуқуқи мурофиаткунандагонро ба кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили таваҷҷуҳ

гардонад, асос меёбад [9,с.15].

Хусусияти дигари шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ он аст, ки субъект ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигарро вайрон кунад. Вай бояд онҳоро софдилона иҷро кунад. Дар сурати ноодилона истифода бурдани ҳуқуқҳо санксияи манфӣ татбиқ карда мешавад. Тавре А.В. Малко қайд мекунад, «бо истифода аз қонун субъект неъмат, фоида, арзиш ба даст меорад, манфиатҳои шахсиро қонеъ мекунад. Дар айни замон вай набояд ба қонеъ гардонидани манфиати субъектҳои дигар, инчунин ба манфиатҳои ҷамъиятии дигар субъектҳо дар муҳофизат дахолат кунад. Ҳангоми халал расонидан ба манфиатҳои ҷамъиятии дигар субъектҳо ҳуқуқи он суиистеъмол карда мешавад.

Унсурҳои гуногуни шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро баррасӣ намуда, мо ба хулосае меоем, ки он ифодаи иродаи шахсии афрод дар робита ба он аст, ки ҳангоми ворид шудан ба муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ меъёрҳои ҷавобгарие, ки рафтори ӯро маҳдуд мекунанд ва дар сурати вайрон кардани ин меъёрҳо бо кӯшиши худ ва аз ҳисоби худ муносибатҳои ҳуқуқиро ба ҳолати пешина муқаррар менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо таъкид шудааст, ки ҷавобгарии маҷбурӣ, амалисозии маҷбурии функсияҳои ҷавобгарӣ бо маҷбуркунии давлатӣ[1] алоқаманд медонад, аммо - ҳатто бо ҷавобгарии маҷбурӣ мо унсурҳои амалисозии ихтиёрии уҳдадориҳои иловагиро пайдо мекунем. Масалан, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 ноябри соли 2000, №34 дар м. 52 чунин муқаррар менамояд: "Зарари ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар натиҷаи гузаронидани тадбирҳои хоҷагии об (корҳои гидротехникӣ ва монанди инҳо, ғайр аз ҳолатҳои садамавӣ ва вобаста бо офатҳои табиӣ), инчунин қатъ гардонидан ё тағйир додани шартҳои дар шартномаи истифодаи об нишондодашуда, бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда шавад" [13]. Ҳамзамон, дар м. 142-и Кодекси мазкур чунин омадааст: "Шахсоне, ки дар содир намудани кирдорҳои дар м. 124 Кодекси мазкур пешбинӣ гардида гунаҳкоранд, инчунин барои амалҳои зайл тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд:

– худсарона истифода бурдани об, гирифтани об бо вайрон кардани шартномаҳо;

– ифлосу олуда намудани об;

– ба истифода додани корхонаҳо, иншооти коммуналӣ ва дигар объектҳо бидуни иншоотҳои пешгирикунандаи ифлосу олудашавии об ё таъсири зараровари он;

– вайрон кардани низоми ҳифзи об дар ҳавзаҳои обҷамъшаванда, ки боиси ифлосшавии он, аз об вайрон шудани заминҳо ва дигар омилҳои зараровар мегарданд;

– вайрон кардани баҳисобгирӣ ва ҳисоботи истифодаи об;

– худсарона анҷом додани корҳои гидротехникӣ;

– хароб кардани объектҳои хоҷагии об ва дастгоҳҳо;

– вайрон кардани талаботи меъёрию техникӣ, санитарию гигиенӣ ва метрологӣ оид ба тартиби амалӣ гирдонидани назорат ва баҳисобгирии истифодаи об;

– даст кашидан аз пешниҳоди иттилооти дурусту саривақтӣ ё додани ахбори ғалат дар бораи ҳолат ва истифодаи захираи об;

– кори ғайриқаноатбахши иншооти тозакунанда, аз меъёр зиёд партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба объектҳои об;

– вайрон кардани низоми хоҷагӣ дар объектҳои об ва иншооти хоҷагии об, ки боиси ифлос шудани онҳо аз об, вайрон шудани заминҳо ва дигар омилҳои зараровар мегарданд;

– партофтани обҳои партови ифлоскунанда ба сатҳи обҳои зеризаминӣ" [13].

Дар баробари ин, дар м. 144-и Кодекси мазкур пешбинӣ гардидааст, ки "Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд зарареро, ки аз ҷониби онҳо дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузории об расонида шудааст, тибқи андозаҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн намоянд" [13]. Ин нуқтаҳои Кодекс аз он далолат мекунад, ки давлат ба иҷрои бошууронаи вазифаҳои худ аз тарафи шаҳрвандон умед мебандад. Чунин қоидаҳо муносибати байни ҷавобгарии ихтиёрӣ ва маҷбуриро таъкид мекунанд. Уҳдадорие, ки аз ҷавобгарии маҷбурӣ

бармеояд, ихтиёран иҷро шуда, бо ҳамин ба шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ наздик мешавад.

Техникаи ҳуқуқие, ки қонунгузор истифода мебарад, бо ишора ба имкони шаклҳои ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле хос аст. Масалан, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 дар қ. 5-и м. 18 чунин муқаррар менамояд: "Иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад" [10]. Дар қ. 22-и м. 25 Кодекси мазкур муқаррар гардидааст, ки "Фаъолият бидуни баҳисобгирӣ ба сифати андозсупоранда дар мақомоти андоз метавонад мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба ҷавобгарӣ кашидан асос шавад". Дар қ. 2-и м. 79-и Кодекси мазкур чунин муқаррар гардидааст: "Аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз), шахсони мансабдори онҳо ва шахсони мансабдори мақоми ваколатдор содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз боиси ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад" [10].

Дар баъзе мавридҳо, қонунгузор ҳангоми нишон додани он ки ба шахсони алоҳида як қатор вазифаҳо гузошта шудаанд, сифатҳои «масъул»-ро истифода мебаранд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" аз санаи 18 июни соли 2008, №411 дар м. 6 ҷавобгариро барои риоя накардани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳамчун принсип эътироф намуда, дар м. 16 муқаррар менамояд, ки "Дар бораи саркашӣ аз пешниҳоди иттилоот, беасос ба таъхир андохтан ё дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани иттилоот, ҳамчунин дигар тарзҳои риоя нашудани тартиби баррасӣ ва қонеъ гардонидани дархосте, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ба роҳбарони мақомоти болоии дахлдор ё ба суд шикоят кардан мумкин аст. Аз амал (беамалии) мақомот, ташкилот, шахсони мансабдори онҳо, ки ҳуқуқи дастрасии иттилоотро риоя намекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдор шикоят кардан мумкин аст. Шахсоне, ки дастрасӣ ба иттилоотро барояшон ғайриқонунӣ манъ кардаанд ва ҳамчунин шахсоне, ки иттилооти ноҳақ, номукаммал ё худ онро дер аз муҳлат гирифтаанд, барои ҷуброни зарари маънавиашон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқ доранд" [25].

Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30 майи соли 2017, №1413 дар м. 3 ҷавобгарии якҷояи давлат, корфармоён ва шаҳрвандон ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии инфиродӣ ва ҷамъиятиро принсипи фаъолияти соҳаи тандурустӣ эътироф намуда, дар м. 63 муқаррар менамояд: "Табибон барои вайрон кардани савганд ва риоя накардани меъёрҳои Кодекси ахлоқи табиби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд" [14]. Дар баъзе мавридҳо якчанд моддаи санади меъёрии ҳуқуқӣ уҳдадориҳоро муайян намуда, дар дигар моддаҳо (як модда) оқибатҳои номатлуби иҷро накардани ин уҳдадориҳоро нишон медиҳанд.

Дар мафҳумҳои шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин ё он тарз ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии онҳо ҷудо карда мешаванд. Ҳамин тавр, Ф.И. Фаткулин шакли ихтиёрии ба амал баровардани ҷавобгарии ҳуқуқиро донистани хусусиятҳои ҳуқуқии кирдор (беамалии) худ, алоқамандии онҳо бо қонунҳои мавҷуда ва санадҳои зерқонунӣ муайян мекунад [41,с.265]. Л.Б. Смирнов чунин таъкид менамояд, ки дарки вазифа, фаҳмиши эҳсосии онро ҳамчун яке аз аломатҳои муҳимми дарки ҷавобгарӣ ҳамчун падидаи ихтиёрӣ маънидод менамояд [39,с.7]. В.И. Курляндский аз дарки ҷавобгарӣ ҳамчун аксуламали давлат ба ҷинояти содиршуда (вайронкунии уҳдадориҳо) бармеояд ва дар айни замон қайд мекунад, ки ахлоқ мафҳуми ҷавобгарӣ ва паҳлуи дигари он – огоҳии инсониро дар бар мегирад [19,с.77-78]. Дар бораи қонунияти додани мақоми ҳуқуқӣ ба шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ сухан ронда, ба сифати худи ҷавобгарӣ додани яке аз унсурҳои мазмуни он роҳ додан мумкин нест. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷузъи на танҳо маънавиёт, балки низоми ҳуқуқӣ низ мебошад. Мулоҳиза дар бораи роҳ надодан ба ҷавобгарӣ бо афкор, ҳиссиёт ва вазифа аҳаммияти ин биниши ҷавобгарии ҳуқуқиро паст намекунад, зеро чунин таърифҳо аломатҳои асосии ҷиҳати субъективии ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор мекунанд. Чунин тафсири ҷавобгарӣ дар рушди назарияи

ҷавобгарии ҳуқуқӣ қадами нахустин маҳсуб мешавад.

Шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва функсияҳои ба он алоқаманд хусусияти меъёрӣ дорад. В.А. Элеонский моҳияти ҳуқуқии шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳимоя намуда, сарчашмаи онро меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳисобидааст. Шакли ихтиёрии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёри ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст, зеро меъёр рафтори иҷозатдодашуда ва манъшударо нишон медиҳад. Нишондоди меъёрии ҳуқуқӣ на танҳо ба маҷбурӣ, балки ба ҷавобгарии ихтиёрии ҳуқуқӣ низ хос аст. Таркиби ҷавобгарии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ як воҳиди ягонаро ташкил медиҳад, ки асоси меъёрӣ дорад. Меъёр ҳамчун шакли ихтиёрии амалсозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятиро дар назар дорад. Муқаррароти асосии Кодекси граждании ҶТ дорои ибораи хеле пурқувват ва возеҳ мебошад, ки талаботи қонунгузорро ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ дар бораи зарурати софдилона, оқилона, адолат муқаррар кардааст. Дар қ. 3 м. 54 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, № 802 чунин муқаррар шудааст: “Шахсе, ки мутобиқи қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи он баромад мекунад, бояд ба манфиати шахси ҳуқуқии намояндагӣ мекардааш софдилона ва оқилона амал кунад. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ӯ вазифадор аст, ки бо талаби муассисони (иштирокчиёни, аъзои) шахси ҳуқуқӣ зиёнеро, ки ӯ ба шахси ҳуқуқӣ расонидааст, ҷуброн намояд” [11]. Л.В. Шенникова қайд мекунад, ки дар ин гуна меъёрҳо асосҳои маънавии қонунгузорӣ бо принсипҳои ахлоқии иштирокчиёни муомилоти гражданӣ мутақобила мешаванд [48,с.119]. Мазмуни бовиҷдонона ва одилона чунин арзишҳои умумибашариро дар бар мегирад: ростқавлӣ, эътимод. Субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ ҳангоми мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд рафтори худро ба меъёрҳои ахлоқӣ, принсипҳои ҳуқуқ, расму оинҳои тиҷоратӣ мувофиқ кунанд. Иштирокчиёни муомилоти гражданӣ оқилона рафтор карда, бояд бодиққат ва эҳтиёткорона рафтор кунанд, рафтори худро бо қоидаҳои муқарраршуда ва дар сурати набудани чунин қоидаҳои ахлоқӣ, урфу одатҳо андозагирӣ кунанд.

Ба андешаи мо, оқилона ва бошуурона ба мазмуни шакли ихтиёрии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дохил мешавад, ки ба туфайли он функсияҳои он аз ихтиёрӣ сар мешаванд. Бовиҷдонии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дар он аст, ки онҳо ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигарро поймол накунанд, ба тавре бояду шояд функсияҳои худро иҷро кунанд, уҳдадориҳо ва рафтори худро ба талаботи Кодекси гражданӣ ва дигар конунҳо мутобиқ намоянд. Қонунгузор бо истифода аз чунин формулаҳо, бешубҳа, ҷавобгарии ихтиёрии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданиро нишон медиҳад. Дар б. 6-и м. 37-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 05 январи соли 2008, №341 омадааст: «Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ нисбат ба санадҳои судӣ шикоят пешниҳод намоянд ва аз дигар ҳуқуқҳои мурофиавии пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба мурофиаи судии гражданӣ ва аз ҳамаи ҳуқуқҳои мурофиавие, ки барояшон пешбинӣ шудааст, бовиҷдонона истифода намоянд» [12]. Дар ин муқаррароти қонун гуфта мешавад, ки шахсони дар парванда иштирокдошта ихтиёран ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарӣ, чунонки маълум аст, иҷрои он чизест, ки бояд аз талабот, уҳдадорие, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, бармеояд. Вазифа, ки ба вуҷуд омадааст, ба таври объективӣ ҳамчун намунаи рафтор вуҷуд дорад. Ин марҳилаи статикии ҷавобгарӣ аст. Дар ин марҳила татбиқи он вуҷуд надорад, вале он аллакай дар рафтори қонунӣ, дар иҷрои вазифае, ки меъёри ҳуқуқӣ муқаррар кардааст, амалӣ мегардад. Ин аллакай як марҳилаи дигари ҷавобгарӣ аст. Ҳар як меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ талаботи рафтори муайяни қонунӣ ё манъи содир намудани кирдорҳои хавфнок мебошад.

Вобаста ба баррасии масъалаи шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ зарурати арзёбии пешниҳоди баъзе муаллифоне ба миён меояд, ки ҷавобгарии ихтиёрии ҷиноятиро фарқ мекунанд. Баъзеи муаллифон нисбат ба проблемаҳои шакли ихтиёрии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ эҳтиёткорона муносибат менамоянд» [26,с.11]. Дар ин шакл функсияҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ

метавонанд ба хубӣ амалӣ карда шаванд.

Муаллифони дигар мавқеи доштани чунин ҷавобгарии ҳуқуқиро ишғол мекунанд, вале бо назардошти хусусияти предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ, ки ба қонуни ҷиноятӣ хос аст, хулосаеро асоснок мекунанд, ки он хусусияти ҷавобгарии ҷиноятӣ надорад [5,с.7].

Б.Т. Разгилдиев таъкид мекунад, ки ҷавобгарии ихтиёрӣ дар қонуни ҷиноятӣ беҳтараш ҳавасмандкунӣ номида шавад. Ин равиш аз он иборат аст, ки муаллиф онро танҳо бо татбиқи (истифодаи) ҳуқуқҳои бо қонун додашуда (барои мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ ва ғайра) алоқаманд мекунад [36,с.132]. Аммо ҳатто истифодаи ин ҳуқуқҳо назорати субъектро аз болои амалҳои худ пешбинӣ мекунад. Вай худаш вазифадор аст, ки мувофиқи иродаи худ аз ҳадди мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст набарояд, вагарна шакли маҷбурии ҷавобгарӣ вуҷуд дорад. Чунин ба назар мерасад, ки мавқеи олимоне, ки шакли ихтиёрии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳатто баъди содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ҷудо мекунанд, умедбахш аст [37,с.134-142; 8,с.27]. Қонуни ҷиноятии амалкунанда барои ба даст овардани ҷавобгарии ихтиёрӣ ҳатто пас аз содир кардани ҷиноят имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ҷавобгарии ихтиёрӣ баъди содир кардани ҷиноят бо риояи талабот, ки дар эзоҳҳои м.м. 130, 130[1],167, 179, 179, 181, 187, 194, 195, 195, 196, 262, 279, 305, 307, 307, 320, 343, 347, 351, 352, 365, 374, 375 ва 401[1]-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳолати озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ) пешбинӣ гардидааст, мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар эзоҳи м. 181-и КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки агар вай ихтиёран ё бо дархости мақомот гаравгонро озод кунад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Давлат ба ҷинояткор имконият медиҳад, ки ақидаашро тағйир диҳад, хатои содиршударо ислоҳ кунад, ҷавобгарии худро дар рафтори қонунӣ ихтиёран дарк намояд. Ин гуфтор далели он аст, ки Кодекси ҷиноятӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятиро дуруст ба роҳ монда, ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқи инсонро амалӣ намудааст. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ (соли 1998) дар назди таҳиягарон якчанд вазифаҳо меистод, ки яке аз онҳо дар шакли пурра таъмин кардани принсипи давлати ҳуқуқӣ – ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Таҳиягарони лоиҳа кӯшиш мекарданд, ки дар мазмуни Кодекси ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва бехатарии шахсият – ҳифзи умумиҷаҳонии ҳаёт, саломатӣ, шаъну шарафи шаҳрванд, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва монанди инҳо ҳаматарафа инъикос карда шаванд [2,с.290].

Дар натиҷаи таҳқиқи масъала муайян гардид, ки амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои шаклҳои худ мебошад. Аз ҳама шаклҳои маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ ба ҳисоб меравад. Аммо шакли маҷбурии он шакли бартариятдошта мебошад. Аксари муҳаққиқон низ чунин мешуморанд, ки шакли бартаридошта ва ҳатто ягона шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ шакли маҷбурии он мебошад. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Зеро ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои намудҳои мухталиф мебошад. Аз ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ. Дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Азиззода У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов, У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан [Текст] / У.А. Азизов // Судебная правовая политика в России и зарубежных странах. Коллективная монография. – СПб., 2019. – С. 435–439.
2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
3. Азимӣ, С.Ҷ. Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо: дис. ...д-ри фалсафа (PhD): 12.00.08 / Азимӣ Саламат Ҷон. – Душанбе, 2021. – 177 с.

4. Бойцова, Л.В. Ответственность государства за ущерб, причиненный гражданам в сфере правосудия. Генезис, сущности, тенденции развития: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.03 / Бойцова, Любовь Валентиновна. – М., 1995. – 44 с.
5. Дубинин, Т.Т. Ответственность и освобождение от нее по советскому уголовному праву: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08 / Дубинин Тимофей Трофимович. – М., 1985.– 18 с.
6. Жевлаков, Э.Н. Экологические правонарушения и ответственность / Э.Н. Жевлаков. -М.: ЗАО «Бизнесшкола «Интел-синтез», 1997. -80 с.
7. Защита субъективных прав: история и современные проблемы / Материалы первой межвузовской научно-практической конференции г. Волжский 5 марта 1999 года Волгоград, 2000. – 185 с.
8. Звечаровский, И.Э. Уголовная ответственность: понятие, виды, формы реализации / И.Э. Звечаровский. – Иркутск: Изд-во Иркутск, ун-та, 1992. – 43 с.
9. Ибрагимов, М.А. Юридическая ответственность как фактор воспитания личности в условиях совершенствования социализма: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ибрагимов Марат Азизович. – Алма-Ата, 1986. – 19 с.
10. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
11. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999, №802 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
12. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 январи соли 2008, №341 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
13. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000, №34 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 13.08.2021).
14. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1413 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
15. Колосова, И.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации / И.М. Колосова. – М.: Городец, 2000. – 192 с.
16. Колосова М.Н. Конституционная ответственность – самостоятельный вид юридической ответственности / М.Н. Колосова // Государство и право. – 1997. – №2. – С. 86–91.
17. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
18. Краснов, М.А. Ответственность в системе народного представительства / М.А. Краснов. – М., 1995. – 55 с.
19. Курляндский, В.И. Уголовная политика, дифференциация и индивидуализация уголовной ответственности / В.И. Курляндский // Основные направления борьбы с преступностью. – М., 1975. – С. 77–95.
20. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон" аз 30 июли соли 2007, № 303 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" аз 25 марти соли 2011, № 702 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20 марти соли 2008, № 362 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011, № 723 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, №233 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" аз 18 июни соли 2008, № 411[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 10.01.2023).
26. Лумпова, И.А. Виды ответственности в уголовном законодательстве: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08 / Лумпова Ирина Алексеевна. – Казань, 1991. – 16 с.
27. Лучин, В.О. Ответственность в механизме реализации Конституции / В.О. Лучин // Право и жизнь. – 1992. – №2. – С. 36–41.
28. Макуев, Р.Х. Правонарушения и юридическая ответственность: Учебное пособие / Р.Х. Макуев. – Орел, 1998. – 101 с.
29. Малаш, Т.А. Принцип неотвратимости юридической ответственности: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.01 / Малаш Татьяна Анатольевна. – М., 1996. – 20 с.
30. Матузов, И.И. Социалистическая демократия как единство прав, обязанностей и ответственности / И.И. Матузов // Советское государство и право. – 1977. – № 11. – С. 135–143.
31. Нарутто, С.В. Проблемы юридической ответственности субъекта Федерации / С.В. Нарутто // Правоведение. – 1998. – №4. – С. 48–52.
32. Орзих, М.Ф. Личность и право / М.Ф. Орзих. – М: Юрид. лит., 1975. – 112 с.
33. Орзих М.Ф. Право и личность / М.Ф. Орзих. – Киев, Одесса, 1978. – С. 27.
34. Поляков, И.Н. Ответственность по обязательствам вследствие причинения вреда / И.Н. Поляков. – М.: Юридическое бюро «Городец» 1998. – 171 с.

35. Похмелкин, В.В. Социальная справедливость и уголовная ответственность / В.В. Похмелкин. – Красноярск: Изд-во Красноярск. ун-та, 1990. – 177 с.
36. Разгильдиев, Б.Т. Задачи уголовного права РФ и их реализация / Б.Т. Разгильдиев. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1993. – 90 с.
37. Сабитов, Р.А. Посткриминальное поведение: понятие, регулирование, последствия / Р.А. Сабитов. – Томск: Изд-во Томск, ун-та, 1985. – 193 с.
38. Сафарзода, А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис …д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Сафарзода Анвар Ислом. – Душанбе, 2018. – 53 с.
39. Смирнов, Л.Б. Юридическая ответственность осужденных в пенитенциарных учреждениях (теоретико-правовой аспект): автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.01 / Смирнов Леонид Борисович. – Санкт-Петербург, 1995. – 18 с.
40. Спиридонов, Л.И. Теория государства и права: Учебник / Л.И. Спиридонов. – М.: Проспект, 1996. – 304 с.
41. Фаткулин, Ф.И. Проблемы теории государства и права. Курс лекций / Ф.И. Фаткулин. – Казань: Изд-во Казан, ун-та, 1987. – 336 с.
42. Хачатуров Р.Л., Ягутян Р.Г. Асари зикршуда. – С. 70.
43. Царьков, И.И. Вопросы теории публичного права / И.И. Царьков // Вестник ВУиТ. – 1998. – № 1. – С. 51.
44. Чхиквадзе, В.М. Социалистический гуманизм и права человека / В.М. Чхиквадзе. – М., 1978. – 304 с.
45. Чхиквадзе, В.М. Личность и государство: взаимная ответственность / В.М. Чхиквадзе // Советское государство и право. – 1971. – № 1. – С. 19–26.
46. Шарипов, Т.Ш. Оид ба баъзе аз масъалаҳои мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов // Правовое государство и развитие законодательства Таджикской ССР / Сб. науч. трудов студентов и аспирантов юр. фак-та. Отв. ред.: Ойгензихт В.А., Усмонов О.У., Махмудов М.А. Тадж. гос. универ-т. -Душанбе, 1991. - С.85–92.
47. Шон, Д.Т. Конституционная ответственность / Д.Т. Шон // Государство и право. – 1995. – № 7. – С. 35–43.
48. Щенникова, Л.В. Справедливость и добросовестность в гражданском праве России (несколько вопросов теории и практики) / Л.В. Щенникова // Государство и право. – 1997. – № 6. – С. 119–121.
49. Щетинин, Б.В. Гражданин и социалистическое государство / Б.В. Щетинин // Советское государство и право. – 1975. – № 2. – С. 4–8.

## ШАКЛҲОИ ИХТИЁРӢ ВА МАҶБУРИИ АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақола масъалаи шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, аз ҳама шаклҳои маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ –ин шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ ба ҳисоб меравaнд. Аммо шакли маҷбурии он шакли бартариятдошта мебошад, зеро дар худи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ ибораи “тахти маҷбурияти давлатӣ” ифода гардидааст. Муаллифи ин таҳқиқот бар ин назар аст, ки чунин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз қабили ҷаримавӣ ва сазодиҳӣ, то андозае ҷубронкунанда ва ҳатто камтар пешгирию тарбиявӣ бештар ба шакли маҷбурии татбиқ иртибот доранд. Муаллиф бар он назар аст, ки шакли маҷбурии амалисозии чунин функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди ҷазо бештар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ба андозаи камтар дар ҳуқуқи маъмурӣ маъмул аст. Дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ он дар шакли унсурҳои низоми ҷазо ифода ёфтааст, ки барои кирдорҳои ғайриқонунӣ ҷазои вазнин, аз ҷумла маҳрум кардан аз ҳуқуқу озодиҳои муҳимтарини инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ мекунад. Мақсади бевоситаи шакли маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ намудани ҷавобгарӣ барои ҷинояти содиршуда дар шакли маҳдуд кардани ҳуқуқ ва (ё) озодиҳои шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят мебошад. Аммо ин мақсад ягона мақсади шакли маҷбурӣ нест ва дар он дигар функсияҳои он – пешгирӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ низ амалӣ мешаванд. Ба андешаи муаллиф, шакли ихтиёрии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёри ҳуқуқӣ ҷойгир шудааст, зеро меъёр рафтори иҷозатдодашуда ва манъшударо нишон медиҳад. Нишондоди меъёрии ҳуқуқӣ на танҳо ба маҷбурӣ, балки ба ҷавобгарии ихтиёрии ҳуқуқӣ низ хос аст. Таркиби ҷавобгарии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ як воҳиди ягонаро ташкил медиҳад, ки асоси меъёрӣ дорад. Меъёр ҳамчун шакли ихтиёрии амалсозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятиро дар назар дорад.

**Калидвожаҳо:** функсия, функсияи сазодиҳӣ пешгирӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, шакли амалисозӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сазо, ҷазо, субъект, азоби маънавӣ, шакли ихтиёрӣ, шакли маҷбурӣ.

## ДОБРОВОЛЬНЫЕ И ПРИНУДИТЕЛЬНЫЕ ФОРМЫ РЕАЛИЗАЦИЯ ФУНКЦИЙ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В статье рассматривается вопрос о добровольной и принудительной формах реализация юридической ответственности. По мнению автора, наиболее распространенными формами реализации функций юридической ответственности являются добровольная и принудительная формы. Однако господствующей формой является ее принудительная форма, поскольку в само понятие юридической ответственности входит выражение «по принуждению государства». Автор данного исследования придерживается мнения, что к принудительной форме реализации в большей степени относятся такие функции юридической ответственности, как штрафы и карательная, в какой-то мере компенсационные и тем более профилактические и воспитательные. Автор считает, что принудительная форма реализации такой функции юридической ответственности, как наказание, более распространена в уголовном праве и в меньшей степени в административном праве. В сфере уголовного

права она выражается в виде элементов уголовно-исполнительной системы, предусматривающей суровое наказание за противоправные деяния, в том числе лишение важнейших прав и свобод человека и гражданина. Непосредственной целью принудительной формы реализации функций юридической ответственности является реализация ответственности за совершенное преступление в форме ограничения прав и (или) свобод лица, виновного в совершении преступления. Однако это назначение не является единственным назначением принудительной формы, в ней реализуются и другие ее функции - профилактическая, воспитательная, компенсационная. По мнению автора, добровольная форма функции юридической ответственности находится в правовой норме, поскольку норма указывает на разрешенное и запрещенное поведение. Нормативно-правовое указание характерно не только для принуждения, но и для добровольной юридической ответственности. Состав добровольной и принудительной ответственности образует единое целое, имеющее нормативную основу. Норма как добровольная форма реализации функций юридической ответственности предполагает права и взаимные обязанности участников общественных отношений.

**Ключевые слова**: функция, карательная функция, профилактика, правонарушение, форма реализации, юридическая ответственность, кара, наказание, субъект, моральные страдания. добровольная форма, принудительная форма.

## VOLUNTARY AND COMPULSORY FORMS IMPLEMENTATION OF THE FUNCTIONS OF LEGAL RESPONSIBILITY

The article deals with the issue of voluntary and compulsory forms of implementation of legal responsibility. According to the author, the most common forms of implementation of the functions of legal responsibility are voluntary and compulsory forms. However, the dominant form is its coercive form, since the very concept of legal responsibility includes the expression "by coercion of the state. "The author of this study is of the opinion that the compulsory form of implementation to a greater extent includes such functions of legal responsibility as fines and punitive, to some extent compensatory, and even more so preventive and educational. The author believes that the compulsory form of implementation of such a function of legal responsibility as punishment is more common in criminal law and to a lesser extent in administrative law. In the field of criminal law, it is expressed in the form of elements of the penitentiary system, which provides for severe punishment for illegal acts, including the deprivation of the most important rights and freedoms of man and citizen. The immediate goal of the compulsory form of the implementation of the functions of legal responsibility is the implementation of responsibility for the crime committed in the form of restriction of the rights and (or) freedoms of the person guilty of the crime. However, this appointment is not the only purpose of the compulsory form, it also implements its other functions - preventive, educational, compensatory. According to the author, the voluntary form of the function of legal responsibility is in the legal norm, since the norm indicates the permitted and prohibited behavior. Normative-legal indication is characteristic not only for coercion, but also for voluntary legal responsibility. The composition of voluntary and compulsory liability forms a single whole that has a normative basis. The norm as a voluntary form of implementation of the functions of legal responsibility implies the rights and mutual obligations of participants in public relations.

**Keywords:** function, punitive function, prevention, offense, form of implementation, legal responsibility, punishment, punishment, subject, moral suffering. voluntary form, compulsory form.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиев Исмоил Исмонович*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63, Телефон: **(+992) 985-51-55-59**. E-mail: **aliev-ismoil@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Алиев Исмоил Исмонович*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры права и государственного управления. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина-63, Телефон: **(+992) 985-51-55-59.** E-mail: **aliev-ismoil@list.ru**

**Information about the author:** ***Aliev Ismoil Ismonovich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, assistant of the Department of Law and Public Administration. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddi-63, Phone: **(+992) 985-51-55-59**. E-mail: **aliev-ismoil@list.ru**

ТДУ: 340.34.3(575.3)

# РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қурбонов Қ.Ш., Фархудинов Ҷ.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соҳаи кишоварзӣ, чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар аҳаммияти муҳимро касб кардааст. Зеро он аз давраи эҳёи ҷомеаи инсонӣ то кунун дар ҳаёти ҷомеа накш ва мақоми хосса дорад. Замин сарчашмаи бо неъматҳои истеъмолӣ қонеъ гардондани талаботи инсонӣ ба ҳисоб ёфта, бахри баланд бардоштани дараҷаи иқтисодиёти кишвар аҳаммияти калон дошта, дар ҳамбастагӣ бо дигар соҳаҳо (саноат, нақлиёт, савдо, сохтмон ва ғ.) батадриҷ ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст.

Вале қисме аз олимон чунин андеша доранд, ки соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии замин, гарчанде соҳаи нахуст дар ҳалқаи хоҷагии халқ ба шумор рафта ва ҳазорсолаҳо пештар аз саноат эҳё гардида бошад ҳам, аммо он нисбат ба саноат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ то як андоза тамоюли ақибмонӣ дорад [8].

Дар адабиётҳои соҳа қайд карда мешавад, ки сабабу омилҳои қисман рушд наёфтани соҳа зиёд ва гуногун мебошанд ва яке аз онҳо ин фарҳанги баланди истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор меравад, ки пайваста зери таваҷҷуҳи роҳбарияти давлату Ҳукумат қарор дорад.

Бо ин мақсадҳо Ҳукумати кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва нақша-чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтаанд, қабул ва мавриди амал қарор додаанд. Аз ҷумла, бо ин мақсад “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, “Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, Консепсияи сиёсати аграрӣ ва ғайраҳо қабул карда шуданд.

Ҳадафи асосии қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, аз як ҷониб, ба истифодаи самараноку оқилонаи замин равона шуда бошад, аз ҷониби дигар, ба расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, яъне таъмини амнияти озуқаворecho кишвар мусоидат мекунанд.

Чуноне ки маълум аст, имрӯзҳо бинобар сабабҳои тағйирёбии иқлим, ба миён омадани офатҳои табиӣ, заминларза, сӯхтор, обхезӣ, эпидемия, зиёд шудани ҳашаротҳои зараррасон, сари вақт таъмин нагардидани техникаҳои зарурӣ, риоя нагардидани талаботҳои агротехникӣ, камчин шудани мутахассисони соҳа ва як қатор дигар омилҳо ҳосили дилхоҳе, ки хоҷагидорон дар назар доранд, гирифта наметавонанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо асос барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавиро дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, тақозо карда истодааст.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ роҳандозӣ карда шавад. Дар ин самт, албатта, мушкилиҳо то ҳанӯз боқӣ мондаанд. Махсусан то ҳол дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври назаррас паҳлуҳои дақиқи илмӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва кишоварзии масъалаи мазкур мавриди таҳлили пурра ва ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Гузашта аз ин, базаи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар он сирф паҳлуҳои ҳуқуқии масъалаҳои суғуртавӣ ҷамъоварӣ ва маҳфуз бошад, мавҷуд нест. Дар самт ҳатто андешаҳое мавҷуданд, ки зарурият ба миён омадааст, ки Кодекси суғуртавӣ қабул карда шавад [10].

Оид ба зарурият ва ҷорӣ намудани суғуртакунӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар мақолаҳои гузашта фикру андешаҳои худро иброз карда будем.

Айни замон мехоҳем дар доираи мақолаи мазкур масъалаҳои қатъ гаштани муносибатҳои суғуртавиро, ки аслан дар заминаи шартнома бунёд ёфтааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Чуноне ки маълум аст, муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ дорои марҳилаҳои муайяни ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар байни олимону муҳаққиқон пайваста зери таваҷҷуҳи хосса қарор доранд. Ин марҳилаҳо иборат мебошанд аз асосҳои бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳо. Марҳилаи якуми муносибатҳо заминаи ҳуқуқиро барои рушду инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳо гузошта, дигар марҳилаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ (тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳо) аз ин марҳила сахт вобаста мебошанд. Агар дар ин марҳила шарту шароити муносибатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳо ва дигар масъалаҳои муҳим ба таври назаррас омодаву таҳия ва ҳамоҳанг нашуда бошанд, пас ин ҳолат зуд таъсири манфии худро ба ду марҳилаи боқимонда гузошта, ҳатто метавонад ба ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳо хотима бахшад.

Бинобар ин, аз марҳилаи якум, яъне асосҳои бавуҷудоии муносибатҳо рушди минбаъдаи ҳамкориҳо вобаста мебошад.

Марҳилаи якуми муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне асосҳои бавуҷудоии муносибатҳо дар асоси принсипи озодии шартнома, ки ифодаи расмии худро дар моддаи 3 КМҶТ ёфтааст, бунёд меёбад. Мазмуни принсипи мазкур бошад, ифодаи расмии худро дар моддаи 483 КМҶТ ёфтааст, ки тибқи он шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар бастани шартнома мустақил мебошанд. Гузашта аз ин, мазмуни принсипи мазкурро мо метавонем дар меъёрҳои дигари қонунгузории маданӣ баръало мушоҳида намоем. Масалан, мазмуни меъёрҳои боби 34 КМҶТ, ки тағйир ва бекор кардани шартномаро муқаррар кардааст. Ақидае вуҷуд дорад, ки тибқи он зинаҳои муносибатҳои ҳуқуқиро ҳамчун модели назарияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб намудан зарур аст [12].

Яке аз муҳаққиқони рус Дудин А.П. диалектикаи муносибатҳои ҳуқуқиро чунин муқаррар карда, қайд кардааст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷараёне мебошад, ки ҳар як ҷузъи таркибии он бо дигар ҷузъҳои таркибӣ дар алоқамандӣ қарор дорад ва ин алоқамандӣ дар маҷмуъ муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад [6].

Асосҳои ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқиро муҳаққиқон гуногун ифода намудаанд. Мутобиқи моддаи 7 КМҶТ яке аз асосҳои ба миён омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз шартномаҳо ва аҳдҳое, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд, сарчашма гирифта, амал мекунанд. Албатта, ҳама гуна аҳдҳо ва муносибатҳои шартномавие, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд ва аз рӯйи мавзуи онҳо ҷонибҳо ба созиш омадаанд, метавонанд сарчашмаи пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқӣ гарданд. Гузашта аз ин, тибқи назарияи пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ яке аз асосҳои ба миён омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Фактҳои ҳуқуқӣ ин ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ мебошанд, ки ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқ, пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста мекунанд [13].

Пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ ва қатъ гаштани ин муносибатҳо худ аз худ дар фазои хушку холӣ ба вуҷуд намеояд. Сабабу омилҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва қатъ гаштани онҳо хело зиёданд. Яке аз заминаҳои асосии пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқиро моликият ташкил медиҳад. Зеро мол асту муносибатҳо пайдо мешаванд. Аммо ин муносибатҳо дар кадом шакле, ки пайдо шудаанд, бояд ҳатман бо меъёрҳои қонун мавриди танзим қарор дода шаванд.

Дар ин хусус О.А. Красавчиков қайд мекунад, ки дар тамоми муносибатҳо меъёрҳои қонун вуҷуд доранд ва дар онҳо меъёрҳо дида мешаванд [7].

Гревсов Ю.И. ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур қайд мекунад, ки меъёрҳои қонун дар он маврид мавқеи худро дар дилхоҳ муносибатҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда метавонанд, ки дар ин муносибатҳо далелҳо мавҷуд бошанд. Далелҳои ҳаётӣ, ки оқибатҳои ҳуқуқиро дар хусуси ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ шудани муносибатҳои дақиқ асос мегузоранд, далелҳои ҳуқуқӣ ҳисоб меёбад [5]. Танҳо аз мавқеъҳо ва далелҳои асоснок метавонем дарк намоем, ки аз куҷо ва чӣ гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва ё қатъ мегарданд. Алексеев С.С. далели ҳуқуқиро ҳамчун ифодагари ҳаёти аслӣ дар асоси шакли абстрактии меъёри

қонун ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсон ва ташкилотҳо ба қалам додааст [1]. Гузашта аз ин қайд кардааст, ки дар бештар маврид оқибатҳои ҳуқуқӣ бунёдгари далелҳо ҳастанд ва маҷмуи далелҳо дар натиҷа таркиби ҳуқуқиро ташкил медиҳанд [2].

Қисми дигари олимону муҳаққиқон асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқиро дар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳои шартнома медонанд. Мутобиқи моддаи 351 КМҶТ аз рӯйи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад. Масалан, молу мулкашро ба ӯ диҳад, корро иҷро кунад, пул супорад ва ғайра ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ намояд. Кредитор бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд. Уҳдадориҳо бояд ба тарзи дахлдор, мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонун ва дигар санади ҳуқуқӣ иҷро карда шаванд ва ҳангоми набудани чунин шарт ва талабот мутобиқи анъанаҳои муомилоти корӣ ё талаботи муқаррарии пешниҳодгардида анҷом дода шаванд (м. 356 КМҶТ). Радди яктарафаи иҷрои уҳдадорӣ ва яктарафа тағйир додани шартҳои он, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома иҷозат дода намешавад. Радди яктарафаи иҷрои уҳдадорӣ, ки ба баамал баровардани фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд аст, инчунин яктарафа тағйир додани шартҳои чунин уҳдадорӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома, агар дар қонун ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷозат дода мешавад. Олимону муҳаққиқон дар самти тағйирёбии муносибатҳои шартномави фикру андешаҳои гуногун доранд. Е.Е. Миронетс тағйирот дар шартномаро амали ихтиёрии шахсони ваколатдор меномад. Ӯ қайд мекунад, ки ин шахсон метавонанд (бевосита ё бавосита) барои дар оянда ё аз лаҳзае, ки шартнома ба имзо расидааст, дар бандҳои муайяни шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳоро дар хусуси ворид намудани тағйирот ё ивази яке аз тарафҳои шартнома дарҷ намоянд [9].

Қатъ кардан ё тағйир додани шартнома танҳо дар мавриди ба миён омадани уҳдадорӣ пайдо мешавад. Агар маълум карда шавад, ки шартнома ҳоло баста нашудааст ё аз ҷониби мақомотҳои дахлдор беэтибор ҳониста шудааст, пас мақомоти салоҳиятдорро зарурият ба миён меояд, ки аз қонеъ гардонидани даъво дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ё бекор кордани шартнома худдорӣ намояд. Зеро дар ин маврид ҷонибҳои шартнома ба муносибатҳое, ки аз мазмуни шартнома ҳосил шудааст ва ҳамчун объекти шартнома маҳсуб меёбад, вуҷуд надорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ таваҷҷуҳи зоҳир карда нашудааст, ҳол он ки тағйирёбӣ мисли бавуҷудоӣ ва қатъшавии муносибатҳо яке аз марҳилаҳои муҳим дар рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳисоб меёбад.

Масалан, қисме аз муаллифон қайд мекунанд, ки яке аз мақсадҳои шартнома тағйир ёфтани муносибатҳо ҳисоб намеёбад. Бабалян Л.А. зери мафҳуми шартнома созиши шахсонеро, ки тибқи санадҳои қонунгузорӣ ҳолатҳои муқарраркунӣ, танзимкунӣ ва қатъшавии муносибатҳои уҳдадории тавлидкунандаи муносибатҳои мутақобилаи ҳуқуқ ва уҳдадорӣ, ки ба таъиноти аслии иҷтимоии ҷомеаро таъсир намерасонаду ба таъмини ташкили шаҳрвандон равона шудааст ба қалам додааст [3].

Дар муносибатҳои суғуртавӣ иваз шудани фоидагиранда яке аз сабабҳои тағйир ёфтани шартнома ва муносибатҳое, ки аз мазмуни шартнома ҳосил шудаанд, иборат мебошад. Вале ақидаҳое вуҷуд доранд, ки муносибатҳои шартномавиро мо набояд ҳатман аз ин се зина (бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъшавӣ) иборат шуморем. Зеро қисме аз муносибатҳо ба вуҷуд меоянду қатъ мегарданд, яъне ба марҳилаи тағйирёбӣ намерасанд. Ин ҳолатҳо, ҳатто дар шартномаҳое, ки мазмунан ва ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ ва имзо шудаанд, дида мешавад. Вале, ба андешаи мо, ин ҳолатҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ қайд кардану татбиқ намудан чандон қобили қабул шуморида намешавад, бахусус дар мавриди рушди муносибатҳои суғуртавӣ дар истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ. Зеро имрӯзҳо яке аз масъалаҳои актуалӣ ин дуруст омода намудани шартномаҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ устувор дар самти суғуртаи замин ва истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба назар мерасад. Агар шартномаҳо устувор ва ҳамаҷониба омода карда нашаванд, дар дилхоҳ маврид иҷрои бандҳои шартнома аз тарафи яке аз ҷонибҳои шартнома метавонад иҷро

карда нашавад. Ин ҳолат таъсири манфии худро на танҳо ба ҷонибҳои шартнома, балки метавонад ба истифодаи самаронки замин, таъмини амнияти он ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти кишвар расонад.

Бинобар ин, яке аз ҳолатҳое, ки барои расидан ба натиҷаи ниҳоӣ дар муносибатҳои шартномавӣ асос мегузорад, ин омӯзиши меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Барои он ки муқаррар кунем, ки чӣ гуна тағйирот дар муносибатҳои суғуртавӣ ба миён меоянд, зарур аст, ки таҳлилҳоро пеш аз бастани шартнома ва оғози муносибатҳо дар шартнома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ намоем. Чунин тағйирот метавонанд дар мавриди мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии ин ё он тағйиротҳо дар мазмуну мундариҷаи объектҳо ё худи субъектҳо ба миён оянд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада метавонанд тағйир ёбанд. Агар ҷонибҳои шартнома дар хусуси ворид намудани тағйирот дар бандҳои шартнома ба созиш наоянд, пас дар ин маврид марҳилаи сеюми муносибатҳои ҳуқуқӣ, яъне қатъ кардан ё бекоркунии муносибатҳои шартномавӣ оғоз мегардад.

Бекор кардани шартнома дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст ва аз мазмуну моҳияти шартнома бармеояд, ҳосил мешавад. Тибқи КМҶТ шартнома, пеш аз ҳама, бо созиши тарафҳо тағйир ё бекор карда мешавад, агар дар КМҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад (м.516 КМҶТ). Брагинский М.И. ва Витрянский В.В. дар яке аз асарҳои худ қайд мекунанд, ки чуноне ки дар марҳилаи бастани шартнома ҷонибҳои он озод буданд, дар мавриди тағйир додан ва бекор кардани шартнома низ онҳо озод мебошанд [4]. А.Н. Танага қайд мекунад, ки ҳангоми ворид намудани тағйрот ва бекор кардани шартнома мо танҳо бояд дар хусуси баробарии ҷонибҳо ҷиҳати ноил шудан ба созишҳо ҳаракат намоем [14].

Садиков О.Н. якҷониба бекор кардани шартномаро, ки дар асоси қонунгузорӣ ва созиши шартнома ҳосил шудааст, ҳамчун чораи амали оперативӣ ба ҷониби дигари муносибатҳои шартномавӣ ба қалам додааст [11]. Умуман, тағйир ва бекоркунии шартнома дар бештар маврид ҷиҳати риоя нагардидани уҳдадориҳо аз ҷониби яке аз тарафҳои шартнома ва ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ба миён меояд. Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 516 КМҶТ шартномаро бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл аз тариқи суд тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст: а) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар; б) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶТ, қонунҳои дигар ё шартнома.

Ҷиддан риоя накардани шартнома дар он ифода меёбад, ки ба ҷониби дигар аз ин рафтор зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани фоидаи зиёде маҳрум созад, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошта шуда буд. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад.

Сабабҳое, ки ҷонибҳоро ба ин ҳолат вогузор намудааст, гуногун мебошанд. Вале ҷонибҳо ҳангоми ворид намудани тағйирот ва ё қатъ кардани шартнома бояд ба таври ҳатмӣ хусусиятҳои муҳимми шарномаро ба инобат гиранд. Масалан, дар мавриди зиёд кардани хавфҳои суғуртавӣ, ки ӯҳдадориҳои базиммагирифташударо суғуртакунанда иҷро карда наметавонад ё номатлуб ба анҷом мерасонад, ки ин ҳолат сабаби воридкунии тағйиротҳо ё қатъкунии шартномаро тақозо мекунад. Мавриди дигаре, ки ба тағйир додан ва бекор кардани шартнома оварда мерасонад, ин ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат ба шумор меравад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он барнаояд, тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, барои тағйир додан ё бекор кардани он асос шуда метавонад. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ба таври назаррас эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда буданд, умуман шартнома намебастанд ё бо он шартҳое ба имзо мерасониданд, ки аз иҷрои он баромада метавонистанд.

Агар тарафҳо ба таври назаррас оид ба мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, вайро суд бо асосҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 517 КМ бекор карда, тибқи талаби тарафи манфиатдор ҳамзамон бо

шартҳои зайл тағйир дода метавонад: а) агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйир ёфтани ҳолат ба миён намеояд; б) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд, бартараф карда наметавонист; в) агар иҷрои шартнома бидуни тағйир додани шарт таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молумулкии байни тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор он қадар зиёне расонад, ки аз манфиати калоне, ки ҳақ дошт ҳангоми бастани шартнома ба он умед бандад, маҳрум шуда метавонист; г) агар аз анъанаҳои аҳдҳои корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст.

Ҳангоми бекор кардани шартнома бинобар ҷиддан тағйир ёфтани ҳолат суд бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо оқибати бекор кардани шартномаро бо назардошти тақсими одилонаи хароҷоте, барои иҷрои ин шартнома масраф шудааст, муайян мекунад. Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд, дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоме ки бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳо зиёне ворид мекунад, ки аз хароҷоти баъди тағйир додани шартҳо аз ҷониби суд барои иҷрои шартнома зарурӣ хеле зиёд аст, иҷозат дода мешавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оиди тағйир додан ва бекор кардани шартнома фикру андешаҳои зиёд мавҷуданд. Аз ҷумла, агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад; аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, муҳлати иҷро ва дигар шартҳо; агар тарафи дигар тибқи тартиби муқарраргардида муфлис эътироф шуда бошад; агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад; дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома.

Дар сурати яктарафа тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф бояд тарафи дигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ созад. Тазаккур бояд дод, ки ба сифати ташаббускори бекоркунии шартнома мақомотҳои ваколатдори давлатӣ низ баромад карда метавонанд.

Ворид намудани тағйирот ба шартнома ё қатъ гардидани шартнома, дар маҷмуъ, чуноне ки дар боло ишора карда шуд, аз ҳисоби хавфҳои суғуртавӣ, ки мазмуни аслии шартномаро ташкил медиҳад, оғоз меёбад. Ҳамин тавр, ба ҳолатҳои суғуртавии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дохил мешавад: а) сӯхтор (сӯхторе, ки назорату танзимаш ғайриимкон аст ва мустақилона аланга гирифта паҳн мегардад), тандуру чароғак, таркиши газ, риоя накардани қоидаҳои зидди сӯхтор, риоя накардани нигаҳдории ашёҳои оташангез ва ғ.; б) садамаи қубурҳои об, канализатсия, системаи гармидиҳӣ, аз кор мондани шабакаҳои ирригатсионӣ ва насосҳои обтаъминкунӣ; в) ҳолатҳои фавқулода (заминларза, фаромадани ярч, боришоти пайдарпай ва беист, фаромадани сангу шағал, омадани сел, обхезӣ, шамолу тундбод, ҳарорати баланди гармӣ ва ғ.; г) садамаҳое, ки оқибатҳои ногувор ба замин ва қабати ҳосилнокии хок расонидааст; ғ) амали ғайриқонунии шахсони сеюм (дуздӣ ё расонидани таъсири манфӣ ба қабати ҳосилноки хок ва замин, заҳролуд кардани қабати ҳосилноки хок, истифода аз тухмиҳои пастсифате, ки ба иқлими минтақа ҷавобгӯй нест ва ғ.

Дар ин маврид суғурташаванда вазифадор аст, ки пеш аз бастани шартнома ба суғуртакунанда тамоми маълумотҳоро вобаста ба қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ муфассал ва дақиқ пешниҳод намояд. Аз ҷумла: оид ба ҳолати мелиоративии замин, таркиби хок, мақеи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳосилнокии қитъаи замин дар як мавсими корӣ ва солҳои сипаришуда, зироати кадом намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ ба қитъаи замин ва иқлими он мувофиқ аст, кадом намуди доруҳои минералӣ дар қитъаи замин истифода шудааст, кадом намуди ҳодисаҳои табиӣ бештар ба қитъаи замин таъсири манфӣ мерасонанд, аз кадом намуди ҳашаротҳо ва касалиҳои сироятӣ қитъаи замин ва маҳсулотҳои кишоварзие, ки дар он мерӯяд, хавфи бештар мавҷуд аст ва ғайраҳо.

Агар ҳамин хавфҳо ҳамчун хавфҳои суғуртавӣ тибқи шартнома ҳисоб ёбанд ва дар ҳолати ба миён омаданашон суғуртакунанда уҳдадор аст, ки сари вақт онҳоро бартараф

намояд ё пардохтҳои суғуртавиро ба анҷом расонад. Дар мавриди бартараф нашудан ё амалӣ нашудани пардохтҳои суғуртавӣ ҷониби дигари шартнома, яъне суғурташаванда барои бекор кардани шартнома ва қатъ кардани он ҳуқуқ пайдо мекунад. Ҳамзамон, агар суғурташаванда аз марҳилаҳои ба миён омадани ҳолатҳои суғуртавӣ бохабар буд, вале суғуртакунандаро ба таври хаттӣ огоҳ накарда буд, дар ин маврид суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ саркашӣ намояд. Гузашта аз ин, агар суғурташаванда аз тағйир ёфтани хавфи суғуртавӣ огоҳ буду суғуртакунандаро огоҳ накарда буд, пас дар ин маврид суғуртакунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз пардохтҳои суғуртавӣ даст кашад.

Ҳолати дигаре, ки боиси қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мегардад, аз байн рафтани хавфи суғуртавӣ ҳисоб меёбад. Хавф ки аз байн рафт, зарурияти суғуртакунӣ низ моҳияти аслии худро гум мекунад. Агар дар ин маврид шартнома ба имзо расонида шуда бошаду хавфи суғуртавӣ аз байн рафта бошад, пас дар ин маврид суғуртакунанда уҳдадор аст, ки фарқияти маблағи боқимондаро ба суғурташаванда пурра баргардонад.

Гузашта аз ин, яке аз сабабҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз гардиши кишоварзӣ гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ мебошад. Қитъаи замин, ки ҳамчун объекти муносибат ҳисоб меёбад аз гардиши кишоварзӣ гирифта шуд, сабаб барои қатъ гаштани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мегардад.

Заминистифодабарандагон дар асоси шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун суғурташаванда баромад карда, мақсади ягона ва ниҳоии онҳо ин ҳифз намудани замин аз ҳамагуна омилҳои манфӣ, аз қабили офтаҳои табиӣ, пешгирии касалиҳои зараррасон, шӯршавӣ ва деградатсияи замин ва дигар омилҳои манфӣ мебошад. Пас аз он ки заминистифодабаранда ба муносибатҳои суғуртавӣ ворид мегардаду мақоми суғурташавандаро соҳиб мегардад, тибқи қонунгузорӣ ва шартномаи суғурта дорои як қатор уҳдадорӣ мегардад, ки иҷроиши саривақтии онҳо аҳаммияти калон дорад. Қайд карда мешавад, ки зери мафҳуми уҳдадориҳои субъективӣ мо чораҳои рафтори шахси уҳдадорро дар муносибатҳои ҳуқуқи суғуртавӣ, ки дар қонунгузорӣ ё шартномаи суғурта қайд шудааст, мефаҳмем. Ҳаҷм ва хусусиятҳои уҳдадориҳои муносибатҳои суғуртавӣ аз якчанд омилҳо вобаста мебошанд.

Якум, уҳдадорӣ оид ба иҷро намудани амали муайян. Тибқи талаботи моддаи 1074 КМҶТ суғурташаванда вазифадор аст, ки дар сурати ба ӯ маълум гардидани фарорасии ҳодисаи суғурта, суғуртакунандаро огоҳ намояд. Пас аз ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ, суғуртакунанда вазифадор аст зарари бамиёномадаро тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рафъ намояд. Дуюм, меъёри рафторро бояд ҳамчун уҳдадори, яъне худдорӣ намудан аз иҷрои амали муайян қабул кард. Мувофиқи қоидаҳои шартномаи суғурта суғуртакунанда набояд ба дараҷаи хавфнокӣ объекти суғурташуда роҳ диҳад ё дар аризаи пешниҳодкардааш барзиёдкунии хавфро пешниҳод кунаду вобаста ба ин пардохти суғуртавиро аз суғуртакунанда талаб намояд. Зеро ин ҳолат ба тағйирёбии муносибатҳо байни суғуртакунанда ва суғурташаванда оварда мерасонад.

Ҳангоми таҳлилу баррасии масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки сабабу омилҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ба ду гурӯҳи асосӣ, яъне умумӣ ва махсус ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба сабабҳои умумии қатъ гаштани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки аз бандҳои шартнома сарчашма гирифтаанд. Яъне, оғоз карда аз мавзуи шартнома, ҳуқуқу уҳдадориҳои ҷонибҳо, мухлати амали шартнома, музднокии он (сари вақт пардохт кардани маблағи шартнома) ва ғайраҳо.

Ба сабабҳои махсуси қатъ гаштани муносибатҳои суғуртавӣ дохил мешаванд: аз байн рафтани объекти (мавзуи) шартнома, барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз гардиши кишоварзӣ гирифтани қитъаи замин, фавти яке аз ҷонибҳои шартнома, ғайри қобили амал эътироф шудани ӯ ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф кардани шахс; муфлис эълон шудани яке аз ҷонибҳо, бозхонд намудани иҷозатномае, ки яке аз

ҷонибҳо дар асоси он фаъолияташро пеш мебурд, ба миён омадани ҳолатҳои фавқулода, эпидемияҳо ва ғайраҳо.

## АДАБИЁТ


1. Алексеев С.С. Государство и право / С.С. Алексеев. - М.: Юрид. лит., 1996. С. 99.
2. Алексеев С.С. ҳамон ҷо. -С. 99.
3. Бабалян Л. Л. Договор как основание возникновения обязательств между государственными организациями / Л. Л. Бабалян. – Ереван, 1973. -С. 61.
4. Брагинский М.И. Договорное право. Книга первая: Общая положения / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. - М., 2000. -С.434.
5. Гревцов Ю.И. Проблемы теории правовых отношений / Ю.И. Гревцов. - Л., 1981. -С.52.
6. Дудин А.П. Диалектика правоотношения / А.П. Дудин. – Саратов, 1983. -С.112.
7. Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве / О.А. Красавчиков. -М., 1958. -С.27.
8. Қодирзода Д.Б. Арзёбии иқтисодии рушди хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон / Д.Б.Қодирзода, Н.М. Собирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2020. - №1. -С. 22.
9. Миронец Е.Е. Изменение и расторжения договора по гражданскому законодательству РФ. Диссертация, кандидат юридических наук / Е.Е. Миронец. – Краснодар, 2002. -С.9.
10. Рассолова Т.М. Проблемы правового регулирования страховых отношений / Т.М. Рассолова // Юридическая и правовая работа в страховании. -2009. -№ 3. -С. 45.
11. Садиков О.Н. Гражданское право России. Общая часть: курс лекции / О.Н. Садиков. Ответственный редактор Садиков О.Н. -М., 2001. -С.762.
12. Сотиволидиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволидиев. – Душанбе, 2018. –С. 627.
13. Сотиволидиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволидиев. – Душанбе, 2018. –С.629
14. Танага А.И. Принцип свободы договора в гражданском праве России / А.И. Танага. - СПб, 2003. - С.38.


## РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки барои рушди соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки муносибатҳои суғуртавӣ дар истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ роҳандозӣ карда шавад. Дар ин самт, албатта, мушкилиҳо то ҳанӯз боқӣ мондаанд. Махсусан то ҳол дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври назаррас паҳлуҳои дақиқи илмӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва кишоварзии масъалаи мазкур мавриди таҳлили пурра ва ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Гузашта аз ин, базаи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита дар он тамоми паҳлуҳои ҳуқуқии масъалаҳои суғуртавӣ ҷамъоварӣ ва маҳфуз бошад, мавҷуд нест. Дар ин самт ҳатто андешаҳое мавҷуданд, ки зарурият ба миён омадааст, ки Кодекси суғуртавӣ қабул карда шавад. Қайд гардидааст,ки сабабу омилҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ вобаста ба хусусияти муносибат гуногун мебошанд. Муаллифон ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур сабабу омилҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро бу ду гурӯҳ -ба умумӣ ва махсус ҷудо кардаанд.



**Калидвожаҳо:** заминҳои таъиноти кишоварзӣ, суғурта, қонунгузорӣ, шартнома, қатъ гаштани муносибатҳо, офатҳои табиӣ.


## К ВОПРОСУ О РАСТОРЖЕНИИ ДОГОВОРА СТРАХОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ХОЗЯЙСТВА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье изучены и проанализированы вопросы расторжения договора страхования земель сельскохозяйственного назначения. Авторы отмечают, что для развития аграрного сектора необходимо установление страховых отношений при использовании земель сельскохозяйственного назначения. В данной сфере все еще осталис в нерешенные проблемы. До сих пор в юридической литературе отсутствует полные и всесторонные научные, правовые, экономические и сельскохозяйственные анализы данного вопроса. При этом отсутствует единая база нормативно-правовых актов, непосредственно охватывающая все правовые аспекты страховых вопросов. В этом направлении даже есть мнения о необходимости принятия Страхового кодекса. Отмечается, что причины и факторы прекращения договора страхования земель сельскохозяйственного назначения в зависимости от характера правоотношений различны. При анализе данного вопроса автор разделил причины и факторы прекращения договора страхования земель сельскохозяйственного назначения на две группы: общие и специальные.



**Ключевые слова:** земли сельскохозяйственного назначения, страхование, законодательство, договоры, прекращение отношений, стихийные бедствия.


## TO THE QUESTION OF TERMINATION OF THE CONTRACT OF INSURANCE OF AGRICULTURAL LAND UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article studied and analyzed the issues of termination of the insurance contract for agricultural land. The author notes that for the development of the agricultural sector, it is necessary to establish insurance relations when using agricultural land. Of course, there are still problems in this area. Moreover, until now, the exact scientific, legal,

economic and agricultural aspects of this issue have not been fully and comprehensively analyzed in the legal literature. At the same time, there is no single base of normative legal acts that directly covers all legal aspects of insurance issues. In this direction, there are even opinions about the need to adopt the Insurance Code. It is noted that the reasons and factors for the termination of the agricultural land insurance contract are different depending on the nature of the legal relationship.When analyzing this issue, the author divided the reasons and factors for the termination of the agricultural land insurance contract into two groups: general and special.

**Keywords:** agricultural land, insurance, legislation, contracts, termination of relations, natural disasters.

**Маълумот дар бораи муллифон:** ***Қурбонов Қобил Шарифбоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kurbonovKobiljon83@gmail.com**
***Фархудинов Ҷамшед Исроилович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маданӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Farkhudinzoda-86@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Курбонов Кобил Шарифбоевич*** **–** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры гражданского права**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kurbonovKobiljon83@gmail.com**
***Фархудинов Джамшед Исроилович*** **–** Таджикский национальный университет, соискатль кафедры гражданского права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Farkhudinzoda-86@mail.ru**

**Information about authors:** ***Kurbonov Kobil Sharifboevich*** **–** Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Civil Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kurbonovKobiljon83@gmail.com**
***Farkhudinov Jamshed Isroilovich*** **–** Tajik National University, candidate of the Department of Civil Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Farkhudinzoda-86@mail.ru**

ТДУ: 134.54

# МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ АЗ ЗАМИН ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ҲУҚУҚИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Буриева Д.Т.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар таърихи давлат ва ҳуқуқ андоз яке аз нишонаҳои давлатдорӣ буда, ифодагари сиёсати мустақилона дар бахши молия мебошад.

Меъёри андоз дар низоми унсурҳои андозбандӣ яке аз мавқеъҳои марказиро касб намудааст. Муҳиммияти меъёри андоз, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки вазъи молиявии андозсупоранда ва буҷети давлат аз он вобастагӣ дорад.

Ба андешаи С.К. Ризоева, меъёри андоз бузургии ҳисобкардашудаи маблағи андозҳо мебошад, ки нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ истифода бурда мешавад. Меъёри андоз - муайянкунандаи ҳаҷму андозаи аз ҳар воҳиди андозбандӣ ситондани андоз мебошад [20,с.52].

Ба андешаи С.Г. Пепеляев, меъёри андоз миқдори маблағи андозро барои ҳар воҳиди андозбандӣ муайян мекунад [20,с.131].

И.И. Кучеров меъёри андозро ба унсури омории андозбандӣ шомил менамояд [12,с.27].

А.А. Батарин меъёри андозро ҳамчун унсури ҳатмии андозбандӣ тасниф менамояд [2,с.27].

Ба андешаи Н.В. Вичерова, манбаи андоз табиатан бо меъёри андоз алоқаманд аст, ки он маблағи андоз аз як воҳиди ченаки манбаи андоз ситонида мешавад. Меъёрҳои андоз мухталиф мебошанд. Ин ба хусусиятҳои объекти андозбандӣ ва усули муайян кардани манбаи андоз барои ҳар як андоз вобаста аст [4,с.61].

Меъёри андоз ҳаҷми гирифтани андозро барои воҳиди андозбандӣ муайян мекунад [13,с.95]. Меъёри андоз бо фоиз ё (ва) маблағи мутлақ воҳиди муқаррар карда мешавад.

Меъёри андоз ин бузургии ҳисобкардашудаи маблағи андозҳо мебошад, ки нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ истифода мешавад [1,с.251].

Ш.К. Ғаюров аз рӯйи усули муқаррар кардан меъёрҳои андозро ба ду намуд: устувор ва фоизӣ ҷудо менамояд. Масалан, меъёри андози замин устувор мебошад ва барои ҳар сол бо дарназардошти индексатсия, ба андозаи қайдгардида барои воҳиди андозбандӣ муқаррар карда шудааст (ба сомонӣ барои 1 гектар ё 1 метри мураббаъ вобаста аз минтақаи кадастрӣ).

Меъёри фоизӣ барои андозбандии аксари андозҳо, аз ҷумла андозҳои маҳаллӣ хос аст. Масалан, андози маҳалл аз воситаҳои нақлиёт бо фоизҳо бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ҳар як воҳиди қувваи аспи муҳаррики ҳар як намуди воситаи нақлиёт муқаррар карда шудааст [19,с.163].

Ш.М. Исмоилов меъёрҳои андозро аз рӯйи тарзу усули муқарраргардида ба ду намуд: қатъӣ ва фоизӣ ҷудо менамояд. Масалан, меъёри андози замин қатъӣ буда, барои воҳиди андозбандӣ ба андозаи муайян (қатъӣ) муқаррар карда шудааст (ба ҳисоби сомонӣ барои 1 гектар) бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, ки ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешаванд. Меъёри фоизӣ барои андозбандии аксари андозҳо, аз ҷумла андозҳои маҳаллӣ хос мебошад. Меъёрҳои фоизӣ аз рӯйи моҳияти худ марҷӣ (маргиналӣ), воқеӣ иқтисодӣ мешавад.

Меъёрҳои марҷӣ (моргиналӣ) дар тавсифу таърифи андоз муқаррар карда мешаванд. Истифодаи истилоҳи «марҷӣ» («маргиналӣ»)-ро чунин шарҳ додан мумкин аст: меъёрҳое, ки нисбати қисматҳои ҷудогонаи даромад татбиқ мегарданд, дараҷаҳои андоз ё, ба таври дигар, марҷ номида мешаванд. Масалан, дар тавсифу таърифи андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои соли 2002 ба ҷойи меъёрҳои пешина чанд меъёри нави андоз дохил карда шудааст. Аз ҷумла, аз даромаде, ки аз даромади камтарини (ҳадди ақали) андозбандишаванда зиёд нест, мисли пештара андоз ситонида намешавад.

Аз маблағи зиёда аз ҳадди ақали даромади андозбандишаванда то 100 каратаи ҳадди ақали андози даромади андозбандишаванда 10% андоз ситонида мешавад.

Аз маблағи зиёда аз ҳадди ақали даромади андозбандишаванда то 150 каратаи ҳадди ақали андози даромади андозбандишаванда 15% андоз ситонида мешавад. Аз маблағи зиёда аз ҳадди ақали 150 каратаи андозбандишаванда 15% андоз ситонида мешавад. Дар ин маврид меъёрҳои 10, 15 ва 20% меъёрҳои марҷӣ (маргиналӣ) мебошанд.

Муқоисаи тавсифу таърифи гуногуни худи ҳамон як андоз аз рӯйи меъёрҳои марҷӣ натиҷаи назаррас намебахшад, бо дарназардошти имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба муқоиса кардани унсурҳои дигари асосии андоз имконият намедиҳад. Бинобар ин, барои таҳлили иқтисодӣ ва дигар намуд таҳлил на муқоисаи марҷӣ (маргиналӣ), балки меъёрҳои воқеӣ ва иқтисодиро кор мефармоянд.

Меъёрҳои воқеӣ ҳамчун муносибати андози пардохта ба манбаи андоз муайян карда мешаванд. Меъёри иқтисодӣ ҳамчун таносуби андози пардохта нисбати тамоми даромад муайян карда мешавад (андозаи қиёсӣ ба ҳисоби даромад) [18,с.131-132].

Меъёри андоз аксар вақт ба афзоиши манбаи андоз бевосита алоқаманд аст. Н.Ш. Шонасридинов меъёрҳои омехтаи андозро низ тасниф менамояд. Меъёри омехтаи андоз. Дар як маврид ҳам меъёри қатъӣ ва ҳам меъёри фоизии андоз истифода карда мешавад.

Тибқи моддаи 29 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [11] меъёри андоз бузургии бо фоиз ё маблағи мутлақ ифодашавандаи ҳисобкунии андоз аз рӯйи воҳиди ченкунии манбаи андоз мебошад.

Аз муқаррароти болозикр пайхас кардан мумкин аст, ки баъзе аз категорияҳои меъёрҳои андоз бо фоиз ва баъзеи дигари онҳо бо маблағи мутлақ муайян карда мешаванд.

Меъёрҳои андози аксизӣ, андоз барои захираҳои табиӣ, андози замин, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, маблағи собит барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ва арзиши патент барои соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият бо назардошти хусусияти минтақавӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози ҶТ тасдиқ карда мешаванд.

Меъёрҳои баъзе аз категорияҳои андозро қонунгузорӣ бо дарназардошти хусусияти минтақавӣ, аз ҷумла меъёрҳои андози аксизӣ, андоз барои захираҳои табиӣ, андози замин, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, маблағи собит барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ва арзиши патент барои соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият муайян менамояд.

Бо мақсади дуруст дарк намудани масъалаи меъёри андоз омӯзиш ва таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷаро мутобиқи мақсад мешуморем.

Тибқи моддаи 12 Кодекси андози Ҷумҳурии Арманистон аз 1 ноябри соли 2016 таҳти №зр-165 [14], меъёри андоз ин арзиш (фоиз) ва (ё) арзиши устуворест, ки ба манбаи андозбандишаванда барои муайян кардани маблағи андоз татбиқ карда мешавад. Барои ҳар як намуди андоз меъёри (меъёрҳои) алоҳидаи андоз муқаррар карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 53 Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998 таҳти №146-ФЗ [15] меъёри андоз ин маблағи ҳисобкунии андоз барои як воҳиди ченаки манбаи андоз мебошад.

Тибқи моддаи 24 Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз 2 декабри соли 2010 таҳти №2755-VI [16], меъёри андоз ин маблағи ҳисобкунии андоз барои (аз) воҳиди (ваҳидҳои) ченаки манбаи андоз мебошад.

Қонунгузории андози Ҷумҳурии Украина ба фарқ аз қонунгузории давлатҳои дигар намудҳои мухталифи меъёрҳои андозро муайян намудааст. Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз 2 декабри соли 2010, №2755-VI чор намуди меъёрҳои андозро муқаррар намудааст: меъёри асосии андоз, меъёри ниҳоии андоз, меъёри мутлақи андоз ва меъёри нисбии андоз.

Тибқи моддаи 27 Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз 2 декабри соли 2010 таҳти №2755-VI [16], меъёри базавии (асосӣ) андоз аз рӯйи меъёре, ки дар фасли дахлдори ҳамин Кодекс барои андози алоҳида муайян шудааст, муқаррар карда мешавад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҳангоми ҳисоб кардани як андоз метавон якчанд меъёрҳои базавӣ (асосӣ)-ро истифода бурд.

Меъёри андози ниҳоӣ андозаи ҳадди аксар ё ҳадди ақали меъёри андози муайяне мебошад, ки ҳамин Кодекс муқаррар кардааст.

Меъёри мутлақ (мушаххас) меъёри андозест, ки тибқи он маблағи пардохтҳои андоз ҳамчун арзиши устувор нисбат ба ҳар як воҳиди ченаки манбаи андоз муқаррар карда мешавад.

Меъёри андози нисбӣ (адвалорӣ) меъёре эътироф карда мешавад, ки мутобиқи он маблағи пардохти андоз бо фоиз ё маротибаи воҳиди ченкунии арзиши манбаи андоз муқаррар карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 34 Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон аз 25 декабри соли 2017 таҳти № 120-VI [10], меъёри андоз ин бузургии уҳдадории андоз барои ҳисоб кардани андоз ва пардохт ба буҷет барои воҳиди ченаки объекти андозбандӣ ё манбаи андоз мебошад.

Меъёри андоз бо фоиз ё маблағи мутлақ барои воҳиди ченкунии объекти андозбандӣ ё манбаи андоз муқаррар карда мешавад.

Тамаддуни Рим ба ташаккули низоми андозбандии давлатҳои қадим таъсири бузург расонидаст. Меъёри андоз вобаста ба сифати замин ва даромад муайян карда мешуд, барои ҳисоб кардани даромад кадастри замин тартиб дода мешуд [23,с.48].

Дар замони Сомониён ду навъи рента (андоз аз замин) маъмул буд:

– рентаи марказӣ, ки аз деҳқонони дар заминҳои давлатӣ, хироҷӣ ва мулкӣ кор мекарданд, аз ҷониби дастгоҳи молиявии давлат ситонида мешуд;

– рентаи феодалӣ, ки феодалҳо - соҳибони заминҳои суюрғолӣ ва мулкӣ бевосита аз деҳқонон ба фоидаи худ мегирифтанд [5,с.451].

Барои ҶШС Тоҷикистон меъёри даромад аз садяки гектар барои кишти зироат дар ҳаҷми 40 рубл, картошка 110 рубл, токзор - 22 рубл ва ғайра; барои як сар чорвои маҳсулдиҳанда - 2000 рубл, барои бузу гӯсфанд - 350 рубл ва ғайра таъин гардид. Мутобиқи ҳамин меъёрҳо андоз аз даромади хоҷагии шахсии деҳқон ҳисобу китоб карда мешуд.

Бояд гуфт, ки тибқи маълумоти С. Айнӣ, дар Аморати Бухоро на дар марказ ва на дар маҳалҳо ҳеҷ гуна қонунҳо оид ба андоз вуҷуд надоштанд. Меъёр ва ҳаҷми андозҳоро шариат муайян менамуд. Мувофиқи қонунҳои шариат андоз ба шакли закот аз ҳамаи он ашёе, ки даромад меовард ва ё даромад оварда метавонист, ситонида мешуд.

Мувофиқи талаботи шариат чунин меъёрҳои закот муайян гардида буданд:

1.Ушр ва ё даҳяки ҳосил.

2. Закот аз чорво: барои 5 шутур - як гӯсфанд; барои 25 шутур - як шутури дусола; барои 35 шутур - як шутури 3 - сола; барои 50 - 75 шутур - як шутури 5 - сола ва ғ.

3. Аз тиҷорат мувофиқи таъиноти шариат ҳангоми зиёд шудани 40 танга то 200 танга гирифта мешуд. Ба давлат аз рӯйи ҳисоби 1 танга барои 20 танга медоданд.

Дар Аморати Бухоро андозе бо номи «танобона» (таноб- ченаки замин баробари 1/2 ва ё 1/4 га) вуҷуд дошт, ки барои як таноб замин гирифта мешуд.

Деҳқонон барои боғу токзорҳо, барои заминҳои кишти полез, заминҳои ҳосилхез андоз месупориданд. Маблағи муайянеро барои ҳар як таноб таъин намуда, ин гуна андозро ба қатори пардохтҳои расмии давлатӣ маҳсуб медонистанд. Дар охири асри XIX ин навъи андозро деҳқонон ба шакли пули нақд медоданд [17,с.137].

Ба андешаи Н.А. Богуславская, маҳаки асосии муқаррар намудани меъёри андози замин мақсади истифодабарӣ ба ҳисоб меравад, ки дар санади давлатии истифодаи замин нишон дода мешавад. Унсури муқаррар намудани меъёрҳои андози замин индексатсияи солонаи меъёри андози замин низ ба ҳисоб меравад [3,с.173].

Н.В. Вичерова чунин мешуморад, ки нисбати андози молумулкӣ на танҳо давраи андоз, балки меъёри андоз низ аҳаммияти зиёд дорад, ки бо фоиз дар робита бо манбаи

андоз муайян карда мешавад ва ин инъикоси принсипи адолат ва мутаносибии андозбандӣ мебошад [4,с.110].

Меъёри андозе, ки бо ин роҳ муайян карда мешавад, имкон медиҳад, ки тамоми омилҳое, ки ба вазъи молмулкии андозсупоранда, хусусияти объектҳои андозбандӣ ва андозаи онҳо таъсир мерасонанд, ба назар гирифта шаванд [2,с.27].

Дар мавриди муқаррар намудани меъёрҳои андози замин бояд қайд намуд, ки қонунгузор меъёрҳои муттафариқаи (дифференсиалӣ) андози заминро хеле фаъолона истифода мебаранд. Бояд қайд намуд, ки қонунгузории андоз муттафариқаи (дифференсиатсия) меъёрҳои андози заминро на худсарона, балки вобаста ба ду маҳак муайян мекунад: категорияи замин ва истифодаи иҷозатдодашудаи қитъаи замин.

Меъёрҳои замини муттафариқашуда (дифференсиатсишуда)-ро вобаста ба истифодаи воқеии қитъаи замин муқаррар кардан мумкин нест. Намуди истифодаи иҷозатдодашудаи қитъаи замин бо назардошти намудҳои истифодабарие, ки дар минтақабандии ҳудудҳо пешбинӣ шудааст, муайян карда мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр, муқаррар намудани меъёри андози замин вобаста ба шакли истифодаи воқеии қитъаи замин нодуруст ба назар мерасад. Дар баробари ин, дар амалия ба ин тавр муайян кардани меъёри андози замин дар маҳалҳо аксар вақт мушоҳида мешавад.

Таҷрибаи судӣ инчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки меъёри андозе, ки аз рӯйи он андози замин ситонида мешавад, аз истифодаи воқеии қитъаҳои замин вобаста набуда, балки аз рӯйи таъиноти мақсадноки замин муайян карда мешавад [8,с.106-109].

Ба андешаи А.А. Ялбулганов, андозаи меъёри замин аз се хусусиятҳои асосии замин вобаста аст:

1) категорияи замин (заминҳои таъиноти кишоварзӣ, заминҳои фонди ҷангал, об);

2) минтақаи ҷойгиршавии қитъаи замин (дастрас будан ба воситаи нақлиёт, наздик будан ба маҳалли аҳолинишин);

3) андозаи қитъаи замин.

Меъёрҳои андози замин аз рӯйи категорияҳои заминҳои таъиноти мақсаднок, намудҳо ва зернамудҳои қитъаҳои замин, минтақаҳои табиӣ, гурӯҳи хок, минтақаи ҷойгиршавӣ ва маҳалҳои аҳолинишини алоҳида муайян карда мешаванд.

Меъёрҳои андози замин барои заминҳои кишоварзӣ аз рӯи намудҳои замин - заминҳои корам, ниҳолҳои бисёрсола, алафзорҳо, чарогоҳҳо муқаррар карда мешаванд.

Дар ин маврид меъёри андоз барои заминҳои киштнашуда, обёришаванда, инчунин қитъаҳои заминҳои пӯшида (гармхонаҳо) алоҳида муайян карда мешаванд. Барои дигар заминҳои кишоварзӣ чунин тафсилоти меъёрҳо дар сурати мавҷуд будани маълумот дар бораи арзёбии ин заминҳо сурат мегирад [24,с.81-82].

Меъёрҳои андози заминҳои таъиноти ғайрикишоварзӣ (заминҳои шаҳр, заминҳои таъиноти гуногун ва ғайра) назар ба меъёрҳои андози заминҳои таъиноти кишоварзӣ бештаранд.

Барои заминҳое, ки дар фонди манзил ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ қарор доранд, меъёри ҷолиби андозбандӣ муқаррар карда шудааст. Он меъёри алтернативӣ мебошад, ки манфиатҳои фискалиро таъмин мекунад. Дар ҳолате ки қитъаи замин аз рӯйи маҳалли ҷойгиршавӣ ба замини шаҳр ва аз рӯйи таъинот - ба заминҳои таъиноти кишоварзи мансуб бошад, маҳаки муайянкунанда таъин мегардад.

Возеҳ аст, ки барои қабули қарор дар бораи муқаррар намудан ё тағйир додани меъёрҳои андози замин омӯзиши пешакии ин масъала бо иштироки мутахассисони соҳаи заминсозӣ ва ҳуқуқи замин зарур аст.

Ба андешаи А.А. Ялбулганов, бо ин мақсад таъсис намудани мақомотҳои минтақавии арзёбии давлатии замин пешниҳод карда мешавад [24,с.84].

Ба ақидаи И.В. Ярдякова, меъёрҳои андози замин барои истифодаи заминҳои кишоварзӣ барои 1 гектар бо воҳиди арзишӣ бо дарназардошти сифати хок муқаррар карда мешаванд [25,с.11].

Меъёри андоз барои заминҳои кишоварзӣ нисбат ба меъёри андози заминҳои ғайрикишоварзӣ пасттар мебошад. Чунин муносибат ба андозбандии замин дар бахши кишоварзӣ принсипи асосии андозбандии имтиёзноки кишоварзӣ мебошад.

Меъёри андоз аз заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз бисёр омилҳо, пеш аз ҳама, аз бозори замин, бозори кишоварзӣ ва аз фоидаовар будани истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста аст. Ин аз он вобаста аст, ки меъёри баланди андоз ба истифодаи самараноки замин ва афзоиши маблағгузорӣ ба фонди замин халал мерасонад.

Ба меъёрҳои андози замин маҳакҳои зерин таъсир мерасонанд: хусусиятҳои табиию ҷуғрофӣ ва иқтисодии минтақа; сифати хок; арзиши шаҳрсозии қитъаи замин; масоҳат ва ҷойгиршавии замин [22,с.75].

Тибқи моддаи 352 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021 таҳти №1844 [11] меъёрҳои андоз барои як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо назардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Меъёрҳои андози замин ҳамасола аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи сатҳи таварруми соли гузашта индексатсия карда мешаванд. Меъёрҳои индексатсияшудаи андози замин барои соли тақвимӣ дар сомонаи мақоми ваколатдори давлатӣ ҷойгир карда мешаванд.

Боби 61 Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон аз 25 декабри соли 2017, таҳти №120-VI [10], меъёрҳои андоз аз қитъаи заминро ба таври мушаххас дар моддаҳои алоҳида муайян намудааст, ки барои ҳисоб намудани меъёрҳои андоз аз қитъаи замин мушкилиҳои зиёдро ба миён намеоварад.

Меъёрҳои манбавии андоз аз қитъаи замин барои заминҳои таъиноти кишоварзӣ барои ҳар гектар муқаррар карда мешаванд ва аз рӯйи сифати хок фарқ мекунанд.

Меъёрҳои асосии андоз барои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (ба истисноӣ қитъаҳои ҳамшафат) барои як метри мураббаъ муқаррар карда мешаванд.

Мутобиқи моддаи 394 Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998 таҳти №146-ФЗ [9], меъёрҳои андоз аз қитъаи замин бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти дахлдор муқаррар карда мешаванд ва набояд аз:

1) 0,3 фоиз барои қитъаҳои замин:

– ба сифати заминҳои таъиноти кишоварзӣ, заминҳои фонди манзил, заминҳое, ки бо мақсади соҳибкорӣ истифода намешаванд, қитъаҳои заминҳое, ки муомилоташон маҳдуд гардидааст, зиёд бошанд.

2) 1,5 фоиз барои дигар қитъаҳои замин.

Вобаста ба категорияҳои замин ва (ё) истифодаи иҷозати қитъаи замин муқаррар намудани меъёрҳои дифференсиалии андоз иҷозат дода мешавад.

Тибқи қисми 3 моддаи 352 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021 таҳти №1844 [11], заминҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ дар маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо) истифода карда мешаванд, бо тартиби зерин андозбандӣ мегарданд:

1) масоҳати ҳар қитъаи замине, ки ба заминистифодабаранда мутобиқи ҳуҷҷати тасдиққунанда вобаста карда шудааст, тибқи зербандҳои а) ва б) банди 2 ҳамин қисм андозбандӣ мегардад;

2) маблағи андози замин вобаста ба масоҳати қитъаи замин ва мақсади истифодабарии он бо тартиби зерин ҳисоб карда мешавад:

а) барои қитъаҳои замин, аз ҷумла заминҳои зери биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда ва биноҳои ёрирасони онҳо:

– то 0,12 гектар дар заминҳои обӣ ва то 0,15 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) - тибқи меъёрҳои муқарраргардида;

– аз 0,12 гектар то 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) - бо меъёри дукаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якум зикргардида;

– зиёда аз 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) зиёда аз 0,25 гектар - бо меъёри секаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якум муқарраргардида;

б) барои заминҳои бо мақсади амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда, ба истиснои соҳибкорони инфиродии тибқи низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияткунанда, бо меъёри панҷкаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якуми зербанди а) банди 2) ҳамин қисм муқарраргардида.

Нисбат ба заминҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд, меъёри панҷкаратаи дар сархати якуми зербанди а) банди 2) қисми 3 ҳамин модда муқарраргардида татбиқ карда мешавад.

Андозаи меъёрҳои андоз аз қитъаи замин аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад. Дар ин замина қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи меъёрҳои андози замин ва андози ягонаи кишоварзӣ барои солҳои 2022-2026» аз 27 апрели соли 2022, №206 [9] қабул гардидааст (нигаред ба нақша).

**Меъёрҳои андози замин дар миқёси минтақаҳои кадастрии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои кӯҳӣ (ба ҳисоби сомонӣ аз як гектар)**

| № р/т | Номгӯйи минтақаҳои кадастрии шаҳру ноҳияҳо | Заминҳои кишт ва дарахтзорҳои бисёрсола | | Чарогоҳҳо | Алафзорҳо | Роҳҳо, кӯчаҳо, иморатҳо, майдонҳо, бешаҳо, каналҳо, ҷӯйҳо ва заҳбурҳо | Дигар заминҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода намешаванд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | обӣ | лалмӣ | | | | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** |
| **1. Суғд** | | **143,00** | **26,23** | **4,76** | **9,51** | **16,65** | **239** |
| 1 | Ашт | 144,04 | 26,23 | 4,55 | 8,83 | 16,65 | 2,39 |
| 2 | Бобоҷон Ғафуров | 144,23 | 26,71 | 4,76 | 9,51 | 16,65 | 2,39 |
| 3 | Деваштич | 108,58 | 27,38 | 6,92 | 13,59 | 16,65 | 2,39 |
| 4 | Зафаробод | 168,99 | 26,23 | 4,55 | 8,83 | 16,65 | 2,39 |
| 5 | Исфара | 159,48 | 26,23 | 5,73 | 11,18 | 16,65 | 2,39 |
| 6 | Истаравшан | 112,84 | 28,81 | 5,73 | 11,18 | 16,65 | 2,39 |
| 7 | Конибодом | 159,16 | 26,23 | 4,55 | 6,42 | 16,65 | 2,39 |
| 8 | Мастчоҳ | 167,68 | 30,72 | 4,55 | 8,83 | 16,65 | 2,39 |
| 9 | Спитамен | 173,98 | 30,72 | 4,55 | 8,83 | 16,65 | 2,39 |
| 10 | Ҷаббор Расулов | 171,03 | 28,81 | 5,23 | 10,70 | 16,65 | 2,39 |
| **Минтақаи кӯҳӣ** | | **0,00** | **0,00** | **9,51** | **14,31** | **14,31** | **1,91** |
| 11 | Айнӣ | 82,17 | 14,38 | 8,58 | 12,88 | 14,31 | 1,91 |
| 12 | Кӯҳистони Мастчоҳ | 84,76 | 15,14 | 8,58 | 12,88 | 14,31 | 1,91 |
| 13 | Панҷакент | 131,75 | 11,57 | 10,23 | 15,47 | 14,31 | 1,91 |
| 14 | Шаҳристон | 70,90 | 25,00 | 10,23 | 15,47 | 14,31 | 1,91 |
| **2. Ҳисор** | | **152,30** | **61,98** | **9,51** | **11,90** | **14,31** | **2,39** |
| 1 | Ваҳдат | 130,89 | 67,58 | 10,52 | 11,45 | 14,31 | 2,39 |
| 2 | Рӯдакӣ | 139,44 | 61,72 | 10,70 | 13,35 | 14,31 | 2,39 |
| 3 | Турсунзода | 171,44 | 43,86 | 8,35 | 10,52 | 14,31 | 2,39 |
| 4 | Шаҳринав | 199,18 | 49,64 | 10,70 | 13,35 | 14,31 | 2,39 |
| 5 | Ҳисор | 177,61 | 47,20 | 9,51 | 12,30 | 14,31 | 2,39 |
| **Минтақаи кӯҳӣ** | | **0,00** | **0,00** | **9,51** | **11,90** | **11,90** | **1.91** |
| 6 | Варзоб | 111,88 | 63,53 | 9,03 | 11,69 | 11,90 | 1,91 |
| 7 | Файзобод | 117,45 | 110,31 | 10,52 | 13,11 | 11,90 | 1,91 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **3. Рашт** | | **123,91** | **90,55** | **9,51** | **14,31** | **14,31** | **1,91** |
| 1 | Нуробод | 106,16 | 90,84 | 10,70 | 15,97 | 14,31 | 1,91 |
| 2 | Рашт | 121,33 | 103,17 | 10,70 | 15,97 | 14,31 | 1,91 |
| 3 | Роғун | 106,16 | 88,44 | 10,70 | 15,97 | 14,31 | 1.91 |
| 4 | Сангвор | 128,60 | 80,39 | 8,83 | 13,11 | 14,31 | 1,91 |
| 5 | Тоҷикобод | 145,01 | 95,31 | 10,99 | 16,43 | 14,31 | 1,91 |
| 6 | Лахш | 123,54 | 79,62 | 9,51 | 14,31 | 14,31 | 1,91 |
| **4. Кӯлоб** | | **157,27** | **73,89** | **7,16** | **11,90** | **14,31** | **2,39** |
| 1 | Восеъ | 187,25 | 75,27 | 10,70 | 17,85 | 14,31 | 2,39 |
| 2 | Данғара | 119,82 | 77,27 | 6,42 | 10,70 | 14,31 | 2,39 |
| 3 | Кӯлоб | 176,11 | 76,29 | 6,92 | 11,45 | 14,31 | 2,39 |
| 4 | Темурмалик | 115,48 | 78,15 | 8,35 | 13,80 | 14,31 | 2,39 |
| 5 | Фархор | 158,47 | 69,13 | 3,32 | 5,73 | 14,31 | 2,39 |
| 6 | Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | 176,71 | 77,27 | 6,42 | 11,45 | 14,31 | 2,39 |
| **Минтақаи кӯҳӣ** | | **0,00** | **0,00** | **9,51** | **14,31** | **11,90** | **1,91** |
| 7 | Балҷувон | 89,32 | 68,09 | 7,87 | 11,90 | 11,90 | 1,91 |
| 8 | Муъминобод | 94,56 | 69,71 | 9,78 | 14,53 | 11,90 | 1,91 |
| 9 | Норак | 106,10 | 66,11 | 4,97 | 7,64 | 11,90 | 1,91 |
| 10 | Ховалинг | 89,31 | 68,09 | 14,57 | 21,92 | 11,90 | 1,91 |
| 11 | Шамсиддин Шоҳин | 85,03 | 71,01 | 10,23 | 15,47 | 11,90 | 1,91 |
| **5. Вахш** | | **221,65** | **54,82** | **4,76** | **9,51** | **16,65** | **2,39** |
| 1 | Абдураҳмони Ҷомӣ | 212,46 | 37,60 | 5,95 | 11,69 | 16,65 | 2,39 |
| 2 | Кӯшониён | 223,57 | 38,73 | 5,47 | 10,99 | 16,65 | 2,39 |
| 3 | Вахш | 239,85 | 64,26 | 4,76 | 9,51 | 16,65 | 2,39 |
| 4 | Ёвон | 135,43 | 54,82 | 6,42 | 13,11 | 16,65 | 2,39 |
| 5 | Қубодиён | 231,13 | 52,92 | 5,73 | 11,18 | 16,65 | 2,39 |
| 6 | Ҷайҳун | 239,85 | 52,92 | 4,06 | 8,12 | 16,65 | 2,39 |
| 7 | Носири Хусрав | 214,71 | 52,92 | 3,56 | 6,95 | 16,65 | 2,39 |
| 8 | Панҷ | 248,54 | 54,57 | 5,95 | 11,69 | 16,65 | 2,39 |
| 9 | Левакант | 212,46 | 54,82 | 5,95 | 11,69 | 16,65 | 2,39 |
| 10 | Хуросон | 203,08 | 54,57 | 5,95 | 11,69 | 16,65 | 2,39 |
| 11 | Ҷалолиддини Балхӣ | 251,88 | 90,04 | 4,06 | 8,12 | 16,65 | 2,39 |
| 12 | Дӯстӣ | 252,34 | 52,92 | 3,56 | 7,16 | 16,65 | 2,39 |
| 13 | Шаҳритус | 214,58 | 52,92 | 3,56 | 7,16 | 16,65 | 2,39 |
| **6. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (бе Мурғоб)** | | **42,96** | **19,06** | **4,76** | **7,16** | **7,16** | **1,91** |
| 1 | Ванҷ | 57,36 | 0,00 | 3,82 | 5,47 | 7,16 | 1,91 |
| 2 | Дарвоз | 54,76 | 19,06 | 5,47 | 8,12 | 7,16 | 1,91 |
| 3 | Ишкошим | 33,66 | 0,00 | 4,76 | 7,16 | 7,16 | 1,91 |
| 4 | Рошткалъа | 35,69 | 0,00 | 4,76 | 7,16 | 7,16 | 1.91 |
| 5 | Рӯшон | 52,64 | 0,00 | 3,82 | 5,47 | 7,16 | 1,91 |
| 6 | Хоруғ | 42,88 | 0,00 | 4,76 | 7,16 | 7,16 | 1,91 |
| 7 | Шуғнон | 35,69 | 0,00 | 4,76 | 7,16 | 7,16 | 1,91 |

Ҳамзамон, дар ҶТ барои ҳисоб намудани меъёрҳои андоз аз қитъаи замин як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Дастурамали Кумитаи андози ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул» аз 22 майи соли 2013 №12-Ф, Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)» аз 01 апрели соли 2022, №59

ва инчунин, Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ» аз 01 феврали соли 2022, №20.

Дар Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)» аз 01 апрели соли 2022, №59 [11] меъёрҳои андоз аз қитъаи замин муайян гардидааст.

Мисол. Тибқи қарори дахлдори Ҳукумати ҶТ меъёри андози замин дар соли 2022 барои як гектар замин дар шаҳри Душанбе 1191,4 сомонӣ тасдиқ шудааст. Тибқи банди 31 Дастурамал Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, бо дарназардоштани сатҳи таварруми соли 2022, ки 7,0 фоизро ташкил додааст, меъёри андози заминро барои соли 2023 индексатсия менамоянд, ки маблағи андози мазкур барои як гектар замин дар шаҳри Душанбе ба 1274,8 сомонӣ баробар мегардад (1191,4*7,0% (сатҳи таваррум).

Мисол. Шаҳрванд Ҳ.Ф. дар шаҳри Кӯлоб 0,15 гектар замини обии бо мақсади истиқоматӣ истифодашаванда дорад. Маблағи андози замини шаҳрванд Ҳ.Ф. дар соли 2022 160,82 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 893,54 сомонӣ (меъёри андоз барои 1 гектар);

2) 0,15 гектар-0,12 гектар=0,03 гектар;

3) 0,12 гектар*893,54=107,22 сомонӣ;

4) 0,03 гектар *893,54=26,80 сомонӣ*2 (меъёри дукарата барои масоҳати зиёда аз 0,12 гектар)=53,6;

5) 107,22+53,6=160,82 сомонӣ.

Мисоли дигар. ҶДММ «А» дар шаҳри Душанбе 0,70 гектар қитъаи замини обӣ дорад, ки дар он бинои маъмурӣ ва коргоҳ мавҷуд мебошад. Маблағи андози замини ҶДММ «А» дар соли 2022 4169,9 сомониро ташкил додааст, ки бо тартиби зерин ҳисоб карда шудааст:

1) 1191,40 сомонӣ (меъёри андоз барои 1 гектар);

2) 0,70 гектар*1191,40=834,0*5(меъёри панҷкарата барои масоҳати умумӣ) = 4169,9 сомонӣ.

Мутобиқи Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ» аз 01 феврали соли 2022 таҳти №20 [6], меъёрҳои солонаи андози ягонаи кишоварзӣ аз рӯйи кадастри замин барои ҳар гектар замин бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешаванд.

Барои заминҳое, ки дар муқаррароти банди 19 Дастурамал муайян нашудаанд, меъёрҳои андози замини дар қисми 1 моддаи 352 Кодекси андоз муқарраршуда татбиқ карда мешаванд.

Меъёрҳои андози ягонаи кишоварзӣ ҳамасола аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ мутобиқи сатҳи таварруми соли гузашта индексатсия карда мешаванд. Меъёрҳои индексатсияшудаи андози ягонаи кишоварзӣ барои соли тақвимӣ дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ҷойгир карда мешавад.

Ҳамин тариқ, меъёри андоз дар низоми унсурҳои андозбандӣ яке аз мавқеъҳои марказиро касб намудааст. Муҳиммияти меъёри андоз, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки вазъи молиявии андозсупоранда ва буҷети давлат аз он вобастагӣ дорад. Меъёри андоз бузургии ҳисобкардашудаи маблағи андозҳо мебошад, ки нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ истифода бурда мешавад. Меъёри андоз - муайянкунандаи ҳаҷму андозаи аз ҳар воҳиди андозбандӣ ситондани андоз мебошад.

Меъёрҳои андоз мухталиф мебошанд. Ин аз хусусиятҳои объекти андозбандӣ ва усули муайян кардани манбаи андоз барои ҳар як андоз вобаста аст.

**Муқарриз: .и.ҳ., дотсенти АИДНПҶТ - Соҳибзода М.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев Ф.Р. Ҳуқуқи молиявӣ: маҷмуаи таълимӣ-методӣ / Ф.Р.Абдуллоев, З.И. Холхуҷаев. – Душанбе: Озар, 2014, – 384 с.
2. Батарин А.А. Правовое регулирование исчисления налога: дис. ... канд. юрид. наук / А.А. Батарин. –М., 2013. – 268 с.

3. Богуславская Н.А. Правовое регулирование местных налогов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук / Н.А. Богуславская. – Хабаровск, 2006. – 254 с.
4. Вычерова Н.В. Исполнение обязанности по уплате имущественных налогов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук / Н.В. Вычерова. – Москва, 2016. – 228 с.
5. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Китоби якум / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе, 1983. – 870 с.
6. Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ» аз 01 феврали соли 2022, №20. [Электронный ресурс]. https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG.
7. Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)». Аз 01 04 соли 2022, №59 [Электронный ресурс]. https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG
8. Калинин С.И. Проблемы правового регулирования местных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук / С.И. Калинин. – М., 2008. – 203 с.
9. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи меъёрҳои андози замин ва андози ягонаи кишоварзӣ барои солҳои 2022-2026» аз 27 апрели соли 2022, №206 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.01.2023).
10. Кодекс Республики Казахстан О налогах и других обязательных платежах в бюджет (Налоговый кодекс) 5 декабря 2017 года №120-VI ЗРК (с изменениями и дополнениями по состоянию на 11.07.2022 г.)
11. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj.
12. Кучеров И.И. К вопросу о юридических конструкциях налогов и сборов / И.И. Кучеров // Финансовое право. – 2010. – №1. – С. 22-27.
13. Налоговое право: учебник для вузоа / под ред. С.Г. Пепеляева. –М.: Альпина Паблишера, 2015. -1060 с.
14. Налоговый кодекс Республики Армения от 1 ноября 2016 года №зр-165.
15. Налоговый кодекс Российской Федерации (часть первая) от 31.07.1998, №146-ФЗ (ред. от 28.06.2022) (с изм. и доп., вступ. в силу с 23.09.2022).
16. Налоговый кодекс Украины от 2 декабря 2010 года №2755-VI (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.10.2022 г.).
17. Ҳайати муаллифон. Таърих ва назарияи андозситонӣ: китоби дарсӣ. -Душанбе: Ирфон, 2019. – С. 137.
18. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ // Зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 305 с.
19. Ҳуқуқи андоз. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм // Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: Полиграф-групп, 2012. – 536 с.
20. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе: ЭР-граф, 2012, – 352 с.
21. Основы налогового права (Зери таҳрири С.Г. Пепеляев). – М.: Инвест Фонд, 1995. – 496 с.
22. Романова Г.В. Земельное право: курс лекций для бакалавров / Г.В. Романова. -М.: ЮСТИЦИЯ, 2016. -190 с.
23. Христова Н.А. Земельный налог в Российской Федерации (финансово-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук / Н.А. Христова. – Москва, 2007. – 194 с.
24. Ялбулганов А.А. Правовое регулирование земельного налога в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук / А.А. Ялбулганов. – М., 1998. – 297 с.
25. Ярдякова И.В. Совершенствование земельного налога с применением земельной ренты: дис. … канд. эконом. наук / И.В. Ярдякова. – Бишкек, 2011. – 155 с.

## МЕЪЁРҲОИ АНДОЗ АЗ ЗАМИН ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ҲУҚУҚИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф меъёри андози замин, намудҳо ва хусусиятҳои онро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Меъёри андоз дар низоми унсурҳои андозбандӣ яке аз мавқеъҳои марказиро ишғол намудааст. Муҳиммияти меъёри андоз пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки вазъи молиявии андозсупоранда аз он вобастагӣ дорад. Меъёри андоз ин арзиш (фоиз) ва (ё) арзиши устуворест, ки ба манбаи андозбандишаванда барои муайян кардани маблағи андоз татбиқ карда мешавад. Меъёри андоз табиатан бо манбаи андоз алоқаманд буда, он аз як воҳиди ченаки манбаи андоз ситонида мешавад. Меъёрҳои андоз мухталиф буда, аз хусусиятҳои объекти андозбандӣ ва усули муайян кардани манбаи андоз барои ҳар як андоз вобаста аст. Барои ҳар як намуди андоз меъёри (меъёрҳои) алоҳидаи андоз муқаррар карда мешавад. Дар натиҷаи таҳлилҳо пайхас кардан мумкин аст, ки баъзе аз категорияҳои меъёрҳои андоз бо фоиз ва баъзеи дигари онҳо бо маблағи мутлақ муайян карда мешаванд. Меъёрҳои андози замин бо назардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ, минтақаи ҷойгиршавии қитъаи замин, минтақаҳои табиӣ, гурӯҳи хок ва андозаи қитъаи замин муқаррар карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** андоз, унсурҳои андозбандӣ, замин, қитъаи замин, манбаи андоз, меъёри андоз, меъёри устувор, меъёри фоизӣ, меъёри мутлақ, меъёри нисбӣ, меъёри андози замин, меъёри асосии андози замин, меъёри манбавии андози замин, меъёрҳои муттафариқавии андози замин.

## СТАВКИ ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА В ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ НАЛОГОВОГО ПРАВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор проанализирует и рассматривает ставку земельного налога, его виды и особенности. Налоговая ставка занимает одно из центральных мест в системе элементов налогообложения. Значение налоговой ставки, прежде всего, заключается в том, что от нее зависит финансовое положение налогоплательщика. Ставка налога это -величина (процент) и (или) фиксированная величина, применяемая к источнику налогообложения для определения суммы налога. Ставка налога естественным образом связана с источником налога и исчисляется с единицы измерения источника налога. Налоговые ставки различны и зависят от особенностей объекта налогообложения и способа определения база налога по каждому налогу. Для каждого вида налога устанавливается отдельная налоговая ставка. В результате анализа можно заметить, что некоторые категории налоговых ставок определяются в процентах, а некоторые в абсолютной сумме. Ставки земельного налога устанавливаются с учетом кадастровых зон и видов земель, в том числе земель населенных пунктов, земель под лесами и кустарниками населенных пунктов и земель сельскохозяйственного назначения, местонахождения земельного участка, природных зон, группы почв и размеров земельного участка.

**Ключевые слова**: налог, элементы налогообложения, земля, земельный участок, база налога, налоговая ставка, фиксированная ставка, процентная ставка, абсолютная ставка, относительная ставка, ставка земельного налога, основная ставка земельного налога, базовая ставка земельного налога, дифференцированные ставки земельного налога налог.

## LAND TAX RATES IN THE THEORY AND PRACTICE OF TAX LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author analyzes and considers the land tax rate, its types and features. The tax rate occupies one of the central places in the system of elements of taxation. The value of the tax rate, first of all, lies in the fact that the financial position of the taxpayer depends on it. The tax rate is a value (percentage) and (or) a fixed value applied to the source of taxation to determine the amount of tax. The tax rate is naturally related to the tax source and is calculated from the unit of measure of the tax source. Tax rates are different and depend on the characteristics of the object of taxation and the method of determining the tax base for each tax. A separate tax rate is set for each type of tax. As a result of the analysis, it can be seen that some categories of tax rates are determined as a percentage, and some as an absolute amount. Land tax rates are established taking into account cadastral zones and types of land, including land of settlements, land under forests and shrubs of settlements and agricultural land, location of the land plot, natural zones, soil group and size of the land plot.

**Keywords**: tax, elements of taxation, land, land plot, tax base, tax rate, fixed rate, interest rate, absolute rate, relative rate, land tax rate, basic land tax rate, basic land tax rate, and differentiated land tax rates tax.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Буриева Дилафрӯз Толибовна*** **–** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33**.** Телефон**: (+992) 93-411-11-61.** E-mail**: burieva.dilafruz1111@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Буриева Дилафруз Толибовна*** **–** Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискательница кафедры административного права и государственной службы. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира, 33**.** Телефон**: (+992) 93-411-11-61.** E-mail**: burieva.dilafruz1111@gmail.com**

**Information about the author:** ***Burieva Dilafruz Tolibovna*** **–** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant for the Department of Administrative Law and Public Service. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir street, 33. Phone**: (+992) 93-411-11-61**. E-mail: **burieva.dilafruz1111@gmail.com**

ТДУ: 342.71.3

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАРКИБҲОИ ВАЗНИНКУНАНДА ВА МАХСУС ВАЗНИНКУНАНДАИ ҶИНОЯТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

*Абдусаломзода Ҷ.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар моддаи 252-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Таркибҳои вазнинкунанда ва махсуси вазнинкунандаи ин ҷиноят дар қисмҳои 2 ва 3-и моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи қ. 2-и м. 252-и КҶ ҶТ ҳамин кирдор [2]:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст.

Бояд қайд намоем, ки мафҳуми такрори ҷиноят дар м. 19-и КҶ ҶТ оварда шудааст. Мувофиқи ин модда, такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст. Бо дарназардошти ин муқаррарот вобаста ба банди «а»-и м. 252-и КҶ ҶТ ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки такроран содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, чунин кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар моддаи 252- КҶ ҶТ ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст. Дар ҳолате, ки агар шахс барои қаблан содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, ё доғи судиаш барои ин ҷиноят барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад, ҷинояти баъдан содир кардааш такроран ҳисобида намешавад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки мувофиқи қ. 5-и м. 19-и КҶ ҶТ «ҷиноятe, ки аз як қатор кирдорҳои ҷиноятии ҳаммонанд иборат буда, бо қасди умумӣ ва мақсади ягона равона шудааст ва дар маҷмуъ ҷинояти давомдорро ташкил мекунанд, такрори ҷиноят эътироф намешавад». Бо дарназардошти ин муқаррарот, чунин ҳисобидан мумкин аст, ки дар ҳолате, ки агар шахси гунаҳгор аз чанд автомобилҳои дар як ҷой истода, мехоҳад яке аз онҳоро ҳай карда барад ва бо ин мақсад ӯ кӯшиши ба кор даровардани муҳаррики яке аз ин автомобилҳоро мекунад, вале дар сурати ноком шуданаш дигар автомобилро ба кор андохта, вайро ҳай карда барад, такрори ҷиноятро бо банди «а» қ. 2- м. 252-и КҶ ҶТ ташкил намедиҳад. Ба ибораи дигар, кӯшишҳои такрории шахс, ҷиҳати ба кор андохтани яке аз автомобилҳо бо мақсади ҳай карда бурдани он, такрори ҷинояти мазкурро ташкил намедиҳад.

Вобаста ба банди «б»- қ. 2-и м. 252, яъне содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бояд гуфт, ки дар асоси қ. 2-и м. 39 КҶ ҶТ ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани ин ҷиноят пешакӣ маслиҳат кардаанд. Яъне, ин он маъно дорад, ки зери маслиҳати пешакӣ, чунин маслиҳати содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз тарафи ду ва ё зиёда аз он шахсонеро фаҳмидан лозим аст, ки то содир намудани ҷинояти мазкур сурат мегирад. Азбаски саршавии ҳама ҷиноятҳоро кирдорҳои қасдонае ташкил медиҳанд, ки бевосита ба содир кардани ҷиноят равона гардидаанд, яъне сӯиқасд ба он (қ. 3 м. 32 КҶ ҶТ), бояд онро эътироф намуд, ки маслиҳати пешакӣ оиди содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои

нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар вақти гуногун, ҳамчунин дар давраи тайёрӣ ба ҷиноят, вале то содир намудани кирдорҳое, ки тарафи объективии ин ҷиноятро ташкил медиҳанд, сурат гирифта метавонад.

Агар маслиҳат оиди якҷоя содир кардани ҷиноят дар вақти бевосита ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт сурат гирад, ин маслиҳат хусусияти «маслиҳати пешакӣ»-ро гум мекунад ва бинобар ин, дар ҳолати мазкур, аломати квалификатсионии ҷинояти дар банди «б» қ. 2 м. 252-и КҶ ҶТ, яъне ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ истисно карда мешавад. Дар ин ҳолат ҳар як иҷрокунандаи ин ҷиноят барои содир намудани он кирдорҳои ҷиноятие, ки худаш бевосита содир кардааст, махсусан дар ҳолати набудани дигар аломатҳои вазнинкунандаи дуздӣ, бо қ. 1-и м. 252 КҶ ҶТ, ҳамчун ҷинояти хотимаёфта ё нотамом, вобаста ба ҳолатҳои муайяни кор, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [6].

Инчунин бояд қайд намоем, ки ҳангоми эътироф намудани содир шудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, зарур он аст, ки шарикон бо ин ё он роҳ дар содир намудани ин ҷиноят иштирок дошта бошанд. Дар ин ҳолат идораи бевоситаи автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт аз тарафи онҳо зарурат надорад, барои он ки ҳамиҷрокунанда метавонад ҳатто дар воситаи нақлиёте, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурда шуда истодааст, набошад, зарур он аст, ки вай барои содир кардани ҳай карда бурдани воситаи накдиёт кумак мекунад. Дар баробари ин, агар кумак танҳо дар додани маслиҳат, пешниҳод кардани воситаҳои техникӣ ва ё пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъдашуда ифода гардида бошад, дар ин сурат кирдорҳои мазкур бо ишора ба м. 36-и КҶ ҶТ, ҳамчун ёрдамчӣ ё таҳриккунандаи ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, бояд бандубаст карда шаванд.

Дар банди «в» қ. 2 м. 252-и КҶ ҶТ содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, пешбинӣ шудааст. Бояд қайд намуд, ки зери мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, лату кӯб намудани ҷабрдида ё содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, ки дарди ҷисмонӣ расонидаанд, вале боиси ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат нагардидааст, масалан, бастани дастон, истифода бурдани дастбанд (наручник), нигоҳ доштан дар бинои маҳкам ва ғайра, фаҳмида мешавад [5]. Чунин мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» низ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи Қарори мазкур, «Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест, бояд лату кӯб ё содир кардани дигар ҳаракатҳои зӯроваронае, ки бо расонидани дардҳои ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд кардани озодии ӯ (бастани дастҳо, истифода намудани дастбандҳо, дар биноҳои маҳкам монондан ва ғайра) алоқамананд, фаҳмида шавад» [3].

Бояд қайд намуд, ки зӯроварии ҷисмонӣ ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар востаҳои нақлиёт инчунин дар зарбазанӣ, харошидан, ҷоришавии хун, расонидани дарди ҷисмонӣ бо роҳи дастшиканӣ, истифодаи усулҳои ҷангҳои якка, бастани дасту пой, ифода мегарданд. Таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бо истифодаи зӯроварӣ, чунин ҳаракатҳои таҷовузкоронаро, ба монанди аз пой афтонидани ҷабрдида, ба замин афтонидани ӯ, бо истифодаи зӯроварӣ, маҳрум ё маҳдуд кардани озодии вай ва дигар ҳаракатҳо, эътироф менамояд.

Зӯроварии руҳӣ, яъне тарсонидан, таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонии дар боло зикргардида нисбати ҷабрдида, ки барои ҳаёт ва саломатии вай хавфнок намебошанд, бори аввал аз тарафи қонунгузор ҳамчун аломати вазнинкунандаи

таркиби ҷинояти ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар қонуни ҷиноятӣ ҷорӣ карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки муайян намудани хусусияти воқеии вазнинии зӯроварие, ки нисбати ҷабрдида истифода шудаанд, шарти асосии бандубаст намудани ҳаракатҳои гунаҳгор бо қ. 2-и м. 252-и КҶ ҶТ ба шумор меравад. Бинобар ин, нисбати ин гуна парвандаҳои ҷиноятӣ бояд экспертизаи суди-тиббӣ, барои муайян кардани хусусият ва дараҷаи зӯроварие, ки нисбати ҷабрида истифода шуданд, таъин гардад.

Мувофиқи қ. 3-и м. 252-и КҶ ҶТ кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) бо расонидани зарар ба миқдори калон;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

в) бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аст ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст.

Оиди б. «а» қ. 3-и м. 252, яъне содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо расонидани зарар ба миқдори калон, бояд ҳаминро қайд намоем, ки зарари калон ҳамчун аломати арзишии ҷиноят ба ҳисоб меравад, Мувофиқи эзоҳи моддаи 244-и КҶ ҶТ таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои ҳамин боб андозаи арзиши амволе дар назар дошта шудааст, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал як ҳазор маротиба зиёдтар бошад. Дар асоси ин муқаррарот расонидани зарар ба миқдори калон дар м. 252- КҶ ҶТ, расонидани чунин зараре ба амволе фаҳмида мешавад, ки арзиши он аз андозаи як ҳазор маротиба нишондиҳандаи барои ҳисобҳо зиёд бошад. Бо назардошти он, ки андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 сомонӣ муқаррар шудааст, пас зарар ба миқдори калон дар м. 252- КҶ ҶТ зараре эътироф мегардад, ки он аз 40 000 сомонӣ зиёд бошад. Барои бо банди «а» қ. 3 м. 252, бандубаст намудани ҷинояти мазкур, бояд муайян карда шавад, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт ба соҳибмулк воқеан зарари моддӣ расонида шуд (масалан, вайрон кардани автомобил, несту нобуд кардани автомобил ва ғ.)

Дар банди «б» қ. 32 м. 252-и КҶ ҶТ содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷониби гурӯҳи муташаккил пешбинӣ шудааст.

Гурӯҳи муташаккил – яке аз шаклҳои хавфноктарини шарикӣ дар ҷиноят ба шумор меравад. Мувофиқи қ. 3 м. 39-и КҶ ҶТ, «ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори ашхосе, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад». Вобаста ба ин мафҳуми додаи қонунгузор, се аломати гурӯҳи муташаккилро ҷудо намудан мумкин аст:

а) пешакӣ муттаҳид гаштани аъзоёни гурӯҳ;

б) устувории гурӯҳ;

в) мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноят [12].

Марбут ба гурӯҳҳои муташаккилонаи щахсоне, ки барои содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муттаҳид шудаанд, аломати устувории гурӯҳ дар дарозмуддат будани фаъолияти ҷинояткоронаи гурӯҳ, дар дуруст тақсим намудани нақшаҳо ва вазифаҳои ҳар яке аз аъзоёни гурӯҳ, мавҷуд будани сарвари гурӯҳ (ташкилкунанда, роҳбарикунанда), интизоми сахти дохилии гурӯҳ, банақшагирии фаъолияти умумии ҷиноятии гурӯҳ дар муддути муайян ва ҳар як кирдори ҷиноятӣ дар алоҳидагӣ ифода мегардад [3].

Бо назардошти баланд будани ташкилии дохилии гурӯҳӣ дар ин шакли шарикӣ дар тафовут, масалан аз гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ, нисбати он дар қ. 6-и м. 39-и КҶ ҶТ талаботҳои сахттар нисбати асос, шартҳо ва ҳаҷми ҷавобгарии ҷиноятии иштироккунандагони гурӯҳи муташаккил барои содир намудани тасарруфи молу мулки ғайр муайян шудаанд. Мувофиқи муқаррароти қ. 6-и м. 39-и КҶ ҶТ, «шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) таъсис додааст ё ба он роҳбарӣ

кардааст, дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс барои ташкил ва роҳбарии онҳо, инчунин барои тамоми ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳи муташаккил, ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дигар иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), барои иштирок дар онҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс инчунин барои ҷиноятҳое, ки дар тайёрӣ ё содир кардани онҳо ширкат варзидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд». Бо назардошти ин муқаррарот, ташкилкунанда ё ин ки роҳбарикунандаи гурӯҳи муташаккил, ҳамчун иҷрокунандаи тамоми ҷиноятҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруфи содирнамудаи гурӯҳ, агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, новобаста аз он, ки ӯ дар содир намудани онҳо иштирок дошт ё не, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани иштироккунандагони қатории гурӯҳи муташаккил, фақат хабар доштан оиди содиркунии ин ё он ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф кифоя нест, зеро асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳоро барои содир намудани ин ҷиноят иштироки бевоситаи онҳо дар тайёрӣ ва баамалбарории ин кирдори ба ҷамъият хавфнок ташкил медиҳад [1].

Мувофиқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»: «Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст, бояд чунин зӯроварие, ки ба расонидани зарари вазнин ва миёна ба саломатии ҷабрдида оварда расонида бошад, ҳамчунин расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси вайроншавии кӯтоҳмуддати саломатӣ ё гум кардани устувории на он қадар зиёди қобилияти умумии меҳнатӣ гирифтааст, фаҳмида шавад» [4].

Зӯроварии руҳӣ ҳангоми ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил дар таҳдид намудан, яъне дар тарсонидани истифода бурдани зӯрорварии ҷисмонӣ дар намуди расонидани зарари ҷисмонии дараҷаҳои гуногун, инчунин аз ҳаёт маҳрум намудан ифода мегардад. Таҳдид метавонад даҳонӣ ва ё бо роҳи ишораҳо, намоишдиҳии яроқ ва ғайра баён гардад. Зарур он аст, ки ҷабрдида ин таҳдидро воқеӣ қабул намояд, новобаста аз он ки гунаҳгор онро амалӣ менамояд ё не.

Бояд қайд намуд, ки ҳуҷум намудан бо мақсади ба даст даровардани молу мулк, ки бо зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок алоқаманд мебошад, ки дар вақти истифода бурдани ин зӯроварӣ барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфи воқеиро ба вуҷуд меоварад, бо қ. 3 м. 252 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, новобаста аз он ки ин зӯроварӣ дар натиҷаи таҳдиди истифодаи он истифода шуд.

Ҳангоме ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил бо таҳдиди истифода бурдани зӯроварие, ки хусусияти номуайян дорад алоқманд аст, масъалаи бандубасти он бо қ. 2, ё ин ки бо қ. 3 м. 252 КҶ ҶТ бояд бо дарназардошти ҳама ҳолатҳои кор (ҷой ва вақти содир намудани ҷиноят, шумораи ҳуҷумкунандагон, хусусияти предметҳое, ки бо онҳо ба ҷабрдида таҳдид карда мешуд, дарки субъективии хусусияти таҳдид, содир кардани ҳаракатҳои муайяне, ки аз истифода бурдани зӯроварии ҷисмонӣ шаҳодат медоданд ва ғайра) ҳал карда шавад.

Ҳамин тариқ, истифода бурдани зӯроварӣ, ҳангоми содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, бо диспозитсияти қ. 2 ва қ. 3-и м. 252 КҶ ҶТ дар бар гирифта шудааст ва бандубасти иловагиро бо ҷиноятҳои муқобили шахсият талаб намекунад. Инчунин бояд қайд намуд, ки ҳангоми аз ҳаёт маҳрум намудани ҷабрдида дар вақти ҳай карда бурдани автомобил бандубаст бояд бо м. 104 (қ. 2 ё 3) ва м. 252 КҶ ҶТ, яъне аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо сурат гирад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ – Шарипов Р.И.**

**АДАБИЁТ**

1. Грекова Т.М. К вопросу о субъекте угона транспортных средств // Уголовно-правовые и процессуальные пробл. реализации уголовной ответственности / Т.М. Грекова. – Куйбышев, 1986. – С. 87.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998. -Душанбе, 2019.
3. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть. Под общей редакцией Ю. Скуратова и В. Лебедева. – М.: ИНФРА-М-НОРМА, 1996. – С. 302.
4. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3 аз 25 июни соли 2004 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» // Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2011) . – Душанбе, 2011. - С. 81-82.
5. Постатейный Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации 1996 года. [Электронный ресурс]. http://www.bibliotekar.ru/ugolovnyi-codex-2/5.htm (дата обращения 21.04. 2014); Комментари к Уголовному кодексу Российской Федерации. Отв. ред. В.М. Лебедев. 8-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2008. – С. 394.
6. Пантелеев В. П. Угон автомототранспортных средств (уголовно-правовые и криминологические: вопросы): учеб. пособие / В. П. Пантелеев. - Караганда, 1982.
7. Панова Ю.А. Уголовно-правовые меры борьбы с неправомерными завладениями автотранспортными средствами: дис. ... канд. юрид. наук / Ю.А. Панова. - М., 1997.
8. Уголовное право России. Часть Особенная. Учебник для вузов. Отв. Ред. Л.Л. Кругликов. -М., 2004. -С.244.
9. Уголовное право. Особенная часть: учебник. Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. -М.: Норма, 2001. -516 с.
10. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С.Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А.Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – 344 с.
11. Шарипов Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокиров, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2020 – 223 с.
12. Яни П.С. Мошенничество и иные преступления против собственности: уголовная ответственность / П.С. Яни. -М., 2002. -136 с.

## ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАРКИБҲОИ ВАЗНИНКУНАНДА ВА МАХСУС ВАЗНИНКУНАНДАИ ҶИНОЯТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

Мақола ба масъалаҳои таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунанда ва махсуси вазнинкунандаи ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида бахшида шудааст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масоили ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт будуни мақсади тасарруф то имрӯз аҳаммияти ҷиддӣ дода нашудааст. Бинобар ин, тадқиқи масоили мазкур таҳлили ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Муаллиф мавқеи гурӯҳҳои гуногуни олимонро вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, тасарруф, автомобил, воситаи нақлиёт, аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда, амнияти ҷамъиятӣ, моликият, ҳай карда бурдан, муносибатҳои ҷамъиятӣ, истифодаи ғайриқонунӣ.

## УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ОТЯГЧАЮЩИХ И ОСОБО ОТЯГЧАЮЩИХ СОСТАВОВ ПРЕСТУПЛЕНИЙ УГОНА АВТОМОБИЛЯ ИЛИ ИНЫХ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ БЕЗ ЦЕЛИ ХИЩЕНИЯ

Статья посвящена проблемам уголовно-правового анализа отягчающих и особо отягчающих составов преступлений, предусмотренных статьей 252 Уголовного кодекса Республики Таджикистан - угон автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения. В науке уголовного права проблеме угона автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения до сих пор не уделено должного внимания. Поэтому исследование данной проблемы требует всестороннего анализа. Автором анализирована позиция различных групп ученых относительно места незаконного угона автомобиля или других транспортных средств без цели хищения в структуре Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, хищение, автомобиль, транспортное средство, отягчающие и особо отягчающие, общественная безопасность, собственность, угон, общественные отношения, незаконное использование.

## CRIMINAL LEGAL ANALYSIS OF THE AGGRESSIVE AND SPECIALLY AGGRESSIVE COMPOSITIONS OF THE CRIMES OF THEFT OF A CAR OR OTHER VEHICLES WITHOUT THE PURPOSE OF THEFT

The article is devoted to the problematic criminal law analysis of aggravating and especially aggravating elements of crimes provided for the theft of a car or other vehicles without the purpose of theft, article 252 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. In the science of criminal law, the problem of stealing a car or other

vehicles without the purpose of theft has not yet been given due attention. Therefore, the study of this problem requires a comprehensive analysis. The author analyzed the position of various groups, scientists regarding the place of illegal theft of a car or other vehicles without the purpose of theft in the structure of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** Criminal codec, theft, car, vehicle, aggravated and especially aggravated, public safety, property, theft, public relations, illegal use.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-14-99-99.** E-mail: **jovid.abdusalomzoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдусаломзода Джавид Абдусалом* –** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 988-14-99-99.** E-mail: **jovid.abdusalomzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdusalomzoda Javid Abdusalom* –** Tajik National University, assistant at the department of criminal law and anti-corruption. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 988-14-99-99.** E-mail: **jovid.abdusalomzoda@mail.ru**

ТДУ: 343.98

# ИНКИШОФИ ТАКТИКАИ САНҶИШИ НИШОНДОД ДАР ҶОЙИ ҲОДИСА ДАР НАЗАРИЯИ ИЛМИ КРИМИНАЛИСТИКА

***Аҳмадзода Мухаммадалӣ Сайхуҷа***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соли 1880 ҳуқуқшиноси маъруфи рус В.К. Случевский хабареро ба нашр расонид, ки дар он оид ба ошкор шудани як гурӯҳи дуздон сухан меравад ва дар ин тафтиши аз ҷониби кормандони полиси Санкт-Петербург гузаронидашуда нишондодҳои яке аз иштирокчиёни ин дуздӣ ва шарҳҳои ӯ дар ҷойи ҳодиса ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкорсозии ҷиноят кумаки калон расонид [13].

Ҳанӯз дар охири асри XIX яке аз асосгузорони илми криминалистӣ Ҳанс Гросс дар асари худ «Раҳнамо барои муфаттишони муфаттиш, амалдорон ва полисони жандармӣ» усули ба тафтиши санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса монандро зикр намуда буд. Ба андешаи ин олим, ҳангоми пурсиш барои беҳтар ба ёд овардани ҳодиса лозим аст, то ба он ҷое баргардед, ки дар он ҷой шумо шоҳиди воқеа будед ва маҳз дар ҳамин замина амалҳои рухдода пайиҳам ба хотиратон меоянд ва ин усули эътимодбахш дар санҷиш ва муайян кардани нишондод дар ҷойи ҳодиса мебошад.

Вақте ки санҷиш ва муайян кардани нишондод дар ҷойи ҳодиса танҳо дар амалияи тафтиши ҷиноят амалӣ гардид, ин раванд боиси эътирози шадиде миёни баъзе олимон шуд. Ин ҷараёнро олимон М. Строгович ва Г. Александрова қатъиян манъ карданд: «Амали тафтиширо бо номи «баромадан» ё «рафтан» ба ҷойи ҳодиса бо мақсади ягона, яъне «асоснокнамоӣ»-и нишондодҳои айбдоршавандаи ба гуноҳаш иқроршуда, ки ин далелҳо қаблан ба муфаттиш маълум мебошад, беш аз вайрон кардани қонун дигар ҳеҷ чиз наметавон ҳисобид ва он бояд аз амалияи тафтишӣ соқит карда шавад» [1].

Муаллифони зикрёфта ба тахминҳои беасос такя менамоянд, ки гӯё чунин амали тафтишӣ аз ҷониби муфаттишон танҳо бо иштироки айбдоршаванда дар ҳолати мавҷуд набудани далели гуноҳкории ӯ анҷом дода мешавад. Ҳамзамон, онҳо қайд намудаанд, ки дар ҷараёни гузаронидани ин амали тафтишӣ, вақте ки «айбдоршаванда дар ҳузури шоҳидон нишондодҳои қаблан додашуда ва ба тафтишот маълумро такрор мекунад» [1] ва дар ин маврид сарчашмаи далел нишондоди худи ҳамон айбдоршавандаи қаблан пурсидашуда буда, мақсади асосии чунин амали тафтишӣ на ба даст овардани далелҳои нав, балки аз ҷониби айбдоршаванда дар ҷойи ҳодиса такрор намудани нишондоди қаблан додашуда мебошад. Ин амал, ба андешаи олимон, ба он хотир гузаронида мешавад, ки нишондодҳои айбдоршавандаи ба гуноҳаш иқроршуда бори дигар асоснок гардида, барои тағйир додани нишондодҳояш дар муфаттиш ба ӯ дигар имкон дода нашавад. Муаллифони болозикр инчунин қайд намудаанд, ки муфаттишон бо анҷом додани ин амал кӯшиш мекунанд, ки кори худро осон кунанд ва аз сарфаи вақти зиёд барои ҷамъоварии далелҳо канорагирӣ кунанд. Ин нуктаи назар дар даврони муосир низ тарафдорони худро дорад. Ба таври мисол, А.М. Ларин кайд мекунад, амали «санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса» танҳо барои он гузаронда мешавад, ки айбдоршаванда ба ҷараёни иқроршавӣ банд гардида, амали бавуқуъомадаро таҳти наворҳои видеоӣ, инчунин аккосии он такрор кунад ва дар раванди тафтишот ва муфаттиш аз фикри худ нагардад. «Дар баробари ин, ба таври сунъӣ далелҳои нав – аксҳо, сабтҳои видеоӣ, нишондодҳои шахсони ба сифати шоҳид пурсишшуда, инчунин гуфтаҳои шоҳидони дар ин ҳодиса ҳузурдошта ба вуҷуд оварда мешаванд. Ягон айбдоркунии бардурӯғ бе ин ҷараён сурат намегирад...» [22]. Бо вуҷуди ин гуфтаҳо, М. Строгович ва Г. Александров (чун дигар муаллифон) ба нишондодҳои шифоҳии айбдоршаванда диққати асосиро равона сохта, амали шахсеро, ки нишондодаш дар ҷойи ҳодиса тафтиш карда мешавад, ба инобат намегиранд ва мавқеи ин шахсро ба таври воқеӣ арзёбӣ наменамоянд, ки дар натиҷа айбдоршаванда ба сарчашмаи ягонаи далели шайъӣ табдил мeёбад. Ба ақидаи муаллифон, ин амали тафтишӣ, ки «санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса номида мешавад», як навъ санҷиши далелҳои тафтишӣ мебошад» [33].

Ҳамаи гуфтаҳои М. Строгович ва Г. Александровро дар асари худ М.Н. Хлинсов бо далелҳои раднашаванда инкор менамояд [36]. Танҳо мехоҳем қайд намоем, ки муаллифони мазкур санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо дар ҷойи ҳодисаро ҳамчун «рӯйпӯш намудани ақидаи нодуруст дар бораи аҳаммияти махсуси эътирофи айбдоршаванда» арзёбӣ кардаанд, ки дар он давра, давраи мубориза умумӣ бар муқобили вайрон кардани қонун ва аз нав дида баромадани шиори – «эътирофи айбдоршаванда – маликаи исботҳо» воқеан ҳам муҳим арзёбӣ мегардид.

Он баҳсу мубоҳисаҳое, ки дар солҳои 40-50-уми асри гузашта оид ба хусусияти мурофиавии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, вазифа ва хусусиятҳои тактикии он оғоз ёфта буд, солҳои зиёд давом кард. Иштироккунандагони ин мубоҳисаҳо андешаҳои гуногун дошта, баъзан якдигарро низ инкор мекунанд.

Олими рус Р.С. Белкин, ки баъдтар нуктаи назари худро дигар карда буд, соли 1958 дар маҷаллаи «Советская правда ва законе» чунин навишта буд: «Мо чунин мешуморем, ки роҳандозии амали мустақили тафтишӣ рафтан «ба ҷойи ҳодиса» шарт нест. Кирдоре, ки муфаттиш дар ин маврид анҷом додааст, ба мафҳуми чунин амалҳои тафтишӣ, ки дар амалия мавҷуд аст, ба мисли экспереметни тафтишӣ, комилан мувофиқ мебошад» [4].

Як қатор криминалистҳои маъруф низ ба ҳамин ақида пайравӣ карданд. Аз ҷумла, В.П. Колмаков «бурдани шахси айбдоршаванда»-ро ба ҷойи ҳодиса «барои муқаррар намудани ҷойҳои содир кардани кирдорҳои муайяни айбдоршаванда» экспереметни тафтишӣ ҳисобидааст [29].

Дар адабиёти соҳавӣ оид ба санҷиши нишондодҳо аввалин маротиба дар китоби дарсии «Криминалистика», соли нашраш 1959, мафҳуми санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса зикр шудааст. Дар боби XII таҳти унвони «экспереметни тафтишӣ», ки ба қалами М.П. Шаламов тааллуқ дорад, қайд мегардад, ки дар амалияи тафтишӣ истилоҳи рафтан (баромадан) ба ҷойи ҳодиса бо мақсади аниқ кардани ҳолати ба амал омадани ҳодиса ва санҷиши нишондодҳои шоҳидон ва айбдоршаванда истифода мешавад. Баъдан, ин амал ҳамчун такрори нишондод ном бурда шуд. Моҳияти ин мафҳум аз он иборат аст, ки муфаттиш бо шоҳидон ва шахсоне, ки нишондод додаанд, ба ҷойи ҳодиса мераванд ва дар он ҷой санҷиши зарурӣ мегузаронанд ва ё вазъияти бaамаломадаро муайян мекунанд [18]. Дар боби дигари ин китоб санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар баробари мафҳуми экспереметни тафтишӣ ба кор бурда мешавад [17].

Олимони дигар Н.В. Жогин ва Ф.Н. Фаткуллин ақидаи М. Строгович ва Г. Александровро тарафдорӣ намоянд ҳам, ба андешаи онҳо «на танҳо дар бораи қонунӣ будани санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ҳарф зад, балки оид ба дақиқ муайян кардани мавқеи он дар низоми амалҳои тафтишӣ ва ба шакли тартиботи мурофиавии муфаттишӣ асоснок намудани он бояд чораҷӯӣ намуд» [12; 35]. Ба андешаи ин муаллифон, баҳогузории мафҳуми санҷиш ва муайян кардани нишондоди ҷойи ҳодиса ҳамчун қисми таркибии таҷрибаи тафтишӣ ба мақсад мувофиқ аст. Муҳаққиқи дигар Б.В.Фуфигин дар асарҳои худ қайд менамояд, ки «таҷрибаи амалияи қонунгузорӣ ва таҳқиқоти назариявӣ нишон медиҳад, ки моҳияти санҷиши нишондодро дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ ба таври мусбат наметавон арзёбӣ намуд, зеро он хусусияти аслии тартиботи мурофиавӣ надорад. Шаклҳои расмӣ ва пурраи мурофиавии омӯзиши ашёҳои моддӣ дар ҷойи ҳодиса бо иштироки шахсони пурсишшаванда азназаргузаронӣ, экспереметни тафтишӣ, пурсиш ба ҳисоб мераванд. Э.Э. Весенин чунин мешуморад, ки санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ба ду амали тафтишӣ – пурсиш ва муайян кардани ҷойи ҳодиса тасниф мешавад.

Баъзе олимон ба мақсад мувофиқ будани татбиқи амалии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодисаро қайд мекарданд, гурӯҳи дигар самарабахшии онро эътироф намуда, дар баробари ин, ба мустақилияти мурофиавии ин ҷараён эътироз баён мекарданд [9]. Бо мурури замон як қатор олимон фикри худро дар бораи мустақилияти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса тағйир низ доданд [5].

Аксаран ин амали тафтишӣ маҳз аз он сабаб мавриди танқид қарор дода мешуд, ки он дар доираи маҳдуд ҳамчун воситаи асоснокнамоии иқрор шудани айбдоршаванда

ба гуноҳ ба кор бурда шуда, аз ҷониби кормандон ба сифати таҷрибаандӯзӣ ҳангоми тафтиши пешакӣ истифода мешуд. Ин усули корӣ дар адабиёти илмӣ ва ҳам таълимӣ қайд гардидааст [3].

Соли 1959 мақолаи А.Н. Василев ва С. Степичева таҳти унвони «Таҷдиди нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо» аз чоп баромад ва соли 1960 дар маҷаллаи «Қонунияти сотсиалистӣ» мақолаи М. Строгович ва Г. Александров – «Таҷрибаи нодуруст» ба табъ расид, ки корҳои пешини ба ин мавзуъ бахшидашударо аз бисёр ҷиҳат инкор менамуд. Ин таҳқиқоти арзишманд диққати доираи васеи олимону кормандони амалиро ба худ ҷалб намуда буд [2].

Дар китоби дарсии криминалистии соли 1950 оид ба корбурди таҷрибаи тафтишӣ (дар муддати тулонӣ санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса як намуди таҷрибаи тафтишӣ ҳисобида мешуд) гуфта мешавад, ки «таҷрибаи тафтишӣ барои тасдиқи дурустии баёноти айбдоршаванда, алалхусус ҳангоми зарурати тафтиши баёноти ба ҳамдигар мухолифи ду айбдоршаванда аҳаммияти муҳиммро касб намуда, дар барқарорсозии адолат кумак мерасонад [21].

Дар баъзе мавридҳо таҷрибаи тафтишӣ метавонад на танҳо воситаи тасдиқи дурустии нишондодҳои айбдоршавандаи иқроршуда бошад, балки дар таҳкими ин фаҳмиш метавонад замина гардад. Одатан дар чунин мавридҳо аз айбдоршавандаи иқроршуда дархост карда мешавад, ки на танҳо ҷойи ҷиноятро нишон диҳад, балки дар доираи муайян ҳама воқеаи рӯйдодаро такрор кунад.

Дар асоси чунин тавсияҳо М. Строгович қайд менамояд, ки «ба ҷойи ҳодиса рафтан» аз ҷумлаи ҳолатҳои ғайри қобили қабул ва ғайриқонунӣ мебошад. Ин олим андешаи худро маҳз бо чунин ҳолатҳо асоснок мекунад, ки «рафтан ба ҷойи ҳодиса» танҳо барои он сурат мегирад, ки айбдоршаванда дар ҳузури шоҳидон нишондоди худро бори дигар тасдиқ кунад.

М.М. Гродзинский дар ин маврид ба таври дақиқ қайд менамояд, ки «ҳарчанд усули нави ба даст овардани далелҳо ҳанӯз пурра таҳия нашудааст ва тамоми хусусиятҳои хосси онро ошкор накардааст, аммо он ҳамчун намуди алоҳидаи амали тафтишотии маълум ба қайд гирифта шуда, дар баробари фарогирии шаклҳои маъмулу куҳна баъдан ба сифати усули мустақил барои ба даст овардани далелҳо мавқеи устувор пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, дар ибтидо барои нишон додани воқеият навъи пурсиш ва дар таҷрибаи тафтишӣ навъи санҷиш муҳим арзёбӣ гардид.

Аммо чи дар ҳамон солҳо ва чи баъдтар муаллифони зиёд санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодисаро ҳамчун амали мустақили тафтишӣ эътироф намуда, ин нуқтаро бо моҳият, мустақилии он, вазифаҳо, хусусиятҳои тактикӣ ва мурофиавии он асоснок намудаанд [7].

С.С. Степичев дар асарҳои худ фарқи куллии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодисаро аз дигар амалҳои тафтишӣ бозгӯ намуда, дар амалияи тафтишӣ самарабахш будани онро қайд менамояд [32].

Ба андешаи М.М. Гродзинский, «дар қонунгузории ҷиноятии шуравӣ амали нави тафтишӣ, ки аз ин пеш номаълум буд, инкишоф ёфта истодааст» ва «дар адабиёти мурофиавӣ ва криминалистӣ бо дарназардошти талаботи баамаломада дар амалия бояд ҷанбаҳои назариявии ин амали нави тафтишӣ коркард гардида, шакли мурофиавӣ ва тактикаи амалии истифодаи он бозгӯӣ шавад ва дар тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дуруст ва бомуваффақият татбиқ намудани онро таъмин намояд».

Илова бар ин, дар тамоми китобҳои дарсии криминалистикаи даҳсолаҳои охир боб ё бандҳои ба ин амали тафтишӣ бахшидашуда аз хусусияти мустақилиро доро будани санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса гувоҳӣ медиҳанд [20].

Бо вуҷуди он ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии даврони шуравӣ санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса асосноккунии илмиро надошт, ихтилофоти илмӣ ба густариши васеи он монеъ нагардиданд.

Баъди қабул шудани Асосҳои мурофиаи муфаттишии ҷиноятии Иттиҳоди Шуравӣ ҳангоми таҳияи кодексҳои мурофиавӣ - ҷиноятӣ, инчунин дар асарҳои баъзе криминалистон масъалаи зарурати ба кодексҳо дохил кардани моддаҳо оид ба санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса пешниҳод гардид. Тавре аён аст, роҳандозии ин мафҳум

ба қонунгузорӣ заминаи воқеӣ дошта, он дар доираи экспертизаи тафтишӣ ва ё таҷрибаи тафтишӣ амалӣ мешуд.

Ҳанӯз соли 1955 олими рус С. Степичев қайд намуда буд, ки барои баррасии мафҳуми "ба ҷойи ҳодиса рафтан" ҳамчун амали мустақили тафтишӣ асосҳои ҷиддӣ вуҷуд дошта, сарфи назар аз он ки дар он баъзе унсурҳои тафтиш, пурсиш дар ҷойи ҳодиса ва таҷрибаи тафтишӣ мавҷуд бошад ҳам, ин мафҳум дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Сарфи назар аз набудани санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, амалияи муфаттишӣ дорои хусусиятҳои мустақилонаи тафтиши ҳуқуқии онро эътироф кардааст. Ҳамин тавр, Коллегияи муфаттишӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Муфаттиши Олии ИҶШС дар қарори худ аз 25 октябри соли 1950 овардааст, ки «ба таври шифоҳӣ нишондодҳои худро рад кардани шаҳрванд Ракитин қобили қабул нест, зеро ки ӯ дар рафти тафтишӣ пешакӣ дар ҳузури шоҳидони холис ва дар набудани маҳкумшудагон Сорокин ва Томилина он хаймаҳо ва дуконҳои дар шаҳри Рязан вокеъбударо нишон дод, ки 7 ва 8 феврали соли 1950 дар он ҷой дуздӣ ба амал омада буд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, коллегияи муфаттишӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Муфаттиши Олии ИҶШС аҳаммияти муҳим доштани санҷиши нишондодро дар ҷойи ҳодиса эътироф кард.

Биховский И. Е. аз таърихи муҳокимаи масъалаи мазкур қайд мекунад, ки дар яке аз конфронсҳои илмӣ-криминалистӣ баъзе натиҷаҳои самарабахши ин соҳа баррасӣ карда шуданд ва андешаҳои гуногуни олимон, ақидаҳои М. Строгович ва А.Н. Василевро, ки мухолифи якдигар буданд, бодиққат гӯш карданд. Дар музокираи ин масъала олимони маъруф ва кормандони соҳа Александров (Прокуратураи ИҶШС), Белкин (Мактаби олии Вазорати корхои дохилӣ), Винберг (ВНИИК), Каминская (Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои ИҶШС), В. Минковский (ВНИИК), Ромашов ва Статкус (прокуратураи РСФСР), Ураков (прокуратураи вилояти Москва), Шаламов (ВЮЗИ), Эйсман (ВНИИК)иштирок доштанд [6].

Дар ин музокира эътироф карда шуд, ки амали тафтишии санҷиши ношондод дар ҷойи ҳодиса аз ҷониби кормандони мақомоти дахлдор самаранок истифода мешавад. Ширкаткунандагон дар суханронии худ таъкид намуданд, ки мафҳуми «ба ҷойи ҳодиса рафтан» дар Кодекси мурофиавии баъзе ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ба танзим даровардa шуда, ба масъалаҳои тактикии гузарондани ин амали тафтишӣ диққати калон дода шудааст. Ҳамзамон, хатогиҳое, ки дар рафти гузаронидани ин амали тафтишӣ ба миён меоянд ва онҳо дар заминаи набудани танзими мурофиавии ҷиноятӣ ба амал омадаанд, баррасӣ карда шуданд.

Муаллифон амалияи муфаттиши ин соҳаро натиҷагирӣ карда, дар ҳалли масъалаҳои баҳсталаб андешаҳои худро қайд намуданд ва барои танзим ва такмили ин мавзуъ як қатор тавсияҳои муҳим доданд. Дар рафти музокирот муайян карда шуд, ки моҳияти амалии ин мафҳум асосан ба дурустии нишондодҳои шахс ва ба таври муқоисаи бозгӯии ҳолатҳои баёнкардаи ӯ дар ҷойи ҳодиса алоқамандӣ дорад. Муаллифон чунин ақидаро, ки тафтиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса барои такрори дубораи нишондодҳои қаблан додашуда бо мақсади асосноккунии он гузаронида мешавад, рад намуда, бо далелҳои дақиқ исбот кардаанд, ки ин амали тафтишӣ барои муқоисаи натиҷаҳои пурсиш бо воқеият, ҳолати воқеият, барои санҷиши далелҳои қаблӣ ва пайдо кардани далелҳои нав зарур мебошад.

Горелик А.С. зикр мекунад, ки асосноккунии номукаммали қонунгузории қоидаҳои гузаронидани санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ва ё умуман мавҷуд набудани ягон маҷмуаи қонунгузорӣ ба истифодаи фаъолонаи ин амали тафтишӣ дар ҷараёни ошкорсозии ҷиноят монеъ намешавад [10].

Азбаски асари зикршудаи А.Н.Василев ва С.С.Степичев соли 1959 ба нашр нашр расида буд, тавсияҳои дар он овардашуда оид ба санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса бояд дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунандаи ИҶШС татбиқ карда мешуданд. Ин таҳлил ба чунин хулосабарорӣ водор менамояд, ки дар он даврон оид ба комилан ба ҳам мувофиқ будани мазмун ва мундариҷаи тартиби мурофиавии баъзе амали тафтишотии дар Кодекси мурофиавии

ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС дарҷ шуда сухан рондан ғайриимкон буд. Ба кормандони соҳа амалия имкон дод, ки бо мурури замон шакли мукаммали онро таҳия намоянд.

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС масъалаи имкон ва тартиби дар ҷойи ҳодиса санҷидани нишондодҳо бо роҳҳои гуногун ҳал карда шуда буд. Ин равандро аз бисёр ҷиҳат метавон ҳамчун навоварии он замон маънидод намуд. Дар кодексҳои баъзе ҷумҳуриҳо ҳатто ҳамон вақт санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ пешбинӣ шуда буд, ки он ба пешниҳоди олимон А. Н. Василев ва С. С. Степичев мувофиқат менамояд.

Вақте ки соли 1961 Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСС Тоҷикистон (моддаи 183) қабул шуд, санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо ба низоми амали тафтишие, ки дар он муқаррар карда шудаанд, дохил карда нашуда буд.

Дар давраи навин оид ба дар ҷойи ҳодиса санҷидани нишондод баҳсу мунозира зиёд ба назар мерасад. Ба таври мисол, Е.Е. Сентров дар ҷойи ҳодиса санҷидани нишондодҳоро яке аз унсурҳои муҳимми низоми амали тафтишӣ ва ҷараёни исбот кардани ҳақиқат шуморида, андешаҳои профессор В.И. Зажискийро дар ин хусус бо далелҳо рад менамояд [37].

Бояд қайд намуд, ки дар ташаккули қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ меъёрҳои он ба назар гирифта мешаванд ва вобаста ба мазмуну мундариҷа ба онҳо ислоҳот ворид карда мешаванд. Дар асоси таҳлил метавон гуфт, ки ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ворид намудани санҷиши нишондодҳо дар ҷузъҳои алоҳидаи қонунгузорӣ инъикоси худро ёфта, дар ин замина он ба усули тафтишот таъсир мерасонд.

Дар асоси ин меъёр мафҳуми «санҷидани нишондод дар ҷойи ҳодиса»-ро метавон чунин маънидод кард: ин амали тафтишотие мебошад, ки дар санҷиши нишондодҳо субъектҳои муайян (гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид, ҷабрдида) - ро бо мақсади барқарор намудани ҳолатҳои нав дар ҷойи муайян фаро мегирад. Доираи муайянкунӣ шартан ба амалҳои комплексие вобаста аст, ки онҳо ба санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дохил мешаванд.

Ситуация в Центральной Азии в целом, как представляется, в определенной мере, с неизбежными оговорками, укладывается в идею американского политолога А.Тоффлера о «третьей волне изменений», по которой в последнем десятилении XX века стало проявляться влияние третьей великой волны процесса создания новых цивилизаций [9,с.55]. При этом другой американский политолог С.Хантингтон, автор общеизвестной теории неизбежного, по его мнению, «столкновения цивилизаций», охарактеризовал этот процесс как «одно-многомерный» [10,с.118]. Имеется в виду то обстоятельство, что в странах Центральной Азии имеют место практически все типы конфликтов - внутренние, внешние, смешанные, этнические, религиозные, клановые и региональные.

Распад СССР ознаменовал независимость бывших советских республик, однако именно центральноазиатские республики были менее всех готовы к такому развитию событий. Примечательный факт - среднесоюзный показатель по референдуму о сохранении Союза ССР в марте 1989 года по стране составил 73 % "за", а вот в Средней Азии он равнялся 95 %. Тем не менее, в 90-е годы страны ЦА пытались стать полноправными независимыми государствами в условиях конструирования совершенно нового миропорядка, когда Китай набирал обороты в качестве важнейшего регионального игрока, в то время как Российская Федерация сама столкнулась с целым рядом внутренних кризисов, а на южных рубежах региона бушевал Афганский кризис.

Больше всего в этот период пострадал Таджикистан, переживший страшную братоубийственную войну, унесшую жизни десятков тысяч людей и нанесшую непоправимый урон экономике страны. Миллиарды долларов ущерба, уничтоженная промышленность и шрамы, оставленные на сердцах людей, дают о себе знать и сегодня. В то же время, именно в результате событий 90-х годов к власти пришел президент Эмомали Рахмон, который сумел стабилизировать ситуацию в стране, укрепить институт власти и обеспечить стабильный рост экономики. Таким образом, таджикская государственность рождалась в условиях жесткого внутриполитического конфликта, что отличает Таджикистан от других центральноазиатских государств.

Также страны Центральной Азии все еще были обременены старыми проблемами, возникшими из-за неэффективности и коррумпированности бюрократического аппарата, этнической розни, отсутствия четкой демаркации границ и неравномерного распределения природных ресурсов. Кыргызстан и Таджикистан, не имеющие углеводородных энергетических ресурсов, контролируют сток двух основных рек региона – Амударьи и Сырдарьи. Две страны активно развивают гидроэнергетику, что дает им потенциальный рычаг воздействия на Узбекистан и Казахстан, которые нуждаются в воде для орошения. В то же время Узбекистан и Казахстан обладают углеводородами, в которых остро нуждаются Таджикистан и Кыргызстан.

В советское время существовал механизм, который позволял взаимовыгодно распределять ресурсы. Однако распад СССР положил конец этой системе, а водные ресурсы остаются «камнем преткновения», создавая потенциал для конфликтов и нестабильности [12,с.5].

Другой проблемой для молодых центральноазиатских республик стал незаконный оборот наркотиков, оружия и людей в регионе. Центральная Азия стала транзитом для наркотиков из Афганистана на пути в Россию и Европу, во многом ввиду высокого уровня коррумпированности. Местные власти ведут борьбу с коррупцией, повышая зарплаты и ужесточая надзор.

Тяжелые условия жизни населения и коррупция также служат питательной почвой для

экстремизма. Хоть и в различной мере, но все пять центрально-азиатских стран сталкиваются с исламским радикализмом. До 2002 года вооруженные группировки исламистов, такие как Исламское движение Узбекистана (ИДУ) находили безопасное убежище в Афганистане и вели активную деятельность в странах региона. После свержения Талибана в конце 2001 года коалицией во главе с США, ИДУ стало гораздо менее сплоченным, а с распространением влияния ИГИЛ в Средней Азии присоединилось к этой террористической организации. Сторонники официально отрицающего насилие движения "Хизб ут-Тахрир" по-прежнему существуют в странах Центральной Азии, однако в большинстве своем находятся в изгнании или в заключении [2].

В силу экономических проблем и невысокого уровня развития гражданского общества сохраняется опасность того, что та или иная из центральноазиатских стран может стать одним из источников региональной нестабильности. Политическая нестабильность в Кыргызстане, последним примером которой стала так называемая революция 2020 года служит примером нестабильности, способной серьезно подорвать и государственные институты, и экономику. Более того, Казахстан – одна из самых политически стабильных стран региона, модель транзита власти в которой многими экспертами признавалась успешной, в начале 2022 года столкнулась с внутриполитическим кризисом и массовыми протестами. Эти события показали четкую потребность в социальных и политических реформах, а также в более тесном региональном сотрудничестве, поскольку потенциальные риски для стабильности сейчас более очевидны, чем когда-либо ранее.

Однако политические элиты пяти государств, за возможным исключением Кыргызстана, в целом опасаются перемен [6]. Напротив, революционные процессы на Украине, в Грузии и Кыргызстане, а также события, произошедшие в Казахстане в начале 2022 года, оттолкнули здесь даже те режимы, положение которых достаточно прочно, от диалога с конструктивной оппозицией. При этом, это очевидно находит отклик и у простых людей, особенно в Таджикистане, где люди научены горьким опытом братоубийственной войны.

Несмотря на очевидные различия, построение государственности и государственных идеологий практически во всех странах региона происходит на основе исторических достижений проживающих здесь народов. В этой связи, прошлое становится важной частью конструкта государственных идеологий. Так, в Конституции Казахстана в преамбуле записано: «Мы, народ Казахстана, объединенный общей исторической судьбой, созидая государственность на исконно казахской земле…» [3].

В то же время, прошлое нередко становится яблоком раздора для центральноазиатских стран. Одни и те же государства в древней и средневековой истории Центральной Азии стали предметом ожесточенных дискуссий между народами-соседями по поводу их этнической принадлежности. То же самое наблюдается и по отношению к выдающимся мыслителям и политическим деятелям Центральной Азии. Этноцентристские модели истории Центральной Азии стали базисными элементами новых государственных идеологий и академических теорий [8,с.8]

Понятное великое прошлое служит неким мостом в светлое будущее. Идея великого будущего постулируется как логическое следствие из идеи великого прошлого. «Характерной чертой этноцентрического мышления, - пишет А. Кусаинов, - является ориентация на прошлое, которое принимает образ “светлого будущего”» [4,с.86]. Прошлое становится формой легитимации притязаний на «достойное место в мировой цивилизации». Как отмечает президент Таджикистана: «Почитание прошлого - это одно наше крыло, а наши сегодняшние заслуги по обустройству Родины прадедов и обеспечению спокойной жизни для народа - это другое крыло, и оба они вознесут нашу нацию в высокий полет к процветающему и достойному будущему» [7]. Эта легитимация имеет разные формы: от концепции ускоренного социально-экономического развития (Казахстан) до концепций процветающего и достойного будущего (Таджикистан), великого будущего (Узбекистан) и «Золотого Века» (Туркменистан).

С момента приобретения независимости перед новыми независимыми республиками стояли задачи поиска новых механизмов обеспечения безопасности, выработки эффективной внешней политики, стать равноправным членом международных отношений, занять достойное место в мировой политической иерархии, сохранить суверенитет и территориальную целостность, найти союзников и ресурсы для реализации вышеупомянутых задач.

С момента приобретения независимости новые независимые республики столкнулись с рядом серьёзных проблем в сфере безопасности, социально-экономического характера. Проблемы обеспечения безопасности выражались в форме этнических конфликтов и территориальных споров между молодыми республиками, сепаратистскими движениями внутри республик. Усугублял ситуацию рост националистических настроений. В некоторых регионах также и популяризация радикальных религиозных идей. Несмотря на упомянутые выше общие характерные черты постсоветских республик, условия, в которых республики стали независимыми были разными. Одни были богаты природными ресурсами, разработка которых помогла им решить свои основные проблемы, другие были обделены. Одни унаследовали от советского прошлого сильную армию и ВС, способную обеспечить безопасность и территориальную целостность страны, другим пришлось создавать свои вооружённые силы в условиях гражданской войны и развала государственности. У одних развитое гражданское общество, у других отсталое консервативное общество и т.д. У одних развитая промышленность, у других отсталое сельское хозяйство. У некоторых республик переход к новым условиям проходил крайне болезненно. Другими словами, путь каждой из республик был уникален. Именно поэтому появилась необходимость коротко описать путь каждой из республик в этот период.

Также после распада СССР в постсоветских республиках, в том числе и в России, стали проводиться радикальные экономические реформы, так называемая «шоковая терапия». Радикальными мерами происходит переход от командной, плановой экономики к рыночной экономике. «Хищническая приватизация» важных промышленных предприятий, их попадание в руки далёких от производства людей, которые путём коррупционных схем присваивали их за ничтожные цены, разрушили весь промышленный комплекс этих стран. Всё это привело к серьёзным социальным проблемам и разрушению экономики.

Что касается политических и юридических изменений, то тут происходят попытки создания светских, либеральных, демократических государств, с разделением властей верховенством закона и т. д.

Касательно среднеазиатских республик (Казахстан, Кыргызстан, Узбекистан, Таджикистан и Туркменистан) на современном этапе в отношениях с Россией.

Также автор предлагает рассматривать Россию отдельно, ввиду её оригинальной федеративной политической системы и её доминирующего положения в регионе.

В статье А.А. Березуцского «Демократизация на постсоветском пространстве: проблемы универсального подхода» утверждается, что среди постсоветских республик наибольшего успеха на пути к демократическим преобразованиям достигли Молдова и Украина, в которых установились так называемые «электоральные демократии». Но и там проблема институционализации пока не решена и результаты выборов могут быть легко аннулированы путями, не регламентированными законодательством страны. Это, как мы помним, массовые акции протеста и беспорядки в Украине в 2004 году («Оранжевая революция», в результате которой были проведены повторные президентские выборы), революция (по некоторым версиям государственный переворот и незаконная узурпация власти) 2014 году и массовые протесты 2009 году в Республике Молдова, вследствие которых были аннулированы результаты парламентских выборов. Стоит добавить, что Молдове не удалось сохранить свою территориальную целостность в пределах Молдавской ССР. На сегодняшний день Кишинёв не контролирует территорию Приднестровья. Также Украина в 2014 году потеряла контроль над республикой Крым и регионом Донбасс на юго-востоке страны. А после начала 24 февраля 2022 года «Специальной военной операции» ВС Российской Федерации на территории Украины под угрозой находится вообще дальнейшее

существование украинской государственности. Также среди постсоветских республик Грузии не удалось защитить свою территориальную целость. Азербайджану удалось распространить свой суверенитет на всю свою территорию в пределах Азербайджанской ССР лишь в 2020 году.

Среди главных недостатков политических систем среднеазиатских республик называют:

1. Слабое гражданское общество и его минимальное влияние на политические процессы;

2. Сильное влияние различных неформальных правил и традиций, элементов на процесс принятия политических решений;

3. Отсутствие сильных независимых СМИ, давление на журналистов и ограничение свободы слова;

4. Отсутствие реального разделения властей и реальной независимости ветвей власти;

5. Персонализация политической системы;

6. Нарушения принципа независимости органа, регулирующего процесс проведения выборов и референдумов, контроль со стороны государства над процессом фиксирования кандидатов, проведения демократических процедур и подсчёта результатов. Вышеуказанные характеристики в той или иной мере свойственны почти всем постсоветским республикам.

Чуть иначе состоят дела в Кыргызстане, где существует политический плюрализм. Это связано со степной культурой киргизского народа и равным противостоянием по линии Север-Юг, что не позволяет какой-либо политической силе долго находится у власти. Степной менталитет киргизов отличает от менталитета их соседей-земледельцев, кому свойственна сильная иерархичность и вертикаль власти.

За исключением стран первой группы, процесс демократического транзита на постсоветском пространстве можно охарактеризовать как незавершённый, а его промежуточные итоги - как противоречивые.

Таким образом, с момента приобретения независимости перед новыми независимыми республиками стояли задачи поиска новых механизмов обеспечения безопасности, выработки эффективной внешней политики, стать равноправным членом международных отношений, занять достойное место в мировой политической иерархии, сохранить суверенитет и территориальную целостность, найти союзников и ресурсы для реализации вышеупомянутых задач.

**Рецензент: к.п.н., доцент ТНУ - Нуриддин П.Р.**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Байсалов Э. Территориальные споры в Центральной Азии на пороге 30-летия независимости. [Электронный ресурс]. URL: https://cabar.asia/ru. (дата обращения: 25.02.2022).
2. Егоров Е.Н. Исламский радикализм в Центральной Азии: Хизб ут-Тахрир и исламское движение Узбекистана // Среднерусский вестник общественных наук. - 2014. -№3(33). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru. (дата обращения: 25.02.2022).
3. Конституция Казахстана
4. Кусаинов А.А. Исторический процесс сквозь призму этноцентризма // Россия и Восток: проблемы взаимодействия / А.А. Кусаинов // Материалы конференции. -Волгоград, 2003. -С.86.
5. Лаумулин М. Т. К вопросу о формировании постсоветской государственности в Средней (Центральной) Азии // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. - 2016. -№5(49). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/k-voprosu-o-formirovanii-postsovetskoy-gosudarstvennosti-v-sredney-tsentralnoy-azii (дата обращения: 25.02.2022).
6. Лаумулин Мурат Турарович. К вопросу о формировании постсоветской государственности в Средней (Центральной) Азии // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. - 2016. -№5(49). URL: https://cyberleninka.ru. (дата обращения: 25.02.2022)
7. Рахмон Э. Арии и познание арийской цивилизации. [Электронный ресурс]. URL: http://www.prezident.tj. (дата обращения: 25.02.2022)
8. Ртвеладзе Э.В. Современные мифы о далеком прошлом народов Центральной Азии / Э.В.Ртвеладзе, А.С. Сагдуллаев. - Ташкент: O’zbekiston, 2006. -С. 7–8.
9. Тоффлер Э. Третья волна / Э.Тоффлер //Народное образование. – 2008. – №. 2. – С. 55.
10. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций и переустройство мирового порядка / С. Хантингтон //Pro et contra. – 1997. – Т. 2. – №. 2. – С. 118.

11. Хопкирк П. Большая игра против России: Азиатский синдром / П.Хопкирк. - М.: Рипол классик. – 2004. – Т. 640. – С. 80.
12. Эшмент Б. Распределение водных ресурсов в Центральной Азии / Б. Эшмент // Неразрешимая проблема. – 2011. -С. 5.

## ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Осиёи Марказӣ як минтақаи васеъ ва берун аз баҳр дар Осиё аст, ки Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Тоҷикистонро дар бар мегирад. Минтақа дар иртибот бо Русия, Чин ва Эрон аҳаммияти бузурги стратегӣ дорад, ки дар робита ба ҳаводиси Афғонистон афзоиш меёбад. Аз ин лиҳоз, Осиёи Марказӣ як навъ посгоҳи мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, терроризм ва ифротгароии динӣ шудааст. Гузашта аз ин, аҳаммияти муҳимми байналмилалии Осиёи Марказӣ ба мавҷудияти захираҳои табиӣ ва энергетикӣ, инчунин бо ҷойгиршавии мусоид, имкониятҳои нақлиётӣ ва транзитӣ вобаста аст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо вуҷуди аҳамияти минтақа, бинобар шароити таърихӣ, ҳанӯз дар марҳилаи ташаккули давлатдории худ қарор доранд. Ташаккули худшиносии миллии халкҳои Осиёи Миёна танҳо аз охири асри 20 ба амал омад, гарчанде ки ҳанӯз то ба ҳайати империяи Россия дохил шудан дар асри 19 дар ин сарзамин якчанд хонигариҳои феодалӣ вуҷуд доштанд. Дар баробари ин, давлатҳои минтақа аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд, вале аксар вақт аз ҷониби империяҳои калон забт ва нобуд мешуданд. Дар муддати тулонӣ сохторҳои давлатии Осиёи Миёна ба як ҷамъияти ҳудудию тамаддунӣ ва конфессиявӣ асос ёфта, аҳолии онҳо ҳуввияти барҷастаи миллӣ надоштанд. Вилоят маҷмуи ноҳияҳои маҳаллӣ буд, ки сарҳадҳои этникӣ ва сиёсии онҳо бо сарҳадҳои ҷумҳуриҳои ҳозира ягон алоқае надоштанд. Ҳамин тариқ, танҳо дар Осиёи Марказӣ, яъне бидуни ба назар гирифтани қаламрави Қазоқистон, қисмати шимолии Қирғизистон ва ҷануби Туркманистон панҷ минтақаи мустақили таърихию фарҳангӣ – Хоразм, Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷанубӣ, водии Фарғонаро, Самарканд ва ноҳияҳои ҳамсояро ҷудо кардан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, низоъҳои байнидавлатӣ, баҳсҳои ҳудудӣ.

## СТАНОВЛЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Центральная Азия – обширный, не имеющий выхода к морю регион в Азии, включающий в себя Казахстан, Узбекистан, Туркменистан, Кыргызстан и Таджикистан. Регион, соприкасаясь Россией, Китаем и Ираном, имеет важнейшее стратегическое значение, которое увеличивается в связи с событиями, происходящими в Афганистане. В этой связи, ЦА стала своеобразным аванпостом в борьбе с наркотрафиком, терроризмом и религиозным экстремизмом. Более того, важное международное значение ЦА обусловлено наличием природных и энергетических ресурсов, а также ввиду выгодного местоположения, транспортно-транзитных возможностей. При всей важности региона, центральноазиатские страны, в силу исторических обстоятельств, все еще находятся в стадии формирования своей государственности. Формирование национального самосознания народов ЦА имеет место лишь с конца 20 века, хотя еще до включения в состав Российской империи в 19 веке, на этой территории существовали несколько феодальных ханств. В то же время, государства в регионе существовали с древних времен, но часто захватывались и разрушались крупными империями. Долгое время государственные образования ЦА основывались на территориальной, цивилизационной и конфессиональной общности, а их население не имело выраженного национального самосознания. Регион представлял собой множество локальных областей, этнические и политические границы которых не имели ничего общего с границами современных республик. Так, в одной только Средней Азии, то есть без учета территорий Казахстана, Северной части Кыргызстана и Юга Туркменистана, можно выделить пять самостоятельных историко-культурных зон – Хорезм, Северный и Южный Таджикистан, Ферганская долина, Самарканд и прилегающие территории.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, внешняя политика, межгосударственные конфликты, территориальные споры.

## FORMATION OF THE STATEHOOD OF THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA

Central Asia is a vast, landlocked region in Asia that includes Kazakhstan, Uzbekistan, Turkmenistan, Kyrgyzstan and Tajikistan. The region, in contact with Russia, China and Iran, is of major strategic importance, which is increasing in connection with the events taking place in Afghanistan. In this regard, Central Asia has become a kind of outpost in the fight against drug trafficking, terrorism and religious extremism. Moreover, the important international significance of Central Asia is due to the presence of natural and energy resources, as well as, due to its favorable location, transport and transit opportunities. Despite the importance of the region, the Central Asian countries, due to historical circumstances, are still in the process of forming their statehood. The formation of the national self-consciousness of the peoples of Central Asia has taken place only since the end of the 20th century, although even before being incorporated into the Russian Empire in the 19th century, several feudal khanates existed on this territory. At the same time, the states in the region existed since ancient times, but were often captured and destroyed by large empires. For a long time, the state formations of Central Asia were based on a territorial, civilizational and confessional community, and their population did not have a pronounced national identity. The region was a set of local areas, the ethnic and political boundaries of which had nothing to do with the borders of modern republics.So, in Central Asia alone, that is, without taking into account the territories of Kazakhstan, the northern part of Kyrgyzstan and the south of

Turkmenistan, five independent historical and cultural zones can be distinguished - Khorezm, Northern and Southern Tajikistan, the Ferghana Valley, Samarkand and adjacent territories.

**Keywords:** Central Asia, foreign policy, interstate conflicts, territorial disputes.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Коваленко Глеб Васильевич*** **-** Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, дотсенти кафедраи фанҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1. Телефон: (**+992) 900-99-66-00**

**Сведения об авторе:** ***Коваленко Глеб Васильевич*** - Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, доцент кафедры социально-гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, улица Бохтар, 35/1. Телефон: (**+992) 900-99-66-00**

**Information about the author:** ***Kovalenko Gleb Vasilievich*** - Branch of Moscow State University named after M.V. Lomonosov in Dushanbe, Associate Professor of the Department of Social and Humanitarian Disciplines. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Bokhtar street, 35/1. Phone: **(+992) 900-99-66-00**

ТДУ: 321.72

# КОНСЕПСИЯҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

*Одинаев У.Ғ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо рушди шаклҳои нави иттилоот, дониш, равандҳо ва ниҳодҳо, ҳеҷ яке аз истилоҳҳои маълум барои тавсифи раванди дигаргуншавиҳо дар ҷомеа мувофиқ набуд. Ин равандро, ки дар он ҳам меҳнати коргари алоҳида ва ҳам фаъолияти истеҳсолоти анъанавӣ бештар иттилоотӣ ва тахассусӣ шуданд, на таърифи «гиребони сафед» ва на мафҳуми «меҳнати фикрӣ» инъикос намекунанд. Ғайр аз ин, истилоҳи «постиндустриалӣ» маънои дуюм - «пост-капиталистӣ» пайдо кард, зеро новобаста аз ба вуҷуд омадани ченакхои нав, асосҳои капитализм бетағйир монданд.

Ниҳоят, мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» ба таърифи чатрӣ табдил ёфтааст, ки тағйироти иҷтимоии дар нимаи дуюми асри XX баамаломадаро тавсиф мекунад.

Тавассути саъю кушиши тарафдорони тезондани инқилоби технологӣ ва дастгирии онҳо аз ҷониби воситаҳои ахбори оммавӣ дар миёнаи солҳои 90-ум мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ бештар бо ҷанбаҳои технологӣ, на бо ҷанбаҳои сотсиологӣ ва иҷтимоӣ, алоқаманд буд. Ҳарчанд ҷанбаи воқеии ҷомеаи иттилоотӣ камтар бо телекоммуникатсия ва информатика ва бештар бо маориф, илм, инноватсия, иқтисоди нав, мундариҷа ва фарҳанг алоқаманд аст [10,с.7].

Дар робита ба аз ҳад зиёд «технологӣ» будани мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» дар баробари он мафҳумҳои «ҷомеаи дониш» ва «ҷомеаи ба дониш асосёфта» низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар адабиёти илмӣ дар бораи ин мафҳумҳо ақидаи ягона ва мақбули умум вуҷуд надорад. Бархе аз олимон бар ин назаранд, ки таърифи «ҷомеаи дониш» нисбат ба «ҷомеаи иттилоотӣ» пешрафтатар аст, баъзеи дигар қайд мекунанд, ки охирин ҷузъи ҷомеаи ба дониш асосёфта аст, зеро иттилоот яке аз ҷузъҳои дониш аст.

Созмони байналмилалии ЮНЕСКО низ дар таҳияи консепсияи ҷомеаи дониш саҳм гузоштааст. Қайд карда мешавад, ки табдили табиати дониш муҳимтарин пешрафт дар нимаи дуюми асри XX мебошад. Дар ин давраи таърихӣ вазифаи эҷодии иттилоот, ки ташхису ба дониш табдил меёбад ва дар раванди рушди шахсият ва ҷомеа истифода мешавад, чандин маротиба меафзояд. Иттилоот, муошират ва дониш асоси рушди прогрессивии ҷомеаи инсониро ташкил медиҳанд.

ЮНЕСКО саҳми худро дар рушди ҷомеаи дониш, дар мусоидат кардан ба густариши озоди ғояҳои нав дар саросари ҷаҳон ва паҳн кардани донишҳои нав, инчунин мубориза бо монеаҳои эҳтимолӣ дар ин роҳ мебинад. Хавфи ҷиддитарин чолишҳои технологӣ не, балки масъалаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки ҳалли проблемҳои асосиро талаб мекунанд. Консепсияи ҷомеаи дониш нобаробарии шароити истеҳсол ва интиқоли донишро дар миқёси ҷаҳонӣ, бахусус дар робита ба дастрасӣ ба технологияҳои нави иттилоотӣ эътироф мекунад. Дар робита ба ин, коршиносони ЮНЕСКО чаҳор принсипи асосии бунёди ҷомеаи фарогири донишро таҳия кардаанд [11]:

1) Принсипи озодии баён ва гардиши ақидаҳо ҳам дар тамоми воситаҳои ахбори омма (чопӣ ва электронӣ) ва ҳам дар интернет, принсипи асосии ҷомеаи дониш аст. Татбиқи ин принсип эҷодкорӣ, навоварӣ, танқид ва қобилияти савол доданро талаб мекунад. Он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандонро дар ҷамъоварии маълумот, ташкили эътилофҳо ва иштирок дар муҳокимаи масъалаҳои мубрами сиёсӣ дар назар дошта, ҳамчун ангезаи баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ амал мекунад. Шакли ягонаи ҷомеаи дониш вуҷуд надорад. Он бояд гуногун, чандир ва кушода бошад.

2) Дастрасии ҳамаҷониба ба таҳсилоти босифат барои ташаккули дониш, малака ва қобилиятҳое зарур аст, ки рушди прогрессивӣ ва осоиштаро дар тамоми кишварҳо таъмин мекунад. Он воситаи муборизаи зидди бесаводӣ, барканор мондан, қашшоқӣ ва поймол кардани ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ҳуқуқҳои дигари гурӯҳҳои гуногуни одамон мебошад. Бе рушди соҳаи маориф ҷомеаи дониш вуҷуд дошта наметавонад.

3) Дастрасии универсалӣ ба иттилоот ва дониш, махсусан дар доменҳои ҷамъиятӣ ҷойгир кардан - шарти муҳимми вусъат додани мушорикати сиёсӣ ва ҷалб намудани шаҳрвандони одӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва умуман рушду тараққиёт мебошад. Ин принсип ба ҷузъҳои марбут ба рушд, инфраструктураи коммуникатсия, омӯзиши истифодабарандагон, ҷустуҷӯ ва истифодабарии ахбор, ташкили хизматҳои нав ва ғайра таваҷҷуҳро талаб мекунад.

4) Принсипи дигари барпо намудани ҷамъияти дониш гуногунии фарҳангӣ ва забонӣ мебошад. Фарҳанг тарзи зиндагӣ, меъёрҳои ҳамзистӣ ва низомии арзишҳои бунёдии ҷомеаро ташаккул медиҳад, сиёсат дар самти пешбурди гуногунандешӣ ва гуногунрангӣ бояд аз он иборат бошад, ки ба ҳамаи шаҳрвандон имкони қабул ва эҷоди иттилоот ва дониш бо забони худ ва дар заминаи фарҳангии худ фароҳам оварда шавад.

Сарфи назар аз набудани консенсус оид ба таърифҳои гуногун, имкон дорад, ки якчанд аксиомаҳоро оид ба иттилоот қайд кунем:

1) раванди истеҳсоли иттилоот дар шуури ашхос сурат мегирад, на дар муҳити беруна;

2) технологияҳои иттилоотӣ бо иттилооти ба аломатҳо табдилёфта амал мекунанд;

3) донишро метавон ҳамчун иттилооти табдилшаванда ва контекстӣ шарҳ дод.

Дар адабиёти илмӣ оид ба замони ворид шудани ҷомеаи ин ё он кишвар ба марҳилаи иттилоотӣ ақидаи ягона ва мақбули умум вуҷуд надорад. Масалан, Иёлоти Муттаҳида Амрико, солҳои 50-60-ум, Ҷопон 10-15 сол баъдтар, Аврупои Ғарбӣ - дар солҳои 70-уми асри XX вориди ин марҳила шуданд. Замони воридшавии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва давлатҳои пешрафтаи Осиё ба давраи иттилоотӣ солҳои 1990-ум номида мешавад. Дар аксарияти мамлакатҳои Африқо, Осиё ва Амрикои Лотинӣ ҳанӯз дар бораи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ сухан рондан мумкин нест. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи асри иттилоотӣ ҳамзамон вуҷуд доштани ҷомеаҳои пеш аз индустриалӣ, саноатӣ ва иттилоотӣ мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ танҳо дар сурате метавонад ба воқеият табдил ёбад, ки нишондиҳандаҳои асосии «иттилоот» байни кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд мувофиқат кунанд.

Ин раванд ба он монанд аст, ки чӣ тавр дар баъзе мамлакатҳо дигаргуниҳо аввал дар ноҳияҳои аз ҳама тараққикардаи шаҳрнишин ба амал омада, баъдтар ба ноҳияҳои акибмондаи аграрӣ паҳн шуданд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида, аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ин мақом аллакай дар ибтидои солҳои 1950 ба пойтахт ва атрофи он (ба истилоҳ Вашингтони Бузург), пас аз чанд сол - Ню Йорк ва Бостон, дар охири солҳои 1950 - соҳили шарқӣ ва минтақаи Кӯлҳои Бузург мувофиқат мекард. Дар асоси нишондодҳои умумимиллӣ метавон гуфт, ки то соли 1960 ИМА ба ҷомеаи иттилоотӣ табдил ёфт [10,с.14].

Дар баробари ин, Сингапур, Ҳонконг, Тайван, Ирландия, Финландия, Словения, Эстония, ки фазои дохилиашон ҳадди ақал аст, ин равандро хеле зудтар аз сар гузаронидаанд. Ва албатта, шаҳрҳои фароурбанизатсияшуда (масалан, Стокголм дар аввали солҳои 1960) аломатҳои ҷомеаи иттилоотиро нисбат ба тамоми кишвар хеле пештар нишон доданд.

Соли 1961-ро дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ давраи гардиш номидан мумкин аст. Дар он сол нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хеле баланд шуданд, прототипи компютерҳои шабакавӣ ба вуҷуд омад, тадқиқи фазои кайҳон оғоз ёфт, дар ИҶШС аввалин радифи сунъӣ сар дода шуд ва худи истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» пайдо шуд. Ҳамин тариқ, дар ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта заминаи технологии ҷомеаи иттилоотӣ гузошта шуда буд.

Дар адабиёт оид ба мушкилоти ҷомеаи иттилоотӣ баъзе мафҳумҳои устувор мавҷуданд [12; 10; 6; 7; 5]. Аз ҳама маъмултарини онҳоро дида мебароем:

- «ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ» ҳамаи қисматҳои муҳимтарини низоми ташкилии фаромиллиро муттаҳид месозад, ки муҳимтарини онҳо масъалаҳои ҳувият, муошырати байнимиллӣ, созмонҳои байналмилалӣ, равандҳои муҳоҷират, гуногунфарҳангӣ, идоракунии донишҳои ҷаҳонӣ мебошанд;

- Консепсияи «ҷомеаи иттилоотии устувор» масъалаҳои дарозмуддати ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ, навовариҳои иҷтимоӣ ва банақшагирии таъмини рушди устувори наслҳои ояндаро баррасӣ мекунад; даъватҳо барои ташаккули ҷомеаи иттилоотии «сабз» зиёд мешаванд;

- мафҳуми «амнияти ҷомеаи иттилоотӣ» доираи васеи мушкилотро дар назар дорад, ки он аз огоҳӣ дар бораи ноустуворӣ ва осебпазирии дар натиҷаи фаъолияти инсон ва истифодаи технологияҳои нав ва масъалаҳои ҳифзи донишҳои аз ҷониби инсоният ҷамъшуда то таҳдидҳои антропогенӣ ба тамаддуни моро фаро мегирад;

- мафҳуми «ҷомеаи иттилоотии ба кайҳон нигаронидашуда» сабт шудани ин фактро инъикос мекунад, ки динамика ва самти фаъолияти умумибашарӣ дигар танҳо бо сайёраи Замин маҳдуд намешавад; худи таърихи инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, аз он вақте ки интиқоли ахбороти сунъӣ ба муҳимтарин кашфиёти технологӣ табдил ёфта, роҳи ҷомеаи навро кушод, бо тадқиқи фазои кайҳон зич алоқаманд аст;

- мафҳуми «шаҳрҳои интеллектуалӣ» интиқоли ҷомеаи иттилоотиро ба сатҳи аҳолинишин инъикос намуда, нақши муҳимми урбанизатсияро дар рушди он таъкид мекунад;

- мафҳуми «ҷомеаи иттилоотии созанда» дар робита ба қобилияти прогрессивии одамон дар истеҳсоли дониши асил ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо истифода мешавад, ки ин имкон медиҳад дар бораи тавлиди «синфи созанда»-и нав сухан ронем;

- мафҳуми «ҷомеаи пасоиттилоотӣ», ки ба наздикӣ пайдо шуд, ба таҳлили сенарияҳои эҳтимолии рушди оянда, таҳияи проблемаи ба системаи нави функсионалӣ пайвастани инсон ва мошинҳо дахл дорад.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ба ҳуқуқи шаҳрванд барои кӯшиши таъсир расонидан ба корҳои ҷамъиятӣ дахл дорад. Он метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, ки маъмултарини онҳо овоздиҳӣ дар интихобот, шомил шудан ба ҳизби сиёсӣ, номзадӣ ба мансаб, кор дар созмони ҷамъиятӣ ё иштирок дар намоишҳо мебошанд. Асоси ҳуқуқии ин ҳуқуқ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби СММ соли 1948 қабул шуда, баъдан дар соли 1976 дар Конвенсияи байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ба расмият дароварда шудааст, гузошта шудааст. Мамлакатҳое, ки ин созишномаҳоро имзо кардаанд (ҳоло 150 мамлакат) муваззафанд, ки давра ба давра ба комиссияи махсус дар бораи чӣ тавр иҷро кардани шартҳои созишнома ҳисобот диҳанд. Он ҷаласаҳои кушоди оммавӣ баргузор мекунад, ки дар он созмонҳои ғайриҳукуматӣ низ метавонанд ҳузур дошта бошанд. Комиссия баҳои танқидии худро медиҳад, ки ҳарчанд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ нест, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба амалияи манфии (ё мусбати) давлат дар ин самт ҷалб мекунад [13].

Азбаски эъломия, бархилофи созишнома, баёнияи принсипҳои муайяни умумӣ аст, меъёрҳои рафторе, ки он муқаррар мекунад, ҳатмӣ нестанд, гарчанде ки худи ҳуҷҷат аҳаммияти бузурги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дорад. Ин конвенсия, ки тақрибан се даҳсола пеш қабул шудааст, мақоми ҳуқуқи байналмилалӣ дорад ва ба зиммаи давлатҳои имзокунанда як қатор уҳдадориҳоро мегузорад.

Аммо як ҷанбаи ҳуқуқи иштироки сиёсӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад: ин мақоми он ҳамчун «ҳуқуқи сиёсӣ» аст - он танҳо ба шаҳрвандони кишвар дода мешавад. Аммо, чунин мақом «дар алоҳидагӣ» вуҷуд надорад - дар ҷомеаи иттилоотӣ он аз доираи «тобеияти ҳукумати ин ё он кишвар» фаротар меравад, ки саволҳои нороҳаткунандаро ба миён меорад: Оё метавон гуфт, ки ҷомеаи иттилоотӣ ба ягон ҳукумат соҳибият ва итоат мекунад? Оё дар ҷомеаи иттилоотӣ дар бораи «шаҳрвандон» ҳарф задан ҷоиз аст? Мантиқан, тахмин кардан мумкин аст, ки агар ҷавоб ба саволи аввал манфӣ бошад, пас ҷавоб ба саволи дуюм низ манфӣ хоҳад буд. Бинобар ин, дар бораи мавҷудияти чунин ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ сухан рондан мумкин нест.

Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ ду категорияи ниҳодҳо мавҷуд аст, ки онҳоро метавон «ҳукумат» ҳисоб кард. Аввалин ва камтар ҷолиб - ҳукуматҳои миллӣ мебошанд, ки ба сифати худ ва барои ҷомеаҳои иттилоотӣ амал мекунанд. Дар ин ҳолат шаҳрвандӣ ва ҳуқуқҳои ҷомеаи иттилоотӣ бо ҷомеаи маъмулӣ яксонанд.

Равиши дуюми муосиртар ин аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ ниҳодҳои сиёсии худ ва ҳуқуқҳои худро дорад. Фаъолияти ҷамъиятӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ тибқи қонунҳои худ пеш рафта, ниҳодҳои «худ» ва шаҳрвандони «худро», ки ҳуқуқи дар равандҳои сиёсӣ иштирок карданро доранд, ба вуҷуд меорад.

Ҳуқуқи иштирок дар раванди сиёсӣ ҳам дар Эъломия (моддаи 21) ва ҳам дар Конвенсия (моддаи 25) тақрибан бо ҳамон шартҳо ифода шудааст. Аммо ин ҳуқуқ барои Эъломия ва Конвенсия дар робита ба муайян кардани мақоми сиёсӣ як қатор хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад. Конвенсия ба ҳуқуқи "шаҳрванд" ишора мекунад ("Ҳар шаҳрванд ҳақ дорад..."), дар ҳоле ки Эъломия ба "ҳукумат" ишора мекунад ("Ҳар кас ҳақ дорад дар кори ҳукумати давлати кишвари худ ширкат кунад....») [9,с.7].

Аммо аз ҳарду баёния маълум мешавад, ки ҳуқуқ ба иштироки сиёсӣ ҳамчун як ҳуқуқи инсон худ ба худ не, балки танҳо дар заминаи ниҳодҳои сиёсии шаҳрвандӣ ва ҳукумат вуҷуд дорад.

Дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқ ба иштирок ҳам дар шакли умумӣ ва ҳам дар шакли мушаххас сухан меравад. Дар мавриди аввал ин «...иштирок кардан дар корҳои ҷамъиятӣ» мебошад [9,с.8], ки онро метавон ҳамчун иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, инчунин дар расмиёти идоракунии ҳокимият фаҳмидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, гарчанде ки амалҳо дар ин самт бояд аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ карда шаванд ҳам, аммо он танҳо бо ниҳодҳои расмии сиёсӣ маҳдуд намешавад ва метавонад фаъолияти дорои хусусияти ҷамъиятиро дар бар гирад. Шакли дуюми иштирок - интихобот ҳамчун яке аз намудҳои маъмултарин ва эътирофшудаи иштироки ҷамъиятӣ мушаххастар аст. Новобаста аз он ки онҳо маркази низоми сиёсӣ ҳастанд ё не, хоҳ онҳо барои ҳама шаҳрвандон кушода бошанд, хоҳ барои танҳо баъзе намояндагон, аксарияти ҳукуматҳо онҳоро ба низомҳои худ дохил мекунанд.

Конвенсия инчунин меъёри «шаҳрвандӣ»-ро муқаррар мекунад. Баъзе низомҳои сиёсӣ онро таърихан аз рӯйи сарватҳои моддӣ, ҷинс, синну сол, қобилияти ақлӣ муқаррар кардаанд. Дар ҳар сурат, ин меъёр як унсури хеле муҳимми иштирок дар равандҳои сиёсӣ аст ва тибқи Конвенсия бояд ба он принсипҳои «умумӣ» ва «баробарӣ» хос бошад. Телефонҳои мобилӣ, телевизиони рақамӣ, интернет ва дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тарзи зиндагӣ, кор, таҳсил ва муоширати имрӯзаи моро дигаргун мекунанд. Қарор дар бораи истифода кардан ё накардани технологияҳои пешрафта метавонад роҳро барои дастрасии афрод, гурӯҳҳои одамон, кишварҳо ва тамоми минтақаҳои ҷаҳон ба самараҳои пешрафту тараққиёт боз кунад ё бандад.

Ҳамин тариқ, дараҷаи тағйирёбии мусбат ё манфии ҳаёти ҳаррӯза, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ меорад, аз бисёр қарорҳои ҳам дар сатҳи шахсӣ ва ҳам дар сатҳи ҷомеа, созмон, ҳукумат ё созишномаҳои глобалӣ қабулшуда вобаста аст.

Консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ бо баррасии технологияҳои пешрафтаи рақамӣ на танҳо ҳамчун манбаи нави стратегӣ, балки ҳамчун арзиши муҳимми моддӣ, ки тавассути дарки омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ ба даст омадааст, тавсиф карда мешавад. Аммо дар доираи ин консепсия ба таври кофӣ баҳо додан ба нақши технология дар дигаргунсозии иҷтимоӣ хеле душвор аст. Ба андешаи С.Кастеллс, сабаби ин дидгоҳи анъанавӣ ба рушд ва ҷаҳонишавӣ мебошад: «Ҳар зикри «рушд» ба эътиқоди технологӣ ба ҳаракати прогрессивӣ ба сӯйи ҳадафи муайян, яъне расидан ба навъи иқтисод ва ҷомеа, ки дар кишварҳои пешрафтаи демократияи ғарбӣ инкишоф ёфтааст, асос ёфтааст. Дигаргунсозии иҷтимоӣ, баръакс, натиҷаҳои пешакӣ муайяншударо дар назар надорад ва худи раванди дигаргунсозӣ на ҳатман мусбат аст» [14,с.24]. Илова бар ин, пас аз кашфи технологияҳои комилан нав, як ё ду даҳсола лозим аст, то одамон розӣ шаванд, ки онҳоро ба ҳаёти ҳаррӯзаи худ ворид кунанд. Тағйир додани тафаккур ва рафтор вақтро талаб мекунад.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ дар истеҳсолоти анъанавӣ инқилоб карда, соҳаҳои нави саноатро ба вуҷуд меорад ва боиси густариши соҳаи хизматрасонӣ мегардад. Технологияҳои нав симои бисёр касбҳои кухна, аз қабили омӯзгорон,

олимон, рӯзноманигорон, табибон, мушовирон ва дигар мутахассисонро дигар мекунанд. Ин ба тағйири таваҷҷуҳи шуғл дар ҷомеаи иттилоотӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин, раванди ҷойгиршавии марказҳои қувва ва таъсир ба амал меояд. Ҳангоми баррасии дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ бояд маҷмуи пурраи оқибатҳои пешгӯинашавандаи эҷодиёти инсон ва ҳамкории иҷтимоӣ ба инобат гирифта шавад.

Технологияи иттилоотӣ дастрасиро ба чаҳор захираи асосӣ аз нав танзим мекунад: одамон, хидматҳо, иттилоот ва технология. Ҳамаи ин унсурҳо барои бунёди сармояи инсонӣ ва иҷтимоӣ муҳимманд. Тағйироти иҷтимоӣ вақте оғоз мешавад, ки дар равандҳои электронӣ ва физикӣ, ки дастрасӣ ба ин захираҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодиро таъмин мекунанд, тағйироти куллӣ ба амал меояд.

Равандҳои инноватсионии муошират на танҳо имкониятҳои навро барои пайвастшавӣ бо шумораи зиёди одамон фароҳам меоранд, балки шаклҳои ҳамкории байни одамон, ҷомеаҳо ва муассисаҳоро тағйир медиҳанд.

Тағйири конфигуратсияи дастрасӣ ба манобеи калидӣ бар асоси истифода кардан ва ё истифода накардани фановариҳои иттилоотӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна омилҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва техникӣ ҷомеаро таҷдиди назар мекунанд ва нишон медиҳанд, ки кӣ ба ин раванд шомил аст ва кӣ дар берун боқӣ мемонад. Баҳс дар бораи «фосилаи рақамӣ» натиҷаи ин тамоюл аст. Он дар раванди сиёсӣ дар шакли низоъҳо ва гуфтушунидҳо дар бораи он, ки кӣ, кай ва чӣ гуна имтиёзҳоро дар дастрасӣ ба захираҳои асосӣ ба даст меорад, инъикос меёбад. Густариш ё коҳиш ёфтани сатҳи тафовути иҷтимоию иқтисодӣ ва технологӣ дар ҷаҳон, умуман, ба ҳамин вобаста аст.

Раванди бозсозии самти дастрасӣ ба захираҳо дар алоҳидагӣ сурат намегирад. Ин ба қарорҳои ҳаррӯзаи шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва ташкилотҳо вобаста аст. Қарорҳои бисёре аз иштирокчиён роҳро ба сӯйи одамон, иттилоот, хадамот ва технологияҳо ба он маъно мекушоянд ё мебанданд, ки онҳо қудрати муайяни коммуникативии субъектҳои мушаххасро инъикос мекунанд. Онро метавон ҳамчун қобилияти идоракунии дониш, сиёсат ва иқтисод тавассути имкониятҳои технологӣ барои эҷод, паҳн ва назорат кардани каналҳо ва шабакаҳои муоширатӣ муайян кард [14,с.34].

Ихтилофҳо, тафовут ва конфигуратсияи қудрат қабул кардани қарори барои ҳамагон қобили қабулро душвор мегардонанд. Ин боиси душвор шудани пешгӯии рушди ҷомеаи иттилоотӣ мешавад. Технологияҳои нав «қоидаҳои бозӣ»-ро тағйир медиҳанд ва ҳар лаҳза метавонанд ба мавқеи фаъолон (ҳукуматҳо, ҳизбҳо, сиёсатмадорони алоҳида ва ғайра) таъсир расонида, мавқеи баъзеро мустаҳкам намуда, баръакс, имкони дигаронро коҳиш диҳанд.

Ҳокимияти коммуникатсионӣ сиёсати муайянеро дар соҳаи иттилоот талаб мекунад. Ба гуфтаи Н.Гарнҳам, «технологияҳои иттилоотӣ аз замони пайдоиши худ – аз пайдоиши хат масъалаҳои қудрати иҷтимоиро ба миён гузоштаанд. Вақте ки муошират аз доираи муошрати мустақими байни одамон тавассути сухан ва имову ишора берун шуд, саволҳо дар бораи он ки захираҳои муошрати фарҳангӣ ва моддиро кӣ ва бо кадом мақсадҳо ихтиёрдорӣ мекунад, барои фаҳмидани тартиботи иҷтимоӣ масъалаи марказӣ шудааст» [15,с.79]. Қобилияти афрод ё гурӯҳҳои мухталифи одамон барои сафарбар кардани неруи коммуникатсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ҳамеша бо рушди технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд буд.

Технологияҳои муосири иттилоотӣ сиёсатмадоронро маҷбур мекунанд, ки дар фаъолияти худ, бахусус дар муносибат бо шаҳрвандон, тағйирот ворид кунанд. Ин раванд васеъ намудани доираи одамонеро, ки дастрасии мустақим ба сиёсатмадорон ва роҳбарияти сиёсии кишварро доранд ва афзоиши ҷараёни муошират ба самти муқобилро дар бар мегирад. Имконияти шаҳрвандон дар мавриди баҳсҳо оид ба проблемаҳои мубрами иҷтимоию сиёсӣ ва ташкили маъракаҳои фишороварӣ ба мақомот низ васеъ мегардад. Фаъолияти сиёсии шаҳрвандон ду ҳадафи асосӣ дорад:

1) такмили «ҳукумати электронӣ»: таъсир расонидан ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ, ба роҳ мондани кори хадамоти маъмурӣ, инчунин баланд бардоштани суръат ва самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ;

2) рушди «демократияи электронӣ»: имкониятҳо ва зерсохторҳое, ки ба ҳукуматҳо имкон медиҳанд, ки ба шаҳрвандони худ наздиктар шаванд ва дараҷаи масъулиятшиносӣ ва фаъолияти шаҳрвандии мардумро баланд бардоранд.

Ниҳодҳои ҳукуматӣ дар сиёсатҳои ғарбӣ даҳсолаҳо бо гурӯҳҳои мухталифи фишор барои таҳияи як барномаи ислоҳоти сохторӣ ва технологӣ барои таҷдиди фаъолияти сиёсии мудирият ва мутобиқ кардани он ба стандартҳои тиҷоратӣ баҳсу музокира мекарданд. Солҳои 1950 ва 1970 кӯшишҳои ҳукуматҳои ғарбӣ ба ҷорӣ кардани навовариҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар фаъолияти маъмурӣ, аз ҷумла баҳисобгирии буҷетӣ, ҳисобдорӣ ва таъсиси системаҳои идоракунии иттилоот нигаронида шуда буданд, ки барои тамоми ҷомеа манфиатҳои ғайримустақим доштанд [8,с.184-185].

Ин кор бо ихтироъ ва густариши истифодаи технологияҳои шабакавӣ идома ёфт. Аз солҳои 80-уми асри гузашта ҳукуматҳои бисёре аз кишварҳои пешрафта ба усулҳои нави пешниҳоди хидматҳои гуногуни электронӣ барои баланд бардоштани самаранокии маъмурӣ ва сифати хидматрасонӣ ба аҳолӣ тамаркуз кардаанд. Идеяи футурист Ҷон Нейсбит дар бораи ҷойгир кардани шаҳрванд дар маркази шабакаҳои ҳукумат ташаккул ёфт [3].

Ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни идоракунии электронӣ ба манфиатҳои зиёде имкон медиҳад:

- кам кардани хароҷоти маъмурӣ;
- баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ, ки тавассути тағйир додани самти кори кормандон аз кори маъмурӣ ба робитаи зич бо шаҳрвандон таъмин карда мешавад;
- баланд бардоштани суръати вокуниш ба муроҷиатҳои шаҳрвандон;
- баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ ҳатто дар ноҳияҳои дурдаст;
- васеъ ва сода кардани дастрасӣ ба иттилооти давлатӣ дар ҳама сатҳ тавассути веб-порталҳо ва дигар хизматрасониҳо;
- таҳкими ҳамкории байниҳукуматӣ, иртибот байни ҳукумат ва соҳибкорон;
- ҷорӣ намудани хизматрасониҳои инноватсионӣ ва шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ.

Аммо ба ин раванд метавонанд баъзе оқибатҳои манфӣ ҳамроҳ шаванд:

- коҳиши умумии хароҷоти маъмурӣ сурат намегирад, зеро барои рушди инфрасохтори рақамӣ сармоягузории назаррас лозим мешавад;
- сатҳи муоширати мустақим бо шаҳрвандон коҳиш меёбад;
- мутамарказкунии бисёр хизматрасониҳо метавонад боиси паст шудани чандирии посух ба дархостҳои шаҳрвандон дар сатҳи маҳаллӣ гардад;
- ба масъалаи ҷойгиркунии иттилоот дар интернет нисбат ба масъалаи баланд бардоштани сифат, фоиданокӣ ва ошкорбаёнии иттилооти муҳимми ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад;
- фазои ҷиноятҳои киберӣ васеъ мегардад;
- имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ барои расонидани зарар ба одамон, масалан, дахолат ба ҳаёти шахсӣ, сензура ба вуҷуд меояд ва ғ.

Ин дуҳӯрагии иқтидори истифодаи технологияҳои пешрафтаи рақамӣ бояд дар фаъолияти ҳукумат ва дигар мақомоти маъмурӣ ба инобат гирифта шавад, то ки нақзи ҳуқуқи шаҳрвандии аҳолӣ пешгирӣ карда шавад.

Аз як тараф, рушди «демократияи электронӣ», ки бо ҷорӣ намудани каналҳои нави фаъолияти сиёсӣ ва давлатӣ тавассути технологияҳои навтарини рақамӣ (масалан, овоздиҳии электронӣ ё пардохтҳои электронии иҷтимоӣ) алоқаманд аст, барои шаклҳои муқарраршудаи равандҳои сиёсӣ дар мамлакатхое, ки анъанаҳои демократии мустаҳкам доранд, хатари муайянеро ба вуҷуд меорад [14]. Аз тарафи дигар, технологияҳои иттилоотӣ дорои имконоти бузург буда, метавонанд дар раванди тағйири конфигуратсияи қудрати коммуникатсионӣ тавассути ташаккули ҷомеаи аз ҷиҳати сиёсӣ босавод ва фаъол нақши назаррас бозанд.

Тағйироте, ки бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст, бояд ҳангоми қабули қарорҳо дар тамоми марҳилаҳои раванди сиёсӣ ба назар гирифта шавад. Ин тағйирот бо инҳо алоқамананд:

- рушди демократия, зеро технологияҳои иттилоотӣ табиатан демократӣ мебошанд ва иерархия ва назорати мутамарказро норавшан мекунанд;

- ташаккули элитаи технократӣ, ки мустақилияти ҳарчи бештарро ба даст оварда, таъсири худро ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ афзоиш медиҳад;

- тағйирёбии элитаҳои иқтисодӣ, зеро навовариҳои технологӣ, пеш аз ҳама, аз эҳтиёҷоти ҳарбӣ ва корпоративӣ, ки манфиатҳои ҷомеаро идора мекунанд, ба амал меоянд;

- мустаҳкам шудани мавқеи сохторҳои қудратии бартаридоштаи низоми сиёсӣ, зеро маҳз иттиҳодияҳои бартаридоштаи манфиатҳо дар дохили як созмон ё тамоми давлат қодиранд, ки чунин захираро ба мисли технологияҳои иттилоотӣ назорат кунанд [8,с.170].

Ҳамин тариқ, мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» як чаҳорчӯбаест, ки чунин хусусиятҳои асосии сифатии тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайяншавандаи ҷомеаи муосирро дар бар мегирад: ҳаракати «қудрат» ба фазои фаромиллӣ, раҳоии он аз назорати сиёсӣ; идеяи демократикунонӣ ҳамчун раванди кам кардани доираи истифодаи зӯроварӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ; давлати заиф, ки барои иҷрои вазифаҳои асосии режими сиёсиро бо демократия айниятдиҳанда қудрати кофӣ надорад, он вазифаҳоро ба агентҳои дигар медиҳад; ҳаракати уфуқии баъзе вазифаҳои давлат ба сӯйи бозорҳо, ки аз даxолати сиёсӣ озод буда, мавҷудияти ғайрисиёсӣ мебошанд, ё ҳаракати нузулӣ, яъне ба дӯши шахс таҳмилшавии як қатор вазифаҳои давлат ба амал меояд; ғайрисиёсишавии ҷомеа мушоҳида мешавад; шаҳрванд кобилияти баҳодиҳии мустақилона ба ҳодисаҳои сиёсӣ, интихоб кардани қувваҳои сиёсии рақобаткунанда ва умуман, мустақилияти худро гум мекунад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Нуриддин П.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Иноземцев В.Л. Современное постиндустриальное общество: природа, противоречия, перспективы. Курс лекций / В.Л. Иноземцев. - М., 2000.
2. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / М. Кастельс. - М., 2000.
3. Нейсбит Джон. Мегатренды / Д. Нейсбит. -М.: Издательство АСТ: Ермак, 2003, 2009.
4. Платонова М.В. Концепция информационного общества в современной философии - М., 2004.
5. Тоффлер Э. Метаморфозы власти: учебное пособие / Э. Тоффлер. – М., 2004. – 669 с.
6. Хардт М. Империя/ М.Хардт, А. Негри. Пер. с англ., Под ред. Г.В. Каменской, М.С. Фетисова. - М.: Праксис, 2004.
7. Хардт М. Множество: война и демократия в эпоху империи / М.Хардт, А. Негри. - М., 2006.
8. Dutton W.H. Society on the Line: Information Politics in the Digital Age. Oxford: Oxford University Press, 1999, p. 184-185.
9. Klein H. The Right to Political Participation and the Information Society [Text] / K. Hans // Presented at Global Democracy Conference Montreal, May 29 - June 1, 2005. - P. 7.
10. Laszlo Z. Karvalics. Information Society - What is it exactly? (The meaning, history, and conceptual framework of an expression). Budapest, 2007, p. 7.
11. Schmidt M., Coudray S. Future Challenges to Building Knowledge Societies. - London, 2007
12. Schmidt M., Coudray S. Future Challenges to Building Knowledge Societies. - London, 2007.
13. Nickel J. Human Rights // The Stanford Encyclopedia of Philosophy. Summer Edition / Ed. by Edward N. - Stanford Univeristy Press, 2003.
14. Castles S. Development, Social Transformation and Globalization// Paper given Social Transformation Studies Workshop, Australia: Center for Asia Pacific Studies, 2000, p.24.
15. Garnham N. Information Politics: The Study of Communicative Power//Dutton W.H. Society on the Line: Information Politics in the Digital Age. Oxford: Oxford University Press, 1999, p.79.


## КОНСЕПСИЯҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ


Дар мақолаи мазкур консепсияҳои назариявии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ» як чаҳорчӯбаест, ки чунин хусусиятҳои асосии сифатии тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайяншавандаи ҷомеаи муосирро дар бар мегирад: ҳаракати «қудрат» ба фазои фаромиллӣ, раҳоии он аз назорати сиёсӣ; идеяи демократикунонӣ ҳамчун раванди кам кардани доираи истифодаи зӯроварӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ; давлати

заиф, ки барои иҷрои вазифаҳои асосии режими сиёсиро бо демократия айниятдиҳанда қудрати кофӣ надорад, он вазифаҳоро ба агентҳои дигар медиҳад; ҳаракати уфуқии баъзе вазифаҳои давлат ба сӯйи бозорҳо, ки аз дахолати сиёсӣ озод буда, мавҷудияти ғайрисиёсӣ мебошанд, ё ҳаракати нузулӣ, яъне ба дӯши шахс таҳмилшавии як қатор вазифаҳои давлат ба амал меояд; ғайрисиёсишавии ҷомеа мушоҳида мешавад; шаҳрванд кобилияти баҳодиҳии мустақилона ба ҳодисаҳои сиёсӣ, интихоб кардани қувваҳои сиёсии рақобаткунанда ва умуман, мустақилияти худро гум мекунад.
**Калидвожаҳо:** ҷомеаи иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, фазои фаромиллӣ, ҳадафҳои сиёсӣ; дахолати сиёсӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье обсуждаются теоретические концепции информационного общества. Понятие «информационное общество» представляет собой основу, включающую основные качественные характеристики современного общества, определяемые информационно-коммуникационными технологиями: перемещение «власти» в транснациональное пространство, ее освобождение от политического контроля; идея демократизации как процесса сокращения масштабов применения насилия для достижения политических целей; слабое государство, не обладающее достаточной властью для выполнения основных задач политического режима с конституционной демократией, передает эти задачи другим агентам; горизонтальное движение некоторых функций государства в сторону рынков, свободных от политического вмешательства и являющихся неполитическим существованием, или движение вниз, т. е. наложение на человека ряда функций государства; наблюдается деполитизация общества; гражданин теряет способность самостоятельно оценивать политические события, выбирать конкурирующие политические силы и в целом теряет свою независимость.
**Ключевые слова**: информационное общество, информационно-коммуникационные технологии, транснациональное пространство, политические цели; политическое вмешательство.

## THEORETICAL CONCEPTS OF THE INFORMATION SOCIETY

This article discusses theoretical concepts of the information society. The concept of “information society” is a framework that includes the main qualitative characteristics of modern society, determined by information and communication technologies: the movement of “power” into the transnational space, its liberation from political control; the idea of democratization as a process of reducing the use of violence to achieve political goals; a weak state that does not have sufficient power to carry out the main tasks of a political regime with a constitutional democracy delegates these tasks to other agents; the horizontal movement of some functions of the state towards markets, free from political interference and being a non-political existence, or the movement downwards, i.e. the imposition on a person of a number of functions of the state; there is a depoliticization of society; the citizen loses the ability to independently evaluate political events, choose competing political forces, and generally loses his independence.
**Keywords**: information society, information and communication technologies, transnational space, political goals; political interference.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Убайдулло Ғуломалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **1111_ubaydullo@mail.ru**. Телефон: **909-32-52-52**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Убайдулло Гуломалиевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель, кафедра политических процессов Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан город Душанбе Рудаки,17. E-mail: **1111_ubaydullo@mail.ru**. Телефон: **909-32-52-52**

**Information about the author:** ***Odinaev Ubaydullo Gulomalievich*** – Tajik National University, applicant, Department of Political Processes Tajikistan. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki, 17. E-mail: **1111_ubaydullo@mail.ru.** Phone**: 909-32-52-52**

ТДУ: 355.43(575.3)

# САМТҲОИ СТРАТЕГИИ ТАКМИЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Бобоев А.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таҷрибаи таърихӣ ва натиҷаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки сиёсати дохилии ҳар як давлат бо пайдоиш ва ташаккули давлат пайванди ногусастанӣ дорад. Солҳои охир олимони Федератсияи Россия, кишварҳои ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи дар кадом асос ва кай пайдо шудани давлат ва сиёсати дохилии он пешниҳодҳои мухталиф таҳия ва пешниҳод карданд. Дар ин росто метавон чунин олимони маъруфи ҷомеаи муосирро номбар кард, ки дар рушди назария ва амалияи давлат ва сиёсати дохилии он нақши бузург доранд. Чунин олимони маъруф, ба монанди Б.Ахмедова, У.Бек, Д.Белла, Л.Э.Гринина, Р.Дал, В.Кувалдина, А.Рябова, В.Кудров, Н.Манана, В.С.Малахова, М.Пешкова, А. Урсула, А.Н. Маҳмадов ва дигарон ба ҳисоб меравад.

Таҳлили маъхазҳо ва адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун давлати мустақили соҳибихтиёр он буд, ки он дар шароити душвори сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ шакл гирифт. Бо итминон метавон қайд кард, ки пайдоиш, ташаккул ва рушди минбаъдаи давлатдории тоҷикон як раванди тулонӣ, зиддиятнок ва мантиқӣ мебошад, ки дар асарҳои Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Саидмурод Фаттоев, А. Маҳмадов, Гулмаҳмад Зокиров ва дигарон ба таври илмӣ исбот шудааст.

Таҳлили адабиёти таърихӣ, таҳқиқи омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маънавӣ нишон медиҳад, ки асри XX муҳимтарин шарти бунёди ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон мебошад. Инқилоби Октябр, ҳафтод соли ҳамзистӣ дар доираи як давлат, як системаи ягонаи сиёсӣ ва иқтисодӣ, як муҳити идеологӣ, системаи маориф ва боз ҳам бештар халқҳоро ба ҳам наздик карда, барои онҳо сифати зиндагии нав ба вуҷуд овард. Дар ин давраи таърихӣ халқи тоҷик тафаккури нав, тарзи нави ҳаётро ташаккул дод, ки онҳоро, бахусус бо халқи рус муттаҳид сохт ва бо ин роҳ онҳоро ба тамаддуни аврупоӣ ва умумиҷаҳонӣ ворид намуд.

Таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили вазъи иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ дар давраи гузариш нишон медиҳанд, ки пайдоиш ва ташаккули истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ дар Тоҷикистон дар ҳолатҳои хеле душвор сурат гирифтааст. Сабаби ин дар он аст, ки системаи маъмурию фармонфармоӣ ва бозсозӣ дар системаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон осори вазнин гузоштааст.

Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки фитнаҳо, фишорҳо ва зӯроварӣ дар ҷомеа аз неруҳои гуногуне барои ба даст овардани ҳокимият пайдо шуданд, дар як муддати кӯтоҳ ҳукумат, чор раиси мақоми олии қонунбарор ва ҳатто ду президенти қонунан интихобшудаи Тоҷикистон аз кор даст кашиданд.

Бо назардошти моҳияти вазъияти драмавии Тоҷикистон, С.Фаттоев чунин қайд намуда буд: «Гурӯҳҳои асосии мухолиф дар Тоҷикистон масъалаи тақсим кардани давлат, ҳифзи якпорчагии онро ба миён нагузоштанд. Масъалаи марказии мунoқиша масъалаи қудрат буд. Бидуни коҳиш додани мушкилоти марбут ба тақсимоти ҳокимият, хоҳиши ҷонибҳои даргир барои ҳифзи мақоми ягонаи Тоҷикистон бояд ҳамчун омили мусоидат ба ҳалли низоъ эътироф карда шавад» [13,с.3-4].

Тибқи натиҷаҳои дар боло зикршуда ва амалӣ, дар асоси омӯхтан ва таҳлили таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо марҳилаи нави ташаккули давлатдории тоҷикон - давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитариро дар соҳибихтиёрии Тоҷикистон баррасӣ мекунем.

Ба шарофати бедории сиёсӣ ва болоравии худогоҳии миллӣ, дар муддати кӯтоҳтарини таърихӣ Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати соҳибихтиёр қадамҳои қатъӣ гузошт. Бояд гуфт, ки оғози ин роҳ моҳи ноябри соли 1992 гузошта шудааст. Дар иҷлосияи таърихии XVI - Шурои Олӣ дар Хуҷанд, ки дар он давлати мустақил ва

тамоми сохторҳои давлат ташкил ва тасдиқ карда шуданд. Ҳамзамон, принсипҳои асосии давлати демократии дунявӣ ва ҷомеаи оянда дар Тоҷикистони соҳибихтиёр эълон карда шуданд.

Ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқи тоҷик дар як сафҳаи тоза ва холӣ сурат нагирифтааст. Барои эълони он заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва маънавӣ муддати дароз омода карда мешуданд. Эълони истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ натиҷаи муборизаи ҳазорсолаи халқи тоҷик бар зидди душманони гуногун барои озодӣ ва истиқлолият мебошад. Ба шарофати муборизаи қаҳрамонона ва доимӣ, халқи тоҷик дар соли 1991 пас аз ҳазорсолаҳо дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти миллӣ қадамҳои қатъӣ гузошт ва соҳибихтиёрии давлати худро пойдор сохт.

Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда барои риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон масъулияти қатъиро пешбинӣ мекунанд.

Дар Тоҷикистон тамоми заминаҳои зарурии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ барои фаъолият ва рушди минбаъдаи соҳибихтиёрии давлатӣ муҳайё гардидаанд. Дар шароити Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳоло таҳким ва рушди сиёсати дохилии сохтори давлатӣ ба амал омада истодааст. Ҳадафи ин самти стратегӣ аз он иборат аст, ки давлат ҷомеаест, ки дар он ҳамаи аъзоёни ҷомеа, новобаста аз эътиқод, дин, ҷаҳонбинӣ, тарзи тафаккур, ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар, дар назди қонун масъулияти баробар доранд. Ҳамаи ин ба пешрафти иҷтимоию сиёсӣ ва маънавии фаъолияти сиёсати дохилии соҳибихтиёрии давлатӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад ва фароҳам меорад. Дар ин росто, бояд қайд кард, ки душманони дохилӣ ва хориҷии тоҷикон муддати тулонӣ, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ, то ба имрӯз барои расидан ба ҳадафҳои худ мубориза мебурданд. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки давлат, Ҳукумат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мунтазам қарорҳои мушаххас қабул намуда, мубориза бо душманонро тақвият медиҳанд, чизи асосӣ фароҳам овардани ҳама гуна шароит барои таҳким ва рушд сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Имрӯзҳо давлат, Ҳукумат ва тамоми сохторҳои низоми сиёсии ҷомеа тамоми кӯшишҳоро барои такмил ва рушди сиёсати дохилии Тоҷикистони соҳибихтиёр равона мекунанд.

Инро дар мисоли Тоҷикистон тасдиқ кардан мумкин аст. Инро натиҷаҳои дарозмуддати Комиссияи оштии миллӣ пурра тасдиқ карданд. Дар протокол оид ба кафолатҳои мавҷудияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 28 майи соли 1997 омадааст: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин ба мувофиқа расиданд, ки бо имзои ин Созишномаи генералӣ, марҳилаи татбиқи созишномаҳои дар ҳаҷми пурра ва робитаи байниҳамдигарӣ саршаванда ба муноқишаи бародаркуш дар Тоҷикистон абадӣ хотима бахшида, бахшиши якдигар ва авфро таъмин мекунад, гурезаҳоро ба хонаҳояшон бармегардонад, барои демократия шароит фароҳам меорад, интихоботи дунявӣ, давлатӣ, озод ва барқарорсозии иқтисодиёти кишвар, ки бар асари як низои дарозмуддат хароб шудааст, барқарор мегардад. Афзалиятҳои олии миллии кишвар сулҳ ва ваҳдати миллии ҳама тоҷикон, новобаста аз миллат, тамоюли сиёсӣ, мазҳабӣ ва мансубияти минтақавӣ мебошанд" [3,с.28]. Имзои ин санади таърихӣ дар сатҳи баландтарини фарҳанги оқилонаи сиёсӣ сурат гирифт, то даме ки омилҳои динӣ дар муносибатҳои байни миллатҳо ва байни миллатҳои мавҷуда амал мекунанд, ҳадафи он кӯшиши фалаҷ кардани нақши мушаххаси омили динӣ дар байни миллатҳо хоҳад буд. Дар баъзе кишварҳои Шарқ дини ислом ҳамчун идеологияи расмӣ хидмат мекунад ва як шакли шуури ҷамъиятиро ифода мекунад ва дар он ҷо муноқишаҳои миллӣ тобиши динӣ пайдо мекунанд. Зеро дар баъзе кишварҳо дар натиҷаи сатҳи нокофии шуури сиёсии одамон, шинохти динӣ бар шуури миллӣ бартарӣ дорад. Таҳлили сатҳи вазъи динии аҳолии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки азбаски таъсири дин дар ҳаёти миллии халқҳо нобаробар ва хеле зиддиятнок аст, аз ин рӯ яке аз омилҳои тавлидкунандаи низоъ дар Тоҷикистон навъи муносибати мазҳабҳо мебошад. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ташаккули шуури сиёсӣ яке аз омилҳои муҳимми рафъи зиддиятҳо мебошад. Имрӯз дар Тоҷикистон заминаи мустаҳками иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ,

маънавӣ ва идеологӣ барои такмил ва рушди минбаъдаи соҳибихтиёрии давлатӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ин рӯ, дар зер мо баъзе назарҳо, нуқтаи назари одамони ноустувор, зиддиятҳо, мунокишаҳо, маҳалгароӣ, миллатгароӣ, нуқтаи назари алоҳидаи динӣ ва дигар фикрҳои зарароварро, ки доимо ба истиқлолияти Тоҷикистон халал мерасонанд, нишон медиҳем.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ҷомеа аз бисёр гурӯҳҳо ва ҷомеаҳои иҷтимоӣ, ҳам расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ иборат аст. Аз ин рӯ, дар ҷараёни ҳамкориҳои наздик ва доимии онҳо, зиддиятҳо метавонанд ба миён оянд, ки боиси ихтилофҳо бо сабаби маҳдуд шудани захираҳои моддие мешаванд, ки дар миёни ду ё якчанд гурӯҳ вуҷуд доранд, бинобар даъвоҳо дар бораи соҳибӣ кардан ё надоштани қудрати сиёсӣ, ки дар натиҷа сабаби вайрон кардани муносибати як ё якчанд гурӯҳи дигар мегардад. Ин омилҳо дар раванди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ дар шароити Тоҷикистон мушоҳида карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар раванди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрӣ дар Тоҷикистон зиддиятҳо байни зарурати тағйироти куллӣ дар соҳаҳои гуногуни он ва консерватизм дар усулҳо ва роҳҳои амал ба миён омадаанд. Зиддиятҳо байни кӯҳна ва нав, байни муносибатҳои кӯҳнашудаи истеҳсолӣ ва қувваҳои нави истеҳсолӣ, ақидаҳо ба рушди иҷтимоӣ хосанд. Дар ҷараёни мубориза байни онҳо ихтилофоти муайян ҳал карда мешаванд, аммо дар айни замон низоми нави зиддиятҳо дар заминаи сифатан мухталиф ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, дар ҷараёни таҳаввулот ҳар як чизи нав тадриҷан кӯҳна мешавад ва ҷойи онро навтарин мегирад - ин аст мантиқи рушди диалектикии ҷомеа [4,с.183-184].

Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои умумии методологии мушкилоти муносибатҳои миллӣ ва байни миллатҳо, аз қабили: мунокишаҳои байни миллатҳо ва дохилӣ, мунокишаҳои ҳудудӣ-этникӣ, этнотерапия ва этнопрофилактика, нақши забон ва дин дар мунокишаҳои байни миллатҳо, ҳолатҳои мунокишавӣ бо маҳалгароӣ, маводи мухаддир, роҳҳои танзими ин мунокишаҳо то андозае баҳсбарангезанд. Сарфи назар аз шумораи кофии асарҳое, ки ба таҳлили мунокишаҳо, алалхусус консепсияи мунокишаҳо дар заминаи этникӣ, типикунонии омилҳои низоъ, таҳлили мукаммали сабабҳои пайдоиши онҳо ва усулҳои татбиқи амалӣ дар кишварҳои муосири ИДМ бахшида шудаанд ва махсусан дар Тоҷикистон ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои профилактикӣ, ки ба пешгирии зиддиятҳои байни миллатҳо нигаронида шудаанд, ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ ба низом дароварда нашудаанд. То ҳол таҳлили ҳолатҳои мунокишавӣ дар Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқи тоҷик вуҷуд надорад.

Дар байни маҷмааи мураккаби бисёрҷабҳа, қайд мекунад Ш.Саймудинов, ки дар Тоҷикистон ба таври возеҳ падид омадааст, масъалаҳои ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқи тоҷик мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Ба андешаи мо, муваффақияти дигаргуниҳои демократӣ, муттаҳидӣ, ваҳдат ва сарнавишти кишварамон, мардуми мо ва пеш аз ҳама сулҳу ризоият дар Тоҷикистон аз аксуламали дуруст ва ҳалли ин мушкилоти ниҳоят муҳим вобаста аст [9,с.3-4]. Дар ин росто, бояд таъкид кард, ки мушкилоти истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқи тоҷик дар маркази таваҷҷуҳи Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон қарор доранд.

С.Фаттоев роҳҳои ҳалли мунокишаҳоро асоснок карда, таъкид менамояд, ки «агар то асри XX роҳи зӯроварии ҳалли мунокишаҳо чизи асосӣ буд, акнун инсоният аз рушди хунини худ сабақ гирифта, ба ёфтани созиши оқилона таъкид мекунад, ҳамчун роҳи қобили қабул, мутамаддини ҳаракат ба сӯйи асри оянда мебошад. Ҳодисаҳои солҳои охир на танҳо дар миқёси ҷаҳонӣ, балки воқеаҳои драмавии аввали солҳои 90-уми асри XX низ ба ин шаҳодат медиҳанд" [13,с.7].

Сарфи назар аз вазъи душвори ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ноустувории Тоҷикистон, бисёр мушкилот ҳалли худро ёфтанд. Пеш аз ҳама, барои ҳифз ва рушди истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии халқи тоҷик тадбирҳои мушаххаси сиёсӣ андешида шуданд. Ин рӯйдодҳои таърихӣ шомили иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Иҷлосия марҳилаи нав дар сарнавишти давлатдории миллии тоҷикон ва

таърихи нави Тоҷикистони соҳибистиқлолро оғоз намуд ва имкон дод, ки хатари фурӯпошии Тоҷикистон, ҳамчунин истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлат ва нопадидшавӣ пешгирӣ карда шавад, миллати бостонии тоҷик боз соҳиби давлат гардад. Иҷлосияи 16-ум, дар давраи бетартибӣ ва қонуншиканӣ, роҳбарияти нави кишварро интихоб кард, ба бунёди низоми нави давлатӣ ва бунёди ҷомеаи мустақил ва бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқӣ ва дунявӣ замина гузошт.

Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки танишҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон пас аз ҷанги шаҳрвандӣ, бахусус соли 1994 аз сабаби норасоии маҳсулоти ғалладона мушоҳида мешуданд. Ин шиддатро худи давлат бартараф карда. Баъдтар Фармони Президент Э.Ш.Раҳмонов дар бораи тақсимоти 75 ҳазор гектар замин барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ қабул карда шуд. Ин имкон дод, ки афзоиши назарраси ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шавад ва ба ин васила шиддати иҷтимоӣ дар ин соҳа сабук карда шавад [7].

Самтҳои стратегии такмил ва рушди сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз посухи дурустро бо роҳҳои зерин тақозо мекунанд:

Яке аз самтҳои муҳимми стратегӣ таҳким, рушд ва содагардонии вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои низоми сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳо, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ҳукумати маҳаллӣ мебошад. Ин вазифа доимо ҳал карда мешавад, зеро он бо зарурати мушаххас кардани ваколатҳои иштирокчиёни гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ, танзим ва рушди муносибатҳои онҳо алоқаманд аст. Дар ин росто, бояд қайд кард, ки махсусан пас аз қабули Конститутсия дар Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешида шуда, назорат аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда шуда, фаъолияти онҳо дар доираи Қонун ба роҳ монда шудааст. Ин ва дигар равандҳои демократӣ ба рушди соҳибихтиёрии давлатӣ дар Тоҷикистон мусоидат карданд. Ҳамаи ин таъсироти демократӣ ба соҳибихтиёрии давлатӣ дар Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Дар ҳалли ин масъалаҳои стратегӣ нақш ва таъсири ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ боз ҳам меафзояд. Ҳоло ҳадафи давлат, Президент, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат, тамоми неруҳои сиёсӣ, ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ба таҳким ва рушди сиёсати дохилии давлат, истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии сиёсӣ ва муттаҳид сохтани ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми стратегии соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамкории ҳарбӣ-сиёсӣ бо кишварҳои ИДМ мебошад. Масалан, ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, пеш аз ҳама, ба таҳким ва рушди соҳибихтиёрии миллии миллӣ дар Тоҷикистон, барҳам додани муқовимати мусаллаҳона байни неруҳои хукуматӣ ва ҷузъу томҳои оппозисиюни мусаллаҳи тоҷик вобаста буданд. Онҳо дар асоси шартномаҳо, созишномаҳо ва созишномаҳои байни ду давлат, бо назардошти қарорҳое, ки дар доираи давлатҳои ИДМ қабул шудаанд, ба роҳ монда шудаанд. Ҳадафи стратегияи ҳарбӣ-сиёсӣ таъмини субот ва амният дар Тоҷикистон, мусоидат ба ҳалли сиёсии муноқишаҳои байни тоҷикон буд. Стратегияи дуҷонибаи ҳарбӣ-сиёсӣ мушкилоти ҳалли байни тоҷикон, ба эътидол овардани вазъ дар Тоҷикистон, ҳифз ва мудофиаи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, инчунин масъалаҳои бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ ва неруҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирифт.

Таҳлили ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ тамоюли устувори рушди иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад. Ин ба шарофати тағйиротҳои институтсионалӣ, ки боиси либерализатсияи савдо, тавсеаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва бахши хусусӣ, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ ва савдо гардиданд, имконпазир гардид.

Ҳамин тариқ, мо баъзе самтҳои стратегияи Тоҷикистони соҳибихтиёрро ҳам дар ҳаёти дохилии кишвар ва ҳам дар сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ баррасӣ кардем. Омилҳои номбаршуда ба таҳкими раванди истиқлолияти миллӣ ва соҳибихтиёрии давлатии халқи тоҷик мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, стратегияи Тоҷикистони соҳибихтиёр бо кишварҳои ИДМ дар баробари мушкилоти зикршуда, ба рушди илм, технология, тиб, фарҳанг ва маориф, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ таъсири

бениҳоят калон расонд. Имрӯзҳо дар асоси ин стратегия ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ рушд меёбанд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ - Бедилов Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахбори Маджлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2000, № 6; Асадуллоев Р.Н. -Молодежь в процессах демократизации общественной жизни страны. -Душанбе, 2004.
2. Бирюков Н.И. Соборность как религиозный и политический идеал / Н.И. Бирюков // Философские науки. -2005. -№ 6.
3. Единство и борьба противоположностей. // Философский энциклопедический словарь. -М., 1999.- С. 183-184.
4. Манько Ю.В.-Нации и национальные отношения (исторический и Философский анализ) / Ю.В.Манько, Н.И.Шаиков. -Спб.: И.Д «Петрополис», 2009; 5. Киенство и борьба противоположностей. // филососфский энциклопедический словарь. -М., 1999. -С. 183-184.
5. Махмадов А.Н. Социология и политология / А.Н. Махмадов. 1998 №1.
6. Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. -Душанбе, 1997.- С. 26-27.
7. Постановление Маджлиси Оли РТ «О выделении к действия Закона Республики Таджикистан». «О внесении изменений в Закон Республики Таджикистан» и «О Земельной реформе». –Душанбе, 1997.
8. Рахимов Р. "Мужские дома" в традиционной культуре таджиков / Р.Рахимов. - Л., 1990.
9. Саймуддинов Ш. Социально-политические факторы укрепления мира в суверенном Таджикистане / Ш.Саймуддинов. - Душанбе: Ирфон, 2001.- С.3-4.
10. Симонов К.В. Политический анализ.Учебное пособие / К.В. Симонов. - М.: Логос, 2002.
11. Сорокин П. Человек. Цивилизация.Общество / П.Сорокин. - М. 1992.-С.342.
12. Спиноза Бенедикт. Избранные произведения: В 2т. –М., 1957. -Т.2.
13. Фаттоев С. Социально-политические конфликты в современном обществе (опыт Таджикистана) / С. Фаттоев. - Душанбе: Шарки озод, 2001.-С. 121.
14. Чвырь Л. Таджикистан. Весна 1992 года (комментарий этнографа к политическим событиям) / Л. Чвырь // Вестник Евразии. -№1. -М., 1995.
16. Шаран П. Сравнительная политология / П. Шаран. –М.,1992. - т.1.
17. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш. Шоисматуллоев. -Душанбе: Ирфон, 2006.


## САМТҲОИ СТРАТЕГИИ ТАКМИЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Омӯзиши мушкилот, самтҳои стратегии такмил ва рушди сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми назариявӣ, амалӣ ва методологӣ дорад. Дар робита ба ин бояд қайд кард, ки раванди самти стратегӣ дар самти такмил ва рушди сиёсати дохилии давлат имрӯз муттаҳид сохтани тамоми системаҳои сиёсӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, оммаро дар таҳкими сиёсати дохилии Тоҷикистони соҳибихтиёр тақозо мекунад. Дар асоси ҳолатҳои дар боло овардашуда, тахмин кардан мумкин аст, ки дар баробари муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, муносибатҳои байни одамон ва байни ҳамаи унсурҳои системаи сиёсии ҷомеа низ фарқ карда мешаванд. Тавре ки маълум аст, ҳар кадоми онҳо хусусияти муайяни сохтории ҷомеаро, ки бо намудҳои муайяни фаъолият ҳамчун як субъекти махсуси иҷтимоӣ алоқаманд аст, ифода мекунад ва тавассути манфиатҳои махсуси ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Яке аз самтҳои муҳимми таҳкими соҳибихтиёрии давлатии халқи тоҷик созмонҳои давлатию ҷамъиятӣ мебошанд. Нақши ин созмонҳо дар ҳама гуна ҷомеа, давлат ва кишвар бузург аст. Бо назардошти таҷрибаи таърихии ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, онҳо дар таҳким ва рушди сиёсати дохилии Тоҷикистони соҳибихтиёр нақши ҳалкунанда доштанд. Дарки назариявии роҳҳои рушди минбаъдаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҷамъбаст намудани таҷрибаи кори онҳо масъалаи муҳимми омӯзиши проблемаи ҳокимияти давлатӣ дар системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Дар натиҷа, низоми сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон як ҷомеаи мустақил ва соҳибихтиёр мебошад ва шариконӣ ногузир ва зарурии он ташкилотҳои оммавии ҷамъиятӣ мебошанд.



**Калидвожаҳо**: самт, стратегия, такмил, рушд, сиёсат, Ҷумҳурии Тоҷикистон.


## СТРАТЕГИЧЕСКИЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ВНУТРЕННЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Изучение проблем стратегических направлений совершенствования и развития внутренней политики Республики Таджикистан имеет большое теоретическое, практическое и методологическое значение. В связи с этим следует отметить, что процесс стратегического направления на совершенствование и развитие внутренней политики сегодня требует интеграции всех политических систем, государственных и общественных организаций, общественности в укреплении внутренней политики суверенного Таджикистана. На основании приведенных случаев можно предположить, что наряду с экономическими, политическими, социальными, нравственными, правовыми, эстетическими отношениями различают также отношения между людьми и между всеми элементами политической системы общества, как известно, каждый из которых представляет

определенную структурную особенность общества, которая связана с определенными видами деятельности как особого социального субъекта и проявляется через особые общественные интересы. Одним из важных направлений укрепления государственного суверенитета таджикского народа являются государственные и общественные организации. Велика роль этих организаций в любом обществе, государстве и стране. Учитывая исторический опыт государственных и общественных организаций, они сыграли решающую роль в укреплении и развитии внутренней политики независимого Таджикистана. Теоретическое осмысление путей дальнейшего развития государственных и общественных организаций, обобщение опыта их работы является важным вопросом изучения проблемы государственной власти в политической системе общества. В результате политическая система таджикского общества представляет собой независимое и суверенное общество, а его неизбежными и необходимыми партнерами являются массовые общественные организации.
**Ключевые слова**: руководство, стратегия, совершенствование, развитие, политика, Республика Таджикистан.

**SOCIAL FACTORS AND MAIN FUNCTIONS OF THE INTERNAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The study of problems, strategic directions for improving and developing the domestic policy of the Republic of Tajikistan is of great theoretical, practical and methodological importance. In this regard, it should be noted that the process of strategic direction for the improvement and development of domestic policy today requires the integration of all political systems, state and public organizations, and the public in strengthening the domestic policy of sovereign Tajikistan. Based on the above cases, it can be assumed that, along with economic, political, social, moral, legal, aesthetic relations, there are also relations between people and between all elements of the political system of society, as is known, each of which represents a certain structural feature of society, which is associated with certain types of activity as a special social subject and is manifested through special public interests. One of the important areas for strengthening the state sovereignty of the Tajik people are state and public organizations. The role of these organizations in any society, state and country is great. Given the historical experience of state and public organizations, they played a decisive role in strengthening and developing the domestic policy of independent Tajikistan. Theoretical understanding of the ways of further development of state and public organizations, generalization of the experience of their work is an important issue in studying the problem of state power in the political system of society. As a result, the political system of Tajik society is an independent and sovereign society, and its inevitable and necessary partners are mass public organizations.
**Keywords**: leadership, strategy, improvement, development, policy, Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бобоев Абдураҳим Шамсович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **900-36-16-16**

**Сведения об авторе:** ***Бобоев Абдурахим Шамсович*** - Таджикский государственный педагогический университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **900-36-16-16**

**Information about the author:** ***Boboev Abdurahim Shamsovich*** - Tajikistan State Pedagogical University, Doctoral student Ph.D. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone**: 900-36-16-16**

ТДУ: 342.59

# ИНТИХОБОТ ВА НАҚШИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ

*Сафаров Ф.Ш.*
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Бояд қайд намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимми рушди парламентаризм ва гуногунандешии сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули низоми сиёсии ҷомеа мақоми махсус доранд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ яке аз субъектҳои фаъоли раванди интихобот ба ҳисоб рафта, воситаи муҳимми рушди низоми интихобот ба ҳисоб мераванд.

Дар ин раванд, яке аз хусусиятҳои муҳимми давлати демократии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, дар устувории низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузоранд. Дар ин раванд интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро дар сатҳи демократӣ ба роҳ монда, дар асоси талаботҳои муайяншудаи қонунҳои интихобот, ҳадафу мақсадҳои худро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, интихобкунандагон дуруст роҳандозӣ карда, дар амалӣ кардани нуқтаҳои муҳимми барномаҳои худ нақши муассир гузоранд.

Раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёси имконият медиҳад, ки чораҳои мушаххас ва муҳимро вобаста ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа роҳандозӣ карда, дар мустаҳкам кардани мавқеи худ дар ҷомеа тадбирҳои лозимро роҳандозӣ намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми интихобот дар раванди давлату давлатдории муосири Тоҷикистон аз он иборат мебошад, ки дар раванди он нақши муҳимро ҳизбҳои сиёсӣ иҷро мекунанд. Дар ин раванд ҳар як ҳизби сиёсӣ мувофиқи бароиомаи таҳиякардаи худ ҳамчун субъекти фаъоли интихобот кӯшиш менамояд, ки аз тамоми воситаю усулҳо самаранок истифода намуда, мақом ва нуфузи худро дар ҷомеа баланд арзёбӣ намояд.

Хусусияти муҳимми раванди интихобот дар он аст, ки дар он имконият ва қобилияти ҳизбҳои сиёсӣ муаррифӣ гардида, онҳо кӯшиш менамоянд, ки худро ҳаматарафа омода карда, аз методҳо ва василаҳои гуногуни таблиғотӣ истифода бурда, дар маъракаҳои муҳимми сиёсӣ фаъолона иштирок намоянд. Раванди интихобот, дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа нақши муҳим дорад.

Бояд зикр намуд, ки раванди интихобот дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон омили муҳимми иштироки ҳизбҳои сиёсӣ, муаррифии онҳо дар раванди ҷомеа ба ҳисоб рафта, мувофиқи барномаҳои таҳияикардаи худ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, ба даст овардани шумораи зиёди овози интихобкунандагон, таблиғу ташвиқи ҳизби худ миёни ҷомеа аз вазифаҳои муҳиммашон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд яке аз вазифаҳои асосии ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, робитаи худро бо интихобкунандагон, ҷомеаи шаҳрвандӣ устувор намудан, мустаҳкам намудани мавқеъ ва нуфузи худ, ҷиҳати ошноии комил пайдо кардан миёни интихобкунандагон ба ҳисоб мераванд.

Дар ин замина раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро миёни ҷомеа дуруст роҳандозӣ намуда, дар амалисозии барномаҳои худ, ҷиҳати мустаҳкам намудани раванди демократикунонии ҷомеа, гуногунандешии сиёсӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим гузошта, дар ташаккули фарҳанги демократии интихобкунандагон мусоидат кунанд.

Бо назардошти маъракаҳои сиёсӣ бояд, доираи васеи аҳолиро аз нақшаву барномаҳои худ ва мақсаду маромашон бештар огоҳ созанд. Тайёрӣ ба интихобот маъракаи ҷиддиву масъулиятноки сиёсӣ мебошад, ки дар раванди он тамоми субъектҳои раванди сиёсии ҷомеа вазифадоранд, ки аз рӯзҳои аввал ба ин тайёрӣ характери амалӣ бахшида, корҳои таблиғотиву ташвиқотиро мустаҳкам карда, ба ҳар як интихобкунанда паёми худро расонанд.

Бояд зикр кард, ки интихобот ҳамчун институти муҳимми сиёсӣ, дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва низоми бисёрҳизбӣ мусоидат карда, дар ба амал баровардани

ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон мусоидат карда, дар рушди демократикунонии низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим мегузорад. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки интихобот шакли олии изҳори иродаи халқ аст. Халқ чун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар интихобот иродаи худро бевосита изҳор мекунад.

Бояд қайд намуд, ки раванди ҳама гуна маъракаҳои интихоботиро ҳизбҳои сиёсӣ ташкил намуда, бо имконият ва неруи худ ҳамчун масъули гузаронидани ин маъракаҳо эътироф гардидаанд. Дар раванди маъракаҳои интихоботӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро чунин баҳогузорӣ намудан мумкин аст:

- раванди интихобот воситаи муҳимми муаррифӣ ва сатҳу нуфузи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, аз фаъолияти баланди онҳо вобастагӣ дорад;

- дар ин маъракаҳо иштироки интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ фаъол ба назар расида, номзади арзандаи худро интихоб менамоянд, ки дар рушду нумуи ҷомеа бояд нақши муҳим гузоранд;

- дар ин замина дар раванди сиёсии ҷомеа дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён меоянд, ки дар рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамоянд;

- дар ин давра интихобкунандагон ба раванди интихобот ҷалб мегардиданд;

- дар ҷомеа тағйиротҳои муҳимми сиёсӣ ба миён меоянд, ки дар натиҷа барои рушди низоми интихобот ва ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон мусоидат менамояд;

- раванди интихоботи парлумонии солҳои 2015-2020-ум нишон дод, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ин маъракаи муҳимми сиёсӣ фаъолияти худро дуруст роҳандозӣ намуда буданд, ки дар муаррифии созандаи худ миёни ҷомеа чораҳои мушаххасро роҳандозӣ намуда буданд;

- бояд қайд намуд, ки раванди интихобот, яке аз хусусиятҳои муҳимми иштироки ҳизбҳо ва дигар субъектҳои интихобот ба ҳисоб рафта, заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди парламентаризм, демократия нақши муҳим гузоранд;

- ҳизбҳои сиёсӣ дар амалӣ гардонидани нуқтаҳои барномавии худ фаъолияти назаррас ба роҳ мемонанд;

- иштироки васеи интихобкунандагон дар раванди интихобот таъмин карда мешавад;

- аз интихобот то интихобот барои муаррифии барномаҳои пешазинтихоботӣ, ё бевосита мулоқот бо мардум, ташкили чорабиниҳо имконият фароҳам оварда мешавад, ки ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми бисёрхизбӣ мусоидат менамояд;

- ҳизбҳои сиёсӣ аз интихобот то интихобот барои муаррифии худ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ корҳои муҳим ва назаррасро роҳандозӣ менамоянд, ки яке аз нишонаҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад;

- дар ин раванд ҳуқуқи интихоботии интихобкунандагон васеъ гардид, ки дар таҳкими гуногунандешии сиёсӣ ва рушди низоми интихобот нақши муҳим гузошт;

- дар раванди маъракаҳои интихоботӣ хусусан пешравиҳои зиёде мушоҳида гардиданд, аз ҷумла иштироки фаъоли шаҳрвандон ва ҳангоми вохӯриҳо бо намзадон метавон намунаи баланди омодагӣ ба интихоботро арзёбӣ намуд.

Дар ин раванд бисёр дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки ба рушди низоми интихобот мусоидат карда, фаъолияти субъектҳои интихоботро дар ин маъракаҳои муҳимми сиёсӣ ба маротиб густариш дод. Дар натиҷа низоми интихобот дар асоси принсипҳои демократӣ ташаккул ёфт.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон раванди интихобот хусусияти демократӣ касб намуда иштироки ҳизбҳои гуногуни сиёсиро имконпазир гардонд.

Ёдовар мешавем, ки интихоботи парлумонӣ нишонаи баланди фарҳанги сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон мебошад. Барои боз ҳам васеътар ворид гардидани унсурҳои демократия дар ҷомеа шароити мусоид фароҳам омад. Дар ин самт нақш ва мавқеи интихобот чун унсури таъминкунандаи иштироки бевоситаи мардум дар идораи давлат ва бо ҳамин усул муайян намудани сарнавишти имрӯзу ояндаи хеш хеле муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баргузории интихобот фазои мусоиди сиёсӣ-ҳуқуқӣ фароҳам омадааст, ки он барои шаффофу демократӣ ва дар чаҳорчӯбаи асноди ҳуқуқи байналмилалӣ гузаронидани интихобот мусоидат менамояд.

Аз он ҷумла, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори оммаи мустақил ва мавҷудияти гуногунандешии сиёсӣ аз ин гувоҳӣ медиҳад. Дар ин раванд агар ба таърихи Тоҷикистон назар афканем, пешравӣ дар ин масъала баръало ҳувайдост. Демократикунонии ҷомеа дар соҳаи сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва соҳаи иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ки бешубҳа, яке аз муваффақиятҳои муҳим дар ташаккули ҷомеаи демократӣ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ин раванд мардумро ба интихобот тайёр ва омода бояд кард, то тавонанд дар асоси ҳуқуқҳои интихоботии худ номзади арзандаи худро интихоб намоянд. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ бо фаъолияти пурмаҳсули худ имрӯз ҳамчун институтҳои муҳимми сиёсӣ ва субъекти фаъоли интихобот эътироф гардидаанд.

Ба назари коршиносон ва таҳлилгарон ҳар як ҳизб бо фаҳмиш ва имкониятҳои хеш дар интихобот корҳои тарғиботӣ мебарад ва шеваи худро истифода мебарад. Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ дар бораи ҳуқуқҳои интихоботии интихобкунандагон, чӣ гуна будани ҷомеаи демократӣ ва ғайра бо мардум суҳбатҳо гузаронида, ба онҳо ҳамкорӣ намуда, онҳоро ба интихобот тайёр менамоянд, ки яке аз вазифаҳои муҳиммашон ба ҳисоб меравад.

Раванди интихобот инъикоскунандаи мавқеъ ва нуфузи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти сиёсии онҳоро дар раванди сиёсии ҷомеа муайян намуда, дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нақши муҳим мегузоранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди маъракаҳои интихоботӣ ҳамчун масъул ва субъекти фаъоли интихобот дар мадди аввал ҳамкориҳои худро миёни шаҳру ноҳияҳои кишвар васеъ карда, ҷиҳати маърифии худ миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ менамоянд.

Раванди интихобот нишонаи сатҳи баланди иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати дар сатҳи баланд бурдани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ миёни ҷомеамусоидат мекунад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, дар шароити имрӯза аз он иборат аст, ки онҳо ин минбарро самаранок истифода бурда, маърифӣ ва тақвияти нуфӯзи худ, миёни ҷомеа аз ҳадафҳои муҳиммашон ба ҳисоб меравад.

Самаранок истифода бурдани интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки робитаи худро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва электорат мустаҳкам намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд дар ин раванд бо назардошти воқеияти Тоҷикистон, шарту шароити зиндагии мардум ва имконоти худ маводҳои таблиғотиву ташвиқотиро то ҳадде матраҳ ва нашр намоянд, ки дастраси интихобкунандагон бошанд ва ба манфиати интихобкунандагон равона карда шаванд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии интихобкунандагон ба ҳисоб рафта, ин омил имконият медиҳад, ки шаҳрвандон дар интихоби номзади худ бетараф набошанд ва иштироки фаъоли онҳо дар ин гуна маъракаҳои муҳимми сиёсӣ аз омилҳои таҳкими ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар заминаи арзишҳои миллӣ, ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, маориф, илм, мубориза бар зидди падидаҳои номатлуб ва ғ.-ро фаро мегиранд.

Дар раванди интихобот ҳангоми пешбарӣ намудани номзадҳо бояд шахсоне интихоб шаванд, ки фаъол бошанд ва тадбирҳои зарурииро роҳандозӣ карда тавонанд. Электорат низ дар раванди маъракаҳои сиёсӣ фаъол бошад ва дар ин раванд намояндагони худро дуруст одилона интихоб намояд, дар ташаккули ҷомеаи демократӣ нақши муассир гузорад.

Мавриди зикр аст, ки дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ намояндагони арзандаашонро бояд вориди интихобот намоянд ки масъулиятшинос бошанд ва дар роҳандозӣ карданӣ барномаҳои худ талош варзанд.

Ҳизбҳо дар шароити имрӯзаи кишвар бояд фаъолияти назаррас дошта бошанд, дар ташаккули фарҳанги, демократии интихобкунандагон тадбирҳои судмандро андешанд. Дар ин раванд интихобкунандагон бояд дар маъракаҳои интихоботӣ фаъол бошанд. Фаъол будани онҳо ба нафъи ҷомеа буда, дар рушди фарҳанги демократии интихобкунандагон мусоидат менамояд.

Иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот, пеш аз ҳама, аз сатҳи омодагиҳо ва таҷрибаашон вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин масъалаи муҳим барраси гардида бояд ҳар як ҳизби сиёсӣ дар хусуси омодагӣ ба интихобот, пеш аз ҳама, бояд дар доираи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президент» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд.

Албатта, ҳамаи ҳизбҳо имрӯз кӯшиш менамоянд, ки дар интихобот иштироки фаъол дошта бошанд ва ҳар интихобот барои ҳизбҳо як навъ имтиҳон аст. Дар ин раванд баҳоро ба ҳар як ҳизби сиёсӣ мардум медиҳад, ки чӣ гуна барнома таҳия кардааст, то имрӯз чӣ корҳоеро ба нафъи интихобкунандагони худ ба анҷом расонидааст ва то кадом андоза ғояҳои ҳизбашро дар амал татбиқ намудааст. Ва ҳар як ҳизб кӯшиш менамояд, дар раванди интихобот баҳои сазоворро соҳиб гардад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ расман фаъолият дорад, аз ҷумла: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал – демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон.

Ин ҳизбҳо ҳам дар интихоботи президентӣ, интихоботи парлумонӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ иштироки фаъол дошта бошанд. Бисёрҳизбӣ имрӯз воқеияти Тоҷикистон аст.

Тадқиқот ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки ҳар як ҳизби сиёсӣ бо дидгоҳ ва барномаи вижаи худ вориди интихобот мешавад. Дар маъракаи интихоботӣ ҳизбҳо бо неру ва идеяҳои тоза ба маъракаи сиёсӣ ворид шуда, беҳтар намудани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро яке аз самтҳои муҳимми барномаи худ муаррифӣ мекунанд.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ - Зокирзода Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Артиши нави раъйдиҳандагони тоҷик ба кӣ овоз медиҳад? [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
2. Баҳси аҳаммияти имзои муҳоҷирон дар интихоботи Тоҷикистон [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
3. Вохӯрии намояндагони Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони Палатаи ҳисоб. [Захираи электронӣ] hovar.tj (санаи муроҷиат:. 20.01.2023).
4. Занон ва ҷавонон дар интихобот фаъолона иштирок хоҳанд кард [Захираи электронӣ] https://sadoimardum.tj/ (санаи муроҷиат:. 20.01.2023).
5. Махфират Хидирзода. Баҳри дар сатҳи баланди ташкилӣ ва бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ баргузор намудани интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон заминаи устувори меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуд аст. [Захираи электронӣ] hovar.tj (санаи муроҷиат:. 20.01.2023).
6. Махфират Хидирзода. КМИР ошкоро фаъолият менамояд. [Захираи электронӣ] https://sadoimardum.tj/ (санаи муроҷиат:. 20.01.2023).
7. Милисаи собиқ, коммунисти содиқ. Номзад ба мақоми президент аз Ҳизби коммунист кист? [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
8. Посухи КМИРТ ба даҳ суоли Озодӣ дар бораи интихоботи президентӣ [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
9. Раванди интихоботи президентӣ – 2020 [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
10. Раъйдиҳӣ дар аҳди COVID-19. Мақомот мегӯянд, намегузоранд, интихобот сабаби густариши вирус шавад [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 19.02.2023).
11. Роҳ ба марҳилаи асосии интихобот. Кӣ чӣ қадар имзо ҷамъ кард? [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 10.04.2023).
12. Роҳ ба марҳилаи асосии интихобот. Кӣ чӣ қадар имзо ҷамъ кард?. [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 12.03.2033).
13. Ҷавонон, интихобот ва манфиатҳои миллӣ [Захираи электронӣ] hovar.tj (санаи муроҷиат:. 20.01.2023).
14. Шарипов С.И. Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа фаъол бошанд. [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 18.03.2023).

15. Усмонзода бори дувум номзад ба мақоми президентӣ шуд [Захираи электронӣ] www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 18.03.2023).

## ИНТИХОБОТ ВА НАҚШИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои муҳимми иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷанбаҳои муҳимтарини масъалаи мазкур таҳлил шудаанд. Бояд зикр намуд, ки раванди интихобот дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон омили муҳимми иштироки ҳизбҳои сиёсӣ, муаррифии онҳо дар раванди ҷомеа ба ҳисоб мерава. Ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи барномаҳои таҳиякардаи худ фаъолияти худро ба роҳ монда, дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа ва рушди парламентаризм нақши муассир доранд. Дар ин раванд яке аз вазифаҳои муҳимми ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, робитаи худро бо интихобкунандагон, ҷомеаи шаҳрвандӣ устувор намудан, мустаҳкам намудани мавқеъ ва нуфузи худ ҷиҳати ошноии комил пайдо кардан миёни интихобкунандагон ба ҳисоб меравандӣ. Дар ин замина раванди интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти худро дар ҷомеа дуруст роҳандозӣ намуда, дар амалисозии барномаҳои худ, ҷиҳати мустаҳкам намудани раванди демократикунонии ҷомеа, гуногунандешии сиёсӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим гузошта, дар ташаккули фарҳанги демократии интихобкунандагон мусоидат кунанд. Бояд қайд намуд, ки раванди интихобот, дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон, аз иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ вобастагӣ дошта, дар натиҷа ҳар ҳизби сиёсӣ имкон дорад, ки бо истифода аз мавқеъ ва нуфузи кадрии худ ба ин маъракаи муҳимми сиёсӣ омодагӣ гирифта, номзадҳои арзандаи худро пешбарӣ намоянд. Интихобот дар шароити имрӯзаи раванди давлатдории муосири Тоҷикистон омили муҳимми иштироки субъектҳои интихобот ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи кишвар яке аз масъалаҳои муҳимми таҳкимдиҳандаи раванди давлатдории муосири Тоҷикистон, пеш аз ҳама, иштироки фаъоли ҳизбҳои сиёсӣ дар маъракаҳои муҳимми сиёсӣ ба ҳисоб рафта, доир гаштани ин маъракаи муҳимми сиёсӣ аз фаъолияти сиёсии онҳо вобастагӣ дорад.

**Калидвожаҳо**: интихобот, ҳизбҳои сиёсӣ, парламент, парламентаризм, низоми сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ.

## ВЫБОРЫ И РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ФОРМИРОВАНИИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМА

В данной статье рассматриваются важные особенности участия политических партий в избирательном процессе, а также анализируются наиболее важные аспекты данного вопроса. Следует отметить, что избирательный процесс в нынешних условиях Таджикистана считается важным фактором участия политических партий, их представительства в процессе жизни общества, в соответствии с разработанными ими программами они правильно осуществляют свою деятельность, укрепление политической системы общества и развитие парламентаризма. В этом процессе одной из важных задач политических партий является укрепление их взаимоотношений с избирателями, гражданским обществом, усиление их позиций и влияния. В этом контексте избирательный процесс позволяет политическим партиям эффективно управлять своей деятельностью среди населения, способствовать реализации своих программ, укреплять процесс демократизации общества, политического плюрализма и развития гражданского общества, играть важную роль в формировании демократической культуры избирателей. Следует отметить, что одна из важных особенностей избирательного процесса в нынешних условиях современной государственности Таджикистана зависит от активного участия политических партий в выдвижении своих достойных кандидатов. Выборы в нынешних условиях современного процесса государственности Таджикистана являются важным фактором участия субъектов выборов, считаются важным средством презентации своего уровня и возможностей, играют важную роль в укреплении политической системы общества. В нынешних условиях страны одним из важных вопросов укрепления процесса современной государственности в Таджикистане является активное участие политических партий в важных политических кампаниях.

**Ключевые слова**: выборы, политические партии, парламент, парламентаризм, политическая система, политический плюрализм.

## ELECTIONS AND THE ROLE OF POLITICAL PARTIES IN THE FORMATION OF PARLIAMENTARISM

This article discusses the important features of the participation of political parties in the electoral process, as well as analyzes the most important aspects of this issue. It should be noted that the electoral process in the current conditions of Tajikistan is considered an important factor in the participation of political parties, their representation in the life of society, in accordance with the programs they have developed, they correctly carry out their activities, strengthening the political system of society and the development of parliamentarism from their important tasks. In this process, one of the important tasks of political parties is to strengthen their relationship with voters, civil society, strengthen their positions and influence, and find a familiar aspect among voters. In this context, the electoral process allows political parties to effectively manage their activities among the population, promote the implementation of their programs, strengthen the process of democratization of society, political pluralism and the development of civil society, and play an important role in shaping the democratic culture of voters.It should be noted that one of the important features of the electoral process, in the current conditions of the modern statehood of Tajikistan, depends on the active participation of political parties in the nomination of their worthy candidates. Elections in the current conditions of the modern process of statehood in Tajikistan are an important factor in the participation of subjects of elections, they are considered an important means of presenting their level and capabilities, they play an important role in strengthening

the political system of society.In the current conditions of the country, one of the important issues in strengthening the process of modern statehood in Tajikistan is the active participation of political parties in important political campaigns.
**Keywords**: elections, political parties, parliament, parliamentarism, political system, political pluralism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Фарҳод Шарифович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**,** унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шДушанбе, кӯчаи Мумҳаммадиев, 17/6

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Фарход Шарифович*** **-** Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода, соискатель кафедры философии и политологии. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6

**Information about the author:** ***Safarov Farhod Sharifovich*** **-** International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzod, applicant for the Department of Philosophy and Political Science. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street, 17/6

ТДУ: 339.9(575.3)

# МАВҚЕЪГИРИИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶАҲОН

*Мирзоев Н.С., Изатов У.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Ҳар як давлат дар сиёсати хориҷӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатии худ ба таъмини татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат диққати махсус медиҳад ва дар ин самт муваффақият ва дастовардҳои онҳо яксон нестанд. Дастовардҳои давлат дар самти таҳкими соҳибихтиёрӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, аз захираҳои дохилии он вобастаанд. Аммо, истиқлолияти сиёсӣ, ҳамчун манфиати муҳимми кишвар ва инъикоси дараҷаи рушди ҷомеа, ба ҳимояи доимӣ ниёз дорад. Зеро муваффақияти ташаккули симои байналмилалии давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ ба дастовардҳои он вобастагӣ дорад. Бешубҳа, «истиқлолияти сиёсӣ, дар маҷмуъ, барои ҳар як миллат ҳадафи бузурги таърихӣ мебошад, ки барои он бояд андешаи мустақил мавҷуд бошад. Истиқлолият ҳамеша ба субот ва амният ниёз дорад, ки ин шарти аввал барои шукуфоии миллат аст» [15]. Ҳамин тавр, муаллифи дигар қайд мекунад, ки тақвият додани ҷойгоҳ ва нақши сиёсӣ, мустақилият ва заминаҳои муайянро талаб мекунад. Вай ба ин заминаҳо ҳамчун ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва фарҳангии ташаккул ва рушди истиқлолияти сиёсӣ ишора мекунад [9].

Аз ин рӯ, Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худро амалӣ намуда, бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард. Тавре ки маълум аст, дар солҳои аввали ташаккули давлатдории миллӣ, Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ ҷалб карда шуд, ки дар натиҷа симои он дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун кишвари ноустувор баррасӣ гардида буд. Зеро он замон амнияти сиёсӣ ва суботи сиёсии кишвар таҳдидҳои воқеӣ доштанд. Бо вуҷуди ин, дар ин марҳилаи муҳим, ба шарофату кӯшишҳои зиёди Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ гардид ва имрӯз Тоҷикистонро 192 давлати ҷаҳон расман эътироф кардаанд ва бо 173 онҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда шудаанд [42]. Тоҷикистон узви фаъоли 51 ташкилот, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва минтақавӣ мебошад.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳои тулонӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима дода шуд - пас аз панҷ соли муқовимати мусаллаҳона Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин як дастоварди беназири миллӣ дар давраи истиқлолият мебошад [8]. Тоҷикистон худро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар шароити душвори таърихӣ муаррифӣ кард ва ин ҳолат, албатта, ба обруи байналмилалии он таъсир расонид. Баъзе муҳаққиқон ба душвориҳои дигари ҷорӣ намудани сиёсати фаъоли хориҷӣ дар солҳои аввали истиқлол ишора мекунанд. Масалан, А.Х. Алиҷонова қайд мекунад, ки «мураккабии ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар он буд, ки он амалан аз Россия оғоз ёфт. Дар кишвар анъанаҳои мукаммали сиёсати хориҷӣ набуданд. Принсипҳои дипломатияи муқарраршудаи шуравӣ бо идеология, мақсад ва вазифаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол созгор набуданд" [2]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар замони соҳибистиқлолӣ сиёсати хориҷии кишвар дуруст ба роҳ монда шуд. Акнун муносибатҳои Тоҷикистонро бо ду кишвари абарқудрати ҷаҳон баррасӣ менамоем.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия.** Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ Ҳукумати Тоҷикистон имконияти амалӣ кардани манфиатҳои худро дар сиёсати хориҷӣ надошт. Ҳамзамон, «қабл аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон як раванди сулҳи тулоние ба амал омада буд, ки дар он пояҳои муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон бо СММ, САҲА, Россия, дигар узви ИДМ давлатҳо, Афғонистон, Эрон ва Покистон ташкил карда шуданд. Дарвоқеъ, аввалин аҳдномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ

баста шуда буданд ва пеш аз ҳама, онҳо ҳадафи худ қатъ ва пешгирии ҷангҳо ва рафъи оқибатҳои онҳоро доштанд" [14].

Аз соли 2000 Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи системаи муносибатҳои байналмилалӣ барои баланд бардоштани мақоми худ дар рейтингҳои байналмилалӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа диққат додан гирифт. Бо ин мақсад, бо дигар давлатҳо ва созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро оғоз намуд. Дар ин раванд татбиқи манфиатҳои миллӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат дар авлавият гузошта шуданд. Дар ин марҳилаи таърихӣ бо назардошти вазъи геополитикӣ ва минтақавӣ зарурати таҳия ва қабули консепсияи сиёсати хориҷии кишвар ба миён омад. Бо дарназардошти ин раванд моҳи сентябри соли 2002 бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон қабул карда шуд. Консепсия дурнамои сиёсати хориҷии кишварро нишон дода, роҳҳо ва усулҳои татбиқи онро мушаххас муайян кард. Ин санад нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ сиёсати сулҳҷӯёна ва бисёрҷонибаро, ки ба он асос ёфтааст, пеш мебарад. Ҳангоми таҳияи ин консепсия ба ҷаззобии давлат ва кишвар дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд [38].

Соли 2003 дар асоси ин санади барномавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвар сиёсати "дарҳои боз"-ро эълон кард. Тоҷикистон тавонист мақоми худро дар сиёсати байналмилалӣ мустаҳкам кунад ва манфиатҳои миллии худро таъмин намояд. Ин раванд ба имиҷи байналмилалии давлати Тоҷикистон низ таъсири мусбат расонд. Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушода татбиқи дипломатияи бисёрҷонибаро тақвият бахшид ва ба механизмҳои асосии ташаккули имиҷи давлат таъсир гузошт. Дар солҳои минбаъда Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон раванди татбиқ ва пешбурди сиёсати хориҷии кишвар, барқарор ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, таҳкими заминаи шартномавии онро бомуваффақият идома дод. Вазорати корҳои хориҷӣ инчунин муваффақ шуд, ки барои эҷоди симои мусбати ҷумҳурӣ дар хориҷа иқдомҳои муайяне андешад [16].

Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон инчунин мавқеи афзалиятноки ҳамкориро бо давлатҳои ҳамсояи минтақа муайян кардааст. Тоҷикистон ҷонибдори тавсеаи минбаъдаи таҷрибаи созандаи ҳамзистии дӯстонаи халқҳои Осиёи Марказӣ аст. Стратегияи миллии рушд то соли 2030 фаъолсозии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва ташаккули инфрасохтори муосири байналмилалии транзитиеро, ки метавонад оқибатҳои дурии ҷуғрофии кишварро коҳиш диҳад, инъикос кардааст, ки ин имкон медиҳад рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ҷолибияти сармоягузории онро афзоиш диҳад.

Робитаҳо байни Тоҷикистон ва Россия мустаҳкамтар мешаванд. Кумаки азими моддию ҳарбӣ-техникӣ, ки Россия дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ва пас аз хотимаи он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон расонд, бешубҳа, дар ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва тамомияти арзии он нақши калон дошт. Дар раванди барқарор кардани муносибатҳои дуҷониба дар давраи соҳибистиқлолӣ мушкилоти гуногун мавҷуд буданд, ки Тоҷикистон ва Россия ба шарофати ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории муштарак онҳоро ҳал карданд. Ин марҳила бо он фарқ мекунад, ки кишварҳо расман соҳибихтиёрии давлатии якдигарро эътироф кардаанд. Россия Тоҷикистонро дар самти ҳифз ва таҳкими минбаъдаи давлатдории миллӣ пурра дастгирӣ намуд ба Тоҷикистон кумаки сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ расонд ва инчунин дар раванди ҳалли низои дохилӣ саҳм гузошт. Далели воқеии ин тасвиби тақрибан 100 санади расмии дорои аҳаммияти байнидавлатӣ мебошад. Бешубҳа, хусусияти фарққунандаи ин давраи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия мутобиқати онҳо ба шароити нави геополитикӣ, таҳияи консепсияҳо ва инчунин тавлиди заминаи меъёрии ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба мебошад.

Аз охири соли 1997 то поёни соли 2002, дар соҳаи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия, баланд бардоштани ҳамкориҳои дуҷониба ва нишондиҳандаҳои он, ташаккули роҳи нави ҳамкориҳои сиёсии ин кишварҳо "дар сатҳи муносибатҳои махсус" [29] дида мешавад. Аз соли 2003 то ба имрӯз ин давраро марҳилаи навбатии рушди муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия ҳисобидан мумкин аст, ки

давраи таҳияи консепсияи амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, инчунин таъкид намудани афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ мебошад. Гузашта аз ин, «афзалиятҳои геополитикӣ ва ҳарбӣ-сиёсии Тоҷикистон, ки онро солҳои 90-ум қатъиян риоя мекарданд, инчунин пас аз эълони сиёсати бисёрвектории хориҷӣ дар моҳи декабри соли 2002 амалан бетағйир монд" [30].

Тавре ки амалия нишон медиҳад, як хусусияти марҳилаи кунунии муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия татбиқи сиёсати дарҳои кушода, кумаки Россия дар омодасозӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои тамоми соҳаҳои муҳимми ҳаёт, ки дар тули 17 соли охир дар сатҳи байнидавлатӣ Тоҷикистон ва Россия беш аз дусад санади муҳимми расмиро ба имзо расониданд. Бо назардошти мавқеи Россия дар миқёси ҷаҳонӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон бояд робитаҳои анъанавии худро бо ин кишвари дӯст боз ҳам тавсеа ва таҳким бахшад, инчунин ба муносибатҳои мавҷуда бо шарики стратегӣ -Россия аҳаммияти зарурӣ диҳад.

Албатта, заминаи дурнамои такмили минбаъдаи муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия, пеш аз ҳама, мулоқотҳои сарони давлатҳои мазкур дар шакли сафари расмӣ мебошанд, ки дар ҷараёни он санадҳои муҳим, ба мисли созишномаҳо, шартномаҳо, меморандумҳо ва ғайра ба имзо мерасанд. Масалан, ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Москва, ки рӯзҳои 16-17 апрели соли 2019 баргузор гардиддар соҳаи амният, савдо, кишоварзӣ, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ ва варзиш 17 созишнома ба имзо расид. Ва дар ҳошияи Конфронси VII-ум оид ба ҳамкориҳои байнимитнтақавии Тоҷикистон ва Россия, ки ба сафари Сарвари давлати Тоҷикистон рост омад, дар он ҳайатҳо ва доираҳои тиҷоратии ду кишвар масъалаҳои рушди ҳамкориҳои иқтисодиро муҳокима намуда, нақшаи чорабиниҳоро барои давраи оянда муайян карданд ва ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расиданд:

1. Созишномаи ҳамкорӣ байни ҶСК "Маркази содиротии Русия" ва Агентии содироти назди Ҳукумати Тоҷикистон;

2. Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни Вазорати кишоварзии Тоҷикистон ва ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "ВЭБ Инжиниринг" (VEB Engineering);

3. Созишномаи ҳамкорӣ байни вилоятҳои Нижний Новгород ва Суғд;

4. Созишнома байни гурӯҳи ширкатҳои TALCO ва гурӯҳи ВТБ. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо, инчунин дар соҳаи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ созишномаи байниидоравӣ баста шуд [10].

Ҷолиби диққат аст, ки Россия дар доираи созишномаҳои баимзорасида, аз ҷумла тавассути Фонди эътимодии Россия **-БРСММ**, минбаъд низ ба Тоҷикистон кумаки назаррас мерасонад. Ҳамин тариқ, танҳо дар соли 2019, Тоҷикистон аз Россия дар доираи кумак барои ҳавасмандгардонии соҳибкории ҷавонон беш аз 4 млн доллари амрикоӣ дарёфт кард ва як қисми ин маблағҳо барои дастгирии дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон сарф карда мешавад. Дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаи башардӯстона ҳангоми мулоқотҳо ҳамеша дар маркази диққати сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Россия қарор дорад. Дар ҳалли ин вазифаҳо **Маркази илм ва фарҳанги** Россия (**РЦНК**) дар Душанбе, филиали он дар Хуҷанд ва чор маркази "**Русский мир**" фаъолона мусоидат мекунанд.

Дар соли **2016** Россия аз ҳисоби буҷаи давлатӣ барои таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои худ 342 ҷой ҷудо карда буд, сипас дар соли **2017** 600 ҷой, дар соли **2018** 618 ҷой ва дар соли 2019 630 ҷой ҷудо карда шудааст. Дар донишгоҳҳои Россия беш аз 26,5 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон таҳсил мекунанд (аз ҷумла донишҷӯён дар филиалҳои донишгоҳҳои Россия дар ҷумҳурӣ). Тоҷикистон аз рӯйи шумораи ҷойҳои ҷудошуда барои омӯзиш аз ҳисоби буҷаи давлат пас аз Чин дувумин кишвар аст. Хароҷоти умумии буҷети Россия тақрибан ба **75 миллион** доллари ИМА дар як сол мерасад.

Дарояндаи наздик дар доираи созишномаҳои баимзорасида дар Тоҷикистон ифтитоҳи намояндагии расмии оҷонсии **Россия сегодня** дар назар аст. Тибқи иттилои манбаъҳо, ҷараёни интиқоли маблағҳои муҳоҷирони корӣ аз Россия ба Тоҷикистон дар охири соли 2018 ба 2,6 миллиард доллар афзоиш ёфтааст. Дар 10 соли охир ҳаҷми

сармоягузориҳои Россия ба иқтисоди Тоҷикистон қариб 2 миллиард долларро ташкил дод, аз ҷумла сармоягузориҳои мустақим - тақрибан 930 миллион доллари ИМА. Имрӯз дар Тоҷикистон 149 корхона бо сармояи Россия мавҷуд аст, ки аз он 40 корхона мустақиман русӣ ва 109 корхонаҳои муштарак мебошанд [10].

Аз ин рӯ, ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика низ яке аз дурнамои муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Россия мебошад. Бо кумаки мустақим ва дастгирии молиявии Россия дар қаламрави Тоҷикистон як қатор неругоҳҳои барқи обии миёна ва хурд сохта ба истифода дода мешаванд. Ба он НБО "Фондарё" - 160 МВт, НБО "Обурдон" - 120 МВт, НБО "Сангистон" - 140 МВт, НБО "Айнӣ" - 160 МВт, НБО "Нуробод" - 150 МВт, НБО "Урфат" - 160 МВт, НБО "Штиен" - 160 МВт ва дигарон, ки сохтмони он солҳои 2020-2022 ба нақша гирифта шудааст [1]. Бо иштирок ва дастгирии Россия, бузургтарин лоиҳаи минтақавии энергетикӣ CASA-1000 дар кишварҳои Осиёи Марказӣ татбиқ мешавад, ки Тоҷикистонро ҳам дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон, дар навбати худ, инчунин неруи барқи дар қаламрави худ истеҳсолшударо ба Россия интиқол медиҳад. Ҳамин тариқ, аз моҳи августи соли 2003, Тоҷикистон интиқоли неруи барқ ба Россия тавассути қаламрави ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон оғоз намуд. Ин иқдоми Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созишномаи байни «**ЕЭС России**» ва ширкати "**Барқи Тоҷик**" амалӣ мешавад. Тибқи ин санад, неруи барқ аз неругоҳи Норак, тавассути қаламрави ҷануби Тоҷикистон, 70 километр дуртар аз пойтахти он, ба андозаи 5 миллион кВт дар як шабонарӯз ба Федератсияи Россия интиқол дода мешавад. Дар ивази неруи барқи додашуда, Тоҷикистон аз Россия мавод ва механизмҳои заруриро барои сохтани неругоҳҳои барқӣ дар қаламрави худ мегирад. Тоҷикистонро ба ин кишвар наздик мекунад ва заминаи муносибатҳои мустаҳками онҳоро дар оянда боз ҳам мустаҳкам мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозира бисёре аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА таҳримҳои иқтисодӣ ва эмбарго алайҳи Федератсияи Россияро эълом кардаанд. Аз ин сабаб, дар оянда ба Россия лозим аст, ки муносибатҳои худро бо Тоҷикистон ва ҳам бо дигар ҷумҳуриҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ тақвият диҳад.

Дар шароити душвори имрӯзаи муқовимати геополитикии фаъолони асосии сиёсати ҷаҳонӣ, роҳи дуруст ва қобили қабул барои Тоҷикистон таҳкими минбаъдаи робитаҳо бо Россия ва барқарор намудани муносибатҳо дар асоси баробарӣ дар руҳияи шарикии стратегӣ мебошад. Вусъат ва такмили муносибатҳои байнидавлатӣ бо Россия дар оянда бояд самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон гардад.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой.** Пас аз фурӯпошии ИҶШС ва пайдоиши давлатҳои нави мустақил дар Осиёи Марказӣ, Хитой сиёсати худро дар Тоҷикистон шиддат бахшид. Олимон якчанд вариантҳои мавқеъҳо ва ҳадафҳои ибтидоии фаъолсозии сиёсати хориҷии ҶХХ-ро пешниҳод карданд. Л.Свинтон [44] пешниҳод менамояд, ки таҳкими мавқеъҳои Пекин дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо суст шудани мавқеи Русия дар минтақа пас аз пошхӯрии ИҶШС алоқаманд аст. Хитой кӯшиш кард, ки таъсири сусти Россияро истифода барад ва мавқеи худро мустаҳкам кунад. Дигар олимон, масалан, Ф.Чанг ва Р.Ковалски [41] қайд мекунанд, ки омили асосии манфиатҳои Хитой дар Тоҷикистон танҳо манфиатҳои дохилӣ мебошанд, яъне таъмини амнияти ШУАР (СУАР) ва афзоиш эҳтиёҷ ба нафту газ дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Хусусиятҳои геополитикиву геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо менамоянд, ки ин афзалиятҳо пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд тағйир пазиранд [12]. Раванди ташаккулёбии босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ сабаби аҳаммияти беш аз пеш пайдо кардани пешравии иқтисодӣ ва пайваста афзудани нақши унсури иқтисодии масъалаҳои умдаи сиёсати байналмилалӣ гардиданд. Аз ин

сабаб истифодаи муассир ва самараноки усулу василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии миллию давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст.

Дар ин замина, дар пасманзари вазъияти мураккаби байналмилалӣ, чолишҳо ва таҳдидҳои доимо тағйирёбанда дар ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти муносибатҳои Тоҷикистону Хитой объективона меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамсоягони хуб ва шарикони наздиканд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушд ва пешрафти ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой аҳаммияти калон медиҳад.

Муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози соли 1992 бо имзои изҳороти дахлдори дуҷониба 4 январи соли 1992 ба роҳ монда шуданд. Ҳукумати Тоҷикистон ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитойро ҳамчун мақомоти ягонаи қонунӣ дар қаламрави Хитой ва Тайванро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи Ҷумҳурии Халқии Хитой эътироф мекунад [3].

Асоси ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба зиёда аз 200 қарордод ва созишномаҳоро дар соҳаҳои гуногун дар бар мегирад. Аз ҷумла, Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии муносибатҳои Тоҷикистон ва ҶХХ (Пекин, 9 марти 1993) [35]. Соли 1999 байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой созишнома оид ба нақлиёти автомобил ба имзо расид. Яке аз созишномаҳои асосии соҳаи амниятро метавон созишномае номид, ки 24 апрели соли 1997 дар ш. Маскав сарони Тоҷикистон, Хитой, Русия, Қирғизистон ва Қазоқистон дар бораи коҳиши мутақобилаи неруҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои наздимарзӣ ба имзо расониданд. Пойгоҳи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Хитой такмил меёбад. Танҳо дар соли 2008 байни ду кишвар 17 санади байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расид. То моҳи январи соли 2009 шумораи умумии ҳуҷҷатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой баимзорасонида ба 118 адад расидааст [26]. Аҳдномаи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ 15 январи соли 2007 дар Пекин ба имзо расидааст.

Тибқи иттилои Сарраёсати гумруки ҶХХ, ҳаҷми умумии мубодилоти тиҷории байни Хитой ва Тоҷикистон дар соли 1992 $2,75 млн ташкил додааст, ки аз он ҳиссаи содироти Хитой $1,95 млн ва воридот $0,28 млнро ташкил медиҳад. Савдои байни ду кишвар якбора афзуда, $12,36 млн ташкил дод (содироти Хитой - $6,48 млн., воридот - $5,88 млн). Дар соли 1994 ҳаҷми мубодилоти мол беш аз 74% коҳиш ёфта, $3,18 млн-ро ташкил дод. Дар соли 1995 гардиши савдо байни ду кишвар $23,8 млн. ташкил дод, ки ин 651% ба қайд гирифта шудааст. Содироти Хитой $14,6 млн ва воридот - $9,2 млн. Дар соли 1996 ҳаҷми мубодилоти мол боз ҳам коҳиш ёфта, ба $11,7 млн расид. 1997 сол ҳаҷми савдои тарафайн афзоиш ёфта, $20,23 млнро ташкил дод. 1999 ҳаҷми мубодилоти мол $8 млн ташкил дод, дар соли 2001 ҳаҷми савдои дуҷониба $10.76 млн. [23]. Дар охири соли 2008 мубодилаи мол байни ду кишвар аз марзи $1,25 миллиард гузашт ва Хитой бо қатъият ба се шарики савдо ва сармоягузорони асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуд [40]. Дар ҳамин ҳол, тақрибан тамоми мубодилаи мол миёни Тоҷикистон ва Хитой ба ноҳияи мухтори Шинҷон-Уйғур рост меояд. Дар солҳои охир ҳиссаи муомилоти мол ҶАШУ бо Тоҷикистон 72% ҳаҷми умумии муомилоти моли байни Чин ва Тоҷикистонро ташкил медиҳад [19]. Дар соли 2010 мубодилаи мол байни ду кишвар $685,2 млн-ро ташкил дод, ки қариб 17,8% ҳаҷми умумии савдои хориҷии Тоҷикистонро ташкил дод [23]. Дар соли 2010, Хитой пас аз Русия дувумин шарики тиҷории Тоҷикистон шуд. Ҳаҷми гардиши савдои Тоҷикистону Хитой дар соли 2011 беш аз $660 млн ташкил дод ва **天下 -Тянся** (Хитой) дубора ҷойи дуюмро ишғол намуда, боз ба Русия ҷойи якум дода шуд [34]. Чунин вазъ дар соли 2012 низ мушоҳида шуда буд. **天下 - Тянся** (Хитой) дубора шарики асосии тиҷорати хориҷии Тоҷикистон шуд, баъд аз Русия. Ҳаҷми табодули мол миёни ду кишвар тақрибан $670 млн-ро ташкил додааст [31]. Дар соли 2014 гардиши савдои хориҷӣ байни ду кишвар $770 млн ташкил дод ва ҶХХ мақоми худро ҳамчун дувумин шарики тиҷории Тоҷикистон пас аз Русия нигоҳ дошт [32].

Ғайр аз ин, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиёда аз 2/3 қарзи Хитойро соҳиб аст [21]. Аз ҳаҷми умумии қарзҳое, ки Хитой ба кишварҳои узви СҲШ медиҳад, ба маблағи $900 миллион доллар, ки $634 млн [5] ё беш аз 70% гирифтааст, ба даст овард. **天下 -Тянся** (Хитой) айни замон бузургтарин қарздиҳандаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Маблағи умумии қарзи хориҷии Тоҷикистон дар аввали моҳи январи соли 2012 ба беш аз $2 миллиарду $124 млн расид, ки $878,47 млн он ба Бонки содиротии кредитии Хитой рост меояд [11].

Моҳи сентябри соли 2013 дар ноҳияи Шаҳритус як корхонаи муштараки ҶДММ "Дюк" барои парвариши кирмак ва коркарди абрешим таъсис дода шуд. Ин корхона дар заминаи технологияҳои муосири ҶХХ тавассути кумаки ройгон ба маблағи умумии $290 ҳазор кор мекунад. Ҳарду кишвар дар соҳаи фарҳангӣ ва маориф дар марҳилаи кунунӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Масалан, шумораи донишҷӯёни тоҷик, ки дар **天下 -Тянся** (Хитой) таҳсил мекунанд, сол аз сол меафзояд. Тибқи баъзе маълумотҳо, агар дар соли 2009 дар 95 донишгоҳи Хитой 539 донишҷӯ аз Тоҷикистон таҳсил мекарданд, пас дар соли хониши 2010/2011 - 923 нафар дар 111 донишгоҳ ва пас аз қабули Хитой дар соли 1994 донишҷӯёни тоҷик қариб 250 маротиба афзудаанд [17]. Тибқи маълумоти дигар, то охири соли 2011 шумораи донишҷӯёни тоҷик, ки дар Хитой аз ҳисоби давлат таҳсил мекунанд, аз 400 нафар, аз ҳисоби худи онҳо - тақрибан 1000 нафар буд [18]. Воқеаи муҳим дар рушди муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи маориф кушодашавии Донишкадаи Конфутсий дар соли 2008 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дар Донишгоҳи омӯзгории Шинҷон - Маркази омӯзиши мероси Рӯдакӣ мебошад [37]. Воқеан, дар Донишгоҳи омӯзгории Шинҷон 168 нафар донишҷӯён ва аспирантҳои тоҷик таҳсил мекунанд ва танҳо дар солҳои 2009-2011 шумораи донишҷӯёни Тоҷикистон дар ин донишгоҳ чор маротиба афзудааст [7]. Ба гуфтаи сафири Ҷумҳурии Халқии Хитой, дар ҳоли ҳозир Донишкадаи Конфутсий дар Тоҷикистон 7 маркази таълими забони чиниро таъсис додааст [6]. Табиист, ки амиқтар шудани муносибатҳои ду кишвар дар соҳаи илм ва маориф мусбат аст ба муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой таъсир мерасонад.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон номзадии ҶХХ-ро дар ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ кард ва ба баъзеи онҳоро пешниҳод намудааст.

1.Шурои ҳуқуқи инсон дар давраи солҳои 2017-2019 (UNHCR, 2016);

2.Кумитаи барҳам додани табъиз нисбати занон дар давраи солҳои 2017-2020 (CEDAW, 2016);

3.Мақоми Роҳбарикунанда ва Шурои Амалиёти Почта (UPU, 2016);

4.Созмони Байналмилалии Авиатсияи гражданӣ барои давраи солҳои 2016-2019 (ICAO, 2016);

5.Комиссияи байналмилалии ҳуқуқ барои давраи солҳои 2017-2021 (ILC, 2016);

6.Кумитаи пешгирии шиканҷа дар давраи солҳои 2018-2021 (CAT, 2017);

7.Кумитаи иҷроияи ЮНЕСКО дар давраи солҳои 2017-2021 (UNESCO, 2017);

8.Кумитаи СММ оид ба ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (интихобот моҳи апрели соли 2018 дар Ню-Йорк баргузор шуда буд).

Дар доираи СҲШ, мо омодаем, ки бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дигар давлатҳои СҲШ ба манфиати ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои оинномавии ташкилот муайян шудаанд, ҳамкорӣ кунем. Бояд қайд кард, ки кишвари мо ба Вазорати корҳои хориҷии як кишвари дӯст муроҷиат намуда, изҳори нияти роҳбарии Конфронси ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиёро (CICA) дар давраи солҳои 2018-2020 кардааст [35].

Дар маҷмуъ, бояд тазаккур дод, ки эътимоди мутақобилаи сиёсӣ заминаи муҳимми муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой дар шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ мебошад. Ҷонибҳо дастгирии тарафайнро дар масоили монанди соҳибихтиёрии давлатӣ, амният ва тамомияти арзӣ идома медиҳанд. Тоҷикистон ва Хитой муносибатҳои Тоҷикистону Хитойро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ду кишвар меҳисобанд. Онҳо дар доираи консепсияи ҳамкорӣ ва пешрафти Тоҷикистону Хитой муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикии стратегиро рӯз то рӯз равнақу ривоҷ медиҳанд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ - Холов Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев М.М. Вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон (Современное состояние и перспективы гидроэнергетики в Таджикистане) // Рациональное использование водноэнергетических ресурсов / М.М. Абдуллоев // Материалы республиканской научно-практической конференции, 13 июня 2015 года. – Душанбе: Бахманруд, 2015.
2. Алиджанова А.Х. Некоторые аспекты внешней политики Республики Таджикистан на современном этапе / А.Х. Алиджанова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2011. –№3 (47). –С.117.
3. Бабаян Д.К. Политика Китая в Центральной Азии, на Кавказе и в северном Прикаспии в конце XX – начале XXI вв. дисс. д.п.н./ Д.К. Бабаян. – Москва, 2016. -С.135.
4. В Душанбе заработал центр техобслуживания Агентства по ядерной и радиоактивной безопасности // Авеста. 2011. 14 января. [Электронный ресурс]. URL: http://avesta.tj. (дата обращения: 20.04.2020).
5. Двадцатилетие добрососедства и дружбы // Бизнес и политика. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://gazeta-bip.net. (дата обращения: 04.01.2021)
6. Двадцатилетие добрососедства и дружбы // Бизнес и политика. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://gazeta-bip.net. (дата обращения: 04.02.2021).
7. Дороншоева Н.Ш. Основные направления и перспективы развития взаимоотношений Таджикистана и США: дисс. кандидата политических наук. Специальность: 23.00.04 / Н.Ш. Дороншоева. – Душанбе, 2020. -С.34.
8. Достижения внешней политики Таджикистана. [Электронный ресурс]. URL: https://mfa.tj/ru. (дата обращения: 19.02.2020)
9. Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С.115-117.
10. Итоги переговоров Путина и Рахмона в Москве. [Электронный ресурс] URL: https://tj.sputniknews.ru/infographics/20190418/1028703430/ ...( дата обращения: 19.12. 2020 с.)
11. Китай намерен наращивать экономическое сотрудничество с Таджикистаном // Avesta.tj [Электронный ресурс]. URL: http://www.avesta.tj. (дата обращения: 01.03.2021).
12. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://mfa.tj/tg. (25.10.2020)
13. Концепция внешней политики Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 г. № 332 // Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Офиц. сайт. 2018. Апрель. [Электронный ресурс]. URL: http://mfa.tj/?l=ru&art=1072 (дата обращения: 16.01.2021с.).
14. Махмадов А.Н. Национальное примирение: перспективы развития суверенного Таджикского государства / А.Н.Махмадов, Л.Л. Хоперская. –Душанбе: Империал-групп, 2017. –С.29.
15. Маҳмадов А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А.Н. Махмадов. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С.32.
16. Ниг:,Выступление Министра иностранных дел Республики Таджикистан Хамрохона Зарифи на пресс-конференции по итогам деятельности Министерства иностранных дел Республики Таджикистан за 2008 год // Дипломатия Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2011. –С.334.
17. Отмечается повышенный интерес таджикской молодежи получить образование в Китае // Pressa. Tj [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.pressa.tj (дата обращения: 23.03.2021).
18. Отношения между Китаем и Таджикистаном выросли из саженца в большое дерево // China.org [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://russian. china.org. (дата обращения: 04.01.2021).
19. Отношения между Китаем и Таджикистаном выросли из саженца в большое дерево // ChinaOrg [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://russian.china.org. (дата обращения: 25.10.2020).
20. Папов Д.С. Двусторонние отношения США и Таджикистана на современном этап / Д.С. Папов //Проблемы национальном стратегии, 2018. - №5(50). - С.39.
21. Парамонов В., Строков А., Столповский О. Экономическое присутствие Китая в Таджикистане. Часть.2 // Центральная Евразия [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ceasia.ru (дата обращения:18.08.2010).
22. Подробнее о товарообороте между двумя странами за 2010 год см., в частности, Таджикистан в цифрах. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2011.-С.127, 129, 130, 131.
23. Подробнее о товарообороте между Таджикистаном и КНР за 1992-2001 гг. см., напр.: China and Tajikistan // Ministry of Foreign Affairs of the People’s Republic of China. Op. cit.
24. Попов Д. С. Центральная Азия во внешней политике США. 1991–2016 гг. - М.: РИСИ, 2016. С.42.
25. Попов Д.С. Двусторонние отношения США и Таджикистана на современном этапе / Д.С. Попов //Новая Евразия: проблемы национальной стратегии. - №5 (50). – 2018. - С.41.
26. Посол Таджикистана в Китае об итогах таджикско-китайского сотрудничества в 2008 году // Международное радио Китая [Электронный ресурс]. URL: http://russian.cri.cn/841/2009/01/24/1s274971.htm. (дата обращения: 24.02.2019).
27. Посольство США безвозмездно передаёт Региональный учебный центр агентству по ядерной и радиационной безопасности // Посольство США в Таджикистане. Офиц. сайт. 2018.20 марта. [Электронный ресурс]. URL: https://tj.us embassy.gov/ru/u-s-embassydonates-regional-training-center-nuclear-radiation-safety-agency-ru/(дата обращения: 17.04.2020.)

28. Рассчитано автором с использованием аналитической системы Security Assistance Monitor. См.: Data. Counternarcotic Programs. Central Eurasia // Security Assistance Monitor. 2018. April. [Электронный ресурс]. URL: http://www.securityassistance.org. (дата обращения: 2.04.2021г.).
29. Саидов З.Ш. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики / З.Ш. Саидов. Седьмое, дополненное издание. – Душанбе: ООО «Контраст», 2014.-636 с.
30. Сайидзода З.Ш. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в период становления её внешней политики (1991-2004 гг.): автореф. дисс. … док. истор. наук. – Душанбе, 2016. [Электронный ресурс] URL: http://net.knigi-x.ru. (дата обращения: 2.09.2019 с.).
31. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за январь-декабрь 2012 года //Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2013. - С. 225, 226.
32. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за январь – декабрь 2014 года //Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2015. - С. 242.
33. США обучают таджикских военных миротворческой деятельности // Радио Озоди. 2015. 12 февраля. URL: http://rus.ozodi.org/content/article/26843844.html; U.S. Embassy Donates $1.3 Million Living Quarters Complex to the Ministry of Defense in Fakhrobod // U.S. Embassy in Tajikistan. 2018. 22 February. URL: https://tj.usembassy.gov/pr-022218/ (дата обращения: 22.04.2018).
34. Таджикистан в цифрах 2012. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2012. - С. 147-149.
35. Таджикистан и Китай: от исторической дружбы к стратегическому партнерству. Под общей редакцией: академика Академии наук Республики Таджикистан Назарова Талбака Назаровича. Руководители редакционной коллегии: Кодирзода Диловар Бахриддин,Ван Фушэн, Чэнь Фужун. Душанбе, 2019. С.272.
36. Успешный дебют государственных ценных бумаг на мировом рынке // Национальный банк Таджикистана. 2017. [Электронный ресурс]. URL: http://www.nbt.tj/ru/news/455152/(дата обращения 17.04.2019).
37. Отмечается повышенный интерес таджикской молодежи получить образование в Китае.
38. Эмомали Рахмон озвучил основные направления внешней политики Таджикистана [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/ (дата обращения: 25.11.2019 г.)
39. Foreign Military Training. Fiscal Years 2016 and 2017. Joint Report to Congress of the Department of Defense and the Department of State. Vol. I. Section IV. Part IV–V: South Central Asia 40–41 // U.S. Department of State. Official website. 2018. URL: https:// www.state.gov/documents/organization/275295.pdf Blank S. Revising the Border: China's Inroads into Tajikistan // The Jamestown Foundation. China Brief. - Volume 11. - Issue 14. - July 29. - 2011. - P.11.
40. Chanf F.K. China’s Central Asia power and problems. Orbis, 1997. №41(3). P.401-425.
41. http://www.president.tj/node/25005 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021, шаҳри Душанбе.
42. Obama Administration's Priorities in South and Central Asia. Robert O. Blake, Jr. Assistant Secretary, Bureau of South and Central Asian Affairs. Houston, TX. January 19, 2011.
43. Swinton L and Kerr D. China, Xinijang and transnational security of Central Asia // Critical Asian Studies. 2008. №41(1). P.113-142.
44. Turkmenistan Big Beneficiary of Pentagon Money While Uzbekistan Lags // Eurasia Net.org.2012. 3 December. URL: http://www.EurasiaNet.org/node/66248 (дата обращения: 22.04.2019).
45. U.S. Embassy Donates $1.3 Million Living Quarters Complex to the Ministry of Defense in Fakhrobod. / https://tj.usembassy.gov/pr-022218/(дата обращения: 25.04.2020.).
46. U.S. Overseas Loans and Grants Obligations and Loan Authorizations July 1, 1945 –September 30, 2016 // USAID. 2017. P. 176. URL: https://pdf.usaid. gov/pdf_docs/pbaah 600.pdf; U.S. Foreign Aid by Country // USAID. 2018. URL: https://explorer.usaid.gov/ cd/TJK? Fiscal year=2017&implementing_agency_id =1&measure = Obligations.

## МАВҚЕЪГИРИИ ГЕОПОЛИТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶАҲОН

Муаллифон дар мақолаи мазкур масъалаи самтгириҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони тағйирпазирии ҷаҳони муосир мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ду кишвари абарқудрат: Россия ва Хитой баррасӣ намуданд. Дар баробари ин, масъалаи ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ва рӯ ба рӯ шудан ба ҷанги шаҳрвандӣ, баромадан аз ин бунбасти иҷтимоию сиёсӣ низ яке аз масъалаҳои муҳимме мебошанд, ки дар мақола таҳлилу таҳқиқ ёфтаанд. Муҳиммияти дигари мақола аз он иборат аст, ки самтгириҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи нав ва бодалелҳои мухталиф таҳлил ёфтаанд. Муаллифон афзалияти ҳамкориҳо бо Федератсияи Россияро қайд намуда, нақши ин кишварро дар муносибатҳои дуҷониба бо Тоҷикистон хеле барҷаста нишон медиҳанд. Дар баробари ин, самтҳои геополитикӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой низ таҳқиқ шудаанд. Муаллифон дар мисоли корҳои иҷрошуда ва ҳамкориҳо дар сатҳи арбобони сиёсӣ муносибатҳои ин кишварҳоро бо дарназардошти манфиатҳои миллияшон нишон дода тавонистанд. Мақолаи мазкур вобаста ба самтгириҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ буда, масъалаҳои мухталифро дар бар мегирад, ки мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари соҳибистиқлол дар муносибатҳои байналмилалӣ возеҳу рушан нишон дода метавонад.

**Калидвожаҳо:** самтгириҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаҳони муосир, Россия, ҶХХ, муносибатҳои дипломатӣ, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ.

## ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ ОРИЕНТАЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В МЕНЯЮЩЕМСЯ СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

В данной статье авторы анализируют геополитическую ориентацию Республики Таджикистан в меняющимся современном мире и обсуждают различные аспекты сотрудничества между Республикой Таджикистан и двумя сверхдержавами - Россией и Китаем. В то же время проблема обретения политической независимости и столкновения в гражданской войне и преодоление этой социально-политической блокады является одной из важнейших проблем статьи, которая анализируется и исследуется. Другое значение статьи состоит в том, что геополитические ориентации Республики Таджикистан были проанализированы этими сверхдержавами с новой точки зрения и с использованием различных фактов. Авторы подчеркивают преимущества сотрудничества с Российской Федерацией и подчеркивают роль этой страны в двусторонних отношениях с Таджикистаном. При этом изучаются геополитические направления и сотрудничество Таджикистана с Китайской Народной Республикой. В данной статье рассматривается геополитическая ориентация Республики Таджикистан в эпоху новых глобальных изменений и освещается целый ряд вопросов, которые могут наглядно показать позицию Таджикистана как независимой страны в международных отношениях.

**Ключевые слова**: геополитическая ориентация Республики Таджикистан, современный мир, Россия, США, КНР, дипломатические отношения, внешняя политика, национальные интересы, политическая независимость, государственная независимость.

## GEOPOLITICAL ORIENTATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN A CHANGING MODERN WORLD

In this article, the authors analyze the geopolitical orientation of the Republic of Tajikistan in the changing modern world and discuss various aspects of cooperation between the Republic of Tajikistan and the three superpowers - Russia and the China. At the same time, the problem of gaining political independence and facing a civil war and overcoming this socio-political blockade is one of the most important problems of the article, which is analyzed and researched. Another meaning of the article is that the geopolitical orientations of the Republic of Tajikistan were analyzed by these superpowers from a new point of view and using various facts. The authors emphasize the advantages of cooperation with the Russian Federation and emphasize the role of this country in bilateral relations with Tajikistan. At the same time, the geopolitical directions and cooperation of Tajikistan with the People's Republic of China are being studied. This article examines the geopolitical orientation of the Republic of Tajikistan in the era of new global changes and highlights a number of issues that can clearly show the position of Tajikistan as an independent country in international relations.

**Keywords**: geopolitical orientation of the Republic of Tajikistan, modern world, Russia, China, diplomatic relations, foreign policy, national interests, political independence and state independence.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Мирзоев Неккадам Сайдамирович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **558-37-12-12**

***Изатов Умедҷон Хуршедович*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктранти Ph.D. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **906-70-00-11**

**Сведения об авторах: *Мирзоев Неккадам Сайдамирович*** **-** Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, сосикатель кафедры политологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **558-37-12-12**

***Изатов Умедджон Хуршедович*** **-** Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова НАНТ, доктор Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **906700011**

**Information about authors: *Mirzoev Nekkadam Saidamirovich*** - Kulyab State University named after. Abuabdulakha Rudaki, graduate student at the Department of Political Science. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street, 16. Phone: **558-37-12-12**

***Izatov Umedjon Khurshedovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A.M. Bakhovaddinova NAST, Doctor Ph.D. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: **906-70-00-11**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


***Собирзода Н.М., Кодирзода Д.Б.*** Финансовая государственная поддержка сельского хозяйства в Республике Таджикистан………………………………………………………………………… ***5***

***Ганиев Р.Г.*** Реформы ВТО как механизм прогрессивного управления в эпоху неопределенности………………………………………………………………………………… ***13***

***Шарифзода Сухроб Сафарали.*** Роль образования в создании инновационной экономики……. ***20***

***Зиёев Б.С., Кудратор Р.Р., Хусайнов С.М.*** Развитие интеграционных процессов в аграрном секторе региона………………………………………………………………………………… ***26***

***Баратов А.А.*** Роль системно значимых банков в развитии экономики Республики Таджикистан……………………………………………………………………………………… ***33***

***Абдурахмонов М., Садыкова Г.И., Эсанова М.О.*** Региональное ценообразование производственной сферы в условиях индустриализации экономики…………………………….. ***40***

***Турсунов Р.Р.*** Некоторые аспекты рынка труда....................................................................... ***50***

***Давлатова С.Дж., Салиева Х.Ш.*** Инвестиционные аспекты улучшения водопользования в сельском хозяйстве региона…………………………………………………………………... ***57***

***Кенжаев И.У.*** Основные принципы обеспечения инвестиционной привлекательности водно-энергетического сектора региональной экономики……………………………………………… ***64***

***Саидмуродзод Дж.Дж., Икроми М.И.*** Рациональное использование земельно-водных ресурсов – основа самообеспеченности продуктами сельскохозяйственного производства........ ***74***

***Зиёев Б.С., Кудратов Р.Р.*** Механизм экономической защиты земель сельскохозяйственного назначения…………………………………………………………………………………………… ***80***

***Давлатзода Рахмоил Умеджон.*** Институциональные аспекты функционирования ШОС: становление и развитие……………………………………………………………………………... ***87***

***Сайдуллаев У.У.*** Методы управления услугами цифрового телевидения………………………… ***93***

***Алимардонов Т.А., Собирзода Н.М.*** Баландбардории сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ..... ***101***

***Ҳукматов Д.Ҷ.*** Аудити дохилӣ ва назорати дохилӣ: муайянкунии робита ва муносибат.... ***114***

***Ғаюров Ғ.Ҳ., Одинаев С.П.*** Шакл, усулҳо ва ташкили ҳамкорӣ байни давлат ва бахши бонкӣ........................................................................................................................................... ***127***

***Шукуров А.А.*** Оид ба омӯзиши усулҳои амсиласозии равандҳои муҳоҷирати минтақавӣ... ***134***

***Солиев Н.А.*** Таҷрибаи байналхалқии татбиқи андоз аз арзиши иловашуда........................ ***143***

***Ашуров К.Р., Холмуродова Т.Н.*** Таъсири рушди гидроэнергетика ба истеҳсолоти саноатӣ………… ***153***

***Қобилова Ш.Т.*** Банақшагирии стратегӣ ва мавқеи он дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ.. ***162***

***Ғаюров Ғ.Ҳ., Худоиева Ф.О.*** Таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ................................................................................................................ ***170***

***Юнусова Л.З.*** Такмили механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақаҳо.. ***179***

***Сафаров С.М., Исматзода С.С.*** Тавсифи иқтисодии захираҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................................ ***188***

***Раҳимов З.С., Расулова Д.Б.*** Ҷанбаҳои методии ташкили мониторинги фазои сармоягузорӣ барои истифодаи МЭБ (дар соҳаи гидроэнергетика)..................................... ***195***

***Солиҳова М.Д.*** Рушди низоми молияи исломӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ........... ***204***

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Шокиров Г.А.*** Информационные системы: проблемы правового обоснования…………………. ***214***

***Холиков Н.А.*** К вопросу особенностей становление права и общественного строя Древнего Китая и Таджикистана: сравнительно-правовой анализ…………………………………………… ***221***

***Давлатзода Комрон Давлат.*** Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии савдои одамон дар фазои киберӣ ***228***

***Қурбонов Ҷ.С.*** Баъзе масъалаҳои мубрами кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон........................................................................................................................ ***235***

***Алиев И.И.*** Шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.... ***241***

***Қурбонов Қ.Ш., Фархудинов Ҷ.И.*** Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон......... ***252***

***Буриева Д.Т.*** Меъёрҳои андоз аз замин дар назария ва амалияи ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................................ ***260***

***Абдусаломзода Ҷ.А.*** Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркибҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи ҷинояти ғайриқонунӣ бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф........................................................................................................ ***270***

***Аҳмадзода Мухаммадалӣ Сайхуҷа.*** Инкишофи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар назарияи илми криминалистика.......................................................................... ***276***

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

***Рахимов К.Х., Итяшева Д.Р.*** Вклад России в обеспечение безопасности Центральной Азии… ***284***

***Коваленко Г.В.*** Становление государственности стран Центральной Азии……………………… ***292***

***Одинаев У.F.*** Консепсияҳои назариявии ҷомеаи иттилоотӣ................................................. ***299***

***Бобоев А.Ш.*** Самтҳои стратегии такмил ва рушди сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон............. ***307***

***Сафаров Ф.Ш.*** Интихобот ва нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули парламентаризм......... ***313***

***Мирзоев Н.С., Изатов У.Х.*** Мавқеъгирии геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон.......................................................................................... ***319***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2023. №8**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 41,38 усл. п.л. 41,38.
Подписано в печать 18-09-2023